**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ**

# ИҚТИСОДИ САБЗ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ: ГУЗАРИШ БО МАҚСАДИ РУШДИ УСТУВОР

**(Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, Душанбе, 15 майи соли 2025)**



**УДК 338.22**
**ББК 65.01.1; 85.118.2**
**И-42**

**Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор / Маводи конфронси илмӣ-амалӣ / Зери таҳрири Шарофзода Ф.Р. – Душанбе, 2025. - 384 с.**

**Муқарризон:**
Қурбонова З.М. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор;
Досиев М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

**Мураттиб**: номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳабибов А.Ҳ.

**Муҳаррир**: номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳабибова С.С.

Маводи мазкур аз натиҷаи таҳқиқоти олимону коршиносон доир ба самтҳои асосии рушди устувори иқтисоди сабз, таҷрибаи муосири илмӣ бо таҳлили амалӣ ва дурнамои рушди устувор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки дар доираи конфронси байналмилалии илмию амалии “Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор” мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд.

Маҷмӯаи мазкур барои доираи васеи олимон, аспирантон, магистрантон, донишҷӯёни макотиби илмӣ, инчунин ҳамаи хонандагони манфиатдор, ки ба масъалаҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз таваҷҷуҳ доранд, пешбинӣ шудааст.

Масъулияти аслият ва навигарии мақолаҳо бар дӯши муаллифон аст.

**Бо қарори Шурои илмии Институт аз 22.05.2025 таҳти № 5 ба чоп тавсия шудааст.**

## Мундариҷа

Саҳ.


Пешгуфтор .................................................................................................................. 7

Сухани ифтитоҳии ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Асрорзода Убайдулло Саттор** .............................................................. 8

Суханронии муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор **Дилрабо Мансурӣ** ........................................................................ 10

Суханронии Сафири Фавқуллода ва Мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **Валид ибни Абдурраҳмон Ар-Решайдон** .............................. 12

Суханронии сафири фавқуллода ва мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оличаноб **Раҷеш Уике** .................................................................... 16

Суханронии муовини аввали вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид** .... 18

Суханронии муовини аввали Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шукурзода Исфандиёр Шукур** ............................................. 20

Суханронии сардори раёсати илм ва инноватсияи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳмонзода Аҳмадҷон Ҷамолиддин** ...................................... 24

**Junaidi S.S.** UI GreenMetric – A Global University Ranking: Methodology and Questionnaire ............................................................................................................ 26

Суханронии сардори намояндагии Ширкати байналмилалии молиявӣ (IFC) дар Тоҷикистон **Фаррух Султонов** ........................................................................ 28

Суханронии роҳбари илмии озмоишгоҳи маводи функсионалии пешсаф, профессори Донишгоҳи Виктория **Саидаминов Махсуд Исматбоевич** ..................... 30


## БАХШИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОР ВА МУТОБИҚАТИ ИҚТИСОДИЁТ БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ


**Шарофзода Ф.Р., Асрорзода А.С.** Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ ............................................................................ 32

**Рауфӣ А.** Таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёти Тоҷикистон ............ 39

**Усманова Т.Дж.** «Зеленая экономика» новая модель социально экономической системы .................................................................................................................. 45

**Ҷамшедов М.** Рушди устувори низоми Созмони умумиҷаҳонии савдо дар шароити ташаккулёбии иқтисоди сабз .......................................................................... 52

**Исайнов Х.Р.** Формирование зеленой экономики Таджикистана - приоритетное направление устойчивого развития ...................................................................... 57

**Маҷидов Ҳ.** Паём ва рушди "Иқтисодиёти сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ............. 68

**Хабибова С.С.** Угрозы биоразнообразию в Таджикистане: последствия вырубки лесов и стратегии их сохранения ........................................................................... 72

**Мақсадов Ҳ., Одинаев Қ.** Раванди обшавии пиряхҳо аз таъсири тағйирёбии иқлим . 77

**Абдуллозода О.П., Якубов Р.Ш.** Зеленая экономика и ее вклад в сокращение отходов ................................................................................................................... 84

**Алимова М.А.** Теоретические аспекты циркулярной экономики ................................ 88

**Шарипов А.К., Зайнураи А.** Масъалаҳои экологии баҳри Арал ва таъсири он ба пиряхҳои Осиёи Марказӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................... 93

**Шарипов А.К.** Тавсифи омилҳои экологӣ ба механизми танзими давлатӣ ва рушди устувори экологияи минтақа.......................................................................................... 97

**Зайнураи А.** Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба экосистемаҳои табиӣ ..................... 102

**Фозилов Р.Ш.** Истифодабарии самараноки захираҳои об дар доираи рушди устувор: вазъи ҳозира ва роҳҳои такмилдиҳии низоми он ...................................................... 105

## БАХШИ 2. МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚӢ, МОЛИЯВӢ ВА НИҲОДИИ РУШДИ УСТУВОР


**Зубайдов С.** Роль интеллектуальной собственности в продвижении инновационной и цифровой экономики ........ 115
**Худоеров Ш.Х.** Маркетинг и дистрибуция в условиях зеленой экономики: роль цифровых технологий ........ 119
**Имомназаров М.А.** Нақши асъори рақамӣ дар инкишофи иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир ........ 126
**Ходжахонов А.А.** Формирование налоговой нагрузки и методы ее оценки ........ 134
**Одиназода К.С.** Истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти сабз ва роҳҳои танзими онҳо ........ 137
**Аҳмадова М.Ф.** Рақобатпазирии корхона дар асоси истифодаи нишондиҳандаи комплексӣ ........ 144
**Замонова С.А.** Саҳми Минтақаҳои озоди иқтисодии Суғддар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 150
**Махмудова М.Х., Саидова М.С.** Человеческий капитал как важнейший фактор развития экономики ........ 156
**Зарипова Г.А.** Усулҳои идоракунии таваккал ва таъсири он ба фаъолияти соҳибкорӣ дар давраи ташаккули иқтисоди сабз ........ 160


## БАХШИ 3: ҚАРОРҲОИ ТЕХНОЛОГӢ БАРОИ АФЗОИШИ САМАРАНОКИИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА ИСТИФОДАИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ


**Ходжаев П.Д.** Некоторые особенности применения зеленых технологий в сфере автомобильного транспорта ........ 168
**Кодиров А.С.** Роль гидроэнергетических ресурсов в обеспечении устойчивого развития Таджикистана ........ 172
**Мирсаидзода Ф.А**. Сиёсати энергияи сабз ва накши он дар рушди иқтисодии Тоҷикистон ........ 176
**Рахматов Дж.Ш.** Использование геотермальных насосов для теплоты и охлаждения зданий в условиях Таджикистана ........ 183
**Алиева Л.З.** Рафтори зангузаронии электрохимиявии хӯлаи руҳ ЦАМСв4-1-2,5, ки бо калий илова карда шудааст ........ 189
**Тошматов С.Х.** Обеспечение водно-энергетической безопасности Республики Таджикистан: национальные и региональные аспекты ........ 194
**Юнусов А.С.** Аҳамият ва дурнамои саноати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ...... 203


## БАХШИ 4: ИҚТИСОДИЁТИ ДАВРАГӢ ВА САНОАТИ САБЗ


**Ҳабибов А.Ҳ.** Афзалиятҳои технологияҳои сабз дар таъмини сифат ва бехатарии маводи хӯрока ........ 207
**Рузибоев Х.Г., Ишматов А.Б.** Новый способ переработки отходов производства …. 211
**Бобоев Х.Б., Изатуллозода Р.Х.** Использование техногенных отходов для строительных материалов ........ 214
**Ҳасанзода Ф.Ш.** Самтҳои асосии саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ........ 218
**Марипова Ф.А.** Факторы эффективности управления промышленным предпринимательством в эпоху цифровой трансформации: перспективы Республики Таджикистан ........ 222
**Зарипова Г.А.** Механизмҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар раванди рушди устувор ........ 229

**БАХШИ 5: РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ СИСТЕМАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ**

**Саидзода С.Т.** Влияние селекции и агротехнологии выращивания хлопчатника в разных агроэкологических условиях Таджикистана ........ 235
**Партоев К., Сафармади М., Сатторов Б.** Роль селекции в повышении адаптации сельскохозяйственных культур при изменении климата в условиях Таджикистана .... 241
**Кахаров К.Х.** Интегрированная защита яблоня от вредителей связи с изменением климата в условиях Таджикистана ........ 247
**Зубайдов К.Ш.** Нақши занбӯри асал дар барқарорсозии экосистема ва рушди иқтисоди сабз ........ 251
**Суярзода С.Дж.** Селекция на высокую продуктивность хлопчатника в условиях центрального Таджикистана ........ 254
**Илёсов Ҷ.С.** Фишорҳои экологӣ ва таъсири онҳо ба манбаҳои об дар Тоҷикистон .... 259
**Изатуллозода Р.Х.** Тағйирёбии иқлим ва экосистемаҳои ҷангалӣ ........ 263
**Яқубов Р.Ш.** Аҳамияти илмии оилаи стафилинидҳо (staphylinidae) барои рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 266
**Ёров Ҷ.Н., Ғафорзода Ҷ.Ғ.** Масъалаҳои тағйирёбии иқлими глобалӣ ва таъсири он ба таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ........ 270
**Мариншоев М.М., Валиев Н.Н.** Принсипҳои иқтисоди сабз: афзалият ва имкониятҳои он дар савдои чакана ........ 276
**Муллоев П.Н.** Интегрирование молодежного предпринимательства в зеленую экономику как фактор формирования новой бизнес культуры ........ 284
**Саидова М.С.** Соҳибкорӣ ва нақши он дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ ........ 291
**Шарипова Ф.Н.** Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар ташаккули бозори хизматрасонии сайёҳӣ ........ 294

**БАХШИ 7: ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ЭКОЛОГӢ**

**Kurbonova Z.M.** The role of the President of the Republic of Tajikistan in shaping the International Agenda on cryosphere protection and water security ........ 300
**Қудратов К.А.** Тоҷикистон ва мушкилоти ҳифзи обу иқлим ........ 305
**Аминова Н.М.** Государственно-частный диалог как инструмент государственной политики для стимулирования устойчивого развития и зелёной экономики в Таджикистане ........ 311
**Шарипов А.Н.** Вижагиҳои дипломатияи ташаббускоронаи ҶТ дар самти об ........ 315
**Ашуров А.М.** Таҷрибаи роҳандозии “дипломатияи сабз” дар Фаронса ва имконоти татбиқи он дар шароити Тоҷикистон ........ 323
**Асламшозода Ф.А.** Рушди устувор ва дипломатияи экологӣ: саҳми Тоҷикистон дар амалигардонии Ҳадафҳои рушди устувор дар шароити тағйирёбии иқлим ........ 329
**Исматова Н.Ш.** Муносибатҳои илмии байналмилалӣ дар самти тағйирёбии иқлим ва сифати ҳаво дар Тоҷикистон ........ 335
**Маджиди У.** Использование талой ледниковой воды для устойчивого развития: политика и инновационные пути обеспечения устойчивости к изменению климата в Центральной Азии ........ 340
**Икромова М.Н.** Пешсафии Тоҷикистон дар пешбарии ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва васеъгардонии ҳамкорӣ дар соҳаи дипломатияи обӣ ........ 351
**Қурбонов М.М.** Экодипломатия ва ҳамкории байналмилалӣ барои ҳифзи иқлим: имкониятҳо барои Тоҷикистон ........ 356
**Пирова Ш.С.** Ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо ва дурнамои он ........ 361

**Исмоилов Ҷ.Қ.** Пешниҳодҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат доир ба ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории захираҳои обии пиряхӣ ........................................................................ 366
**Исобобоев Ж.А.** Механизмы профилактики конфликтов посредством дипломатического взаимодействия в условиях трансформации глобальной и региональной безопасности........................................................................................ 369
**Давлатзода М.С.** Потенциал развития зелёной экономики в Таджикистане: вызовы и перспективы …………………………………………………………………………... 376
**Хулоса** ……………………………………………………………………………………... 383

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир, ки бо таҳаввулоти босуръати иқтисодӣ, афзоиши хавфҳои экологӣ ва тағйирёбии бесобиқаи иқлим тавсиф меёбад, гузариш ба иқтисоди сабз ҳамчун шарти калидӣ барои ноил шудан ба рушди устувор аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Ин раванд на танҳо посух ба чолишҳои глобалӣ мебошад, балки воситаи муҳими таъмини амнияти экологӣ, суботи иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ низ ба шумор меравад. Иқтисоди сабз ҳамчун модели нави рушд бар пояи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, кам кардани партобҳои газҳои гулхонаӣ, ҳифзи гуногуншаклии биологӣ ва таъмини некӯаҳволии дарозмуддати ҷомеа асос меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои фаровони обию гидроэнергетикӣ ва экосистемаҳои нозук, дар баробари осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, имкониятҳои васеъ барои рушди иқтисоди сабз низ дорад. Бо дарки ин воқеият, Тоҷикистон дар даҳсолаи охир як қатор ташаббусҳои стратегиро пешниҳод ва татбиқ намуда, нақши фаъол ва масъулиятшиносро дар саҳнаи минтақавӣ ва байналмилалӣ касб кардааст. Пайвастан ба ҳадафҳои ҷаҳонии иқлимӣ, ҷалби сармоягузориҳои сабз, рушди энергетикаи барқароршаванда, тақвияти иқтидори миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳамгироии сиёсати экологӣ ба стратегияҳои миллӣ далели равшани ин раванд мебошад.

Дар ҳамин замина, Конфронси байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор», ки рӯзи 15 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ба минбари бонуфузи мубодилаи таҷриба, баррасии илмӣ ва ҳамоҳангсозии иқдомоти миллӣ ва минтақавӣ дар соҳаи иқтисоди сабз табдил ёфт. Дар доираи кори конфронс масъалаҳои калидӣ чун рушди энергетикаи тоза, идоракунии устувори захираҳои об, коҳиши таъсири иқтисодӣ-экологӣ, ташаккули сиёсати миллии сабз, ҷалби бахши хусусӣ ба лоиҳаҳои сабз ва таҳкими маърифати экологӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд.

Мақолаҳои дар маҷмӯаи мазкур гирдоваришуда, ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва баррасиҳои муфассали коршиносони соҳаҳои гуногун, саҳми назаррас дар ғанисозии андешаи илмӣ ва татбиқи амалии гузариш ба иқтисоди сабз доранд. Онҳо на танҳо ифодагари сатҳи баланди таҳлили илмӣ мебошанд, балки ҳамзамон заминаи мустаҳками иттилоотӣ ва тавсиявӣ барои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти рушди устувор ба ҳисоб мераванд.

Ин маҷмӯа метавонад ба ҳайси манбаи арзишманди илмӣ ва маърифатӣ барои олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон, магистрантон, аспирантон ва донишҷӯён, инчунин барои намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаҳои марбут ба иқтисоди сабз, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор хидмат намояд. Бовар дорем, ки он дар густариши таҳқиқоти илмӣ, татбиқи таҷрибаҳои пешқадам ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди сабз саҳми назаррас хоҳад гузошт.

***СУХАНИ***
***ИФТИТОҲИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН***
***АСРОРЗОДА УБАЙДУЛЛО САТТОР***

**Муҳтарам Дилрабо Сайдулло Мансурӣ,**
**Муҳтарам олимақомон, намояндагони расмии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, олимон ва муҳаққиқони азиз, ҳозирини гиромӣ!**

Бо арзи эҳтиром ва ифтихор аз номи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шуморо ҷиҳати иштирок дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор" шодбош гуфта, миннатдории самимии кумитаи тадорукоти Конфронсро баён менамоям.

Соли 2025, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шудааст, ҳамчун дастоварди муҳими ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи муҳити зист ва мубориза ба тағйирёбии иқлим мебошад. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ, хусусан дар самти таъмини рушди устувор ва иқтисоди сабз заминаи муҳими таҳкими нақши ҷумҳурӣ дар ҳалли масъалаҳои экологии ҷаҳон мебошад.

Дар ҳамин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иқтисоди сабз ва мутобиқшавии бахшҳои иқтисодии кишвар бо тағйирёбии иқлим диққати махсус медиҳад. Иқтисоди сабз, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва сарфаи равандҳои истеҳсолот ва истеъмол нигаронида шудааст, ба рушди устувор дар шароити тағйирёбии иқлим мусоидат менамояд.

Дар конфронси имрӯза, ки бо ташаббуси Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор мегардад, масъалаҳои рушди устувор, мутобиқшавии бахшҳои иқтисодӣ ба тағйирёбии иқлим, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи иқтисоди сабз, рушди энергияи барқароршавандаи сабз, коҳиши партовҳо ва идоракунии муҳити зист, рушди шуғли устувор, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, дипломатияи сабз, баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт баррасӣ мешавад.

Мо ифтихор аз он дорем, ки имрӯз дар конфронс намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, сафирони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии ватаниву хориҷӣ, бахши соҳибкории кишвар бо таҷриба ва таҳлили амиқ дар бораи масъалаҳои муҳими экологии ҷаҳонӣ иштирок мекунанд.

Итминон дорем, ки натиҷаҳои ин конфронс ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои рушди устувор ва иқтисоди сабз мусоидат хоҳанд кард.

Бори дигар, ҳамаи иштирокчиёни муҳтарам ва меҳмонони арҷмандро ба конфронс хайра мақдам мегӯям ва бовар дорам, ки ин ҳамоиш барои мову шумо фурсати муҳими мубодилаи таҷриба ва ба даст овардани натиҷаҳои амалӣ ва илмии муфид ва самарабахш мегардад.

Бароятон муваффақият ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои илмӣ ва амалии худро таманно менамоям.

**Ташаккури зиёд!**

## *OPENING REMARKS OF THE RECTOR OF THE TAJIK INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM AND ENTREPRENEURSHIP ASRORZODA UBAIDULLO SATTOR*

**Honorable Dilrabo Saidullo Mansuri,**
**Distinguished dignitaries, official representatives of foreign countries and international organizations, esteemed scholars and researchers, dear guests!**

With deep respect and pride, on behalf of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship, I warmly congratulate you on your participation in the opening ceremony of the International Scientific-Practical Conference on the theme “Green Economy in the Context of Climate Change: Transition Towards Sustainable Development” and express the sincere gratitude of the Conference Organizing Committee.

The year 2025, declared as the “International Year of Glacier’ Preservation” by the initiative of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, is a major global achievement in the field of environmental protection and combating climate change. The initiatives of the Republic of Tajikistan at the international level, especially in promoting sustainable development and a green economy, serve as an important foundation for strengthening the country’s role in addressing global ecological challenges.

In this context, the Republic of Tajikistan pays special attention to the development of a green economy and the adaptation of its economic sectors to climate change. The green economy, aimed at the rational use of natural resources and efficiency in production and consumption processes, contributes to sustainable development under the conditions of climate change.

Today’s conference, organized at the initiative of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship, will address issues of sustainable development, adaptation of economic sectors to climate change, improvement of green economy legislation, development of renewable green energy, waste reduction and environmental management, promotion of sustainable employment, design and implementation of innovative projects, green diplomacy, raising ecological awareness in society, and strengthening international cooperation in this field.

We take pride in the fact that today’s conference is attended by representatives of the Government of the Republic of Tajikistan, ministries and committees, ambassadors of foreign countries, international organizations, national and international scientific and higher educational institutions, as well as the private sector of our country, who will share valuable experience and in-depth analysis on crucial global ecological issues.

We are confident that the outcomes of this conference will contribute to the design and implementation of innovative projects for sustainable development and the green economy.

Once again, I warmly welcome all distinguished participants and esteemed guests to this conference, and I am convinced that this gathering will serve as an important opportunity for us all to exchange experiences and achieve useful and effective scientific and practical results.

I wish you success and fulfillment of your scientific and practical goals.

**Thank you very much!**

## *СУХАНРОНИИ МУОВИНИ САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ, ПРОФЕССОР ДИЛРАБО МАНСУРӢ*

**Муҳтарам Олимақомон, иштирокчиёни конфронс, ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли эҳтиром, аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни ин ҳамоиши сатҳи баландро шодбош мегӯям ва барои ташкил ва гузаронидани ин чорабинӣ ба роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон изҳори сипос менамоям.

Баргузории Конфронси байналмилалии илмию амалӣ зери унвони «**Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор**» ҳамчун иқдоми саривақтӣ ва муҳими илмӣ идомаи мантиқии сиёсати фаъоли кишвари мо зери роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини рушди устувор, иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Ин ҳамоиш дар доираи татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2023-2037, ҳамзамон бахшида ба соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо баргузор мегардад, ки бо ташаббуси бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардидааст ва рӯзҳои 29-31 майи соли ҷорӣ шаҳри Душанбе мизбони Конфронси сатҳи баланд дар ин самт хоҳад шуд.

**Муҳтарам иштирокчиёни конфронс,**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли даҳсолаҳои охир ҳамчун пешсаф ва ташаббускори масоили ҷаҳонии муҳити зист, махсусан масъалаи ҳифзи захираҳои обу пиряххо, иқтисоди сабз ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст. Ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи баланди байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва дигар минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ, боиси ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти об ва иқлим гардиданд. Ҳамчунин, қабули 14 қатъномаи дахлдори Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи ҷаҳонӣ дар соҳаи захираҳои об заминаи мустаҳкам мегузорад.

Рушди иқтисоди сабз, ки ба истифодаи оқилонаи манбаъҳои табиии кишвар ва коҳиши таъсири манфии тағйирёбии иқлим равона шудааст, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин модели иқтисодӣ барои ҷумҳурӣ роҳи ояндаи устуворро таъмин мекунад ва нишонаи сиёсати масъулиятшиносӣ ба муҳити зист мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Конфронси бонуфузи имрӯза бо иштирок ва суханрониҳои сафирони кишварҳои дӯст, олимон, сиёсатмадорон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ имконияти мусоидро барои табодули афкор, муаррифии таҷрибаҳои муваффақ ва таҳияи роҳҳои муштараки амал дар самти расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонии рушд фароҳам меорад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки натиҷаҳои ин ҳамоиши байналмилалӣ ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ, густариши иқтисоди сабз ва ба ин васила ва ноил шудан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ дар самти рушди устувор мусоидат хоҳанд кард.

Бо ҳамин ниятҳои нек, ба кори Конфронс барору комёбӣ орзу намуда, ба Шумо саломативу сарбаландӣ ва илҳоми эҷодӣ хоҳонам.

**Ташаккури зиёд!**

## *SPEECH OF THE DEPUTY PRIME MINISTER OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, DOCTOR OF TECHNICAL SCIENCES, PROFESSOR DILRABO MANSURI*

**Distinguished dignitaries, participants of the conference, esteemed guests!**

With great respect, on behalf of the Government of the Republic of Tajikistan, I warmly congratulate the participants of this high-level gathering and express my gratitude to the leadership of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship for organizing and hosting this important event.

The convening of the International Scientific-Practical Conference entitled "Green Economy in the Context of Climate Change: Transition Towards Sustainable Development" is a timely and significant scientific initiative. It represents the logical continuation of our country's active policy, under the direct leadership of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, in the field of sustainable development, green economy, and environmental protection.

This conference is held within the framework of the **Green Economy Development Strategy of the Republic of Tajikistan for 2023-2037**, and is also dedicated to the year 2025, declared as the **International Year of Glacier Preservation** by the direct initiative of the Republic of Tajikistan and adopted by the United Nations General Assembly. In this regard, from May 29-31 of this year, Dushanbe will host a High-Level Conference on this very theme.

**Honorable participants of the conference,**

Over the past decades, the Republic of Tajikistan has been recognized as a leader and initiator on global environmental issues, especially in the areas of water and glacier resource protection, green economy, and climate change. The initiatives of the Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon, at the highest international platforms, including the United Nations and other authoritative global forums, have drawn the attention of the world community to the pressing problems of water and climate. Furthermore, the adoption of 14 relevant resolutions of the UN General Assembly at the initiative of the Republic of Tajikistan has laid a solid foundation for achieving globally coordinated goals in the field of water resources.

The development of a green economy aimed at the rational use of the country's natural resources and the reduction of the negative impacts of climate change is one of the priority directions of the economic policy of the Government of the Republic of Tajikistan. This economic model ensures a sustainable path forward for the country and reflects a responsible environmental policy.

**Esteemed participants,**

Today's prestigious conference, with the participation and speeches of ambassadors of friendly countries, scholars, policymakers, and representatives of international organizations, provides an excellent opportunity for the exchange of ideas, the presentation of best practices, and the elaboration of joint actions towards achieving global development goals.

We can say with full confidence that the outcomes of this international forum will contribute to strengthening regional and international cooperation, expanding the green economy, and thereby advancing the global sustainable development agenda.

With these good intentions, I wish the Conference every success and fruitful results, and I extend to you all my best wishes for good health, continued achievements, and creative inspiration.

**Thank you very much!**

***СУХАНРОНИИ***
***САФИРИ ФАВҚУЛЛОДА ВА МУХТОРИ ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОЛИҶАНОБ ВАЛИД ИБНИ АБДУРРАҲМОН АР-РЕШАЙДОН***

***Ба номи Худованди ҷону хирад, К-аз ин бартар андеша барнагзарад***

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Мансурӣ Дилрабо Сайдулло;

Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муҳтарам Асрорзода Убайдулло Саттор;

Директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз, муҳтарам Шарофзода Фарҳод Раззоқ

***Воломақомон, Ҳозирони гиромӣ,***

Боз як фурсати навбатӣ ва фараҳи саршор, ки имрӯз ман дар ин корнфронси байналмилалии пурмаътабар зери унвони "Иқтисоди сабз дар заминаи тағйирёбии иқлим: интиқол баҳри рушди бемайлон", ки бахшида ба судури қарори СММ оид ба эълони соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо баргузор мегардад, иштирок менамоям. Ин иқдомҳои набил идомаи сиёсатҳои хирадмандонаи Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти обу тағйирёбии иқлим махсуб ёфта, дипломатияи комёби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз инъикос менамояд.

***Ҳозирини гиромӣ,***

Бояд таъкид кард, ки сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба байни кишвари ман - Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди устувор, иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зист густариш ёфта, талошҳои барҷастаи ҳарду кишвар ва саҳгузориҳои пайвастаи онҳо дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ҷиҳати расидан ба рушди устувор, гувоҳи ҳамоҳангию созгории бесобиқаи онҳо мебошад.

***Хонумон ва ҷанобон***

Кишвари ман – Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо дарки масъулият ва нақши пешбари хеш дар самти ноилшавӣ ба ҳадафҳои глобалии иқлим ҷиҳати коҳиши сифрии сатҳи газҳои гулхонаӣ то соли 2060 талош намуда, тавассути ташаббусҳои устувори экологӣ дар ин самт гомҳои пойдор бардошта истодааст. Ин дастовардҳо оғози бомуваффақият ба сӯи давраи сабз ва фардои устувортарро инъикос менамоянд. Тибқи барномаи стратегии Шоҳигарӣ зери унвони "Дурнамои Арабистони Саудӣ то соли 2030", ҳадафи асосии барномаи коҳиши сифрӣ – ин то ҳаддиимкон коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ аз атмосфера тавассути бартарафсозии партовҳои карбон аст. Бо ин мақсад, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ як қатор ташаббусу барномаҳо қабул намуд, аз ҷумла:

1- Ташаббуси "Арабистони Саудии сабз" ва "Ховари Миёнаи сабз";

2- Барномаи миллии коҳиши сифрии сатҳи газҳои гулхонаӣ, ки асосан баҳри эҷоди роҳҳои ҳалли устувору шомил равона шудааст, ҳадаф аз он тавассути истеҳсоли энергияи сабз аз сарчашмаҳои барқароршаванда, ба монанди офтоб, шамол ва инчунин кам кардани вобастагӣ аз сӯзишвории истихроҷшуда, коҳиши сатҳи газҳои гулхонаӣ ва таҳкими иқтисоди сабз мебошад;

3- Иншои бузургтарин маркази коркарди гази карбон дар олам бо мақсади пешгирии тағйирёбии иқлим ва коҳиши падидаи гармшавии глобалӣ. Ин гуфтаҳои боло, таъкид бар нақшаи пешбари Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар самти ҳифзи муҳит ва ҳадафҳои рушди устувор мебошанд.

***Ҳозирини гиромӣ,***

Талошҳои Арабистони Саудӣ барои гузаштан ба иқтисоди сабз яке аз ҳадафҳои барномаи стратегии кишвар зери унвони "Дурнамои Арабистони Саудӣ то соли 2030" аст, ки ҳадафи он диверсификатсияи иқтисод ва истифодаи сарчашмаҳои гуногуни энергетика барои

коҳиши вобастагӣ аз нафт ва беҳбуди некӯаҳволии иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон буда, дар он стандартҳои самаранокии энергия муқаррар гардидааст, ки бевосита дар татбиқи коҳиши партовҳои гази карбон саҳмгузор буда, дар самти татбиқи тағйироти ҷиддӣ дар иқтисоди сабз гомҳои устувор мебардорад. Дар хотимаи кори Форуми Ташаббуси Саудии Сабз як бастаи сармоягузории наве вобаста ба рушди иқтисоди сабз қабул гардид, ки он тақрибан аз 60 ташаббусу лоиҳа иборат буда, арзиши он 700 миллиард риёли саудӣ (186 миллиард доллар) ташкил медиҳад. Дар давоми раёсати хеш дар G20 дар соли 2020, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нақши пешбари хешро дар масъалаҳои муштараки байналмилалӣ тақвият дода, дар самти ҳифзи сайёра саҳм гузошт. Дар фарҷоми гуфтушунидҳо, Форум як эъломияи махсус оид ба муҳити зистро қабул намуд, ки барои таъмини ояндаи устувор ҷиҳати пешгирӣ аз коҳишёбии муҳити зист, ҳифзи гуногунии биологӣ, барқарорсозии захираҳои табиӣ, вокуниш ба офатҳои табиӣ, ҳифзи уқёнусҳо, фароҳамсозии оби ошомиданию ҳавои тоза ва ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад.

***Ҳозирини гиромӣ,***

Дар фарҷом, мехоҳад таъкид созам, ки иқтисоди сабз дар Арабистони Саудӣ яке аз моделҳои босуръат афзояндаи рушди иқтисодии кишвар ба шумор рафта, дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешгирии ифлосшавии муҳити зист, гармшавии глобалӣ, камшавии захираҳо ва ҳифзи муҳити зист саҳм хоҳад гузошт. Кишвари ман, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷиҳати иҷрои барномаи стратегии кишвар зери унвони “Дурнамои Арабистони Саудӣ то соли 2030” талошҳои назаррасеро ҷиҳати гузаштан ба иқтисоди сабз, ба монанди роҳандозии лоиҳаҳои энергияи барқароршаванда, лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва истиқлолияти энергетикӣ анҷом додааст.

*Ба ҳамаи иштирокчиёни конфронс муваффақиятҳо орзумандам.*

***Вассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.***

## *SPEECH OF HIS EXCELLENCY WALID IBN ABDURRAHMAN AR-RESHAIDAN, AMBASSADOR EXTRAORDINARY AND PLENIPOTENTIARY OF THE KINGDOM OF SAUDI ARABIA TO THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

**In the name of God, the Most Gracious, the Most Merciful.**

**Deputy Prime Minister of the Republic of Tajikistan,**
**Her Excellency Dilrabo Saidullo Mansuri;**

**Rector of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan,**
**His Excellency Asrorzoda Ubaidullo Sattor;**

**Director of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy,**
**His Excellency Sharofzoda Farhod Razzok;**

**Distinguished dignitaries, esteemed guests,**

It is once again a great pleasure and honor for me to participate today in this highly esteemed international conference entitled "Green Economy in the Context of Climate Change: Transition for Sustainable Development", held in connection with the adoption of the UN resolution proclaiming 2025 as the **International Year of Glacier' Preservation.** This noble initiative continues the wise policies of His Excellency, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, in the fields of water and climate change, and reflects the successful diplomacy of the Republic of Tajikistan in promoting sustainable development and green diplomacy.

**Ladies and Gentlemen,**

It must be emphasized that bilateral cooperation between my country the Kingdom of Saudi Arabia and the Republic of Tajikistan in the areas of sustainable development, green economy, and environmental protection has expanded considerably. The joint efforts and consistent contributions of both countries at regional and global levels testify to their unique harmony and coordination in pursuit of sustainable development.

**Distinguished participants,**

My country the Kingdom of Saudi Arabia fully aware of its responsibility and leading role in achieving global climate goals, is working towards net-zero greenhouse gas emissions by 2060. Through its strong environmental initiatives, Saudi Arabia is taking firm steps toward a green era and a more sustainable future. Under the Kingdom's strategic program "Saudi Vision 2030", the primary objective of the net-zero program is to reduce greenhouse gas emissions as much as possible by eliminating carbon emissions. To this end, the Kingdom has launched several initiatives and programs, including:

1. The "Saudi Green Initiative" and the "Middle East Green Initiative";
2. The National Net-Zero Program, focused on developing sustainable and inclusive solutions, promoting renewable energy sources such as solar and wind, reducing dependence on fossil fuels, cutting greenhouse gas emissions, and strengthening the green economy;
3. The construction of the world's largest carbon capture center, aimed at combating climate change and mitigating global warming.

These efforts underscore the Kingdom of Saudi Arabia's leading role in environmental protection and the achievement of sustainable development goals.

**Honored guests,**

Saudi Arabia's transition to a green economy is one of the central goals of its strategic program "Saudi Vision 2030". This vision seeks to diversify the economy, develop multiple energy sources, reduce dependence on oil, and improve the social and economic well-being of citizens. It

also establishes energy efficiency standards that directly contribute to carbon emission reduction and represent decisive steps towards fundamental changes in the green economy.

At the conclusion of the Saudi Green Initiative Forum, a new investment package was adopted, comprising nearly 60 initiatives and projects, with a total value of 700 billion Saudi Riyals (approximately 186 billion US dollars). During its presidency of the G20 in 2020, Saudi Arabia further reinforced its leading role in addressing global challenges and contributed to protecting the planet. At the end of the negotiations, the Forum adopted a special declaration on the environment, aimed at ensuring a sustainable future by preventing environmental degradation, preserving biodiversity, restoring natural resources, responding to natural disasters, protecting oceans, providing clean drinking water and fresh air, and tackling climate change.

**Distinguished participants,**

In conclusion, I would like to emphasize that the green economy in Saudi Arabia is becoming one of the fastest-growing models of the country's economic development. It plays an important role in ensuring sustainable economic growth, preventing environmental pollution, combating global warming, addressing resource depletion, and preserving the environment. My country, the Kingdom of Saudi Arabia, has made significant efforts in line with *"Saudi Vision 2030"* to advance the green economy, including renewable energy projects, environmental protection initiatives, and energy independence programs.

I wish all participants of this conference great success.

**Wassalamu Alaikum wa Rahmatullahi wa Barakatuh.**

***СУХАНРОНИИ***
***САФИРИ ФАВҚУЛЛОДА ВА МУХТОРИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОЛИҶАНОБ РАҶЕШ УИКЕ***

**Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Мансурӣ Дилрабо Сайдулло,**

**Муҳтарам ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Асрорзода Убайдулло Саттор,**

**Мухтарам директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз, профессор Шарофзода Фарҳоди Раззоқ,**

**Олиҷанобон ва Хонумон,**

Ман ифтихор дорам, ки дар назди ин маҷлиси бонуфуз ва дар доираи чунин як конфронси муҳим ва саривақтӣ суханронӣ менамоям. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилкунандагони ин ҳамоиши муҳим, инчунин барои даъватнома, ки ба ман ирсол гардидааст, миннатдории самимии худро баён мекунам.

Имрӯз мо на танҳо барои баррасии дастовардҳои бадастомада, балки барои таъкиди масъулияти дастаҷамъонаи худ дар роҳи ояндаи сайёра ҷамъ омадаем. Эълон гардидани Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2025 далели равшани зарурати ҳифзи криосфераи нозук ва ҳассоси мо мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳиби пиряхҳои боҳашамат ва дорои таҷрибаи арзишманд дар омӯзиши экосистемаҳои кӯҳӣ аст, дар сафи пеши ин ташаббус қарор дорад. Дар ин замина, ман ба роҳбарияти кишвар барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи ҳаётан муҳим изҳори сипоси самимӣ менамоям.

Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, бахусус онҳое, ки ба мубориза бо тағйирёбии иқлим, таъмини оби тоза ва рушди энергетикаи устувор марбутанд, ҳам илҳомбахш ва ҳам ибратомӯз мебошад. Аз ташаббуси “Даҳсолаи амалҳо дар соҳаи об” то қабули қатъномаи Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, Тоҷикистон на танҳо дар бораи устуворӣ сухан ронд, балки бо қадамҳои устувор ва равшан онро амалӣ сохт.

Ҳиндустон дар ин иқдомҳо Тоҷикистонро пурра дастгирӣ менамояд. Моро робитаҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин мероси муштараки кӯҳистон мепайвандад. Ҳимолой ва Помир на танҳо ташаккулҳои ҷуғрофӣ, балки манбаъҳои ҳаёт, фарҳанг ва ҳувият мебошанд. Таҳдиди пиряхҳо бошад, таҳдиди мустақими ҳаёти миллионҳо одамон дар Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ аст.

Ҳиндустон ҳамчун бузургтарин кишвари демократии ҷаҳон ва иштирокчии фаъоли Созишномаи Париж то имрӯз ба ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва пешбурди «дипломатияи сабз» содиқ боқӣ мемонад. Мо ташаббусҳои бузургеро, аз қабили Эътилофи байналмилалии офтобӣ, Эътилофи инфрасохтори устувор ба офатҳои табиӣ ва ҳаракати LiFE (Тарзи ҳаёти экологӣ) роҳандозӣ намудем, ки ҳамаи онҳо ба таҳкими ҳамкориҳои ҷаҳонӣ ба хотири ояндаи устувор нигаронида шудаанд.

Тағйирёбии иқлим ҳудуд намешиносад. Он аз мо ҳамбастагии ҷаҳонӣ, ҳамкории минтақавӣ ва навовариҳои маҳаллиро талаб менамояд. Маҳз бо ҳамин рӯҳия мо саҳми арзандаи Тоҷикистонро истиқбол мекунем ва умедворем, ки ҳамкориҳои худро дар самтҳое чун мониторинги пиряхҳо, таҳқиқоти гидрологӣ, кишоварзии ба иқлим тобовар ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия боз ҳам густариш диҳем.

Биёед барои ҳифзи пиряхҳо, нигоҳдории экосистемаҳои ҷаҳонӣ ва сохтани ояндаи тобовар, фарогир ва устувор барои ҳамаи инсонҳо даст ба даст ҳамкорӣ намоем.

**Ташаккури зиёд!**

**SPEECH OF HIS EXCELLENCY RAJESH UIKE,**
**AMBASSADOR EXTRAORDINARY AND PLENIPOTENTIARY OF THE REPUBLIC OF INDIA TO THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Deputy Prime Minister of the Republic of Tajikistan,**
**Her Excellency Dilrabo Saidullo Mansuri;**

**Your Excellency Rector of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor Asrorzoda Ubaidullo Sattor,**

**Honorable Director of the Research Institute for Sustainable Development and Green Economy, Professor Sharofzoda Farhod Razzoq,**

**Excellencies, Ladies and Gentlemen,**

It is a privilege and an honour to address this esteemed gathering at such a crucial and timely conference. I extend my sincere gratitude to the Government of the Republic of Tajikistan and the organisers for convening this important event, and for the invitation extended to me.

We come together today not only to reflect on progress but to reaffirm our collective responsibility towards the future of our planet. The United Nations' proclamation of 2025 as the International Year of Glaciers Preservation is a powerful recognition of the urgent need to protect our fragile cryosphere. Tajikistan, with its majestic glaciers and profound understanding of mountain ecosystems, has been at the forefront of this advocacy, and I commend the country's leadership in bringing global attention to this issue.

Tajikistan's contribution to the implementation of the Sustainable Development Goals (SDGs), particularly those linked to climate action, clean water, and sustainable energy, is both inspiring and instructive. From the Dushanbe Water Process to the landmark resolution on glacier preservation, Tajikistan has not only spoken of sustainability but acted on it, with conviction and clarity.

India stands with Tajikistan in these endeavours. We share deep historical and cultural ties, but also a profound bond in our shared mountain heritage. The Himalayas and the Pamirs are more than geographical entities they are sources of life, culture, and identity. The threat to glaciers is a threat to the very lifeblood of millions in South and Central Asia.

As the world's largest democracy and an active participant in the Paris Agreement, India remains firmly committed to achieving the SDGs and promoting green diplomacy. We have launched ambitious initiatives such as the International Solar Alliance, the Coalition for Disaster Resilient Infrastructure, and the LiFE (Lifestyle for Environment) movement, all aimed at fostering global cooperation for a greener and more sustainable future.

Climate change knows no borders. It demands global solidarity, regional collaboration, and local innovation. It is in this spirit that we salute Tajikistan's contributions and look forward to deepening our cooperation in areas such as glacier monitoring, hydrology, climate-resilient agriculture, and renewable energy.

Let us work hand in hand to preserve the glaciers, protect our ecosystems, and build a future that is sustainable, inclusive, and resilient for all.

**Thank you very much!**

## *СУХАНРОНИИ*
## *МУОВИНИ АВВАЛИ ВАЗИРИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, ДОТСЕНТ СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОҲИД*

**Мухтарам Олимақомон, иштирокчиёни конфронс, ҳозирини гиромӣ!**

Ифтихор дорам, ки ба Шумо бо сухани ифтитоҳӣ дар нашри маҷмӯаи илмии Конфронси байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор» муроҷиат менамоям.

Имрӯз инсоният дар марҳалаи хеле масъули таърихии рушди худ қарор дорад. Тағйирёбии иқлим, афзоиши фишор ба захираҳои табиӣ, коҳиши гуногуншаклии биологӣ ва пайомадҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо моро водор месозанд, ки роҳҳои нави рушдро дарёбем. Дар ин замина, иқтисоди сабз ҳамчун модели нави рушди устувор нақши ҳалкунанда мебозад. Ин раванд имкон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ бо коҳиши осори экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар як вақт таъмин гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои обии фаровон, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва экосистемаҳои нозук аст, яке аз кишварҳои аз тағйирёбии иқлим осебпазир ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон дар солҳои охир иқдомоти ҷиддӣ барои гузариш ба иқтисоди сабз андешида, як қатор стратегияҳо ва барномаҳои миллиро дар самти рушди устувор, иқтисоди сабз, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ қабул ва татбиқ намудааст. Ҳадафи асосии ин сиёсатҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодии дарозмуддат бо ҳифзи муҳити зист, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини некӯаҳволии аҳолӣ мебошад.

Бовар дорам, ки натиҷаҳои илмӣ ва амалии ин ҳамоиш ҳамчун маҳсули заҳмати олимону муҳаққиқон, саҳми назаррас дар ғанисозии андешаи илмӣ, рушди ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи амалии иқтисоди сабз хоҳанд дошт.

Итминон дорам, ки тавсияҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии иштирокчиён ба таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои минбаъдаи рушди устувор мусоидат намуда, барои пешбурди сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид хизмат хоҳанд кард.

Бо изҳори сипос аз ҳамаи ширкаткунандагони конфронс, ба фаъолияти минбаъдаи шумо дар самти таҳқиқ, навовариҳои илмӣ ва татбиқи амалии ғояҳои иқтисоди сабз комёбиҳои нав таманно дорам.

**Ташаккури зиёд!**

**SPEECH**
**BY THE FIRST DEPUTY MINISTER OF ECONOMIC DEVELOPMENT AND TRADE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN,**
**CANDIDATE OF ECONOMIC SCIENCES, ASSOCIATE PROFESSOR**
**SOLEHZODA ASHURBOI ABDUVOHID**

**Distinguished dignitaries, participants of the conference, esteemed guests,**

It is a great honor for me to address you with an opening speech at the International Scientific and Practical Conference entitled “Green Economy in the Context of Climate Change: Transition for Sustainable Development”.

Today, humanity stands at a highly responsible stage of its historical development. Climate change, increasing pressure on natural resources, the loss of biodiversity, and their socio-economic consequences compel us to seek new development pathways. In this regard, the green economy plays a decisive role as a new model of sustainable development. This approach allows for achieving economic growth while simultaneously reducing environmental impacts, protecting the environment, and improving the quality of life of the population.

The Republic of Tajikistan, endowed with abundant water resources, a significant hydropower potential, and fragile ecosystems, is among the countries most vulnerable to the impacts of climate change. Nevertheless, in recent years Tajikistan has taken serious steps towards transitioning to a green economy, adopting and implementing a number of national strategies and programs in the areas of sustainable development, green economy, climate change adaptation, and sustainable natural resource management. The main goal of these policies is to create favorable conditions for long-term economic development while preserving the environment, increasing the competitiveness of the national economy, and ensuring the well-being of the population.

I am confident that the scientific and practical outcomes of this high-level forum, as the result of the dedicated work of scientists and researchers, will make a significant contribution to enriching scientific thought, enhancing regional and international cooperation, and promoting the practical implementation of the green economy.

I am also certain that the recommendations, conclusions, and proposals presented by the participants will contribute to the development of further strategies and programs for sustainable development and will serve to advance the economic policy of the Republic of Tajikistan and achieve the Sustainable Development Goals of the United Nations.

Expressing my sincere gratitude to all participants of the conference, I wish you new successes in your future activities in the fields of research, scientific innovation, and the practical implementation of green economy ideas.

**Thank you very much!**

***СУХАНРОНИИ***
***МУОВИНИ АВВАЛИ РАИСИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШУКУРЗОДА ИСФАНДИЁР ШУКУР***

**Хонумон ва ҷанобон, ҳозирини гиромӣ,**

Қаблан барои ташкилкунандагони чорабинии имрӯза, ки барои баргузор намудани ҳмоиш дар мавзӯи афзалиятнок арзи сипос мегӯям.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзномаи об иқлими ҷаҳонро оғоз аз асри 21 мустақиман  пеш бурда истода, ба яке аз кишварҳои ташаббускор ва пешоҳанг дар ҳалли масъалаҳои мазкур шинохта шудааст.

Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд қадам ниҳода ният дорад то охири солҳои сиюми асри 21 партовҳои гзҳои гулхонаиро ба ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода, ба кишвари сабз табдил гардад. Заминаи қонунгузорӣ: таҳияи одекси экологӣ қисмати “ иқтисоди сабз.”

Дар ҳамин ҳол саҳми Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз буда, дар ин рейтинг мақоми 130-юмро ишғол менамояд.

Дар доираи “Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” аз ҷониби Кумита “Ахбори дусолаи шаффофият оид ба барӯйхатгирии газҳои гулхонаии Ҷумҳурии Тоҷикисон барои солҳои 1990-2022” таҳия ва ба Котиботи Конвенсияи қолабии СММ ва Созишномаи Париж оид ба Тағйирёбии иқлим ирсол гашт.

Ҳамзамон, бо мақсади беҳдошти вазъи экологии мамлакат ва пешгирии таъсири номатлуби тағйирёбии иқлим дар ҳамкорӣ бо Вазорату идораҳо “Барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” аз 29 июни соли 2024 таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Кумита ҷиҳати рафти иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи амали “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 барои иҷрои чорабиниҳои марҳилаи якум, ки солҳои 2023-2025-ро дар бар мегирад, дар доираи салоҳияти худ чораҳои зарури андешида истодааст.

Ҷалби маблаӯҳои грантӣ аз ҳисоби фондҳои махсуси иқлимӣ ва созмонҳои байналхалқӣ барои амалӣ намудани стратегияю барномаҳои соҳавӣ самти муҳими мо ба ҳисоб меравад.

Аз ҷумла, соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти “Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат ва захираҳои табиӣ” пазируфта шуда, бо мақсади устувор намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар ҳалли масъалаҳои экологӣ 7 ноябри соли 2024 дар шаҳри Женева зимни Иҷлосияи 29-уми Кумитаи сиёсати экологии Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо “Шарҳи чоруми натиҷаҳои фаъолияти экологии Тоҷикистон” аз байни 56 давлати аъзо нахуст шуда, қабул шуд.

Ин имконият медиҳад, ки кишвари мо дастрасии мустақимро ба маблаӯҳои Фонди глобалии экологӣ, Фонди Иқлими Сабз ва дигар Фондҳои мақсадноки экологӣ дошта бошад.

Моҳи июли соли 2024 дар доираи ҷаласаи 39-уми Шӯрои идоракунандагони Фонди иқлими сабз, ки дар Ҷумҳурии Корея баргузор гардид, Маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Кумита аввалин ташкилот аз Осиёи Марказӣ мебошад, ки аккредитатсияро барои дастрасии мустақим барои маблаӯгузории ин Фонд гирифтааст.

Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ пешниҳоди лоиҳавӣ дар мавзӯи “Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа” (CASP+) барои ҷалби маблаӯҳои Фонди Иқлими Сабз таҳия шуда, дар ҷаласаи мазкур тасдиқ ва Созишнома ба имзо расид.Ҳадаф ин мусоидат барои гузариш ба самти устувори рушд бо азардошти коҳиш додани ихроҷи газҳои гулхонаӣ, бунёд ва барқарорсозии ҷангалзорҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои нави истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

**Хонумон ва Ҷанобон,**

Имрӯз дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза талабот ниҳоят зиёд аст ва таваҷҷуҳи зиёди кишварҳо ба ин бштар мебошад ва мо барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолӣ аз лиҳози экологӣ тоза ва содироти он дар минтақа имконияти бештаре дорем.

Маҳз бо ин мақсад Роҳбари давлат таъкид доштанд, ки “ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз “энергияи сабз” истеҳсолгардидаи кишвар зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтни сертификати “истеҳсоли сабз” аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯӣ намоянд.

Самти дигари муҳими фаъолияти Кумита ин гузаронидани корҳои таблиғотӣ мебошад.Аз ин лиҳоз, зимни фаъолияти воҳидҳои сохторӣ дар мавзӯъҳои ҳифзи муҳити зист, тағйирёбии иқлим ва рушди иқтисоди “сабз” тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва радио ахбору гузоришҳо мунтазам пахш мегарданд.

Доир ба фаъолияти воҳидҳои сохтории Кумита тариқи шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣӣ, вилоятӣ ва  шаҳрӣ 13977 ва радио 915 маротиба гузоришу барномаҳо пахш шудаанд.Дар рӯзномаҳои даврӣ бошад, 760 адад мақолаҳо доир ба масъалаҳои мавриди назар чоп гардид.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Чун мо дар остонаи баргузории Конфронси сатҳи баланд қарор дорем, мехостам доир ба аҳамият ва натиҷаи он чанд сухан гуям.

Яке аз натиҷаи конфронси мазкур ин фаъолгардонии таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аҳамияти пиряхҳо ва фароҳам овардани платформа барои роҳандозии шарикии байни кишварҳо, созмонҳо ва муассисаҳои илмӣ мебошад.Интизорӣ меравад, ки дар доираи конфронс се санади ниҳоӣ(эъломияҳо) қабул гашта,дар доираи онҳо механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо ва дигар масъалаҳои обу иқли мушаххас мегарданд.

Зеро пиряхҳо дар саросари ҷаҳон на танҳо манбаъҳои муҳими оби нӯшокӣ, инчунин нишондиҳандаҳои асосии тағйиёбии иқлим ба ҳисоб рафта, тавозуни гуногунии биологӣ ва рушди устуворро нигоҳ медоранд.Бинобар ин, масъалаи мазкур дар Конфронс ба таври васеъ баррасӣ гардида, он ҳамчун платформа барои табодули афкор ва мубодилаи таҷриба байни олимону коршиносон ва сиёсатмадорон дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ хизмат хоҳад кард.

Дар ин росто ҷалби маблағгузории фондҳои махсуси иқлимӣ, созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ барои амалӣ намудани барномаҳои афзалиятнок дар самти мониторинг, омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо, мутобиқшавӣ ва коҳишдодани таъсири манфии пайомадҳои тағйирёбии иқлим махсусан барои иқтисоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар фарҷом, бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи Шуморо ҷиҳати иштирки фаъолона дар кори Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо эҳтиромона даъват менамоям.

**Ташаккури зиёд!**

## *SPEECH OF THE FIRST DEPUTY CHAIRMAN OF THE COMMITTEE FOR ENVIRONMENTAL PROTECTION UNDER THE GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ISFANDIYOR SHUKURZODA SHUKUR*

**Ladies and Gentlemen, distinguished participants,**

First of all, I would like to express my gratitude to the organizers of today's event for arranging this important gathering on such a priority topic.

It is well known that under the leadership of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, H.E. Emomali Rahmon, Tajikistan has been promoting the global water and climate agenda since the beginning of the 21st century and has become recognized as one of the pioneering and initiative-taking countries in addressing these issues.

Tajikistan has entered a new stage of development and intends, by the end of the 2030s, to minimize greenhouse gas emissions and become a "green country." A legislative foundation has been laid through the development of an Environmental Code, which includes a section on the "green economy."

At the same time, Tajikistan's share in total global greenhouse gas emissions is negligible, ranking 130th in the world.

Within the framework of the National Strategy for Climate Change Adaptation of the Republic of Tajikistan until 2030, the Committee prepared and submitted the "Biennial Transparency Report on Greenhouse Gas Inventory of the Republic of Tajikistan for 1990-2022" to the Secretariat of the UN Framework Convention on Climate Change and the Paris Agreement.

Furthermore, in cooperation with ministries and agencies, and with the aim of improving the country's environmental situation and preventing the negative impacts of climate change, the State Program on Greening the Republic of Tajikistan until 2040 was developed and approved on 29 June 2024.

The Committee is taking the necessary measures within its mandate to implement the relevant provisions of the action plan for the Strategy for the Development of a Green Economy in the Republic of Tajikistan for 2023ғ2037, particularly those related to the first phase (2023-2025).

Mobilizing grant funds from dedicated climate funds and international organizations for the implementation of sectoral strategies and programs is one of our key priorities.

In 2024, the Republic of Tajikistan became a member of the International Union for Conservation of Nature and Natural Resources (IUCN). To strengthen the country's position in addressing environmental issues, on 7 November 2024, during the 29th Session of the Committee on Environmental Policy of the UNECE in Geneva, Tajikistan's Fourth Environmental Performance Review was adopted first among 56 member states.

This opens direct access for our country to financing from the Global Environment Facility, the Green Climate Fund, and other specialized environmental funds.

In July 2024, within the framework of the 39th meeting of the Board of the Green Climate Fund held in the Republic of Korea, the Project Implementation Center of the Committee became the first organization in Central Asia to be accredited for direct access to this Fund's financing.

Additionally, in cooperation with the International Fund for Agricultural Development (IFAD), a project proposal entitled "Community-Based Agriculture Support Program" (CASP+) was developed to attract financing from the Green Climate Fund. This proposal was approved at the same meeting, and an agreement was signed. The aim is to contribute to sustainable development by reducing greenhouse gas emissions, creating and restoring forests, and introducing new agricultural production methods adapted to climate change.

**Ladies and Gentlemen,**

Today, global markets show very high demand for environmentally friendly products. Many countries are paying increased attention to this issue, and we have greater opportunities to expand production and export of such products in our region.

For this reason, the Head of State emphasized that "in order to promote and present the ecological advantages of industrial products manufactured using 'green energy' in the country, it is necessary for domestic enterprises to take measures to obtain 'green production' certification from relevant international bodies."

Another important area of the Committee's work is awareness-raising. In this regard, through the activities of its structural units, information and reports on environmental protection, climate change, and "green" economy development are regularly broadcast on television and radio.

In total, 13,977 reports and programs were broadcast on national, regional, and city television, and 915 on radio. In the periodical press, 760 articles on relevant issues were published.

**Distinguished participants,**

As we stand on the eve of the High-Level Conference, I would like to say a few words about its importance and expected outcomes.

One of the results of this conference will be to draw the international community's attention to the importance of glaciers and to create a platform for establishing partnerships between countries, organizations, and scientific institutions. It is expected that three final documents (declarations) will be adopted, within which mechanisms of international cooperation on glacier protection and other water and climate issues will be defined.

Glaciers worldwide are not only vital sources of drinking water but also key indicators of climate change, maintaining biodiversity balance and sustainable development. Therefore, this issue will be widely discussed at the Conference, serving as a platform for exchanging views and sharing experiences among scientists, experts, and policymakers at both regional and international levels.

In this context, mobilizing funding from special climate funds, as well as international and regional financial organizations, for priority programs in glacier monitoring, research, and protection, adaptation, and mitigation of climate change impacts is especially important for the economies of developing countries.

Finally, I take this opportunity to respectfully invite all of you to participate actively in the International Conference on Glacier Protection.

**Thank you very much!**

***СУХАНРОНИИ***
***САРДОРИ РАЁСАТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАҲМОНЗОДА АҲМАДҶОН ҶАМОЛИДДИН***

**Меҳмонони муҳтарам, иштирокчиёни конфронс,**

Аз номи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шумо барои ширкат дар Конфронси байналмилалии илмии «Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор» самимона шодбош мегӯям. Конфронси имрӯза, ки дар он доираи васеи намояндагони мақомоти давлатӣ, сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва олимону коршиносон иштирок мекунанд, барои муҳокимаи масоили муҳими марбут ба рушди устувор, иқтисоди сабз ва дигар масъалаҳои экологӣ алоқаманд аст, ташкил шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди иқтисоди сабз аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Пешвои миллат дар ҳар як суханронии худ таъкид мекунанд, ки рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун афзалиятҳои муҳими сиёсати кишвар қарор гирифтааст. Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Сарвари давлат пешниҳод мегардад, бештар ба самти рушди устувор, иқтисоди сабз, идоракунии захираҳои обӣ ва пешгирӣ аз пасомадҳои тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст.

Бо мақсади таъмини рушди устувор ва коҳиш додани таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар кишвар Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037 қабул гаштааст. Ҳадафи асосии ин стратегияи муҳими миллӣ гузариш ба моделҳои устувор ва экологӣ мебошад, ки ҳамчун як роҳи расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонии рушди устувор ба ҳисоб меравад. Стратегия ба манбаъҳои барқароршаванда, коҳиш додани партовҳо ва ҳамоҳангсозии истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои амалисозии Стратегии мазкур, махсусан дар самти баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа, омода кардани кадрҳои баландихтисос, таҳқиқот ва барномаҳое, ки барои ҳалли мушкилоти экологӣ мусоидат мекунанд, фаъолият дорад.

Барои амалӣ намудани ин Стратегия мо таҷрибаҳои пешқадамро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳқиқоти илмиро дар ин самт пеш мебарем. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъсис ёфтани Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз низ барои гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати рафъи мушкилоти экологӣ нақша назаррас хоҳад бозид. Дар навбати худ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки бо тамоми шарикони рушд дар самти расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ҳамкорӣ намояд.

Ман боварӣ дорам, ки маърӯзаю суханрониҳои иштирокчиёни муҳтарами муҳтарами ин конфронс, бо пешниҳоди тавсияҳои муассир ва усулҳои нави амалӣ метавонанд барои рушди устувор ва таҳкими иқтисоди сабз саҳми арзанда гузоранд.

Ба ҳамаи иштирокчиён ва меҳмонони азиз барои иштироки фаъол дар ин чорабинӣ изҳори миннатдорӣ менамоям ва ба кори Конфронс барор мехоҳам.

**Ташаккури зиёд!**

## *SPEECH BY THE HEAD OF DEPARTMENT OF SCIENCE AND INNOVATION OF THE MINISTRY OF EDUCATION AND SCIENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN RAHMONZODA AHMADJON JAMOLIDDIN*

**Distinguished guests, participants of the conference,**

On behalf of the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, I sincerely welcome all of you to the International Scientific Conference "Green Economy in the Context of Climate Change: Transition for Sustainable Development". Today's conference, which brings together a broad range of representatives from government bodies, embassies of foreign countries, international organizations, as well as scholars and experts, has been convened to discuss important issues related to sustainable development, the green economy, and other environmental challenges.

The Government of the Republic of Tajikistan, under the leadership of the esteemed Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, H.E. Emomali Rahmon, attaches great importance to the development of a green economy. The President of Tajikistan emphasizes in every address that sustainable development and environmental protection have become key priorities of national policy. The global initiatives of the Republic of Tajikistan, put forward by the President, are primarily aimed at sustainable development, green economy, water resource management, and preventing the consequences of climate change.

In order to ensure sustainable development and mitigate the negative impacts of climate change, the Strategy for the Development of the Green Economy for 2023-2037 has been adopted in the country. The main objective of this important national strategy is to transition to sustainable and environmentally friendly models, which are considered a pathway to achieving the global Sustainable Development Goals (SDGs). The strategy focuses on renewable resources, waste reduction, and the coordinated, rational use of natural resources.

The Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, in cooperation with other government agencies and international organizations, is also working to implement this Strategy, particularly in raising environmental awareness in society, preparing highly qualified specialists, conducting research, and developing programs that contribute to solving environmental challenges.

To implement this Strategy, we are studying advanced international practices and promoting scientific research in this field. By decision of the Government of the Republic of Tajikistan, the establishment of the Research Institute for Sustainable Development and the Green Economy under the Tajik International University of Tourism and Business is a significant step, as it will facilitate scientific research and provide practical recommendations for addressing environmental challenges. For its part, the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan stands ready to cooperate with all development partners in achieving the Sustainable Development Goals.

I am confident that the presentations and speeches of the esteemed participants of this conference, with their effective recommendations and innovative approaches, will make a valuable contribution to sustainable development and the strengthening of the green economy.

I extend my gratitude to all the participants and esteemed guests for their active involvement in this event and wish great success to the work of the Conference.

**Thank you very much!**

## *UI GREENMETRIC – РЕЙТИНГИ ҶАҲОНИИ ДОНИШГОҲҲО: МЕТОДОЛОГИЯ ВА САВОЛНОМА*

**Доктор Ҷунаидӣ**
**Муовини ректор оид ба барномаҳо, иртибот ва шарикӣ дар UI GreenMetric**
**(Ҷакарта, Индонезия)**

**Ҳамкорони муҳтарам, хонумон ва ҷанобон,**

Иҷозат диҳед, имрӯз миннатдории самимии худро барои имкони суханронӣ дар назди Шумо баён намоям ва фаъолияти низоми байналмилалии рейтингии UI GreenMetric-ро, ки аз ҷониби Донишгоҳи Индонезия бо ҳадафи пешбурди принсипҳои рушди устувор дар таҳсилоти олӣ роҳандозӣ шудааст, муаррифӣ кунам. Аз замони таъсисёбии он дар соли 2010, UI GreenMetric ба як платформаи бонуфузи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, ки беш аз 1000 донишгоҳро аз зиёда аз 85 кишвари ҷаҳон муттаҳид месозад.

Бо камоли хушнудӣ зикр менамоям, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон расман ба шабакаи ҷаҳонии UI GreenMetric пайваста, созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Ин қадам муҳим буда, садоқати донишгоҳро ба татбиқи амалии таҷрибаҳои устувор, иштироки фаъолона дар ташаббусҳои байналмилалӣ ва саҳмгузорӣ дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид таъкид менамояд.

Методологияи рейтинги UI GreenMetric бар асоси шаш нишондиҳандаи калидӣ таҳия шудааст: муҳити сабз дар кампус (15%), энергетика ва тағйирёбии иқлим (21%), идоракунии партовҳо (18%), истифодаи захираҳои об (10%), нақлиёт (18%), маориф ва таҳқиқоти илмӣ (18%). Пурсишномаи солона, ки аз ҷониби донишгоҳҳои иштироккунанда пур карда мешавад, зиёда аз 50 нишондиҳандаро дар бар гирифта, имкони арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи устуворӣ ва муҳити академии кампусро фароҳам меорад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ин методология дар он аст, ки пешниҳоди далелҳои ҳуҷҷатӣ ҳатмӣ мебошад, ки ин ба эътимоднокӣ ва шаффофияти маълумоти пешниҳодшуда мусоидат мекунад.

UI GreenMetric на танҳо як воситаи арзёбӣ, балки як ҷомеаи ҷаҳонии академӣ мебошад, ки ба мубодилаи таҷриба, интиқоли дониш ва рушди шарикии байни донишгоҳҳо мусоидат мекунад. Мо пайваста семинарҳо, конфронсҳо, барномаҳои таълимӣ ва вебинарҳои байналмилалиро баргузор менамоем, ки муассисаҳои содиқ ба принсипҳои масъулияти экологӣ ва иҷтимоиро гирди ҳам меоранд.

**Иштирокчиени муҳтарам,**

Мо бо камоли хушнудӣ донишгоҳи Шуморо ҳамчун шарики UI GreenMetric истиқбол менамоем ва итминон дорем, ки бо талошҳои муштарак метавонем таҳсилоти устуворро густариш диҳем, ба гузариши экологӣ ва устувори кампусҳо мусоидат кунем ва насли нави пешвоёни масъулро тарбия намоем. Мо шуморо даъват мекунем, ки дар ташаббусҳои UI GreenMetric фаъолона иштирок намуда, ҳамкориҳои байналмилалиро бо мақсади таъмини ояндаи устувор тақвият бахшед.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳи шумо ва умедворам, ки ҳамкории судманди мо дар оянда низ бо муваффақият идома меёбад!**

## UI GREENMETRIC – A GLOBAL UNIVERSITY RANKING: METHODOLOGY AND QUESTIONNAIRE

**Dr. Junaidi**
**Deputy Chair for Programs, Communication, and Partnership of UI GreenMetric (Jakarta, Indonesia)**

**Dear colleagues, ladies and gentlemen,**

Allow me to express my sincere gratitude for the opportunity to speak before you today and present the work of the international ranking system UI GreenMetric, initiated by the University of Indonesia with the aim of promoting the principles of sustainable development in higher education. Since its inception in 2010, UI GreenMetric has grown into an influential global platform, uniting over 1,000 universities from more than 85 countries around the world.

It is with great pleasure that I note that the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan has officially joined the global UI GreenMetric network by signing a cooperation agreement. This is an important step, demonstrating the university's commitment to actively implement sustainable practices, engage in international initiatives, and contribute to the achievement of the United Nations Sustainable Development Goals.

The UI GreenMetric ranking methodology is based on six key indicators: infrastructure and green campus setting (15%), energy and climate change (21%), waste management (18%), water management (10%), transportation (18%), and education and research (18%). The annual questionnaire completed by participating universities includes more than 50 indicators, providing a comprehensive assessment of campus sustainability and the academic environment. A distinctive feature of the methodology is the requirement for documentary evidence to ensure the credibility and transparency of the data submitted.

UI GreenMetric is not just a measurement tool it is a global academic community that fosters experience-sharing, knowledge transfer, and the development of partnerships among universities. We regularly organize international seminars, conferences, training programs, and educational webinars, bringing together institutions committed to environmental and social responsibility.

**Dear participants,**

We are pleased to welcome your university as a partner of UI GreenMetric and are confident that, through joint efforts, we can advance sustainable education, promote the environmental transformation of campuses, and nurture a new generation of responsible leaders. We invite you to take an active role in UI GreenMetric's initiatives and to further international collaboration in pursuit of a sustainable future.

**Thank you for your attention and I look forward to continued productive cooperation!**

***СУХАНРОНИИ***
***САРДОРИ НАМОЯНДАГИИ ШИРКАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛИЯВӢ (IFC) ДАР ТОҶИКИСТОН ФАРРУХ СУЛТОНОВ***

**Хонумон ва ҷанобон,**

**Ҳамкорону шарикони азиз,**

Аз номи Ширкати Байналмилалии Молиявӣ иҷозат диҳед ҳамаи иштирокчиёни Конфронси байналмилалии илмии «Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор»-ро самимона хайрамақдам намоям. Имрӯз дар ин ҷо намояндагони мақомоти давлатӣ, корпуси дипломатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, аҳли илм ва доираҳои коршиносӣ гирди ҳам омадаанд, то масъалаҳои муҳимтарини рушди устувор, иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зистро мавриди муҳокима қарор диҳанд. Ширкати Байналмилалии Молиявӣ, ки узви Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ мебошад, солҳои зиёд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва офаридани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Имрӯз Тоҷикистон бо вазифаҳои муҳим рӯ ба рӯ аст: таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди бахши хусусӣ ва баланд бардоштани устувории иқтисод дар баробари хатарҳои иқлимӣ. Дар ин замина, дастгирии сармоягузории хусусӣ ва ҷорӣ намудани ҳалли инноватсионӣ беш аз ҳарвақта зарур мебошад. IFC кӯшиш менамояд, ки ба рушди соҳибкорӣ мусоидат карда, дастрасӣ ба маблағгузориро васеъ намуда, таҷрибаҳои пешқадами идоракунии корпоративӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва экологиро тарғиб намояд.

Мо ифтихор дорем, ки шарики боэътимод дар татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергии барқароршаванда, агробизнес, бахши молия ва инфрасохтор мебошем. Кӯшишҳои муштарак аллакай натиҷа медиҳанд: ҷараёни сармоягузорӣ меафзояд, имкониятҳои нав барои соҳибкорон фароҳам меоянд ва ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон ва занон таъсис дода мешаванд.

IFC ба масъалаҳои рушди устувор ва «иқтисоди сабз» таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Дар шароити тағйирёбии иқлим мо лоиҳаҳоро дастгирӣ менамоем, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, рушди энержии тоза ва ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакори нерӯ равона шудаанд. Боварӣ дорам, ки Тоҷикистон дар ин самтҳо дорои иқтидори бузург аст ва вазифаи умумии мо аз он иборат аст, ки ин иқтидорро ба манфиати кишвар ва минтақа пурра истифода намоем.

**Ҳамкорони гиромӣ,**

Ширкати Байналмилалии Молиявӣ (IFC) минбаъд низ тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад, то ҳамкориро бо Тоҷикистон тақвият бахшида, иштироки бахши хусусиро дар иқтисод густариш диҳад ва ташаббусҳои муштаракро амалӣ намояд, ки ба рушди устувор ва фарогир замина мегузоранд. Танҳо якҷоя мо метавонемояндаи пурқувват, шукуфон ва экологӣ устуворро бунёд созем.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳ!**

***SPEECH***
***HEAD OF THE INTERNATIONAL FINANCE CORPORATION (IFC) IN TAJIKISTAN***
***FARRUKH SULTONOV***

**Ladies and Gentlemen,**

**Dear colleagues and partners,**

On behalf of the International Finance Corporation, allow me to warmly welcome all participants of the International Scientific Conference “Green Economy in the Context of Climate Change: Transition for Sustainable Development”. Today, representatives of government bodies, the diplomatic corps, international organizations, the academic community, and expert circles have gathered here to discuss the most pressing issues of sustainable development, the green economy, and environmental protection. The International Finance Corporation, a member of the World Bank Group, has been actively cooperating with the Republic of Tajikistan for many years, promoting sustainable economic development, attracting investment, and creating new jobs.

Today, Tajikistan is facing important challenges: ensuring energy and food security, developing the private sector, and strengthening the economy’s resilience to climate risks. In this regard, the support of private investment and the introduction of innovative solutions are becoming particularly relevant. IFC seeks to contribute to business development, expand access to finance, and promote advanced practices in corporate governance, as well as environmental and social responsibility.

We are proud to be a reliable partner in implementing projects in renewable energy, agribusiness, the financial sector, and infrastructure. Joint efforts are already yielding results: investment flows are growing, new opportunities are emerging for entrepreneurs, and jobs are being created for youth and women.

IFC pays special attention to issues of sustainable development and the “green economy.” In the context of climate change, we support projects aimed at the rational use of water resources, the development of clean energy, and the introduction of energy-efficient technologies. I am confident that Tajikistan has tremendous potential in these areas, and our common task is to unlock it for the benefit of the country and the region.

**Dear colleagues,**

IFC will continue to make every effort to strengthen its partnership with Tajikistan, expand private sector participation in the economy, and implement joint initiatives that will ensure sustainable and inclusive growth. Only together can we build a strong, prosperous, and environmentally sustainable future.

**Thank you for your attention!**

***СУХАНРОНИИ***
***РОҲБАРИ ИЛМИИ ОЗМОИШГОҲИ МАВОДИ ФУНКСИОНАЛИИ ПЕШСАФ, ПРОФЕССОРИ ДОНИШГОҲИ ВИКТОРИЯ САИДАМИНОВ МАХСУД ИСМАТБОЕВИЧ ВАНКУВЕР, КАНАДА***

**Хонумон ва ҷанобон,**

**Ҳамкорони гиромӣ,**

Бароям ифтихори бузург аст, ки имрӯз дар назди чунин ҷамъомади бонуфуз суханронӣ намуда, натиҷаҳои фаъолияти илмии гурӯҳи худро дар соҳаи фотоэлементҳои перовскитӣ ба шумо муаррифӣ мекунам. Ин самт яке аз умедбахштарин равияҳои энергетикаи муосир ба шумор меравад. Дар солҳои охир перовскитҳо таваҷҷуҳи васеи ҷомеаи илмӣ ва технологияи ҷаҳонро ба худ ҷалб кардаанд, зеро бо самаранокии баланд, арзиши дастрас ва имкониятҳои васеи истифода дар энергетикаи барқароршаванда ва дигар бахшҳои вобаста фарқ мекунанд.

Дар маърӯзаи имрӯза ман самтҳои калидии фаъолияти худро шарҳ медиҳам, ки онҳо гуногунҷанбагии равиши гурӯҳи моро дар ҳалли масъалаҳои муҳими соҳа инъикос мекунанд.

Аввалан, ман дар бораи истифодаи усули скрининги сермаҳсул барои оптимизатсияи таркиби плёнкаҳои тунуки перовскитӣ сухан мегӯям. Ин усул ба мо имкон дод, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ шумораи зиёди таркибҳоро таҳқиқ намуда, устувортарин ва самараноктарин вариантҳоро муайян созем. Ин равиш раванди ҷустуҷӯи ҳалли беҳтарин барои дастгоҳҳои фотоэлектрикиро хеле суръат бахшид.

Дуюм, ман натиҷаҳои мо оид ба ҳамгироии маводҳои бадастомада дар мини-модулҳои офтобиро муаррифӣ мекунам. Дар ин самт таваҷҷуҳи асосӣ ба технологияҳои миқёспазир равона карда мешавад, ки имкон медиҳанд аз прототипҳои озмоишгоҳӣ берун рафта, ба шароити саноатӣ наздик гардем. Дар баробари ин, мо ба истифодаи ҳалкунандаҳои экологии бехатар таваҷҷуҳи махсус медиҳем, зеро масъалаҳои устуворӣ ва коҳиши таъсир ба муҳити зист ҷузъи ҷудонашавандаи энергетикаи «сабз»-и оянда мебошанд.

Севум, агар вақт иҷозат диҳад, ман ба муваффақиятҳои мо дар самти автоматизатсияи синтези монокристаллҳои сантиметрии перовскит таваққуф мекунам. Ин раванд аз ҷиҳати назорати параметрҳои афзоиш хеле мураккаб аст, вале мо тавонистем ба натиҷаҳои такроршаванда ва кристаллияти баланди онҳо ноил гардем. Ин дастовардҳо имкониятҳои навро на танҳо барои таҳқиқоти бунёдии хосиятҳои перовскитҳо, балки барои таҳияи дастгоҳҳои дорои хусусиятҳои нодир фароҳам месозанд.

Ниҳоят, мехостам таҷрибаи худро оид ба истифодаи монокристаллҳои перовскит дар таҳияи детекторҳои рентгении ҳассос баён намоям. Ин гуна дастгоҳҳо дорои иқтидори назаррас барои истифода дар ташхиси тиббӣ, системаҳои амниятӣ ва таҳқиқоти бунёдӣ мебошанд. Мо итминон дорем, ки омезиши ҳассосияти баланд ва арзиши нисбатан паст ба ин детекторҳо имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи шоиста дар миёни технологияҳои муосири бақайдгирии шуоъро ишғол намоянд.

**Хонумон ва ҷанобон,**

Натиҷаҳои мо, ки доираи васеи самтҳоро фаро мегиранд, ки аз оптимизатсияи мавод ва технологияҳо то татбиқи амалии онҳо, уфуқҳои навро на танҳо барои рушди энергетикаи офтобӣ, балки барои як қатор дастгоҳҳои оптоэлектронии дигар мекушоянд. Ман итминон дорам, ки идомаи таҳқиқот ва таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеаи илмии байналмилалӣ моро ба сӯи сохтани ҳалли воқеан устувор ва дастрас барои энергетикаи оянда наздиктар мегардонад.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳ!**

## *SPEECH OF THE SCIENTIFIC DIRECTOR OF THE LABORATORY OF ADVANCED FUNCTIONAL MATERIALS, PROFESSOR AT THE UNIVERSITY OF VICTORIA MAKSUD ISMATBOEVICH SAIDAMINOV (VANCOUVER, CANADA)*

**Ladies and gentlemen,**

**Dear colleagues,**

It is a great honor for me to speak today before such a distinguished audience and to share the results of our research work in the field of perovskite photovoltaics, which has become one of the most promising areas of modern energy science. Over the past few years, perovskite materials have attracted enormous attention from the global scientific and technological community because of their high efficiency, low cost, and broad potential for applications in renewable energy and related fields.

In my presentation, I will focus on several key directions of our research that reflect the multifaceted approach of our group to addressing current challenges.

First, I will describe the use of high-throughput screening to optimize the composition of perovskite thin films. This method allowed us to investigate a large number of compositional variations within a relatively short time and to identify the most stable and efficient combinations. Such an approach has significantly accelerated the process of finding optimal solutions for photovoltaic devices.

Second, I will present our results on integrating these materials into solar mini-modules. Here we pay special attention to scalable technologies that make it possible to go beyond laboratory prototypes and move closer to industrial-scale production. At the same time, we deliberately emphasize the use of environmentally friendly solvents, since issues of sustainability and minimizing environmental impact are an integral part of the green energy of the future.

Third, if time permits, I will discuss our progress in automating the synthesis of centimeter-scale perovskite single crystals. This process is extremely complex in terms of controlling growth parameters, but we have succeeded in achieving reproducible fabrication of crystals with high crystallinity. These results create new opportunities not only for fundamental studies of perovskite properties but also for the development of devices with unique characteristics.

Finally, I would like to share our experience in applying perovskite single crystals to the development of highly sensitive X-ray detectors. Such devices hold great potential for use in medical diagnostics, security systems, and fundamental research. We are convinced that the combination of high sensitivity and relatively low cost will allow perovskite detectors to take a worthy place among modern radiation detection technologies.

**Dear colleagues,**

Our results cover a wide spectrum of directions ranging from material and technology optimization to practical applications. They open new horizons not only for the advancement of solar energy but also for a wide range of optoelectronic devices. I am confident that the further development of research and the strengthening of cooperation with the international scientific community will bring us closer to creating truly sustainable and affordable energy solutions for the future.

**Thank you for your attention!**

## БАХШИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОР ВА МУТОБИҚАТИ ИҚТИСОДИЁТ БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**ТДУ 330.341.1:334.012.64**

# ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

**Шарофзода Фарҳод Раззоқ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директор
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Асрорзода Абдулло Саттор**
унвонҷӯйи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақола таҳлили масоили ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ дар шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи кишварҳои гуногун (Олмон, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Ӯзбекистон, Қазоқистон) омилҳо ва монеаҳои асосии рушди шарикӣ дар Тоҷикистонро муайян менамояд. Дар асоси таҳлилҳо самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ, аз ҷумла рушди инфрасохтор, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, иқтисоди рақамӣ, соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, инчунин иқтисоди сабз ва энергияи барқароршаванда пешниҳод мегарданд. Муаллиф заруратиислоҳоти ҳуқуқӣ, рушди механизмҳои ҳавасмандсозӣ, таъмини шаффофият ва такмили заминаҳои институтсионалиро барои густариши чунин ҳамкорӣ таъкид менамояд. Мақола инчунин тавсияҳои мушаххасро ҷиҳати ҷалби сармояи хусусӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкорон ва рушди модели муассири шарикӣ пешниҳод менамояд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *шарикии давлат ва бахши хусусӣ, соҳибкорӣ, рушди устувор, инфрасохтор, иқтисоди рақамӣ, иқтисоди сабз, сармоягузорӣ, сиёсати иқтисодӣ, таҷрибаи байналмилалӣ, ҳавасмандсозии институтсионалӣ.*

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ГОСУДАРСТВА И СУБЪЕКТОВ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

**Шарофзода Фарҳод Раззоқ**
доктор экономических наук, профессор, директор
Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

**Асрорзода Убайдулло Саттор**
доктор экономических наук, профессор, ректор
Международый университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье рассматривается анализ вопросов взаимодействия между государством и частным сектором в условиях современного устойчивого экономического развития. Автор, опираясь на научные исследования и опыт различных стран (Германия, Индия, Южная Корея, Сингапур, Узбекистан, Казахстан), определяет ключевые факторы и препятствия развития партнерства в Республике Таджикистан. На основе проведённого анализа выделены приоритетные направления сотрудничества, включая развитие инфраструктуры, социальных услуг, цифровой экономики, промышленности и сельского хозяйства, а также «зелёной экономики» и возобновляемой энергетики. Подчёркивается необходимость*

*совершенствования законодательства, внедрения эффективных механизмов стимулирования, обеспечения прозрачности и развития институциональной базы для расширения государственного-частного партнёрства. Также в статье представлены конкретные рекомендации по привлечению частных инвестиций, повышению конкурентоспособности предпринимательства и формированию эффективной модели взаимодействия.*

***Ключевые слова:*** *государтсвенно-частное партнерство, предпринимательство, устойчивое развитие, инфраструктура, цифровая экономика, инвестиции, экономическая политика, международный опыт, институциональное стимулирование.*

## COOPERATION BETWEEN THE STATE AND ENTREPRENEURIAL ENTITIES IN THE CONTEXT OF SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT

**Sharofzoda Farhod Razzoq**
Doctor of Economics, Professor, Director
Research Institute for Sustainable Development and Green Economy
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Asrorzoda Ubaydullo Sattor**
Doctor of Economics, Professor, Rector
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article analyzes the issues of cooperation between the state and the private sector under the conditions of modern sustainable economic development. Drawing on scientific research and international experiences (Germany, India, South Korea, Singapore, Uzbekistan, Kazakhstan), the author identifies the key factors and obstacles affecting the development of partnerships in the Republic of Tajikistan. Based on the analysis, the paper outlines priority areas of cooperation, including infrastructure development, social services, digital economy, industry and agriculture, as well as the green economy and renewable energy. The article highlights the need to improve legal frameworks, implement effective incentive mechanisms, ensure transparency, and strengthen the institutional foundation for expanding public–private partnerships. It also provides specific recommendations for attracting private investment, enhancing the competitiveness of entrepreneurship, and developing an effective cooperation model.*

***Keywords:*** *public-private partnership, entrepreneurship, sustainable development, infrastructure, digital economy, green economy, investment, economic policy, international experience, institutional incentives.*

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо шиддати раванди ҷаҳонишавӣ, афзоиши рақобат ва тағйироти босуръати иқтисодию технологӣ тавсиф меёбад, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ба унсури асосии пешбурди иқтисоди миллӣ ва таҳкими асосҳои рушди устувор табдил ёфтааст. Соҳибкорӣ дар доираи иқтисоди муосир на танҳо воситаи таъмини даромад ва шуғли аҳолӣ, балки самти калидии афзоиши маҳсулнокии меҳнат, густариши фаъолияти инноватсионӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодӣ арзёбӣ мегардад [1, с. 112].

Бо дарки чунин нақши калидӣ, аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди соҳибкориро ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати стратегии иқтисодӣ қабул кардаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2023) зикр намудаанд, ки "Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян намуда,

пайваста барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳо меандешад” [5].

Дар ин замина, ҳамкории муассири байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун яке аз механизмҳои калидии ташкили муҳити мусоид, таҳкими ҳавасмандсозии фаъолияти иқтисодӣ ва рушди институтсионалии соҳибкорӣ баромад менамояд. Бо вуҷуди тадбирҳои пайгиронаи Ҳукумати ҷиҳати дастгирии бахши хусусӣ, таҳлили вазъи воқеӣ нишон медиҳад, ки низоми мавҷудаи ҳамкорӣ то ҳол пурра самаранок нест. Махсусан, маҳдуд будани дастрасии соҳибкорон ба захираҳои молиявӣ ва душвориҳо дар гирифтани қарзҳои бонкӣ аз ҷумлаи монеаҳои сохтории рушди ин ҳамкорӣ мебошанд. Ин омилҳо зарурати такмили низоми ҳамкории байни давлат ва субъектҳои соҳибкориро тақозо менамоянд.

Мутобиқи тамоюлҳои ҷаҳонии рушди иқтисоди муосир, дар кишварҳои гуногун дар татбиқи барномаҳои инфрасохторӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сармоягузорӣ, нақши бахши хусусӣ доимо афзоиш меёбад. Ин раванд боиси тавсеаи шарикӣ ва истифодаи самараноки захираҳо гардида, дар шароити маҳдудияти буҷетӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин раванд пайваст шуда, зарурати такмили низоми шарикии давлатӣ ва хусусиро бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ эҳсос мекунад.

Ҳамкории байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун шакли муосири танзими иқтисоди бозорӣ дар шароити рақобати афзоянда аҳамияти стратегӣ касб менамояд. Ин навъи ҳамкорӣ, ки дар адабиёти илмии иқтисодӣ бо мафҳуми "шарикии давлат ва бахши хусусӣ" (ШДБХ) шинохта мешавад, на танҳо як воситаи маъмулӣ барои тақсими захираҳо ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ маҳсуб меёбад, балки ҳамчун механизми муассири ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва бахши хусусӣ хизмат мекунад. ШДБХ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилӣ имконият медиҳад, ки давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси масъулияти муштарак, бо риояи принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва тавозуни хавфу фоида, ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ равона гарданд.

Моҳияти чунин ҳамкорӣ дар ташкили муносибатҳои муназзами дуҷониба, мубодилаи манфиатҳо ва истифодаи захираҳои якдигар барои ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодии миллӣ ифода меёбад. Ба ибораи дигар, ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ на танҳо шакли дастгирии маъмурӣ, балки як воситаи тақвияти рушди бахши хусусӣ ва таъмини устувории иқтисодӣ мебошад. Давлат, тавассути механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, метавонад барои бахши хусусӣ шароити мусоиди рақобатпазир фароҳам оварад ва дар баробари он захираҳои бахши хусусиро ба ҳалли масъалаҳои стратегӣ сафарбар намояд.

Ин ҳамкорӣ дар шароити маҳдудияти имкониятҳои буҷетӣ ва зарурати ҷалби сармояи хусусӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ, беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва васъати навоварӣ ба шумор меравад. Дар доираи ШДБХ давлат на танҳо ҳамчун нозир ва танзимгар, балки ҳамчун шарики фаъол ва стратегӣ баромад мекунад, ки бо роҳи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ ва кафолатҳои давлатӣ фаъолияти бахши хусусиро ҳавасманд месозад. Аз ҷониби дигар, бахши хусусӣ бо пешниҳоди ноу-хау, самаранокии идоракунӣ ва истифодаи технологияи муосир метавонад ба татбиқи босифати лоиҳаҳо саҳмгузор бошад.

Аз ин рӯ, ШДБХ ҳамчун шакли мутавозуни ҳамкорӣ, дар баробари тақвияти иқтидори иқтисодӣ, ба таъмини рушди инноватсионӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ мусоидат менамояд. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ки дар он самаранокии истифодаи захираҳо ва муҳити устувори сармоягузорӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд, аҳамияти чунин ҳамкорӣ боз ҳам зиёдтар мегардад.

Дар адабиёти илмии муосир ҳамкории давлат бо соҳибкорон бештар ба воситаи таҳлили дурустии сиёсати давлатӣ, фазои танзим, дастрасии инфрасохторӣ, муносибати молиявӣ ва шаффофияти маъмурӣ арзёбӣ мешавад. Дар натиҷаи таҳлили манбаъҳои илмӣ ва

таҷрибаи амалии як қатор кишварҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки модели муассири ҳамкорӣ бояд якҷояи се унсури калидиро дар бар гирад:

- таҳкими заминаҳои институтсионалӣ;
- таъмини фазои муътадили сармоягузорӣ ва молиявӣ;
- самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти муштарак.

Муқаддасзода Ф.М. таъкид менамояд, ки "рушди ҳамкории муассир миёни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити воқеии соҳибкории рақобатпазири Тоҷикистон танҳо тавассути ташаккули институтҳои фаъоли дуҷониба ва ҷорӣ намудани механизмҳои стратегӣ амалӣ мегардад" [3]. Воқеан дар шароити муосир дар ҷумҳурӣ ҳамкорӣ бояд ба рушди истеҳсолот, коркарди маҳсулоти рақобатпазири бозорӣ ва татбиқи навовариҳо равона карда шавад. Ба ҳамин васила метавон фазои соҳибкориро аз мавқеи вобаста ба дастгирӣ ба фазои фаъол ва созанда табдил дод.

Истифодаи чунин модели муносибат имкон медиҳад, ки вазифаҳои сиёсати иқтисодӣ, ба монанди диверсификатсияи истеҳсолот, беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳо, бо дастгирии бахши хусусӣ ба таври мақсаднок амалӣ шаванд.

Таҳлили таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои ташаккул ва рушди ШДБХ на танҳо қонунгузорӣ ва муҳити иқтисодӣ, балки механизмҳои татбиқ ва ҳавасмандгардонӣ нақши калидӣ мебозанд.

Олмон яке аз намунаҳои муваффақи ҳамкории давлатӣ ва бахши хусусӣ маҳсуб мешавад, ки дар он моделҳои гуногуни консессия, шартномаҳои хизматрасонӣ ва шаклҳои омехтаи маблағгузорӣ бо сатҳи баланди институтсионалӣ истифода мешаванд. Ба воситаи барномаҳои давлатӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои хурду миёна, таъсиси марказҳои машваратӣ ва платформаҳои рақамии ҳамкорӣ амалӣ мегардад. Ин механизмҳо имконият медиҳанд, ки субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи инфрасохторӣ, саноати коркард ва хидматрасонии иҷтимоӣ нақши фаъол бозанд [2].

Кореяи Ҷанубӣ аз соли 1994 татбиқи пайгиронаи ШДБХ-ро ба роҳ монда, бахши хусусиро ба татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ ҷалб мекунад. Модели шарикӣ ба таври васеъ дар сохтмон ва идоракунии мактабҳо, беморхонаҳо ва нерӯгоҳҳо истифода шуда, баъд аз анҷоми сохтмон идоракунии иншоотҳо ба соҳибкорони хусусӣ вогузор мегардад. Ин таҷриба имкони баланд бардоштани самаранокии идоракунии объектҳои муҳими иҷтимоиро фароҳам овардааст [8].

Қазоқистон, ҳамчун яке аз кишварҳои ИДМ, низ дар самти танзими ҳуқуқии ШДБХ пешрафтҳои назаррас дорад. Қонуни махсуси "Оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ" аз соли 2006 заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии татбиқи чунин ҳамкориро фароҳам овард. Айни замон, дар ин кишвар беш аз 900 лоиҳаҳои ШДБХ дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, инфрасохтор ва технологияҳои иттилоотӣ амалӣ мегарданд. Ҷорӣ намудани портали ягонаи рақамӣ барои пешниҳоди лоиҳаҳо имкони баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии маълумотро таъмин намудааст [6].

Ҳиндустон ба шарофати механизмҳои ҳадафманд, бахусус барои дастгирии соҳибкории занон ва гурӯҳҳои осебпазир, тавонист фаъолияти ШДБХ-ро бо татбиқи барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок тавсеа диҳад. Механизмҳои мазкур ба соҳибкорони нав имкон медиҳанд, ки бе гарав ва бо шартҳои сода маблағгузорӣ шаванд. Ин таҷриба дар кишварҳое чун Тоҷикистон, ки дорои сатҳи баланди нобаробарии минтақавии иқтисодӣ мебошанд, қобили истифода мебошад.

Сингапур, ҳамчун кишвари инноватсионӣ, дар заминаи рушди стартапҳо, технопаркҳо ва инкубаторҳои соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ фаъол аст. Барномаҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва дастгирии технологияҳои нав тавассути ШДБХ амалӣ мегарданд. Ин таҷриба метавонад барои Тоҷикистон, ки раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодӣ ва идорӣ ҳоло дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад, намунаи мувофиқ бошад [7].

Рушди самараноки фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба ҳайси яке аз омилҳои муҳимми таҳкими иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Ҳарчанд дар солҳои охир як қаторислоҳот амалӣ шуда, стратегияҳои марбута қабул ва сохторҳое, чун Шурои миллии рушди соҳибкорӣ фаъол гаштаанд, фазои соҳибкорӣ ҳамоно ба як силсила монеаҳо рӯ ба рӯ мебошад. Дар чунин ҳолат, ҳамкории устувори миёни давлат ва бахши хусусӣ метавонад воситаи муҳими коҳиши хавфҳо ва ҷалби манбаъҳои иловагии сармоя ба ҳисоб равад.

Тибқи маълумоти таҳлилӣ, то соли 2023 дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва бо мусоидати Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ҳамагӣ 9 лоиҳа дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт ва обу партов амалӣ гардидаанд. Ин шумора нисбат ба имкониятҳои иқтисодии кишвар ва зарурати инфрасохтори муосир ниҳоят маҳдуд мебошад.

Аксари ин лоиҳаҳо танҳо ба таъмиру таҷдид ва истифодаи маҳдуд равона шуда, саҳми онҳо дар рушди истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва тавсеаи хизматрасониҳо ночиз боқӣ мондааст. Монеаҳои асосӣ – муҳлати дарози бозгардони сармоя, хавфнокии сармоягузорӣ, набудани механизмҳои воқеии ҳавасмандсозӣ ва заъфи заминаҳои ниҳодӣ дар сатҳи маҳаллӣ - фаъолияти самараноки ин равандро маҳдуд месозанд.

Дар муқоиса, таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки бо роҳандозии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва таъсиси Агентии махсус, танҳо дар соли 2022 беш аз 170 созишномаи ШДБХ ба имзо расида, зиёда аз 4,5 миллиард доллари ИМА сармоягузории хусусӣ ҷалб шудааст [9]. Лоиҳаҳо соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, фарҳанг, тандурустӣ ва идоракунии захираҳои обро фаро гирифтаанд. Таҷрибаи Ӯзбекистон собит месозад, ки ҳангоми таъмини заминаи ҳуқуқии устувор, механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва дастгирии институтсионалӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба омили муҳими рушди инфрасохтор ва коҳиши сарбории буҷет табдил ёбад.

Бо дарназардошти ин, барои густариши ШДБХ дар Тоҷикистон зарур аст, ки механизмҳои татбиқ, хусусан дар соҳаҳои иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз, такмил дода шаванд. Самаранокии ин раванд барои шарикӣ дар асоси шаффофият, дастрасии маълумот ва ҳимояи манфиатҳои ҳарду ҷониб вобаста аст.

Ба андешаи мо, рушди ҳамкории мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ танҳо дар ҳолате самараи воқеӣ медиҳад, ки монеаҳои сохтории мавҷуда бартараф ва муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, молиявӣ ва маъмурӣ таъмин карда шавад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар Тоҷикистон ҳамкорӣ бештар ба лоиҳаҳои хурди инфрасохторӣ ва хизматрасонии маҳаллӣ маҳдуд гашта, иштироки бахши хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳои бузурги миллӣ хеле кам аст.

Аз ин рӯ, барои такмили низоми ҳамкорӣ зарур аст, ки дар сатҳи давлатӣ на танҳо ислоҳоти ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, балки ташкили фишангҳои иқтисодии воқеӣ амалӣ гардад. Ба сифати чунин фишангҳо метавон рушди бозори сармоя, пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, механизмҳои имтиёзноки андозбандӣ ва дастгирии техникиро мисол овард.

Дар замони муосир, ҳамкории стратегӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ бояд ба самтҳои нави афзалиятнок, аз ҷумла рақамикунонии иқтисодиёт, иқтисоди сабз, энергетикаи барқароршаванда ва кластерҳои инноватсионӣ равона гардад. Ин раванд имкон медиҳад, ки на танҳо мушкилоти сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор ҳал гардад, балки муҳити рақобатпазиру инноватсионӣ барои бахши хусусӣ фароҳам шавад.

Чунин мешуморем, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ниёз ба таҷдиди инфрасохтор, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва татбиқи технологияҳои нав рӯ ба рӯ аст, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ метавонад ҳамчун як воситаи муҳими ҳавасмандсозии сармоягузорӣ ва баландбардории самаранокии иқтисодӣ истифода шавад. Таҷрибаи кишварҳои муваффақ нишон медиҳад, ки шаклҳои гуногуни шарикӣ метавонанд барои пешбурди ҳадафҳои стратегии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ заминаи мусоид фароҳам оранд.

Бо дарназардошти имкониятҳои дохилии иқтисодӣ ва талаботи рушди босубот, ба андешаи мо, самтҳои зерин ҳамчун афзалиятноки ҳамкории мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мебошанд:

1. Рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳои коммуналӣ

Соҳибкорон метавонанд дар соҳаи сохтмон, таҷдид ва истифодабарии роҳҳо, шабакаҳои барқӣ, обу корез, инфрасохтори нақлиётӣ ва рақамӣ саҳм гузоранд. Давлат, бо фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, метавонад ин равандро суръат бахшад. Лоиҳаҳои муштарак метавонанд на танҳо ба беҳтар гардидани инфрасохтор, балки ба рушди истеҳсолот ва паст кардани сатҳи бекорӣ мусоидат намоянд.

2. Соҳибкории иҷтимоӣ ва рушди хизматрасониҳо

Бахшҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз самтҳои муҳим ва дар айни ҳол осебпазири соҳаҳо ба шумор мераванд. Дар ҳолати ҳамкории фаъол бо бахши хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ метавонанд бо шароити муосир таъмин шуда, сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ беҳтар гарданд. Иштироки соҳибкорон дар ин самт на танҳо аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим аст, балки барои иқтисоди миллӣ низ манфиатовар мебошад.

3. Саноати коркард ва кишоварзӣ

Бо ҷалби бахши хусусӣ ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди анборҳо, марказҳои бастабандӣ ва содирот, имкони баланд бардоштани арзиши иловашуда ва инкишофи бозорҳо ба вуҷуд меояд. Ин ҳамкорӣ метавонад ба таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани даромади аҳолӣ дар минтақаҳои деҳот мусоидат кунад.

4. Татбиқи иқтисоди рақамӣ

Соҳибкории рақамӣ ҳамчун соҳаи наву афзалиятнок бояд тавассути ташкили инфрасохтори рақамӣ, рушд додани хизматрасониҳои маҷозӣ, ҳавасмандгардонии стартапҳо ва соддагардонии расмиёти маъмурӣ дастгирӣ ёбад. Давлат метавонад бо пешниҳоди дастгирии техникӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ барои татбиқи ин самт саҳмгузор бошад.

5. Шарикӣ дар самти рушди "иқтисоди сабз"

Ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои энергетикаи барқароршаванда (энергияи офтоб, бод), истифодаи оқилонаи об, коркарди партовҳо ва ташкили шабакаҳои логистикии сабз самтҳое мебошанд, ки тавассути ШДБХ метавонанд густариш ёбанд. Барои Тоҷикистон, ки таҳти таъсири тағйирёбии иқлим қарор дорад, рушди иқтисоди сабз аҳамияти муҳим дорад.

Барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар самти ҳамкории судманд, татбиқи чунин иқдомҳо зарур аст:

- такмили низоми қонунгузорӣ ва фазои танзимкунанда – зарур аст, ки ки механизмҳои иҷозатдиҳӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳо содда гардонида шаванд;
- татбиқи барномаҳои ҳавасмандгардонӣ – ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ, дастрасии сабуктар ба қарзҳо, грантҳо ва субсидияҳо барои ширкатҳое, ки дар самти рақамикунонӣ ва иқтисоди сабз фаъолият мекунанд;
- ташкили курсҳои омӯзишӣ ва дастгирии иттилоотӣ – барои соҳибкорон ва кормандони бахши давлатӣ зарур аст, ки семинару машваратҳо оид ба ШДБХ, технологияи рақамӣ ва экологӣ ташкил ва гузаронида шаванд;
- раванди арзёбӣ ва мониторинг – бояд механизмҳои арзёбии таъсири иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодии лоиҳаҳо ба роҳ монда шаванд, то самаранокии ҳамкорӣ мунтазам таҳлил ва такмил дода шавад;
- густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ – бо мақсади ҷалби таҷриба ва сармояи хориҷӣ, бояд робитаҳо бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд тақвият дода шаванд.

Ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон имконияти воқеии рушди иқтисоди миллӣ, рушди устувор ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолиро фароҳам меорад. Барои истифодаи самараноки ин имконият, зарур аст, ки давлат сиёсати фаъоли ҳавасмандсозиро боз ҳам таҳким бахшад, шароити ҳуқуқӣ ва молиявиро беҳтар намояд ва самтҳои

афзалиятнокро дақиқ муайян ва амалӣ созад. Танҳо дар чунин ҳолат ШДБХ ҳамчун муҳими муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амал хоҳад кард.


**АДАБИЁТ**

1. Глазев С.Ю. Экономика развития. – М.: Экономика, 2016. – 296 с.
2. Гритсенко Е.В., Вилл Р. *Публично-частное партнёрство в муниципальной сфере: германский и российский опыт* / под ред. Е. В. Гриценко, Г. Манссена, А. Химмельрайх. - М.: Infotropic Media, 2014. – С. 113-128.
3. Муқаддасзода Ф.М. Рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бозорӣ: дисс. доктори илми иқтис. – Душанбе, 2020. – 305 с.
4. Низомов Н.Н. Асосҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 192 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28 декабри соли 2023. – [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз: https://president.tj
6. Mouraviev N., Kakabadse N.K. Risk allocation in a public–private partnership: a case study of construction and operation of kindergartens in Kazakhstan. – *Journal of Risk Research*, 17(5), 2014. – P. 621-640.
7. National University of Singapore study. *Public-Private Partnerships in Singapore: Efficiency and Speed*. – 2025.
8. World Bank. *Benchmarking Infrastructure 2023 in Korea, Rep.* – 2023.
9. World Bank. Uzbekistan Infrastructure Governance Review. Washington, DC: World Bank, 2023. 52 p.

**ТДУ: 338.49**

# ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИНФРАСОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуғаффор Рауфӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

***Аннотатсия.*** *Дар мақола зарурияти ба эътибор гирифтани ҳолатҳои таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Муаллиф таъкид менамояд, ки рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ба таври мустақим аз сатҳу сифати рушди инфрасохтор вобаста мебошад. Инфрасохтор на танҳо ҳамчун пояи техникӣ ва иқтисодӣ, балки ҳамчун унсури муҳими таъминкунандаи пайвастагии иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва тавсеаи имкониятҳои бозорӣ баррасӣ мешавад.*

*Мақолаи мазкур нишон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси фаъолияти инфрасохтор, аз қабили мутамарказӣ будан, давомнокӣ, таъсири фарох ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва вобастагии зич аз омилҳои экологӣ, ба таври бевосита хусусиятҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишварро муайян мекунанд. Муаллиф асоснок месозад, ки барои ноил шудан ба рушди устувор, сиёсати давлатӣ ва барномаҳои стратегӣ бояд ба мутобиқсозии инфрасохтор ба талаботи муосир, аз ҷумла истифодаи технологияҳои сабз, афзалият дода шавад.*

*Ҳамзамон, масъалаҳои вобастагии рушди устувори инфрасохтор аз самтҳои муҳити атроф, захираҳои табиӣ ва имкониятҳои бозорӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Мақола хулоса мекунад, ки танҳо ҳамгироии сиёсатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонад заминаи боэътимод барои рушди устувори инфрасохтор ва тавассути он барои рушди мутавозин ва дарозмуддати иқтисодиёти Тоҷикистон фароҳам оварад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушд, устувор*, инфрасохтор, иқтисодиёт, бозор, экология, муҳити атроф, стратегия, сиёсат.

# *ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА*

**Абдугаффор Рауфи**
доктор экономических наук, профессор
Национальная академия наук Таджикистана

***Аннотация.*** *В статье рассматривается необходимость учета условий обеспечения устойчивого развития инфраструктуры экономики Республики Таджикистан. Автор подчеркивает, что устойчивое развитие всех отраслей экономики напрямую зависит от уровня и качества развития инфраструктуры. Инфраструктура рассматривается не только как техническая и экономическая основа, но и как важный элемент, обеспечивающий социальную связанность, охрану окружающей среды и расширение рыночных возможностей.*

*В статье показано, что такие специфические характеристики инфраструктуры, как централизованность, длительность функционирования, широкое воздействие на различные сферы экономики и тесная зависимость от экологических факторов, напрямую определяют особенности обеспечения устойчивого развития экономики страны. Обосновывается, что для достижения устойчивого развития государственная политика и стратегические программы должны уделять приоритетное внимание адаптации*

*инфраструктуры к современным требованиям, включая использование «зеленых» технологий.*

*Одновременно анализируется зависимость устойчивого развития инфраструктуры от состояния окружающей среды, природных ресурсов и рыночных возможностей. Делается вывод, что только интеграция экономической, социальной и экологической политики может создать надежную основу для устойчивого развития инфраструктуры и, через нее, для сбалансированного и долгосрочного развития экономики Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *развитие, устойчивость, инфраструктура, экономика, рынок, экология, окружающая среда, стратегия, политика.*

## *ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN'S ECONOMIC INFRASTRUCTURE*

**Abdugaffor Raufi**
Doctor of Economic Sciences, Professor
National Academy of Sciences of Tajikistan

***Abstract.*** *The article examines the necessity of taking into account the conditions required for ensuring the sustainable development of Tajikistan's economic infrastructure. The author emphasizes that the sustainable development of all sectors of the economy directly depends on the level and quality of infrastructure development. Infrastructure is viewed not only as a technical and economic foundation, but also as a key element that ensures social connectivity, environmental protection, and the expansion of market opportunities.*

*The study highlights that such specific features of infrastructure as centralization, long-term functioning, broad influence across economic sectors, and close dependence on environmental factors directly determine the characteristics of ensuring sustainable development of the national economy. It is substantiated that in order to achieve sustainable development, state policy and strategic programs must prioritize the adaptation of infrastructure to modern requirements, including the adoption of green technologies.*

*At the same time, the article analyzes the dependence of sustainable infrastructure development on environmental conditions, natural resources, and market opportunities. The conclusion is drawn that only the integration of economic, social, and environmental policies can provide a reliable foundation for the sustainable development of infrastructure and, through it, for balanced and long-term economic growth in Tajikistan.*

***Keywords:*** *development, sustainability, infrastructure, economy, market, ecology, environment, strategy, policy.*

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали мустақилияту соҳибихтиёрӣ роҳи рушди иқтисодиёти бозориро пеш гирифт. Бинобар ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки вазифаи асосии имрӯзаи мо сохтани муносибатҳои бозаргонии пурарзиш дар ҳамаи системаи иқтисодиёти миллӣ мебошад [1].

Ҳозир Тоҷикистони мустақилу соҳибихтёр ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонӣ ворид гаштааст. Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонӣ алакай аз нимаи дуюми асри 20 сар карда муносибатҳои иқтисодии мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ ҳукмронанд, ки онҳо дар марҳилаи рушди иқтисодиёти баъдииндустриалӣ қарор доранд. Чунин вазъият моро водор мекунад, ки барои таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт ба се ҳолат диққат дода муносибатҳои иқтисодии худро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян намоем.

Якум. Мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ то нимаи асри 20 дар марҳилаи рушди иқтисодиёти индустриалӣ буданд ва дар бозори ҷаҳонӣ бозори истеҳсолкунандагон ҳукмрон буд. Корхонаҳои калону азими мамлакатҳои рушдкардаи иқтисодӣ барои гирифтани фоидаи

калон бо тамоми тавоноиашон сарватҳои табииро дар гардиши истеҳсолот истифода мебурданд. Чунин муносибат ба он оварда расонд, ки дар баробари афзоиши иқтисодиёт барои қонеъ гардонидани талабот ба неъматҳои моддӣ сарватҳои табиӣ ҳамчун масолеҳ ва ашёи табиӣ барои истеҳсоли молҳои органикии аз ҷиҳати экологӣ безарар маҳдуд буданд ва намерасиданд. Бинобар ин вазъияти ба вуҷуд омада тағйир додани муносибат ба истифодаи боигариҳои табиатро талаб мекунад, яъне таъмин кардани рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт бо ёфтани созиши боандешаона байни афзоиши иқтисодиёт ва ҳифзи боигариҳои табиат.

Дуюм. То нимаи асри 20, яъне то солҳои 50-уми асри 20, иқтисодиёти мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодӣ дар марҳилаи иқтисодиёти индустриалӣ буданд, ки дар сохтори иқтисодиёти онҳо ҳиссаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, дар навбати аввал саноат нақши калон доштанд. Дар нимаи дуюм, аниқтараш дар солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри 20-ум баъди табадулоти саноатии дар солҳои 40-уми асри 20-ум гузашта ва дигар тағйиротҳои дар ин давра ба вуҷуд омада дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятии дунё ба вуҷуд омад. Дар ин давра дар ҳаёти иқтисодии мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон ба ҷои иқтисодиёти индустриалӣ муносибатҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ (ё иқтисодиёти ахборотӣ) ҳукмрон гаштанд. Дар бозори ҷаҳонӣ ва ҳатто дар байни мамлакатҳои ҷудогона муносибатҳои бозаргонӣ мувофиқи талаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ ҳалли худро меёбанд. Бозор дар шароити иқтисодиёти баъдииндустриалӣ бозори истеъмолкунандагон аст ва дар ин марҳила дар сохтори иқтисодии мамлакатҳои рушдкарда ҳиссаи асосиро ҳам дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳам дар шуғли аҳолӣ соҳаҳои инфрасохторӣ ишғол мекунанд. Бо назардошти ин ба соҳаҳои инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат лозим меояд, ки онҳо, аз як тараф, ҳангоми фаъолияти худ рушди устувори соҳаҳои худро таъмин кунанд, аз тарафи дигар, азбаски соҳаҳои инфрасохтор барои рушди ҳамаи соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ шароитҳои умумии зарурӣ месозанд, бинобар ин онҳо рушди устувори ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллиро бояд таъмин карда тавонанд.

Сеюм. Инфрасохтори иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамчун дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат дар марҳилаи то индустриалӣ қарор дорад. Барои ҷавобгӯй ба талаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ фаъолият кардан лозим меояд, ки дар таъмини рушди устувори инфрасохтори мамлакат ҷаҳиш карда шавад, яъне бисёр муносибатҳои иқтисодии то индустриалӣ ва индустриалиро гузашт карда (паси сар карда), дар ҳамаи соҳаҳои инфрасохтори мамлакат бо муносибатҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ коргузорӣ кардан ба роҳ монда шавад. Ин имконият медиҳад, ки мувофиқи талаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат таъмин гардад ва ба рушди устувори иқтисодиёт шароитҳои умумии зарурӣ сохта шаванд.

Термини инфрасохтор аввалин маротиба дар солҳои 20-ми асри 20 дар соҳаи ҳарбӣ истифода шудааст. Дар ин ҷо маҷмӯи иншоотҳое, ки амалиёти самараноки қувваҳои мусаллаҳро таъмин мекарданд инфрасохтори соҳаи ҳарбӣ номида мешуданд.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми инфрасохтор дар солҳои 30-40-ми асри 20 пайдо шуд. Дар ин давра иқтисодиёти мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодӣ дар марҳилаи иқтисодиёти индустриалӣ буданд, ки дар сохтори иқтисодиёти онҳо ҳиссаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, дар навбати аввал саноат нақши калон доштанд. Бозор дар он марҳила бозори истеҳсолкунандагон буд. Бинобар ин ҳамаи соҳаҳои дигар, ки барои рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ – саноат ва кишоврзӣ шароитҳои умумии зарурӣ месозанд, соҳаҳои инфрасохтори иқтисодиёти миллӣ ҳисоб мешаванд.

Аз ин ҷо, инфрасохтор – комплекси объектҳо ва сохторҳои бо ҳам алоқаманде мебошанд, ки барои рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ шароитҳои умумии зарурӣ месозанд. Ба инфрасохтор соҳаҳои нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо, энергиятаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд.

Ҳамаи соҳаҳои инфрасохторӣ ба 2 гурӯх ҷудо мешаванд: инфрасохтори истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ. Ба инфрасохтори истеҳсолӣ соҳаҳои сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо, энергиятаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ ва ба монанди инҳо дохил мешаванд. Ба инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд.

Дар нимаи дуюми асри 20-ум, аниқтараш дар солҳои 50-ум ва аввали 60-уми асри 20-ум дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятии дунё ба вуҷуд омаданд. Дар ин давра дар ҳаёти иқтисодии мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон ба ҷои муносибатҳои иқтисодиёти индустриалӣ муносибатҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ (ё иқтисодиёти ахборотӣ) ҳукмрон гаштанд. Дар ин марҳила бисёр мамлакатҳои рушдкарда ва рӯй ба рушд оварда бо роҳи ҷаҳиш кардан суръати афзоиши иқтисодии худро мувофиқи тадаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ тезониданд ва мувофиқи талаботи рушди устувори иқтисодиёт бояд рушдеро таъмин карда тавонанд, ки насли оянда таъминкунии эҳтиёҷоташонро худашон бояд ҳал кунанд [2, с. 467].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи мамлакатҳои рушдкарда ва рӯй ба рушд оварда барои таъмини рушди иктисодӣ ва иҷтимоии худ дар навбати аввал ба рушди соҳаҳои инфрасохторӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Бинобар ин аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам ба рушди соҳаҳои инфрасохторӣ имкониятҳои калон фароҳам оварда шуданд. Ба ин рушди сохтмони нақлиётӣ, алоқа, истгоҳҳои хурду калони энергетикӣ, обанборҳо, мактабҳо, иншоотҳои тандурустӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Бояд қайд кард, ки сатҳи пасти рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи бисёр шаҳру ноҳиҳои минтақаҳои Тоҷикистон аз набудани роҳҳои нақлиётӣ, нарасидани энергияи электрикӣ, таъмин накардани об, гармӣ, набудани таълимгоҳҳо ва хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи даркорӣ ва ба монанди инҳо соҳаҳои инфрасохторӣ сахт вобастагӣ дорад. Масалан, сари вақт нарасидани воситаҳои истеҳсолот ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва маҳсулоти тайёр кардаи онҳоро ба бозори фурӯш расонида натавонистан ба рушди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо имконият намедиҳад. Мунтазам нарасидани энергияи электрикӣ рушди бисёр корхонаҳоро қатъ мегардонад. Аз набудани инфрасохтори обтаъминкунӣ бисёр корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ фаъолият карда наметавонанд ва бисёр дигар мисолҳо. Бинобар ин рушди устувори инфрасохтор имконият медиҳад, ки рушди устувори иқтисодиёт аз доираи афзоиши иқтисодӣ баромада, камбизоатии аҳолӣ паст карда шавад, сатҳи некӯаҳволии одамон баланд бардошта шавад, дастрасии аҳолӣ ба маълумотгирӣ ва хизматрасонии тиббӣ беҳтар карда шавад ва дигар масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳалли мусбии худро ёбанд [3].

Ҳангоми таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт баъзе хусусиятҳои инфрасохторро ба эътибор гирифтан лозим аст.

Якум. Сохтани инфрасохтор бисёр маблағталаб мебошад. Масалан, 1 килметр роҳи автомобилии муътадили магистралии сахт пушондашуда ба ҳисоби миёна на камтар аз 1,6-1,8 млн доллар меистад. Бо назардошти ин ҳангоми сохтани объектҳои нақлиётӣ, алоқа, обтаъминкунӣ, энергиятаъминкунӣ, таълимгоҳҳо, иншоотҳои тибби, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои инфрасохторӣ чораҳои зарурии истифодабарии самараноки онҳо низ бояд кор карда амалӣ гардонда шаванд, то ки дар муҳлати пешбинишудаи истифодабарӣ инфрасохтор пеш аз муҳлат корношоям нашавад. Бинобар ин рушди устувори инфрасохтор ба он нигаронда шудааст, ки қаноатмандгардонии талаботҳои ҳаётии насли ҳозира ҳамингуна қаноатмандгардонии насли ояндаро низ таъмин карда тавонад. Дар ин ҷо рушди устувори инфрасохтор маънои онро дорад, ки дар натиҷаи истфодабарии инфрасохтор на танҳо афзоиши иқтисодӣ таъмин карда шавад, балки ҳангоми боадолатона тақсим кардани натиҷаи афзоиши иқтисодӣ ҳаҷми барқароркунии муҳити атроф назар ба ҳаҷми вайрон кардаи вай зиёд бошад, яъне имкониятҳои зиндагии одамонро баланд бардошта, ба камбағалшавии онҳо роҳ надиҳад [4, с. 467-468].

Дуюм. Барои сохтани объектҳои инфрасохтор истифодаи техникаи сохтмонӣ дар бисёр ҷойҳо душвор аст. Ин, албатта, сохтани объектҳои инфрасохторро мушкил мегардонад

ва бештар вақт бо ҳамин сабаб нобаробар ҷойгиркунонии объектҳои инфрасохтор дар сарзамини мамлакат ба вуҷуд меояд. Масалан, бисёр минтақаҳои Тоҷикистон ва дигар хоҷагиҳои ба инфрасохтор эҳтиёҷмандбуда бо роҳҳои нақлиётии қаноатмандкунанда, бо об, бо энергияи электрикӣ, гармидиҳӣ, иншоотҳои иҷтимоӣ ва ба монанди инҳо соҳаҳои инфрасохторӣ бо сабаби душвории истфода кардани техникаи сохтмонии инфрасохтор бо инфрасохтори зарурӣ таъмин шуда наметавонанд. Чунин вазъият устувориии тақсимоти боадолатонаи боигарии иқтисодиро барои бисёр наслҳо ҳангоми нигоҳдории сифати хизматрасонии муҳити атроф душвор мегардонад. Сари вақт нарасидани воситаҳои истеҳсолот ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва маҳсулоти тайёр кардаи онҳоро ба бозори фурӯш расонида натавонистан ба рушди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо имконият намедиҳад. Мунтазам нарасидани энергияи электрикӣ рушди бисёр корхонаҳоро қатъ мегардонад. Аз набудани инфрасохтори обтаъминкунӣ бисёр корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ фаъолият карда наметавонанд ва бисёр дигар мисолҳо.

Сеюм. Сохтмони объектҳои инфрасохторӣ метавонад зиёни экологӣ расонад. Масалан, дар натиҷаи сохтани объектҳои нақлиётӣ, обтаъминкунӣ, энергиятаъминкунӣ ва ғайраҳо масофаи зиёди замин аз дигар истифодабарӣ мемонад, партовҳо аз набудан ва ё истифодаи нодурусти инфрасохтори партовбарӣ муҳити атрофро вайрон мекунанд. Бинобар ин ҳангоми сохтан ва истифодабарии инфрасохтор маҷмӯи муносибатҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёт бояд риоя карда шаванд, яъне чораҳое дида шаванд, ки камбизоатӣ аз байн равад, на танҳо афзоиши иқтисодӣ таъмин гардад, балки рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, муттаҳидии иқтисодиёт ва экология дар рафти қабули қарорҳо дар ҳамаи сатҳо ҷой дошта бошад, яъне афзоиши иқтисодӣ талаботи одамонро дар ҳудуди имкониятҳои экологии сайёра қаноатманд гардонад [5].

Чорум. Маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ метавонанд дар корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Вале таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ асосан молҳое мебошанд, ки бе онҳо дигар соҳаҳои ҷамъият фаъолият карда наметавонанд. Бинобар ин таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ молҳои ҳаётан муҳим ҳисоб мешаванд ва онҳо моликияти табии давлат мебошанд. Хариду фурӯши таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ дар бозори монополияи соф мегузаранд, ки дар ин бозор танҳо як фурӯшанда аст – ин ҳам давлат мебошад ва доду гирифт дар ин бозор на бо нархи бозорӣ, балки бо нархи ягонаи муқараркардаи давлат мегузарад. Бинобар ин сиёсати давлат дар соҳаи рушди устувори инфрасохтор бо назардошти таъмини рушди устувори ҳам инфрасохтор ва ҳам рушди устувори иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда мешавад, яъне дар маркази рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт одам меистад, ки вай рӯй ба ҳифзи табиат дорад.

Панҷум. Ҳангоми таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт хароҷотҳо ва фоида аз таъминкунӣ ва истифодабарии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ бевосита ва бавосита муайян карда мешаванд. Ҳисобкунии бевосита барои фаъолияти худи соҳаҳои инфрасохторӣ истифода мешавад, то ки онҳо фаъолияти рақобатпазирии худро таъмин карда тавонанд. Ҳисобкунии бавосита дар миқёси давлат амалӣ када мешавад. Дар ин ҷо фоида аз истифодабарии таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ ба воситаи соҳаҳое муайян карда мешавад, ки онҳо бо истифодаи маҳсулот ва хизматрасониҳои таъминкардаи соҳаҳои инфрасохторӣ фаъолияти самараноки худро ба роҳ мемонанд, натиҷаҳои баланд мегиранд ва пардохтҳое, ки онҳо ба давлат дар шакли андоз ва дигар пардохтҳо мекунанд, хароҷотҳои буҷети давлатро барои нигоҳдории соҳаҳои инфрасохторӣ садкаратаҳо пушонида боз фоидаи барзиёд меоранд. Давлат ҳамчун соҳибмулк аз таъмини рушди устувори инфрасохтор на танҳо натиҷаҳои иқтисодӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ ва экологиро низ ба эътибор мегирад [6]. Дар ин ҷо рушди устувори инфрасохтор се қисмати асосӣ дорад: афзоиши иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити атроф. Бинобар ин ҳангоми таъмини рушди устувори

инфрасохтори иқтисодиёт интихоб байни рушди иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити атроф ҷой надорад. Ҳангоми риояи тартиботи муайян мо бояд дар як вқт ҳам ин ва ҳам онро таъмин намоем [7].

Шашум. Дар таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёти муосир омили муҳимтарин – омили инсонӣ мебошад. Маҳз одамон бо донишу малакаи баланди худ метавонанд муъҷизаҳои ҳайратоварро офаранд ва сатҳи баланди технологияи соҳаҳои инфрасохтории ватании худро таъмин намоянд. Бо ин мақсад ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамони соҳаҳои инфрасохторӣ диққати аввалиндараҷа додан лозим меояд. Одамон ҳангоми истифодабарии инфрасохтори иқтисодиёт сатҳи харобшавии захираҳои табиат, мавҷуд будани технология оиди минималикунонии харобшавии табиат ва мавҷуд будани ивазкунандаҳои онҳоро ба назар мегиранд, то ки замин аз ҳад зиёд хароб карда нашавад. Одамон дар ҷамъият муайян мекунанд, ки барои аз нав коркардабароии партовҳо таҷҳизот насохта, захираҳои биологиро бераҳмона истифода бурдан лозим нест [8].

Ҳамин тариқ, таъмини рушди устувори инфрасохтори иқтисодиёт доимо муккамалгардонӣ ва таъминкунии қаноатмандгардонии талаботи насли ҳозираро бе маҳдуд кардани имкониятҳои қаноатмандгардонии талаботи насли ояндаро талаб мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Рахмон Э. Долгий путь к миру. – Душанбе: «Шарки озод», 1998. – С.57.
2. Рауфи А. Конкурентная экономика. / Под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 608 с.
3. Инвестирование и устойчивое развитие: оценка потребностей для достижения целей развития тысячелетия. Полный отчет. Таджикистан. – Душанбе: ПРООН, 2005. – С. 7-9.
4. Рауфи А. Конкурентная экономика. / Под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 608 с.
5. Андрианов В. Д. Россия: экономический и инвестиционный потенциал. – М.: ОАО «Издательство «Экономика», 1999. – С. 592.
6. Родина Е. М. Устойчивое развитие эколого-экономических систем. – Бишкек: ПРООН, 2003. – С. 6.
7. Устойчивая экономика. – Офис международных информационных программ. Государственный департамент США, 2002. – С. 1.
8. Валлерстайн И. Экология и экономика в глобальном контексте. // Вопросы экономики. – 2006. - № 11. – С. 97.

## «ЗЕЛЕНАЯ ЭКОНОМИКА» НОВАЯ МОДЕЛЬ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ

**Усманова Туфа Джумаевна**
доктор экономических наук, профессор
Технологический университет Таджикистана

*В статье рассматриваются современные экологические вызовы, стоящие перед глобальной экономикой, включая истощение природных ресурсов, изменение климата и деградацию окружающей среды. Анализируются теоретические основы концепций нулевого и ограниченного роста, предложенных как альтернативы традиционной модели бесконечного экономического роста. Особое внимание уделяется переходу к «зелёной экономике» как новой парадигме устойчивого развития. Рассматривается влияние научно-технического прогресса на формирование экологически ориентированной экономической системы. Также обоснована необходимость включения экологического компонента в систему производственных отношений, опираясь на диалектический закон соответствия производственных отношений уровню развития производительных сил, сформулированный К. Марксом. Отдельное внимание уделяется опыту Республики Таджикистан в разработке национальной стратегии зелёной экономики. Автор делает вывод о необходимости теоретического переосмысления и практической реализации новой модели социально-экономического развития, ориентированной на устойчивость, ресурсосбережение и социальную справедливость.*

***Ключевые слова:*** *зелёная экономика, устойчивое развитие, нулевой рост, ограниченный рост, производственные отношения, производительные силы.*

## «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ» МОДЕЛИ НАВИ СИСТЕМАИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**Усмонова Туфа Ҷумаевна**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

*Ин мақола чолишҳои экологии муосирро, ки бо иқтисоди ҷаҳонӣ рӯбарӯ ҳастанд, аз ҷумла камшавии захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва таназзули муҳити зист баррасӣ мекунад. Асосҳои назариявии мафҳумҳои рушди сифрӣ ва маҳдуд, ки ҳамчун алтернатива ба модели анъанавии рушди беохири иқтисодӣ пешниҳод шудаанд, таҳлил карда шудаанд. Диққати махсус ба гузариш ба «иқтисоди сабз» ҳамчун парадигмаи нави рушди устувор дода мешавад. Таъсири пешрафти илму техника ба ташаккули системаи иқтисодии аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашуда дида мешавад. Зарурияти ба низоми муносибатҳои истеҳсолӣ дохил намудани ҷузъи экологӣ низ асоснок карда мешавад, ки ба қонуни диалектикии мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ ба дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи К.Маркс такя мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи стратегияи миллии иқтисоди сабз дода мешавад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки аз ҷиҳати назариявӣ аз нав дида баромада, татбиқи амалии модели нави тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро, ки ба устуворӣ, сарфаи захираҳо ва адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст, зарур аст.*

***Калидвожаҳо***: *иқтисоди сабз, рушди устувор, рушди сифрӣ, рушди маҳдуд, муносибатҳои истеҳсолӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда.*

# "GREEN ECONOMY" A NEW MODEL OF SOCIAL AND ECONOMIC SYSTEM

**Usmanova Tufa Jumaevna**
Doctor of Economic Sciences, Professor
Technological University of Tajikistan

*The article examines modern environmental challenges facing the global economy, including the depletion of natural resources, climate change and environmental degradation. The theoretical foundations of the concepts of zero and limited growth proposed as alternatives to the traditional model of endless economic growth are analyzed. Particular attention is paid to the transition to a "green economy" as a new paradigm of sustainable development. The influence of scientific and technological progress on the formation of an environmentally oriented economic system is considered. The need to include an environmental component in the system of production relations is also substantiated, based on the dialectical law of correspondence of production relations to the level of development of productive forces, formulated by K. Marx. Special attention is paid to the experience of the Republic of Tajikistan in developing a national strategy for a green economy. The author concludes that there is a need for theoretical rethinking and practical implementation of a new model of socio-economic development focused on sustainability, resource conservation and social justice.*

***Keywords**: green economy, sustainable development, zero growth, limited growth, production relations, productive forces.*

Современная глобальная экономика находится в состоянии системных трансформаций, вызванных пересечением экологических, социальных и технологических вызовов. В XXI веке на первый план выходят проблемы, которые ещё несколько десятилетий назад воспринимались как второстепенные: изменение климата, истощение природных ресурсов, рост социального неравенства и снижение качества жизни в ряде стран и регионов. Эти факторы существенно изменили саму логику экономического развития, поставив под сомнение традиционную модель роста, базирующуюся на количественном увеличении производства и максимизации прибыли. Если в индустриальную эпоху эффективность оценивалась исключительно через рост валового внутреннего продукта, то сегодня всё очевиднее становится, что такой подход не способен гарантировать устойчивое будущее.

В этой связи особую значимость приобретает концепция «зелёной экономики» как новой парадигмы, ориентированной на гармонизацию экономических, социальных и экологических целей. Она предполагает отказ от безграничного наращивания материального производства в пользу сбалансированного развития, основанного на рациональном природопользовании, инновациях в области возобновляемой энергетики и формировании экологически ответственного поведения общества.

Одним из первых вызовов традиционной парадигме экономического роста стала концепция «нулевого роста», разработанная в 1960-1970-е годы. В её основе лежала идея, что бесконечный рост невозможен в условиях ограниченности ресурсов планеты и что человечество должно выстраивать иные модели взаимодействия экономики и природы.

Теоретические предпосылки концепции во многом пересекались с классическим представлением о простом воспроизводстве, как о состоянии, когда экономика сохраняет стабильный уровень производства, не наращивая объёмы капитала. Однако, в отличие от простой схемы воспроизводства, акцент в концепции нулевого роста делался на экологической и социальной целесообразности ограничения роста [1].

Международное признание эта идея получила благодаря деятельности Римского клуба – объединения учёных, экономистов и общественных деятелей, которые поставили вопрос о пределах экономического роста в условиях ограниченности ресурсов. Знаковым событием стала публикация в 1972 году доклада «Пределы роста» под руководством Донеллы и

Денниса Медоузов. В этом исследовании, выполненном с использованием компьютерного моделирования, рассматривались различные сценарии будущего развития человечества. Большинство из них указывали на то, что при сохранении тенденций неконтролируемого роста мир неизбежно столкнётся с экологическим коллапсом и деградацией социальных институтов. Этот вывод стал одним из ключевых аргументов в пользу поиска альтернативных моделей развития.

С тех пор идеи устойчивости прочно вошли в международную политическую и экономическую повестку. Концепция устойчивого развития, сформулированная в докладе «Наше общее будущее» (1987), стала глобальной рамкой для выработки стратегий в области экономики, экологии и социальной политики. Она предполагает, что удовлетворение потребностей нынешнего поколения не должно происходить за счёт лишения будущих поколений возможности удовлетворять собственные потребности. На этой основе была выстроена современная система Целей устойчивого развития (ЦУР), утверждённых ООН в 2015 году.

В ответ на глобальные вызовы Республика Таджикистан в сентябре 2022 года утвердила «Стратегию развития зелёной экономики на 2023-2037 годы». Этот документ является программным и ориентирован на комплексное преобразование национальной экономики. Основные направления стратегии включают модернизацию энергетического сектора с акцентом на возобновляемые источники энергии, развитие ресурсосберегающих технологий, повышение экологической культуры населения, а также интеграцию принципов справедливости и инклюзивности в социально-экономическую политику.

Таджикистан демонстрирует приверженность общим трендам мировой экономики, одновременно учитывая национальную специфику и природные особенности страны.

Актуальность зелёной экономики сегодня подтверждается также изменениями в международных экономических отношениях. Всё большее количество стран и корпораций внедряют принципы ESG (Environmental, Social, Governance), которые предполагают включение экологических и социальных показателей в систему оценки эффективности бизнеса. Это свидетельствует о том, что парадигма развития смещается от узкой экономической выгоды к комплексному измерению качества жизни и устойчивости.

В научной мысли также всё более чётко прослеживается идея необходимости пересмотра классических категорий политической экономии. Производственные силы и производственные отношения, как известно, составляют фундамент любой экономической системы. В работе «К критике политической экономии» К. Маркс сформулировал закон соответствия производственных отношений уровню развития производительных сил. Суть этого закона заключается в том, что производственные отношения, в которые вступают люди, объективно предопределяются уровнем развития материально-технической базы общества. В этом контексте современные изменения, связанные с экологическими вызовами, закономерно требуют включения экологического измерения в систему производственных отношений.

Не случайно ещё в 1983 году мною в кандидатской диссертации была обоснована необходимость введения в систему производственных отношений нового элемента, а именно экологических производственных отношений. Суть их заключается в том, что устойчивость экономики не может быть достигнута без учёта взаимодействия общества и природы на институциональном уровне. Экологические производственные отношения отражают комплекс форм, норм и механизмов, регулирующих использование природных ресурсов, распределение экологических издержек и выгод, а также ответственность за сохранение экосистем.

Именно экологические производственные отношения могут стать связующим звеном между традиционной экономической теорией и новыми концепциями, такими как зелёная экономика и устойчивое развитие. Включение экологического компонента позволяет не

только адаптировать экономическую систему к современным вызовам, но и сформировать основу для долгосрочной стабильности.

На практике это выражается в необходимости реформирования институтов управления ресурсами, совершенствования законодательства в области экологии и экономики, а также интеграции принципов устойчивости в образовательные и культурные практики. Особая роль отводится государству, которое должно создавать благоприятные условия для внедрения зелёных технологий и стимулировать частный сектор к экологической ответственности.

Переход от традиционной модели роста к зелёной экономике является не просто модным трендом или реакцией на общественное давление. Это объективная необходимость, вытекающая из действия фундаментальных экономических законов. Игнорирование этих закономерностей чревато усилением кризисных процессов, тогда как их учёт открывает путь к формированию новой, более устойчивой и справедливой модели развития.

Формирование зелёной экономики и экологических производственных отношений можно рассматривать как стратегический ответ на глобальные вызовы современности. Для Таджикистана, как и для многих других стран, это не только возможность повысить эффективность национальной экономики, но и шанс занять достойное место в системе международного сотрудничества, ориентированного на устойчивое развитие.

Производственные силы традиционно рассматриваются как наиболее динамичный и революционный элемент экономической системы. Их развитие во многом опережает развитие производственных отношений. Именно по этой причине в научной литературе и в классических трудах К. Маркса неоднократно подчеркивалось, что производственные отношения, возникшие на определенном этапе как формы развития производительных сил, в дальнейшем начинают превращаться в их ограничители и оковы. Это противоречие становится источником глубинных кризисов, требующих разрешения. Диалектика этого процесса проявляется в том, что каждая ступень прогресса порождает новые формы взаимодействия экономики, общества и природы, которые не всегда соответствуют накопленному потенциалу производительных сил.

Экологическая система в известной мере воспроизводит логику развития экономики. Она также проходит свои стадии и сталкивается с противоречиями, которые необходимо осмыслить. На определенном историческом этапе стало очевидно, что бесконечный экологический рост невозможен. Это осознание связано с двумя фундаментальными проблемами, которые приобрели универсальный характер. Первая заключается в безграничности человеческих потребностей, которые по мере развития общества не только не сокращаются, но и усложняются, формируя новые запросы. Вторая проблема отражает объективную ограниченность и исчерпаемость природных ресурсов, которые не могут бесконечно удовлетворять возрастающий спрос.

Таким образом, перед обществом возникла задача научного анализа и поиска решений данных противоречий. Осмысление этих вызовов стало предметом внимания не только экономистов, но и экологов, социологов, философов и политиков. В 1970-е годы появился ряд масштабных исследований, которые впервые поставили вопрос о предельных возможностях экономического роста в условиях ограниченности биосферы. Одним из самых влиятельных стал доклад «Пределы роста» (1972), подготовленный группой исследователей под руководством Донеллы и Денниса Медоузов. В этом исследовании были применены методы компьютерного моделирования, позволившие построить несколько сценариев будущего. Практически все сценарии показали, что при сохранении существующих тенденций в потреблении ресурсов, индустриализации и росте населения человечество столкнется с экологическими и социальными катастрофами.

Результаты доклада вызвали широкий международный резонанс. Впервые в научный и политический дискурс вошло понимание того, что без изменения модели развития человечество рискует исчерпать базу своего существования. В ответ на этот вызов была

предложена концепция «ограниченного роста», согласно которой необходимо отказаться от бесконтрольного проедания ресурсов ради краткосрочного поддержания высокого уровня потребления. Суть этой концепции заключалась в том, чтобы перейти к умеренному, сбалансированному развитию, где пределы экосистем учитываются как фундаментальные условия.

Однако дальнейшее развитие научно-технического прогресса показало, что общество не обречено лишь на стагнацию и сдерживание потребления. Появились альтернативные подходы, основанные на инновациях в сфере возобновляемых источников энергии, технологий замкнутого цикла, ресурсосбережения и переработки отходов. Эти идеи легли в основу новой модели, которая получила название «зелёной экономики».

Зелёная экономика представляет собой качественно новый тип экономического уклада. Её сущность заключается в том, что экономический рост возможен только при условии сохранения природы, гармоничного взаимодействия общества и окружающей среды, а также обеспечения социальной справедливости. В рамках этой модели экономический прогресс не противопоставляется экологическим ограничениям, а напротив, строится с их учетом. При этом рост рассматривается не как самоцель, а как средство достижения более высокого качества жизни, социальной инклюзии и устойчивости природных систем.

Несмотря на привлекательность концепции зелёной экономики, её реализация на практике сопряжена с рядом трудностей. Во-первых, это требует кардинальной перестройки технологического уклада, что не всегда возможно в краткосрочной перспективе. Во-вторых, возникает вопрос перераспределения ресурсов и изменения экономических стимулов, что неизбежно связано с сопротивлением устоявшихся институтов. В-третьих, сложность заключается в необходимости глобальной координации усилий, поскольку экологические проблемы имеют трансграничный характер и не могут быть решены отдельными странами в одиночку [2].

С теоретической точки зрения остаётся нерешенной задача четкого определения понятия «зелёной экономики». В научной литературе этот термин используется в разных интерпретациях, что затрудняет его применение в качестве универсальной категории. Одни исследователи рассматривают зелёную экономику как разновидность устойчивого развития, другие трактуют её как самостоятельную парадигму, а третьи как прикладную стратегию экологической модернизации экономики. Поэтому важной задачей современной науки является выработка интеграционного подхода, который позволил бы определить границы зелёной экономики и её место среди других моделей развития.

Не менее важно подчеркнуть междисциплинарный характер концепции. Зелёная экономика не ограничивается рамками экономической науки, а опирается на достижения экологии, социологии, политологии и инженерных дисциплин. Только комплексный анализ позволяет учесть многообразие факторов, влияющих на устойчивость, и сформировать систему знаний, способную служить основой для практических решений.

Сегодня зелёная экономика становится частью международной политики. Многие государства разрабатывают национальные стратегии перехода к устойчивым моделям. В частности, Республика Таджикистан в 2022 году утвердила «Стратегию развития зелёной экономики на 2023-2037 годы». Этот документ отражает стремление страны интегрироваться в мировые процессы экологической модернизации и создать собственную модель развития, учитывающую природные и социальные особенности. В нём подчёркивается необходимость развития гидроэнергетики, рационального использования водных ресурсов, внедрения энергосберегающих технологий и повышения экологической культуры населения.

Таким образом, современный мир вступил в этап, когда традиционные формы экономического роста во многом исчерпали свой потенциал. Модель индустриального развития, основанная на экстенсивном использовании природных ресурсов, уже не способна обеспечивать устойчивое и справедливое будущее для человечества. Если в XIX и XX веках

рост рассматривался прежде всего через призму валового продукта, промышленной экспансии и интенсивного развития технологий, то сегодня всё более очевидно, что такой путь сопровождается глубокими кризисными явлениями. Экологические катастрофы, изменение климата, деградация земель и лесов, утрата биоразнообразия, рост социальных неравенств и глобальные миграционные потоки - всё это свидетельствует о том, что человечество подошло к пределам старой модели и вынуждено искать новые формы существования.

Перед международным сообществом встала масштабная задача поиска моделей развития, способных объединить экономическую эффективность, социальную справедливость и экологическую устойчивость. Этот трёхмерный подход постепенно становится главным ориентиром глобальной политики. Экономическая эффективность предполагает, что рост производства и инноваций должен сохраняться, но он уже не может быть достигнут за счёт бездумного истощения ресурсов. Социальная справедливость означает необходимость справедливого распределения благ, сокращения бедности и обеспечения равных возможностей для разных слоёв населения [4].

Экологическая устойчивость, в свою очередь, предполагает сохранение природных систем в состоянии, которое позволит будущим поколениям пользоваться их ресурсами.

Концепция зелёной экономики является одной из наиболее перспективных попыток ответить на этот вызов. Её уникальность заключается в том, что она не противопоставляет развитие и сохранение природы, а стремится их совместить. В отличие от классических моделей, где рост часто воспринимался как цель сам по себе, зелёная экономика рассматривает рост как инструмент повышения качества жизни при обязательном условии сохранения окружающей среды. В этой парадигме экономическая деятельность должна не подрывать природные основы, а, напротив, укреплять их и создавать предпосылки для долгосрочной устойчивости.

Реализация этой концепции требует целого комплекса мер. Во-первых, необходимо наличие политической воли. Без твёрдой позиции государств по вопросам защиты окружающей среды, без принятия национальных стратегий и международных соглашений невозможно создать основу для зелёного перехода. Политическая воля проявляется не только в декларациях, но и в конкретных шагах: принятии законов, реформировании налоговых систем, стимулировании инвестиций в зелёные проекты и поддержке инновационных компаний.

Во-вторых, центральное значение имеют технологические инновации. Современные вызовы невозможно преодолеть, используя старые методы производства. В этой связи особую роль играют возобновляемые источники энергии, технологии переработки и вторичного использования ресурсов, развитие «умных» городов и цифровых платформ, которые позволяют управлять экономическими и экологическими процессами более эффективно. Внедрение таких технологий требует серьёзных финансовых вложений, но одновременно открывает новые возможности для развития и занятости.

В-третьих, для перехода к зелёной экономике необходима глубокая трансформация системы производственных отношений. Классические производственные отношения строились вокруг идеи максимизации прибыли и капитализации ресурсов, в то время как экология рассматривалась как внешний, второстепенный фактор. В новых условиях экология должна войти в систему производственных отношений в качестве полноправного компонента. Экологические нормы, стандарты и требования должны рассматриваться как часть самой логики экономической деятельности, а не как внешние ограничения. Это означает формирование экологических производственных отношений, где интересы общества, природы и бизнеса взаимосвязаны.

Такая трансформация носит системный характер. Она предполагает реформу не только в экономической политике, но и в образовательных системах, в сфере науки и культуры, в международных отношениях. Важно, чтобы экологические ценности

становились частью общественного сознания. Только в этом случае можно говорить о подлинной устойчивости, а не о временных успехах отдельных проектов.

Особую значимость зелёная экономика приобретает для стран, находящихся в зоне климатических рисков, к которым относится и Республика Таджикистан. Здесь, в условиях горной экосистемы и высокой зависимости от водных ресурсов, экологические вопросы неразрывно связаны с экономическим развитием и социальной стабильностью. Гидроэнергетика, сельское хозяйство, туризм и другие ключевые отрасли страны напрямую зависят от состояния окружающей среды. Поэтому именно в Таджикистане зелёная экономика может стать не модным лозунгом, а жизненной необходимостью.

6. Зелёная экономика и цели устойчивого развития для России: коллективная монография / под науч. ред. С. Н. Бобылёва, П. А. Кирюшина, О. В. Кудрявцевой. – М.: Экономический факультет МГУ имени М. В. Ломоносова, 2019. – 284 с.
7. Исайнов Х.Р. Кимсанов К.О. Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии). Монография. - Душанбе: ТНУ, 2020. - 248с.
8. Кимсанов У.О., Давлятова М.М. Перспективы развития “зеленой” эконо-мики в Центральной Азии: мировая и региональная практика //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. № 5. Часть I. - С. 184-189.
9. Одинаев Х.А., Сафарзода С.С. Республика Таджикистан: инвестиционная поддержка социально-экономического развития региона. //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021.№ 3. - С. 3-7.
10. Участие на неформальной встрече глав государств – членов БРИКС, ШОС и Евразийского экономического союза [электронный ресурс] - http://president.tj/ru/node/9355. Дата обращения 07 января 2020 года.
11. Электронный ресурс. /ООН программа по окружающей среде- https://www.-unenvironment.org/ru/novosti-i-istorii/press-release/v-2018-godu-investicii-v-sektor-vozobnov-lyaemoy -energetiki. Дата обращения: 29.10.2020.
12. Matyushenko I., Sviatukha I., Grigorova-Berenda L. Modern Approaches to Classification of Biotechnology as a Part of NBIC-Technologies for Bioeconomy // Journal of Economics, Management and Trade. – 2016. – Pp. 1-14.
13. Tajikistan’s First National Communication under the United Nations Frame-work Convention on Climate Change. Capacity Building in Priority Areas. 2003. Main Administration on Hydrometeorology and Environmental Monitoring under the Ministry for Nature Protection of the Republic Tajikistan. Available at: http://unfccc.int/re-source/docs/natc/tajnc1add.pdf
14. Transforming Our World: The 2030 Agenda for Sustainable Development. – New York: United Nations, 2023.

# ПАЁМ ВА РУШДИ “ИҚТИСОДИ САБЗ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳамид Маҷидов**
доктори илмҳои техникӣ, профессор
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Доир ба рушди “Иқтисодиёти сабз” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳои худ ва паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рушди “Иқтисодиёти сабз”, алоқамандии он бо истеҳсоли “Энергияи сабз” ва тағйиёбии иқлим фикру ақидаи худро пешниҳод менамоянд.*

***Калидвожаҳо**: паём, иқтисодиёти сабз, Тоҷикистон, энергияи сабз, тағйирёбии иқлим, рушд.*

# ПОСЛАНИЕ И РАЗВИТИЕ «ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ» В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Хамид Маджидов**
доктор технических наук, профессор
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Относительно развития «Зеленой экономики» Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон постоянно излагает свои взгляды и мнения в своих выступлениях и в нынешнем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан по вопросам развития «Зеленой экономики», ее связи с производством «Зеленой энергии» и изменением климата.*

***Ключевые слова**: сообщение, зеленая экономика, Таджикистан, зеленая энергетика, изменение климата, развитие.*

# MESSAGE AND DEVELOPMENT OF THE “GREEN ECONOMY” IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Hamid Majidov**
Doctor of Technical Sciences, Professor
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*On the development of the “Green Economy” The Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, in his speeches and this year's message to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, constantly presents his views and opinions on the development of the “Green Economy”, its connection with the production of “Green Energy” and climate change.*

***Keywords**: message, green economy, Tajikistan, green energy, climate change, development.*

Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, қайд намуданд:

“Тавре, ки ҳамватанони азизи мо мушоҳида мекунанд, солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдилёфта, Тоҷикистонро низ тахти таъсири манфии худ қарор додааст”. Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва арч ба аҳолӣ ва иҷтисоди кишвар зарари зиёд мерасонад. Бинобар ин бо мақсади истеҳсоли “Энергияи сабз”, рушди “иқтисоди сабз” ва паст кардани

партовӣ газҳои гулханӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шуда истодаанд. Дар ин давра танҳо азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, неругоҳи барқии обии “Сарбанд” пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд. Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои “Норак” ва “Қайроқум” бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад. Нуқтаи муҳим ин аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъди азнавсозӣ ба мардуми Тоҷикистон боз даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳанд кард. Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иҷтидори бузурги истеҳсоли “энергияи сабз” ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ-расидан ба истиқлолӣ знергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Соли 2023 иқтидори энегетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли нерӯи барқ 22 миллиард киловатт-соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт-соат ё 28% зиёд мебошад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда зарур аст, ки дар солҳои оянда аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва дигар сохтору мақомоти марбута тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум: бунёди неругоҳҳои барқии “Роғун”, “Себзор” ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бо маром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иҷтидоҳои нави тавлиди “Энергияи сабз” ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иҷтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шавад.

Дуюм: барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар ба барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия суръати корҳои асосноккунии техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқии обии “Шӯроб” бо иҷтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, “Санобод” бо иҷтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ- қисмати ноҳияи Рӯшон ва “Чарсем” дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иҷтидори 14 мегаватт, бо назардошти бунёди хатти интиқоли барқ ва дигар инфрасохтори зарурии интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.

Сеюм: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқӣ casa-1000 ва аз нав пайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт-соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Чорум: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 фоизи талафот татбиқи саривақтӣ ва бо сифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусуси барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.

Панҷум: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди “иқтисодиёти сабз” ҷиҳади бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли “энергияи сабз”, яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шавад.

Шашум: корҳо дар самти гузариш ба таҷҳизоти камасрафӣ барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд. Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқии обии “Роғун”-ро ба истифода диҳем. Бо ин дар мақсад соли 2023 аз ҳисоби буҷетӣ давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳими аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд. Бо амалисозии тадбирҳи зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100% бо “Энергияи сабз” таъмин гардида (ҳоло 98%), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналамилалӣ то соли 2037 партовӣ газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳои коҳиш дода мешавад. Тоҷикистон

ҳамчун давлати пешрафти ҷаҳон дар самти инкишофи "иқтисодиёти сабз" соли 2037 воқеан ба "кишвари сабз" табдил меёбад. Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад. Вазорати нақлиёт ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати такмили стандартҳои экологиву иҷтимоии таҳияи лоиҳаҳои бунёду азнавсозӣ ва истифодаи роҳҳо бо мақсад мутобиқ намудани онҳо ба принсипҳои "иқтисоди сабз" кабудизоркунии шифати роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд. Илова бар ин, зарур аст, ки ҷаҳати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пегирӣ кардани садамаҳои нақлиётӣ, ҳифзи ҳаёту саломатии шаҳрваандон, баланд бардоштани маданияти ронандагӣ ва тоза нигоҳ доштани шафати роҳҳо тадбирҳои муосир андешида шаванд [3].

Бо назардошти тағийрёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шафати ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишвар барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ карда шавад.

Гармшавии ҳароратӣ сайёра ва оқибатҳои манфии он-камобӣ, хушсолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст. Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партовӣ газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотир наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешем. Вобаста ба таҳавулоти иҷтисоди ҷаҳони муосир ба вуҷуд омада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйиёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он хушксолии пайҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст. Ҳамин тавр, аз пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рушд додани "иқтисодиёти сабз" бармеояд, ки пешравии "иқтисодиёти сабз" барои беҳ гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардуми тоҷикистон нигаронида шудааст.

Солҳои охир олимону сиёсатмадорон, коршиносону мутахассисони соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист, коршиносони ташкилоти СММ оид ба муҳити зист (UNEP) мегӯянд: "Иқтисодиёти сабз" чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорист, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии одамон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад. "Иқтисодиёти сабз" истифодаи сӯзишвориҳои карбондорро коҳиш медиҳад. Истифодаи сӯзишвориҳои карбондор, ба монанди ангиштсанг, нефт боиси ихроҷи газҳои гулхонӣ ва ифлосшавии ҳаво мегардад. Дар ҷаҳон барои истеҳсоли "Энергияи сабз" аз неругоҳҳои аловӣ истифода мебаранд. Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ИДМ аз ҷиҳати истеҳсоли неруи барқӣ тоза ҷои аввалро ишғол мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавлидкунандаи неруи барқ неругоҳҳои обӣ ба шумор мераванд. Имрӯзҳо дар кишвар барои ҳосил намудани "Энергияи сабз" аз энергияи офтоб ва шамол истифода бурда истодаанд. Рушди "Иқтисоди сабз" боиси зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ мегардад, сифати зиндагии аҳолии кишварро беҳ мегардонад, ба пастшавии камбизоатӣ ва баландшавии некуаҳволии аҳолии кишвар оварда мерасонад. Моҳи декабр ба ин восита обро то +50 дараҷа гарм нигоҳ дорем. Дар рӯзҳои кутоҳу абрӣ низ обро то +30 дараҷа гарм нигоҳ дошта, 65 дарсад неруи барқро сарфа кардан мумкин аст. Мувофиқи тадқиқоти олимони Пажуҳишгоҳи физикаю техникаи АМИТ ҳангоми 0,1 дарсади масоҳати кишварро бо панелҳои офтобӣ пушонидан метавонем 300 милиард кВТ/соат неруи барқ гирем ва ин аз талаботи ҷумҳурӣ 13 маротиба зиёд мебошад. Дар зимистон истифодаи неруи барқ ҳангоме оби дарёҳо ях мебанданд, хело зарур мебошад. Насби неругоҳ ва обгармкунакҳои офтобӣ дар манзилу иншооти хусусӣ буҷети хонаводаро сарфа карда, дар 3-

4 сол хароҷоташонро ҷуброн менамоянд. Ҳоло дар биёр кишварҳо дар болои нуқтаҳои зарядкунии мошинҳо панелҳои офтобӣ насб карда, неруи барқи аз онҳо тавлидшударо барои зарядкунии мошинҳо сарф мекунад.

Соҳибони нуқтаҳои зарядпуркунӣ аз супоридани андоз озоданд. Бунёди байналмилалии табиат то соли 2050 кишварҳои ҷаҳон пурра ба энергия барқароршаванда рӯ меоранд. Ҳоло аз ҷиҳати истифодаи неруи офтобу шамол Ҷумҳурии Халқҳои Хитой дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол менамояд. Дар ИМА, Япония, Германия, Туркия, Юнон, Исроил, Кипр, Шветсия, Шветсария, Канада, Испания, Дания, Фаронса, Арабистони Саудӣ ва ИМА низ аз неруи Офтоб барои тавлиди неруи барқ, обгармкунӣ, аз чоҳҳо боло кашидани об таҷҳизоти Офтобиро фаровон истифода мебаранд. Аз рӯйи ҳисоби мутахасисон, иқтидори неруи шамол дар кишвар соле ба 25-50 миллиард кВт/ст мерасад.

Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Роғун, Гулистон, ноҳияҳои Файзобод, Мурғоб, Ховалинг, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин ва Шаҳристон насб кардани таҷҳизоти шамолии таъминкунандаи барқ самарабахш аст. Бахши дигари “Иқтисоди сабз” сохтмонро фаро мегирад. Аз оғози солҳои 2000-ум дар Германия бунёди экохонаҳо-манзилҳои ба гармии иловагӣ эҳтиёҷнадошта ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин кишвари иқтисодаш пешрафтататрин Аврупо панҷ намуд хонаҳои экологӣ сохта мешавад. Якум, хонаҳое, ки хеле кам энергия сарф мекунанд, соҳибхона дар чунин иморат дар як сол 90кВт/ст неруи барқ сарф мекунад. Хонаҳои навъи дуюм “хонаҳои пашв” буда, умуман ба гармкунии иловагӣ эҳтиёҷ надоранд. Дар ингуна хонаҳо таҷҳизоти геотермикӣ насб шудааст, ки таҷҳизоти махсус бо ёрии ҳавои гармшуда 80 дарсади энергияро таъмин менамояд. Ин гуна хонаҳо ҳатто дар рӯзҳои сардтарин ҳам ба гармкунии иловагӣ эҳтиёҷ надоранд. Дар болои боми чунин хонаҳо бомпӯши офтобӣ насб шудааст, ки имратро бо неруи барқ таъмин мекунад.

Инчунин дар Германия хонаҳое ҳастанд, ки неруи барқӣ изофӣ тавлид мекунанд. Соҳибхонаҳо неруи барқи изофиро ба шабакаҳои барқӣ тибқи нишондоди ҳисобкӯнак фурӯхта, фоида мегиранд. Аз рӯйи ҳисоби коршиносон, Ҷумҳурии Федеративии Германия тавассути бунёди хонаҳои экологӣ то соли 2025 партофти гази карбонро 95 миллион тонна кам мекунад [2].

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, чанде пеш Тоҷикистон тибқи Созишномаи Париж ба котиботи конвенсияи қолабии тағйирёбии иқлими Созмони Миллали Муттаҳид намунаи нави саҳми муайянкунандаи партовҳои газҳои гулхонаиро дар сатҳи миллӣ омода ва пешниҳод кард. Дар Тоҷикистон, инчунин, баҳри татбиқи барномаҳои барқарорсозии ҷангалҳо ва васеъ кардани майдони ҷангалпарварӣ кори зиёд ба сомн расонда мешавад.

Гузариш ба “Иқтисоди сабз”, дар баробари манфиатҳои зикршуда, боиси ба миён омадани ҷойҳои навӣ кори мешавад. Дар маҷмӯъ “Иқтисоди сабз” сифати зиндагии ҳамватанонро беҳ гардонида, ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баландшавии некуаҳволии аҳолии мамлакат боис хоҳад гашт.

## АДАБИЁТ


1. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Консепсияи гузараиш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042. – Душанбе, 2023. – 32 с.
2. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021–2025. – Душанбе, 2021. – 48 с.
3. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024–2028. – Душанбе, 2024. – 56 с.

**УДК: 630.182**

# УГРОЗЫ БИОРАЗНООБРАЗИЮ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПОСЛЕДСТВИЯ ВЫРУБКИ ЛЕСОВ И СТРАТЕГИИ ИХ СОХРАНЕНИЯ

**Хабибова Сабохат Сафиувлоевна**
Кандидат экономичексих наук, и.о.доцента
Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье рассматривается проблема вырубки лесов в Таджикистане в контексте угроз биоразнообразию и устойчивому развитию. Особое внимание уделяется основным причинам вырубки лесов, среди которых экономические интересы, сельское хозяйство и изменение климата. Анализируется воздействие потерянных лесных экосистем на местные сообщества, что приводит к снижению уровня жизни, ухудшению продовольственной безопасности и негативным экологическим последствиям. В статье подчеркивается важность разработки и внедрения устойчивых методов лесного управления, а также необходимости повышения осведомленности среди населения о ценности лесов как природных ресурсов. Рассматриваются потенциальные меры по восстановлению лесных экосистем и поддержанию их биологического разнообразия для обеспечения устойчивого развития региона.*

***Ключевые слова:*** *вырубка лесов, биоразнообразие, устойчивое развитие Таджикистан, экосистемные услуги, лесное управление, социально-экономические последствия, изменение климата, восстановление экосистем лесные ресурсы.*

# ТАҲДИДҲО БА ГУНОГУНИИ БИОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН: ОҚИБАТҲОИ БУРИДАНИ ҶАНГАЛҲО ВА СТРАТЕГИЯҲОИ ҲИФЗИ ОНҲО

**Ҳабибова Сабоҳат Сафиувлоевна**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсент
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Мақола мушкилоти нобудшавии ҷангал дар Тоҷикистонро дар заминаи таҳдидҳо ба гуногунии биологӣ ва рушди устувор баррасӣ мекунад. Ба сабабҳои асосии нобудшавии ҷангалҳо, аз ҷумла ба манфиатҳои иқтисодӣ, кишоварзӣ ва тағйирёбии иқлим таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Таъсири экосистемаҳои гумшудаи ҷангал ба ҷамоатҳои маҳаллӣ таҳлил карда мешавад, ки ин боиси паст шудани сатҳи зиндагӣ, бад шудани амнияти озуқаворӣ ва оқибатҳои манфии экологӣ мегардад. Дар мақола аҳамияти таҳия ва татбиқи таҷрибаҳои устувори идоракунии ҷангал, инчунин зарурати баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ дар бораи арзиши ҷангал ҳамчун захираҳои табиӣ таъкид шудааст. Тадбирҳои эҳтимолии барқарорсозии экосистемаҳои ҷангал ва ҳифзи гуногунии биологии онҳо барои таъмини рушди устувори минтақа баррасӣ мешаванд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *буридани ҷангал, гуногунии биологӣ, рушди устувор Тоҷикистон, хадамоти экосистема, идоракунии ҷангал, таъсири иҷтимоию иқтисодӣ, тағирёбии иқлим, барқарорсозии экосистемаҳои захираҳои ҷангал.*

# THREATS TO BIODIVERSITY IN TAJIKISTAN: CONSEQUENCES OF DEFORESTATION AND CONSERVATION STRATEGIES

**Khabibova Sabohat Safiuvloevna**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor

Institute of Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article examines the problem of deforestation in Tajikistan in the context of threats to biodiversity and sustainable development. Particular attention is paid to the main causes of deforestation, including economic interests, agriculture and climate change.* ***.*** *The impact of lost forest ecosystems on local communities is analyzed, which leads to lower living standards, worsening food security and negative environmental consequences. The article highlights the importance of developing and implementing sustainable forest management practices, as well as the need to raise awareness among the population about the value of forests as natural resources. Potential measures to restore forest ecosystems and preserve their biological diversity are being considered to ensure the development of the region.*

***Keywords:*** *deforestation, biodiversity, sustainable development Tajikistan, ecosystem services, forest management, socio-economic consequences, climate change, ecosystem restoration forest resources*

В последние десятилетия наблюдается значительное сокращение лесных массивов, что приводит к серьезным последствиям для биоразнообразия и устойчивого развития региона. Вырубка лесов угрожает не только местным экосистемам, но и глобальным усилиям по сохранению природы. В данной статье мы рассматриваем причины и последствия вырубки лесов в Таджикистане, а также возможные пути решения этой проблемы.

Леса Таджикистана занимают важное место в экосистеме страны, обеспечивая среду обитания для множества видов животных и растений, а также играя ключевую роль в поддержании водного баланса и предотвращении эрозии почвы. Согласно исследованиям площадь лесов в Таджикистане сократилась на 30% за последние 20 лет, что вызывает серьезные экологические и экономические последствия (1.,С.45-78). Однако в последние десятилетия наблюдается значительное сокращение лесных массивов, что вызывает беспокойство среди ученых и экологов

Вырубка лесов – одна из наиболее острых экологических проблем, с которыми сталкивается современный мир. В Таджикистане, стране с уникальным биоразнообразием и богатой природной наследием, эта проблема приобретает особую актуальность. Леса Таджикистана не только играют ключевую роль в поддержании экосистем, но и являются важным ресурсом для местного населения, обеспечивая его средствами к существованию и культурной идентичностью.

Наша цель – привлечь внимание к важности сохранения лесов как ключевого элемента устойчивого развития и биоразнообразия. Мы надеемся, что результаты нашего исследования способствуют более глубокому пониманию данной проблемы и помогут в разработке эффективных стратегий охраны природных ресурсов Таджикистана.

На сегодняшний день леса занимают около 4% от общей площади страны, что значительно ниже мирового среднего показателя, составляющего примерно 30%. В Таджикистане преобладают горные леса, состоящие в основном из хвойных и лиственных деревьев, таких как сосна, ель и различные виды орехов. Леса являются домом для более чем 200 видов растений и 150 видов животных, многие из которых находятся под угрозой исчезновения.

Исследуя причины данного вопроса по состоянию лесов в Таджикистане на основе анализируемых ситуаций можно отметить, что основными причинами сокращения лесных массивов являются:

1. Расширение сельскохозяйственных угодий: В последние годы наблюдается значительное увеличение сельскохозяйственного производства, что приводит к вырубке лесов для создания новых полей. Например, по данным Минсельхоза Таджикистана, площадь сельскохозяйственных угодий возросла на 20% за последние 10 лет.

2.Строительство и инфраструктурное развитие: В рамках программы развития инфраструктуры в стране активно строятся дороги, мосты и жилые комплексы, что также требует значительных лесных площадей. Это приводит к фрагментации лесных массивов и ухудшению их состояния.

**3**. Незаконная вырубка лесов: Незаконные лесозаготовки остаются серьезной проблемой. По оценкам, около 40% всех вырубок осуществляется без соответствующих разрешений, что приводит к серьезным экологическим нарушениям. Часто такие действия остаются безнаказанными из-за недостатка контроля со стороны государственных органов.

4. Изменение климата: Изменение климата, включая увеличение частоты засух и изменение режима осадков, также негативно сказывается на здоровье лесных экосистем. Это приводит к увеличению уязвимости лесов к вредителям и болезням.

Данные причины могут привести к очень плачевным экологическим последствиям, то есть Сокращение лесных ресурсов негативно сказывается на биоразнообразие страны. Множество видов животных и растений теряют свои естественные места обитания, что приводит к их исчезновению. Например, такие виды, как таджикский барсук и снежный барс, находятся под угрозой исчезновения из-за утраты мест обитания. Вырубка лесов также способствует увеличению эрозии почвы и ухудшению качества воды, так как леса играют важную роль в фильтрации и удержании влаги

Стоит отметить, что леса играют ключевую роль в глобальном углеродном цикле. Во время фотосинтеза деревья поглощают углекислый газ ($CO_2$) из атмосферы и используют его для производства органических веществ, необходимых для их роста. Этот процесс происходит с помощью хлорофилла, который содержится в листьях. В результате фотосинтеза деревья выделяют кислород ($O_2$), который является жизненно важным для большинства живых организмов на Земле. Во время этого процесса деревья поглощают $CO_2$ и воду, преобразовывая их в глюкозу и кислород. Глюкоза используется как источник энергии и строительный материал для роста, а кислород выделяется в атмосферу [5.,С.102-123].

Леса также помогают очищать воздух, поглощая и нейтрализуя различные загрязняющие вещества. Листья деревьев способны задерживать частицы пыли, тяжелые металлы и другие токсичные вещества, что способствует улучшению качества воздуха. Кроме того, некоторые растения могут поглощать определенные загрязнители, такие как сероводород и аммиак, что делает леса естественными фильтрами для атмосферы.

В свою очередь леса играют важную роль в поддержании качества водоемов и предотвращении эрозии почвы. Корневая система деревьев помогает удерживать почву на месте, что предотвращает ее смывание во время дождей. Это особенно важно в горных и холмистых районах, где сильные дожди могут вызывать оползни и эрозию. Также они замедляют поток дождевой воды, позволяя ей проникать в почву.[2., С.110-135]

Это способствует фильтрации воды, так как корни и почва задерживают осадки и загрязняющие вещества, прежде чем вода достигнет подземных водоемов или рек. Таким образом, леса помогают поддерживать чистоту водоемов, уменьшая количество загрязняющих веществ, которые могут попасть в водные источники и способствуют поддержанию баланса в экосистемах водоемов, обеспечивая стабильную подачу чистой воды. Это важно для здоровья экосистем и для людей, которые зависят от чистых источников воды для питья и сельского хозяйства.Особая роль лесов замечается в удержании влаги в почве, что является критически важным для экосистем и сельского хозяйства. Лесная подстилка, состоящая из опавших листьев, веток и других органических материалов, улучшает структуру почвы. Это способствует образованию пор, которые удерживают влагу, позволяя ей медленно проникать в почву и поддерживать уровень влажности. Корни деревьев проникают глубоко в почву, создавая дополнительные поры и каналы, которые способствуют удержанию воды. Это помогает поддерживать уровень влажности, особенно в засушливые периоды, что важно для роста растений и здоровья экосистем. Леса также

помогают уменьшить испарение влаги из почвы. Листья деревьев создают тень, что снижает температуру почвы и замедляет испарение воды.Это особенно важно в регионах с высокими температурами, где сохранение влаги может быть критически важным для сельского хозяйства и дикой природы. [3.,С.56-89]

Таким образом, леса играют незаменимую роль в поддержании экологического баланса, обеспечивая чистоту воздуха и воды, а также способствуя сохранению влаги в почвах. Их охрана и восстановление являются важными задачами для устойчивого развития и сохранения биологического разнообразия на планете.

Устойчивое управление лесами является ключевым аспектом охраны экосистем и обеспечения биологического разнообразия, а также играет важную роль в социально-экономическом развитии стран. Таджикистан, расположенный в Центральной Азии, обладает значительными лесными ресурсами, которые обеспечивают жизненно важные эко системные услуги, такие как поддержание водного баланса, защита почвы от эрозии и сохранение биоразнообразия. Однако, несмотря на эти преимущества, лесное хозяйство в Таджикистане сталкивается с серьезными вызовами, которые угрожают его устойчивости и функциональности.

Основной проблемой является недостаток финансирования, что затрудняет реализацию эффективных стратегий управления лесами. В последние десятилетия Таджикистан испытывает экономические трудности, что приводит к ограниченным бюджетным ассигнованиям на охрану и восстановление лесов. Это, в свою очередь, приводит к увеличению вырубки лесов, что негативно сказывается на экосистемах и местных сообществах, зависимых от лесных ресурсов.

Кроме того, отсутствие эффективных и адаптированных к местным условиям стратегий восстановления лесов также представляет собой значительную проблему. Существующие методы часто не учитывают специфические экологические и социальные контексты, что приводит к неэффективному использованию ресурсов и недостаточной поддержке со стороны местного населения. Местные сообщества, которые традиционно использовали лесные ресурсы, часто не вовлечены в процесс принятия решений, что может вызывать конфликты и снижать эффективность управления.[4.,С.30-50]

Изменение климата и его воздействие на лесные экосистемы также представляют собой важный вызов. Увеличение частоты и интенсивности природных катастроф, таких как лесные пожары и наводнения, а также распространение заболеваний среди лесных растений, требуют разработки адаптивных стратегий управления, способных справляться с новыми условиями.

Хулоса. С нашей точки зрения можно рационально реализовать следующие возможные решения по устойчивому управлению лесов:

- необходимы комплексные стратегии по управлению лесными ресурсами, включая создание охраняемых природных территорий и внедрение программ по восстановлению лесов;

- важно проводить образовательные программы для местного населения о значении лесов и последствиях их вырубки. Это поможет снизить уровень незаконной вырубки и повысить общественную ответственность;

- ужесточение законов о защите лесов и увеличение штрафов за незаконные вырубки могут помочь в борьбе с этой проблемой;

- Таджикистан может привлекать международные организации и доноров для финансирования программ по охране и восстановлению лесов, что позволит улучшить состояние лесных экосистем

Таким образом, текущая ситуация с лесными ресурсами в Таджикистане требует неотложных мер по охране и восстановлению лесов. Необходимы комплексные стратегии, направленные на устойчивое управление лесными ресурсами, которые будут учитывать как

экономические, так и экологические аспекты, чтобы сохранить биоразнообразие и обеспечить долгосрочную устойчивость экосистемы страны.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Абдурахмонов И., Хамидов А. - Лесные ресурсы Таджикистана: современное состояние и перспективы//Текущие статистические данные о площади лесов в Таджикистане, изменения в лесных ресурсах за последние десятилетия, факторы, способствующие вырубке лесов//, 2018 , с.45-78.
2. Давлатов А.,Абдурахмонов И. - Изменение климата и его влияние на леса в Таджикистане //Влияние изменения климата на лесные экосистемы Таджикистана, взаимосвязь между климатическими изменениями и вырубкой лесов.//, 2022, с.110-135.
3. Искандаров Н.,Нурматов А.- Влияние вырубки лесов на биоразнообразие в Центральной Азии, примеры изменения экосистем и их последствий для местной флоры и фауны//, 2019, с.56-89.
4. Каримов М.,Султаналиев З. - Проблемы, с которыми сталкивается устойчивое управление лесами в Таджикистане, возможные решения и стратегии восстановления лесных массивов.//, 2021, с.30-50.
5. Рахмонов А.,Холиқов И. - Обзор биоразнообразия в Таджикистане, виды, находящиеся под угрозой исчезновения, и влияние вырубки лесов на экосистемы.//, 2020, с.102-123.

## РАВАНДИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО АЗ ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Ҳабибулло Мақсадов**
Номзади илмҳои таърих, дотсент
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Одинаев Қосимҷон**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Тағйирёбии босуръати иқлим ҳалқаи сарбастаеро мемонад, ки худи инсонҳо бо роҳи рушди саноатсозӣ, корхонаҳои саноатӣ, истифодаи нафт, газ ва ангишт ба он таъсир мегузоранд. Дар атмосфераи биосферӣ гази карбон ва газҳои гулхонаӣ аз меъёр зиёд шуда истодаанд. Ин ҳолат таъсири нигоҳ доштани гармиро ба вуҷуд меорад ва имкон намедиҳад, ки ба атмосфера равад – замин гарм мешавад ва сабаби обшавии пиряхҳо ва дигар пайомадҳои манфӣ мегардад, ки бар асари онҳо одамон дар тамоми сайёра ранҷ мекашанд. Бештар ҳодисаҳои табиӣ ба монанди хушксолӣ, сел, обхезӣ ва ғайраҳо ба вуқӯъ мепайвандад.*

***Калидвожаҳо:*** *ташаббус, саноатсозӣ, корхонаҳои саноатӣ, атмосфера, озоносфера, захираҳо, ифлосшавӣ, тағйирёбии ииқлим, таназзул.*

## ПРОЦЕСС ТАЯНИЯ ЛЕДНИКОВ ОТ ВОЗДЕЙСТВИЯ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

**Хабибуллох Максадов**
Кандидат исторических наук, доцент
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

**Одинаев Косимджон**
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Быстрое изменение климата остается порочным кругом, на который влияют сами люди посредством индустриализации, индустриализации и использования нефти, газа и угля. В атмосфере биосферы увеличивается количество углекислого газа и парниковых газов. Это создает эффект улавливания тепла и предотвращения его выхода в атмосферу – нагревание земли, таяние ледников и другие негативные последствия, которые влияют на людей по всей планете. Происходит все больше природных явлений, таких как засухи, наводнения, наводнения и т. д.*

***Ключевые слова:*** *инициатива, индустриализация, промышленные предприятия, атмосфера, озоносфера, ресурсы, загрязнение, изменение климата, деградация.*

## PROCESS OF GLACIERS MELTING DUE TO THE IMPACT OF CLIMATE CHANGE

**Khabibulloh Maksadov**
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Odinaev Kosimjon**
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*Rapid climate change remains a vicious circle that people themselves influence through industrialization, industrialization and the use of oil, gas and coal. The amount of carbon dioxide and greenhouse gases in the atmosphere of the biosphere increases. This creates the effect of trapping heat and preventing it from escaping into the atmosphere - warming the earth, melting*

*glaciers and other negative consequences that affect people all over the planet. There are more and more natural phenomena such as droughts, floods, floods, etc.*

***Keywords:*** *initiative, industrialization, industrial enterprises, atmosphere, ozonosphere, resources, pollution, climate change, degradation.*

Маҷлиси 77-уми умумии маҷмааи СММ оид ба эълон шудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» бо пешниҳоди нав иқдоми нави Тоҷикистон ва сарвари он Пешвои милат, асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад (14 декабири соли 2022). Ин иқдом бори дигар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор дар соҳаи об ва ҳифзи пиряххо ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат истеҳсолкунандаи неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза дар минтақа мебошад.

Тоҷикистон, ҳамчун кишвари пешгоми соҳаи об, ва пирях панҷ пешниҳоди муҳими оид ба об ва пиряххо ба Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод кардааст. Махсусан бо ташаббуси  Пешвои милат, асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид эълон доштани Соли байналмилалии оби тоза – соли 2003; Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015; Соли 2013-соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об; Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028». 14 декабри соли 2022 қатънома бо эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо; Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо; Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои сармоягузорӣ ба ҳифзи пиряххо; дар соли 2025 доир намудани Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар ш.Душанбе амалӣ гаштанд.

Дар қатъномаи болозикр оиди пиряххо таъкид гардидааст, ки аҳамияти пиряххо ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор боқӣ мемонад.

Инчунин дар ин санад зикр гардидааст, ки таъсири гармшавии умумиҷаҳонӣ боиси коҳиши густурдаи озоносфера шудааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои онро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст.

Зикр бояд намуд, ки қариб 133 ҳазор км$^2$ ҳудуди кӯҳҳои Тоҷикистон дорои ғункунандаи захираҳои оби тозаи ошомиданӣ мебошанд. Истифодаи сарфакоронаи ин захираи табиат барои истифодабарандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати истифодабарии маҷмӯи захираҳои об, аҳамияти об ҳамчун боигарии иқтисодӣ, ба амал овардан ва таҳияи механизми самараноки пешгирии камшавии захираҳои обӣ, ҳалли мушкилот ва ба давлатҳои минтақа муаррифи намудани ин захираҳо   яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад [3.10].

Мушкилоти таъминкунии об барои аҳолӣ сол ба сол тезутунд мегардад. Алҳол қариб зиёда аз як млрд аҳолӣ дар дунё ба оби тозаи ошомиданӣ ва 2,6 млрд. нафар ба шароитҳои одитарини санитарӣ дастрасӣ надоранд. Қариб зиёда аз 80 давлат норасоии захираҳои обро эҳсос менамоянд,  ҳафтае 42 ҳазор нафар аз бемориҳое, ки ба сифати пасти оби ошомиданӣ ва шароитҳои ғайрисанитарӣ вобастаанд, мефавтанд, ки бештар аз 90 %  онҳо кӯдакони синнашон то 5–сола мебошад. Хушксолӣ ва биёбоншавӣ ба манбаи воситаҳои зиндамонии зиёда аз 1,2 млрд. нафар мардуми дунё таҳдид мекунад [3.41].

Ҳукмати Тоҷикистон ба масъалаҳои таъмини об ва беҳтар намудани шароити санитарии аҳолӣ аҳамияти хоса медиҳад. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 – юми декабри с. 2006, №514 «Барнома оид ба беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тоза барои солҳои 2008-2020» қабул карда шудааст [1].

Бахши дигари афзалиятноки ҳаётан муҳим ин таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад, ки

ҳар сол сохтани НБО-ҳои хурду миёна дар кишвар идома дорад. Дар ибтидо бояд дар дарёи Вахш НБО-и Роғун ва дар дарёи Зарафшон НБО-Айнӣ сохта шаванд. Дар ин росто, бо назардошти моҳияти захираҳои об дар шароити иқлимаш хушки Осиёи Марказӣ, алалхусус дар ҳавзаи Амударё, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бунёди объектҳои гидроэнергетикӣ, ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани манфиати давлатҳои поёноб, ҳеҷ маҳдудиятеро ҷори накардааст. Новобаста аз он, ки зиёда аз 71% сатҳи Заминро об ташкил медиҳад, захираи оби тозаи нӯшокӣ бисёр маҳдуд, бештар аз 35 млн. км$^3$, ё ин ки 2,53 % тамоми захираи оби нӯшокии Заминро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор захираи оби дарёҳо ва кӯлҳо ҳамагӣ 0,0132%-ро ташкил медиҳад. Умуман захираҳои пешгӯишавандаи обҳои зеризаминии Тоҷикистон 18,7 км$^3$ дар сол мебошанд, ки 41,6% захираи умумии ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Захираи тасдиқшудаи воқеии истихроҷшавандаи обҳои зеризаминӣ 8236,2м$^3$ дар шабонарӯзро ташкил менамояд [4.50-52].

Обҳои тозаи ошомиданӣ манбаи асосии ҳаёт ва қисми таркибии ҳамаи ҷузъиёти биосистемаи хушкӣ мебошад. Ҳаҷми ками захираҳои оби тоза дар ҷаҳони имрӯза масъалаҳои норасогии захираҳои обро мушкилоти дараҷаи аввал гардонидааст. Мувофиқи омори коршиносон, теъдоди аҳолии давлатҳое, ки мушкилоти норасоии обро бештар эҳсос мекунанд, аллакай ба 2 млрд. нафар расидааст. Мувофиқи маълумоти СММ дар тамоми дунё бинобар сабаби норасогии оби тоза аллакай қариб 300 минтақаи имконпазири ихтилофот ба ҳисоб гирифта шудааст. Ба чунин минтақаҳо ҳавзаи баҳри Арал, ки он ба фалокати экологии миқёси сайёравӣ дучор гардидааст низ, комилан мансуб дониста мешавад [3.17].

Мувофиқи пешгӯиҳои коршиносони соҳа дар мавриди зиёдшавии тағйирёбии иқлим то соли 2050 теъдоди аҳолии кураи Замин, ки аз норасогии оби ошомидани танқисӣ мекашад то 9 млрд. нафар мерасад ва вобаста ба идомаи ин тамоил 30% аҳолии сайёра эҳтиёҷоти худро ба об қонеъ карда наметавонанд. Асли масъала дар он аст, ки дар аввали асри XXI инсоният ба мушкилоти глобалии ифлосшавии муҳити зист ва ҷузъи муҳимтарини он-об рӯ ба рӯ гардидааст, ки он миқёсан ба ҳадди хатарнок расидааст. Захираҳои оби тозаи кишвари мо, ки дар мавзеъҳои барфҳои доимӣ ва пиряхӣ ҷойгирифтаанд, аз сабаби тағйир ёфтани иқлим ва равандҳои тезутунд шудани муҳити экологии минтақа коҳиш ёфта истодаанд.

Тағйирёбии иқлим, ки асосан хусусияти техногенӣ дорад, барои тамоми давлатҳо ва ҳар сокини сайёра оқибатҳои номатлубу ҷиддӣ дорад. Мувофиқи маълумоти Комиссияи Байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC), дар 100 соли охир (солҳои 1906-2005) ҳарорати миёнаи сатҳи замин тахминан 0,740С баланд гардидааст. Ин ба камшавии миқдори ях дар Арктика дар ҳар даҳ сол ба ҳисоби миёна то 2,7 % ва баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ ба 17 см оварда расонид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар сабаби вазъи мураккаби географӣ ба тағйирёбии иқлим бештар осебпазир буда, дар 60 соли охир ҳарорати миёна дар кишвар қариб зиёда аз 2 дараҷа боло рафтааст. Дар 20 соли охир дар ҳудуди мамлакат чор маротиба хушксолии сахт мушоҳида карда шудааст. Мувофиқи арзёбии коршиносон хушксолии солҳои 2000-2001, ки тамоми Осиёи Марказиро фаро гирифт, дар даҳ соли охир шадидтарин буд. Дар минтақа норасоии ҷиддии об ҳис карда шуд ва аз ин сабаб садҳо ҳазор гектар замин аз гардиши кишоварзӣ баромаанд. Зимистони солҳои 2007-2008 ва 2022-2023 нисбати дигар солҳои сипаришуда аз ҳама қаҳратун буд ва он нишон дод, ки иқтисодиёти давлатҳои минтақа назди тағйирёбии глобалии иқлим ва оқибатҳои он осебпазир буда, ба он вобастагии зиёд дорад [4.66-78].

Тоҷикистон сарзамини кӯҳсор буда, бисёр иқлими гуногун ва мухталиф дорад. Тағирёфтани иқлим ва аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани он ба фарқияти баландшавии сатҳи маҳал вобаста мебошад. Тағйирёбии иқлимро ҳамчун таҳдиди замони муосир ва дигаргун шудани экосистемаи экологии асосии миқёси глобалӣ дониста, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 зимни вохӯрии ҷашнии Созмони умумиҷаҳонии обуҳавосанҷӣ дар ш. Женева ва баъдан дар вохӯрии тарафҳои Протоколи Киото оид ба тағйирёбии иқлим дар Копенгаген, ҷиҳати таъсиси хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряххо,

таклиф пешниҳод намуд. Ҳамагон медонанд, ки дар ду даҳсолаи садаи XXI дар натиҷаи гармшавии иқлим обшавии пиряхҳо мушоҳида шуда, ҷиҳати пешгирӣ аз он дар кишвар "Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030" қабул шудааст, ки тибқи ин барнома Маркази омӯзиши пиряхҳо таъсис ёфт.

Коҳиши пиряхҳо яке аз нишондиҳандаҳои возеҳу равшани тағйирёбии иқлим ва то як дараҷаи муайян вокуниши муҳити табиии минтақаи ташаккулёбии об ба гармшавии глобалии сайёраи Замин мебошанд. Алъон дар Осиёи Марказӣ масоҳати яхбаста бошиддат кам шуда истодааст, ки ин ба боло рафтани ҳарорат ва тағйирёбии боришот вобаста аст. Мувофиқи сарчашмаҳо дар давраи аз соли 1956 то 1990-ум захираи пиряххҳои Осиёи Марказӣ кам гардида, коҳишёбӣ бо шиддатнокии миёнаи қариб 0,6-0,8% дар як сол аз рӯи масоҳати яхбандӣ ва қариб 0,1% аз ҳаҷми ях идома дорад. Чунин вазъият дар Тоҷикистон ҳам ба назар мерасад. Дар ин ҷо пиряхҳо дар даҳсолаҳои охир зиёда аз сеяки ҳаҷми худро коҳиш додаанд. Мувофиқи маълумотҳои бойгонӣ, дар солҳои 60-уми асри гузашта дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 14500 пиряхҳо мавҷуд будааст. Ҳаҷми пиряхҳо ба 845 $км^3$ баробар буда, масоҳаташон 6-8% ҳудуди кишварро ташкил медиҳад [5.56].

Тоҷикистон аз рӯи шумораи пиряхҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешсаф аст. Пиряхҳо ҳамагӣ 6-8 дарсади қаламрави кишварро ташкил диҳанд ҳам (8476,2 метри мурабаъ), садҳо километри мукааб оби тозаро захира мекунанд. Қисми асосии пиряхҳо дар ҳудуди баландтарин қуллаҳои ҷумҳурӣ – Исмоили Сомонӣ ва Абуалӣ ибни Сино ҷойгиранд.

Пиряхҳои бузургтарини Тоҷикистон рӯдхонаҳои Амударё ва Зарафшонро, ки оби онҳо ба кишварҳои поёноб – Узбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷорӣ мешавад, бо оби тоза таъмин мекунанд. Аз ҳамин хотир аст, ки мегӯянд, қисмати асосии оби минтақа дар Тоҷикистон ташаккул меёбад ( 61%).

Барои намуна аз калонтарин пирях дар Осиёи Марказӣ – Ванҷях (Федченко) мисол овард, ки дар Помир ҷойгир аст ва замоне се маротиба бузургтар буд ва дарозии он то Лахш (ноҳияи наздимарзии Тоҷикистон бо Қирғизистон) мерасид. Баъдан раванди обшавии он сар шуд ва ҳоло дарозиаш ба 70 км мерасад, даҳсолаҳо дигар бошад, ин камшави идома меёбад.

Олимони тоҷик дересст, ки ба омӯзиши пиряхҳо машғуланд ва тавре маълум шудааст, Ванҷях дар ҳаракат мебошад. Давоми тақрибан 40 соли мушоҳидаҳо маълум шуда, ки суръати миёнаи солонаи ҳаракати ин пирях аз 63 то 89 см дар шабонарӯз тағйир карда, ба ҳисоби миёна 73 см-ро дар шабонарӯзро ташкил медиҳад [7].

Аммо ба андешаи донишмандон пирях ҳамасола дар ҳоли майда шудан аст ва ин раванд аз меъёри муқаррарӣ бештар сурат мегирад. Бино ба иттилои охирин, давоми 30 соли охир Ванҷях беш аз 3 километр масоҳати худро аз даст дода, сатҳи он 50 метр паст фаромадааст.

Олимон маълум кардаанд, ки боз як пиряхи бузурги дигар – Зарафшон ҳам ба таври қобили таваҷҷуҳ кам шудааст.

Аз соли 1960 то 2019 миқёси камшавӣ ё ақибнишинии он 4,8 километрро ташкил додааст. Бино ба маълумотҳо, суръати ақибнишинии он солона ба 80 метр баробар будааст. Мутахассисон ба ин натиҷа расидаанд, ки ҳиссаи аслии пиряхҳои Тоҷикистон дар марҳилаи таназзул, яъне ақибнишинӣ қарор доранд. Камшавии дарозии пиряхҳо мутаносибан сабаби коҳиш ёфтани масоҳат ва ҳаҷми онҳо мегардад.

Аллакай ҳисоб шудааст, ки болоравии ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар охири асри 21 дар Осиёи Марказӣ метавонад аз 3,7 то 5,6 дараҷа Селсияро ташкил бидиҳад.

Ҳамзамон, афзоиши ҳарорат дар зимистон аз 3,0 то 5,8 дараҷа, тобистон аз 3,5 то 5,5 дараҷа Селсияро ташкил медиҳад. Болоравии ҳарорат дар пасманзари коҳиши боришот тақрибан дар тамоми минтақа ба вуқӯъ мепайвандад, яъне дар атмосфераи замин гази карбон ва газҳои гулхонаӣ аз меъёр зиёд шуда истодаанд. Агар раванди кунунии таназзули пиряхҳо 30-40 соли оянда идома кунад, бисёре аз пиряхҳои хурди Тоҷикистон комилан аз байн мераванд ва ин ба низоми обии баъзе дарёҳои Тоҷикистон, монанди Зарафшон Кофарниҳон, Қаратоғ, Хингоб таъсир мерасонад [7.50-52].

Коршиносони роҳи ҳифзи захираҳои оби кишварро, ки дар пайи обшавии пиряхҳо коҳиш меёбанд, бунёди обанборҳои миёна ва хурд ва афзоиши ҷангалҳо дар навоҳии кӯҳӣ медонанд.

Эҳтимол меравад, ки таъсири эҳтимолии таназзули пиряхҳо ба захираҳои об метавонад дар кутоҳмуддат ба афзоиши оби дарёҳо оварда расонад, аммо дар дарозмуддат ба эҳтимоли зиёд ба камбуди об сабаб мешавад.

Иқлимшиносони ҷумҳурӣ арзёбии таъсири тағйирёбии ҷаҳонии иқлим ба пиряхҳои Тоҷикистонро анҷом додаанд. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо маълум шуда, ки шурӯъ аз соли 1930 масоҳати умумии пиряхҳои кишвар тақрибан 30 дарсад коҳиш ёфтааст.

Мувофиқи омори Оҷонсии обуҳавошиносии Тоҷикистон, давоми 70-80 соли охир ҳарорати миёнаи солона дар кишвар, чӣ дар водиҳо дар баландии 1000 метр аз сатҳи баҳр ва чӣ дар кӯҳҳо дар баландии аз 2500 метр, боло рафтааст ва ин ба обшавии қисмати асосии пиряхҳо оварда мерасонад.

Ба ин минвол дар баландкӯҳҳо низ, ки қисми асосии пиряхҳо ва барфҳои кишвар ҷойгиранд, ин раванд мушоҳида мешавад. Агар дар соли 1950 ҳарорати миёнаи солона дар ин ҷойҳо дар сатҳи -2,1 дараҷаи Селсия буд, пас дар соли 2020 он то -0,9 дараҷа боло рафтааст.

Тағйирёбии иқлим ва сабаби гармшавии ҳаво дар Тоҷикистон ба раванди тағйирёбии глобалии иқлим рабт дорад. Ҳисоб карда шудааст, ки болоравии ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар охири асри 21 дар Осиёи Марказӣ метавонад аз 3,7 то 5,6 дараҷа Селсияро ташкил бидиҳад.

Тағйирёбии босуръати иқлим ҳалқаи сарбастаеро мемонад, ки худи инсонҳо бо роҳи рушди саноатсозӣ, корхонаҳои саноатӣ, истифодаи нафт, газ ва ангишт ба он таъсир мегузоранд.

Дар атмосфераи биосферӣ гази карбон ва газҳои гулхонаӣ аз меъёр зиёд шуда истодаанд. Ин ҳолат таъсири нигоҳ доштани гармиро ба вуҷуд меорад ва имкон намедиҳад, ки ба атмосфера равад – замин гарм мешавад ва сабаби обшавии пиряхҳо ва дигар пайомадҳои манфӣ мегардад, ки бар асари онҳо одамон дар тамоми сайёра ранҷ мекашанд. Бештар ҳодисаҳои табиӣ монанди хушксолӣ, сел, обхезӣ ва монанди ин ба вуқӯъ мепайвандад.

Гумон меравад, ки масоҳати пиряхҳои кишвар дар қиёс ба имрӯз 15-20 дарсад кам шуда, ҳаҷми об дар пиряхҳо 80-100 километри мукааб кам мешавад. Бо усули ҳисоб муайян шудааст, ки ба гармшавии ҳаво нигоҳ накарда, баъзе пиряхҳои бузург боқӣ мемонанд.

Олимони соҳа пешгӯӣ мекунанд, ки таъсири эҳтимолии таназзули пиряхҳо ба захираҳои об метавонад дар кутоҳмуддат ба афзоиши оби дарёҳо оварда расонад, аммо дар дарозмуддат ба эҳтимоли зиёд ба камбуди об сабаб мешавад.

Гурӯҳе аз коршиносон роҳи ҳифзи захираҳои оби кишварро, ки дар пайи обшавии пиряхҳо коҳиш меёбанд, бунёди обанборҳои миёна ва хурд ва афзоиши ҷангалҳо дар навоҳии кӯҳӣ медонанд [6.66-78 ].

Обшудани пиряхҳо сабаби то 20-40% камшавии таъмини оби дарёҳо аз ҳисоби онҳо гардида, ҷоришавии умумии дарёҳои асосиро то 7 % кам менамояд. Новобаста аз пешгӯиҳо дар хусуси то 14-18 % зиёд шудани миқдори боришот, он ба ҷараёни оби дарёҳо таъсири назаррас намерасонад, чунки қисми зиёди он аз масоҳати ҷамъшавии об бухор мешавад. Бошиддат обшавии пиряхҳо, дар баробари таъсири тағйирёбии иқлим, то андозаи муайян хушкшавии баҳри Арал низ мусоидат намуд. Ҳар сол миллионҳо тонна чанг ва намакҳои қаъри баҳри хушкшуда тавассути шамолҳои сахту тӯфонҳо ба ҳаво бархеста, ба масофаи дур паҳн мегардад. Мувофиқи пешгӯии олимони соҳа, як қисми ин намакҳо ба пиряхҳои Помиру Тиён-Шон нишаста, обшавии онҳоро метезонад. Тағйирёбии масоҳатҳои яхбаста ва барфпӯши минтақаи ташаккулёбии ҷараён ба реҷаи гидрологӣ ва дар маҷмӯъ ба захираҳои об таъсири зиёд мерасонад. Яххо ва тармаҳо, ки 25-30 % ҷараёни солонаи обро таъмин менамоянд, дар давраи нашъунамо то 50 % манбаи асосии ташаккули ҷараёни оби дарёҳо дар

Осиёи Марказӣ мебошанд. Вобаста ба нақши калидии об дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои минтақа давом ёфтани чунин вазъ дар даҳсолаҳои наздиктарин метавонад ин давлатҳоро ба оқибатҳои боз ҳам шиддатноки норасогии об дучор намояд.

Аҳҳамияти пиряххои Тоҷикистонро дар таъмин намудан ба об ва, ҳамчунин, бехатарии умумии давлатҳои минтақаро ба назар гирифта, 17 – уми декабри соли 2009 дар пойтахти Дания, ш. Копенгаген, дар вохӯрии тарафҳо Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъсис додани Фонди байналмилалии нигаҳдории пиряххоро пешниҳод кард. Чунин созмон метавонад кӯшишҳои давлатҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳониро дар ин самти муҳими стратегӣ ҳамоҳанг созад. Ба ақидаи баъзе олимон, таҳқиқи пиряххои Помир, ки онҳо 60 % масоҳати яхбастаи Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд, имконият медиҳад, ки тағйирёбии иқлим дар якчанд ҳазорсолаи охир муайян карда шавад. Натиҷаи ин таҳқиқот дар тараққиёти илми ҷаҳонӣ дар бораи иқлим нақши муҳим бозида метавонад.

Ҳудуди Тоҷикистон маркази бузурги яхбандии ҳозиразамон дар Осиёи Марказӣ мебошад. Пиряххои дар ҳудуди он воқеъ буда на фақат ғункунандаи захираҳои оби тоза, балки, инчунин, танзимкунандаи оби дарёҳо ва иқлим дар минтақа мебошанд. Пиряхҳо ва тармаҳои доимии Тоҷикистон манбаи асосии таъмини оби дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд. Ҳаҷми умумии захираҳои обии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал 110-120 км$^3$-ро ташкил мекунад.

Пиряххои Тоҷикистон асосан дар Помир мутамарказ гардида, дар он пиряхҳо қариб 550 км$^3$ оби тоза ғун шудааст, ки калонтарини онҳо пиряхи Ванҷях (Федченко) мебошад. Онҳо қариб нисфи ҳаҷми оби дарёҳои Тоҷикистонро медиҳанд. Пиряхи калонтарини кӯҳии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ Ванҷях, ки дарозиаш ба 77 км, бараш то 3-4 км ва ғафсиаш зиёда 1 км-ро ташкил медиҳад. Дар ин пирях яке аз баландтарин дар ҷаҳон дидбонгоҳи метеорологӣ ба номи Горбунов (4200 м аз сатҳи баҳр) амал мекунад. Ин дидбонгоҳ дар ташаккулёбии оби дарёҳо, алалхусус дар он ноҳияҳои арзҳои миёна ва субтропикӣ, ки қаторкӯҳҳои баланди пиряхпӯш бо ҳамвориҳои иқлимаш хушк ҳамҳудуданд, нақши муҳим мебозад (масалан, Осиёи Марказӣ). Ин ҳодисаҳо раванди устувори давомнокро доранд ва ин ҳолат дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва боз ҳам коҳиш ёфтани оби дарёҳо оварда мерасонад. Барф ва пиряхҳо маҳсули таъсири мутақобилаи релеф ва иқлим буда, дар тағйирёбии иқлим бисёр ҳассос мебошанд. Инрузҳо бинобар гармшавии глобалӣ таназзули пиряхҳо нисбат ба пайдоишашон суръати зиёдтар дорад. Умеди он менамоем, ки бо ҷустуҷӯ намудани роҳҳои нав ва кам кардани газҳои партовӣ ба атмосфера, инчунин, бо тарзу усулҳои замонавӣ ба роҳ мондани истеҳсолот то андозае метавонем дар паст кардани сатҳи тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо ҳиссагузор бошем.

## АДАБИЁТ


1. Забиров, Р. Д. Оледенение Памира. – М.: Издательство АН СССР, 1955. – 284 с.
2. Каталог ледников СССР. Т. 14. – Л.: Гидрометеоиздат, 1980. – 344 с.
3. Мақсадов, Ҳ. И. Экологияи умумӣ. – Душанбе, 2016. – 256 с. – С. 41.
4. Мусоев, З.; Хакимов, С. Современное оледенение и роль ледников в формировании стока рек Таджикистана // Таджикистан и современный мир. – 2005. – № 3 (7). – Душанбе. – С. 50–52.
5. Отчёты о наблюдениях за колебанием ледников Таджикистана в 1962–1992 и 1996–2001 годах. – Архив УГМС Таджикистана. – Душанбе, 2001. – 56 с.
6. Рахимов, С. Н. Влияние изменения климата на водные ресурсы Центральной Азии // Сборник докладов Международной конференции по сокращению бедствий, связанных с водой в Центральной Азии. – Душанбе, 2008. – С. 66–78.
7. Раҳмон, Эмомалӣ. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28 декабри 2023, ш. Душанбе). – Душанбе, 2023. – 64 с.

8. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барнома оид ба беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тоза барои солҳои 2008–2020. – Душанбе, 2006. – 72 с.

**УДК 595.763:2-3**

# ИҚТИСОДИЁТИ «САБЗ» ВА САҲМИ ОН ДАР КОҲИШИ ПАРТОВҲО

**Абдуллозода Одилҷон Пардаалӣ**
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон

**Яқубов Рустам Шарафович**
муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон

*Иқтисодиёти "сабз" на танҳо ба муҳити зист, балки ба рушди иқтисодӣ низ мусоидат мекунад. Ин раванд бо коҳиши партовҳо, истифодаи сарватҳои табиӣ ва рушди технологияҳои тоза мусоидат мекунад. Мақола ба таҳлили нақши иқтисодиёти "сабз" дар коҳиши партовҳо, таъсири он ба иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин ба мушкилоти молиявӣ, рушди технологияҳои инноватсионӣ ва нокифоягии қонунгузориҳо, махсусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, мепардозад. Таҷрибаи Аврупо ва Амрикои Шимолӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории байналмилалӣ ва сармоягузории давлатӣ барои рушди ин соҳа ва расидан ба ҳадафҳои устувор муҳим аст.*

***Калиджаҳо:*** *иқтисодиёт, "сабз", коҳиши партовҳо, технологияҳои тоза, рушди устувор, энергияи барқароршаванда.*

# ЗЕЛЕНАЯ ЭКОНОМИКА И ЕЕ ВКЛАД В СОКРАЩЕНИЕ ОТХОДОВ

**Абдуллозода Одилджон Пардаали**
кандидат сельскохозяйственных наук, доцент
Таджикский государственный финансово-экономический университет

**Якубов Рустам Шарафович**
старший преподователь кафедры естественных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета

*Зеленая экономика способствует не только окружающей среде, но и экономическому росту. Этот процесс связан с сокращением отходов, использованием природных ресурсов и развитием чистых технологий. В статье анализируется роль зеленой экономики в сокращении отходов, ее влияние на экономику и социальную жизнь, а также финансовые трудности, технологический дефицит и неадекватность законодательства, особенно в наименее развитых странах. Опыт Европы и Северной Америки показывает, что международное сотрудничество и государственные инвестиции имеют решающее значение для развития отрасли и достижения Целей устойчивого развития.*

***Ключевые слова:*** *зеленая экономика, сокращение выбросов, чистые технологии, устойчивое развитие, возобновляемая энергия.*

# THE GREEN ECONOMY AND ITS CONTRIBUTION TO WASTE REDUCTION

**Abdullozoda Odiljon Pardaali**
Associate Professor
State University of Finance and Economics of Tajikistan

**Yakubov Rustam Sharafovich**
senior teacher of the department of natural sciences of the Tajik State University of Finance and Economics

*A green economy contributes not only to the environment, but also to economic growth. This process is associated with waste reduction, the use of natural resources and the development of clean technologies. The article analyzes the role of the green economy in reducing waste, its impact on the economy and social life, as well as financial difficulties, technological deficits and inadequate legislation, especially in the least developed countries. The experience of Europe and North America shows that international cooperation and public investment are crucial for the development of the industry and the achievement of Sustainable Development Goals.*

***Keywords:*** *green economy, emissions reduction, clean technologies, sustainable development, renewable energy.*

Иқтисодиёти “сабз” на танҳо ба коҳиши партовҳо ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, балки инчунин ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равона шудааст. Ин амсила бо такя ба технологияи сабз, энергияи барқароршаванда ва инноватсияҳо, ҷойҳои нави корӣ ва рушди устуворро фароҳам меорад.

Рушди кишоварзии органикӣ, ки бе истифодаи моддаҳои кимиёвӣ метавонанд ба ҳифзи гуногунии биологӣ мусоидатнамояд, ва ба коҳиши таъсири манфии тағйироти иқлим кӯмак кунад. Инчунин, рушди ин соҳа метавонад ба беҳтар шудани сифати хӯрока, коҳиши бемориҳо ва беҳбудии саломатии ҷомеа мусоидат намояд.

Иқтисодиёти “сабз” бо истифода аз манбаъҳои табиӣ метавонанд ба ҳифзи муҳити зист, инчунин ба такмили равандҳои истеҳсолӣ ва кам кардани партовҳо, инчунин ба рушди устувори кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, мусоидат намоянд. Ин раванд на танҳо барои ҳифзи муҳити зист, балки барои рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа низ муҳим аст.

Мақсади асосии ин таҳқиқ –баррасӣ намудани саҳми иқтисодиёти “сабз” дар коҳиши партовҳо, таҳлили имкониятҳо ва чораҳои рушди технологияҳои “сабз” инчунин арзёбии таъсири онҳо ба иқтисодиёт ва ҷомеа мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки иқтисодиёти “сабз” на танҳо ба коҳиши партовҳо, балки ба беҳсозии сифати муҳити зист, рушди устувори иқтисодӣ ва сифати ҳаёти солим мусоидат мекунад. Иқтисодиёти “сабз” бо истифодаи технологияи “сабз” ва инноватсионӣ, инчунин бо рушди кишоварзии органикӣ ва истифодаи манбаъҳои барқароршаванда, метавонад ба рушди устувор ва коҳиши таъсири манфии иқлимӣ кӯмак расонад [3].

Илова бар ин, таҳқиқот нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки ба иқтисодиёти “сабз” майли гузариш доранд, метавонанд манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дарозмуддати назаррас ба даст оранд, ки ин ба рушди устувори иқтисодӣ ва беҳбудии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф моро, зарур аст, ки бо давлатҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷомеа ҳамкорӣ кунем, то стратегияи самараноки иқтисодиёти сабзро таҳия ва амалӣ созем. Ин ҳамкорӣ метавонад ба рушди технологияи “сабз” ташвиқи истифодаи манбаъҳои барқароршаванда ва баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон дар бораи аҳамияти ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор кумак расонад.

Рушди иқтисодиёти сабз бо мақсади коҳиши партовҳои газҳои гулхонагӣ ($CO_2$) ва дигар газҳои гулхонаӣ, ки ба тағйирёбии иқлим мусоидат мекунанд, равона шудааст.

Барои рушди иқтисоди “сабз” ба мо зарур аст, ки ба технологияи “сабз”таваҷҷуҳи бештар намоем.

- Истифодаи технологияҳои “сабз” ба монанди энергияи барқароршаванда (офтоб, бод) ва нақлиёти электрикӣ, метавонад ба коҳиши партовҳо мусоидат намоянд. Ин исбот

намудааст, ки 80% ифлосиҳоро ба фазо нақлиёт мебарорад. Аз ин рӯ моро зарур аст ба нақлиёти “сабз” бештар аҳамият диҳем.

- Ин технологияҳо на танҳо партовҳоро коҳиш медиҳанд, балки самаранокии энергияи истеҳсолотро низ баланд мебардоранд.

Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба мо имкон медиҳанд, ки нерӯи сабзро истеҳсол намуда, ба ҳифзи муҳити зист ва сифати ҳаёт мусоидат менамоем.

Иқтисодиёти сабз ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ба монанди об ва замин, бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Мо метавонем бо истифода аз усулҳои органикӣ ва идоракунии об дар кишоварзӣ ба коҳиши партовҳо ва беҳтар шудани сифати муҳити зист мусоидат кунанд.

Рушди иқтисодиёти сабз метавонад ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ, махсусан дар соҳаҳои технологияи “сабз” ва энергетикаи барқароршаванда, мусоидат кунад.

Ҳамкории байналмилалӣ метавонад *б*арои расидан ба ҳадафҳои коҳиши партовҳо, ҳамкории байналмилалӣ ва сармоягузории давлатӣмусоидат менамояд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳамкории глобалӣ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ва рушди иқтисодиёти сабз муфид аст.

Истифодаи энергияи барқароршаванда (офтоб, бод, об) дар кишварҳои аврупоӣ 30% аз ҳаҷми умумии энергияро ташкил медиҳад.

Технологияҳои нави истеҳсолӣ ба коҳиши 20-фоизи партовҳои саноатӣ мусоидат мекунанд.

Рушди иқтисодиёти сабз, ки ба истифодаи самараноки манбаъҳои табиӣ ва коҳиши таъсири манфии инсон ба муҳити зист равона шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бо татбиқи усулҳои навини истеҳсолӣ, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда ва технологияи тоза, кишварҳо метавонанд партовҳои гази карбонро то 40% коҳиш диҳанд. Ин коҳишот на танҳо ба беҳтар шудани сифати ҳаво ва муҳити зист, балки ба рушди устувори иқтисодӣ низ мусоидат мекунад, зеро ин равандҳо метавонанд ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳаҳои нав, ба монанди энергетикаи барқароршаванда, кӯмак кунад.

Технологияҳои нави истеҳсолӣ, ба монанди автоматикунонӣ бо шабакаҳои интернетӣ ё иқтисоди рақамӣ пайваст намудан ва истеҳсоли иктишофӣ, метавонанд боиси коҳиши 20-фоизии партовҳои саноатӣ шаванд. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки равандҳои истеҳсолӣ самаранoктар шаванд, захираҳои моддӣ ва энергия камтар истифода шаванд, ва дар натиҷа партовҳо коҳиш ёбанд. Масалан, истифодаи асбобҳои сенсорӣ ва системаҳои мониторингӣ дар корхонаҳои саноатӣ метавонад ба идоракунии беҳтари захираҳо ва кам кардани партовҳо кӯмак кунад. Инчунин, технологияи 3D чоп ва истеҳсоли иктишофӣ имкон медиҳад, ки маҳсулот бо самаранокии бештар ва партовҳои камтар истеҳсол шаванд.

**Таъсири иқтисодиёти сабз ба коҳиши партовҳо (2020-2030)**

| Соҳа | Коҳиши партовҳо (% ) | Сабабҳои асосӣ |
|---|---|---|
| Энергетика | 35% | Истифодаи энергияи барқароршаванда |
| Нақлиёт | 25% | Электромобилҳо ва нақлиёти устувор |
| Кишоварзӣ | 15% | Усулҳои органикӣ ва идоракунии об |

Ҳамин тариқ, рушди иқтисодиёти “сабз” ва татбиқи технологияи тоза на танҳо ба коҳиши партовҳо, балки ба беҳтар шудани самаранокии иқтисодӣ ва рушди устувор низ мусоидат мекунад.

Иқтисодиёти “сабз”, ки ба рушди устувор ва коҳиши таъсироти манфии муҳити зист равона шудааст, нақши муҳим дар коҳиши партовҳо дорад. Таҳлили таъсири иқтисодиёти “сабз” ба коҳиши партовҳо дар давраи 2020-2030 нишон медиҳад, ки соҳаҳои гуногун метавонанд бо усулҳои нав ва технологияи “сабз” партовҳоро коҳиш диҳанд.

Чуноне, ки қайд кардем энергетикаи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар коҳиши партовҳо саҳми назаррас дорад.

Истифодаи энергияи барқароршаванда, ба монанди офтобӣ, бодӣ ва обӣ, имкон медиҳад, ки истеҳсоли энергия бо партовҳои камтар ва таъсири манфии ками муҳити зист сурат гирад. Ин усулҳо на танҳо $CO_2$-ро коҳиш медиҳанд, балки боиси кам шудани вобастагии кишварҳо аз сузишвории нефтӣ мешаванд.

Инчунин дар коҳиш додани партовҳо нақлиёт нақши муҳимро мебозад.

Рушди электромобилҳо ва нақлиёти устувор, ба монанди велосипедҳо ва нақлиёти ҷамъиятӣ, боиси коҳиши партовҳои гази карбон ва дигар моддаҳои зараровар мегардад. Инчунин, ин соҳа бо истифодаи технологияи нав, ба монанди системаҳои идоракунии нақлиёт, метавонад самаранокии ҳаракатро беҳтар кунад.

Дар рушди иқтисоди “сабз” ва коҳиши партовҳо кишоварзӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Истифодаи усулҳои органикӣ ва идоракунии об дар кишоварзӣ на танҳо ба беҳтар шудани сифати маҳсулот мусоидат мекунанд, балки партовҳоро низ коҳиш медиҳанд. Истифодаи усулҳои устувор, ба монанди кишоварзии пермаҳсул ва агрономияи устувор, имкон медиҳад, ки захираҳои обӣ ва замин самаранок истифода шаванд, ки ин ба коҳиши партовҳо ва беҳтар шудани муҳити зист оварда мерасонад [1].

Ин таҳлил нишон медиҳад, ки иқтисодиёти “сабз” на танҳо барои коҳиши партовҳо, балки барои рушди устувор ва беҳтар кардани сифати ҳаёти мардум низ муҳим аст. Ин равандҳо метавонанд бо ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа, самаранoктар ва муассиртар сурат гиранд.

Иқтисодиёти “сабз” на танҳо ба муҳити зист, балки ба рушди иқтисодӣ низ мусоидат мекунад. Ин раванд бо таъсири мусбат ба шуғл, инноватсия ва устувории иҷтимоӣ алоқаманд аст. Аммо, рушди ин соҳа бо мушкилоти молиявӣ, камбудии технологияҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва нокифоягии қонунгузориҳо рӯ ба рӯ аст.

Кишварҳои рӯ ба тараққӣ аксар вақт дар дастрасии манбаъҳои молиявӣ ва технологӣ маҳдудият доранд, ки ин метавонад рушди иқтисодиёти сабзро боздорад. Барои рафъи ин монеаҳо, зарур аст, ки давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ барномаҳои дастгирии молиявӣ ва технологиро таҳия кунанд.

Таҷрибаи Аврупо ва Амрикои Шимолӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории байналмилалӣ ва сармоягузории давлатӣ муфид аст. Ин кишварҳо бо истифода аз механизмҳои гуногун, ба монанди грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ва шарикӣ бо бахши хусусӣ, тавонистаанд, ки рушди иқтисодиёти сабзро суръат бахшанд.

Илова бар ин, таҳияи қонунгузориҳои самаранок ва стандартҳои экологӣ метавонад ба рушди ин соҳа кӯмак расонад. Инчунин, таълими аҳолӣ ва баланд бардоштани огоҳии иҷтимоӣ дар бораи манфиатҳои иқтисодиёти сабз, метавонад ба дастгирии ин раванд мусоидат кунад.

Дар маҷмӯъ, барои расидан ба ҳадафҳои коҳиши партовҳо ва рушди устувор, ҳамкории глобалӣ, сармоягузории самаранок ва инноватсия дар соҳаи технологияҳо зарур аст.

## АДАБИЁТ


1. Созмони Милали Муттаҳид. Рушди устувор ва иқтисодиёти сабз. – Ню-Йорк: СММ, 2022. – 128 с.
2. IPCC. Гузориши оид ба тағйироти иқлимӣ. – Женева: Intergovernmental Panel on Climate Change, 2023. – 256 с.
3. World Bank. Самаранокии энергетикӣ дар кишварҳои ислоҳотӣ. – Washington, DC: World Bank, 2021. – 142 с.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ЦИРКУЛЯРНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Алимова Муборак Алимджоновна**
Заведующая отделом устойчивого развития сектора услуг Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье рассматриваются теоретические основы понятия циркулярной экономики как одного из фундаментальных направлений устойчивого развития. Выдвинуты основные принципы циркулярной модели: восстановление, повторное использование, переработка и уменьшение отходов. Изучен анализ линейности и циркулярности, подчеркнут внимания к ценностям потока к замкнутому кругу производства и потребления. Особое внимание уделяется методологическим подходах к созданию циркулярной экономики, а также государственным и частным инициативам стимулирования экологически устойчивого роста. Сообщают важность теоретико-научного обоснования становления перехода к циркулярной экономике для экономик стран развития, в том числе Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *циркулярная экономика, устойчивое развитие, замкнутый цикл, повторное использование, переработка, экология, Республика Таджикистан.*

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТИ ДАВРАГӢ

**Алимова Муборак Алимчоновна**
Мудири шуъбаи Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақола асосҳои назариявии консепсияи иқтисодиёти даврӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии рушди устувор баррасӣ карда мешавад. Принсипҳои асосии модели даврӣ инҳоянд: барқарорсозӣ, дубора истифода бурдан, коркард ва кам кардани партовҳо. Таҳлили хатӣ ва даврашакл омӯхта, ба арзишҳои ҷараён ба доираи пӯшидаи истеҳсолот ва истеъмол диққат дода мешавад. Диққати махсус ба равишҳои методологии ташкили иқтисодиёти даврӣ, инчунин ташаббусҳои давлатӣ ва хусусӣ оид ба ҳавасмандгардонии рушди устувори экологӣ дода мешавад. Дар онхо аз чихати назариявй ва илмии асоснок кардани гузариш ба иктисодиёти даврагй барои иктисодиёти мамлакатхои тараккиёбанда, аз чумла, республикаи Точикистон ахамият медиханд.*

***Калидвожаҳо***: *иқтисодиёти даврӣ, рушди устувор, давраи пӯшида, истифодаи такрорӣ, коркарди такрорӣ, экология, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# THEORETICAL ASPECTS OF THE CIRCULAR ECONOMY

**Alimova Muborak Alimdzhonovna**
Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article examines the theoretical foundations of the concept of the circular economy as one of the fundamental directions of sustainable development. The main principles of the circular model are outlined: restoration, reuse, recycling, and waste reduction. The analysis of linearity and circularity is explored, with emphasis on the value flows within a closed-loop system of production and consumption. Special attention is given to methodological approaches to the creation of a circular economy, as well as to public and private initiatives aimed at promoting environmentally*

*sustainable growth. The importance of theoretical and scientific justification for the transition to a circular economy for developing countries, including the Republic of Tajikistan, is highlighted.*
***Keywords:*** *circular economy, sustainable development, closed loop, reuse, recycling, ecology, Republic of Tajikistan*

Циркулярная экономика экономическая модель, представляющая собой экономическое моделирование и стремящаяся сохранить отходы как можно меньше, а ресурсы использовать эффективно. Если сравнить с классической линейной экономикой, где производство и потребление включают в себя этапы «забрать-производить-персонализировать», циркулярная экономика предназначена для сохранения жизни продукта и материла, их восстановления, переработки и повторного использования [4].

Существующая концепцияимеет широкую палитру теоретических нюансов, постигая экологические, экономические и социальные аспекты. Дальнейшее развитие теории циркулярной экономики требует углубленного изучения экономических и социальных аспектов. Необходимо разработать экономические модели, учитывающие особенности замкнутых циклов и стимулирующие компании к внедрению принципов циркулярной экономики. Экологическая экономика и устойчивое развитие: Циркулярная экономика тесно связана с принципами экологической экономики, которая рассматривает экономическую деятельность в контексте экологических ограничений [7]. Важную роль играет разработка системы показателей для оценки эффективности циркулярной экономики, позволяющей отслеживать прогресс и выявлять области для улучшения. Кроме того, необходимо учитывать социальные аспекты, такие как создание новых рабочих мест и повышение качества жизни. Устойчивое развитие, как концепция, подразумевает удовлетворение потребностей настоящего поколения без ущерба для возможностей будущих поколений [3]. Циркулярная экономика является одним из ключевых инструментов достижения устойчивости, так как она способствует более эффективному использованию ресурсов и снижению негативного воздействия на окружающую среду. По мнению исследователя Чэн Юй, автора статьи "Circular Economy and Sustainability: A Systematic Review", теоретические основы циркулярной экономики связаны с такими концепциями, как замкнутые материальные потоки, устойчивое производство и потребление, а также индустриальная экология [5]. Автор систематически проанализировал научную литературу по данному направлению и подчеркнул, что циркулярная экономика базируется на системном мышлении, при котором продукты и материалы максимально долго остаются в экономическом обороте. В обзоре также отмечено, что, несмотря на активное развитие практических аспектов, теоретическая база циркулярной экономики всё ещё требует дальнейшего обоснования и унификации.

Бокен, автор статьи "Product design and business model strategies for a circular economy" и соавторы сосредоточились на теоретических стратегиях перехода к циркулярной экономике через дизайн продукта и бизнес-модели. Они предложили три ключевые теоретические стратегии: удлинение срока службы продуктов (через ремонт, модернизацию и переработку), циркулярные поставки (например, использование возобновляемых и переработанных материалов), платформенные модели совместного потребления (sharing economy). Эти стратегии опираются на теоретические концепции устойчивого развития, ресурсной эффективности и экономики замкнутого цикла [2]. Современные технологии машинного обучения открывают перед нами невиданные ранее возможности в самых разных областях. От автоматизации рутинных задач до создания сложных аналитических систем, искусственный интеллект постепенно становится неотъемлемой частью нашей жизни.

Одним из перспективных направлений является развитие цифровых технологий для поддержки циркулярной экономики. Интернет вещей (IoT), блокчейн и искусственный интеллект могут быть использованы для отслеживания движения материалов, оптимизации процессов переработки и создания новых бизнес-моделей. Цифровые платформы могут

облегчить взаимодействие между различными участниками циркулярной экономики, такими как производители, потребители и переработчики. Особое место в этом процессе занимает обработка естественного языка (NLP), позволяющая компьютерам понимать, интерпретировать и генерировать человеческий язык. Это открывает двери к созданию чат-ботов, способных вести осмысленный диалог, систем машинного перевода, преодолевающих языковые барьеры, и интеллектуальных помощников, способных извлекать знания из огромных массивов текстовой информации. Развитие NLP тесно связано с прогрессом в области глубокого обучения, особенно с появлением трансформных моделей. Эти модели, такие как BERT и GPT, продемонстрировали впечатляющие результаты в решении самых разнообразных задач, от классификации текстов до генерации связных и логичных текстов.

Однако, несмотря на значительные успехи, NLP все еще сталкивается с рядом серьезных вызовов. Понимание контекста, распознавание сарказма и иронии, обработка многозначных слов – все это требует от систем искусственного интеллекта не только знания грамматики и лексики, но и понимания мира, способность рассуждать и делать выводы.

В будущем мы можем ожидать дальнейшего развития NLP, появления новых, более мощных и эффективных моделей, способных решать еще более сложные задачи. Это откроет новые горизонты для автоматизации, коммуникации и доступа к знаниям, делая нашу жизнь проще и удобнее.

Переход к циркулярной экономики требует изменений в образовании и подготовке кадров. Необходимо разработать образовательные программы, которые будут обучать специалистов, способных разрабатывать и внедрять стратегии циркулярной экономики. Важно также повышать осведомленность общественности о преимуществах циркулярной экономики и стимулировать потребителей к более ответственному потреблению.

Международное сотрудничество играет важную роль в развитии циркулярной экономики. Необходимо разработать международные стандарты и правила, которые будут способствовать трансграничному потоку материалов и технологий. Обмен опытом и лучшими практиками между странами может ускорить переход к циркулярной экономики во всем мире.

Циркулярная экономика основывается на нескольких ключевых принципах, включая:

Ремонт, переработка и повторное использование. В циркулярной экономике стремятся продлить срок службы продуктов, компонентов и материалов, минимизируют их выбросы в окружающую среду.

Проектирование для устойчивости. Продукты проектируются так, чтобы их было легко восстанавливать или перерабатывать, что увеличивает их долговечность.

Замкнутые цепочки поставок. Важно, чтобы сырьевые материалы и продукты циркулировали внутри экономики, минимизируя потребность в новых природных ресурсах.

Снижение потребления первичных ресурсов. Использование вторичных материалов и отказ от одноразовых товаров помогает уменьшить экологический след.

Основной экологической целью циркулярной экономики является сокращение отходов и загрязнения. При линейной экономике значительная часть ресурсов оказывается в виде отходов, что приводит к загрязнению экосистем и утрате ценных материалов. Циркулярная экономика сокращает потребление первичных ресурсов и улучшает переработку отходов, что способствует снижению воздействия на окружающую среду. Циркулярная экономика приносит экономическую выгоду, сокращая затраты на сырьё и увеличивая эффективность производства. Компании, внедряющие циркулярные практики, могут снизить зависимость от внешних поставок и стабилизировать цены на сырьевые материалы. Например, использование переработанных материалов позволяет уменьшить затраты на их добычу и транспортировку, а также улучшить конкурентоспособность продукции.

Циркулярная экономика также способствует развитию новых бизнес-моделей, таких как сервисы по аренде и обмену, что стимулирует инновации и улучшение качества

продукции. Одним из примеров является переход от модели владения к модели пользования, где потребители арендуют продукты вместо того, чтобы их приобретать. Циркулярная экономика не только решает проблемы экологии и экономики, но и предлагает решения для социальных проблем, таких как создание новых рабочих мест в сфере переработки и ремонта. Такие отрасли требуют высокого уровня квалификации, что способствует повышению уровня образования и квалификации рабочей силы. Кроме того, циркулярная экономика может помочь улучшить доступность ресурсов для более широких слоёв населения. Например, модели обмена и аренды товаров могут стать более доступными для людей с ограниченными финансовыми возможностями, что повышает уровень социальной инклюзии.

Несмотря на множество преимуществ, циркулярная экономика сталкивается с рядом вызовов. Во-первых, существует нехватка инфраструктуры для переработки и повторного использования материалов. Во-вторых, многие компании и потребители всё ещё ориентированы на традиционные модели потребления, что требует изменения их мышления и привычек. Кроме того, правительствам нужно принять меры для стимулирования перехода к циркулярной экономике, включая создание законодательных и экономических условий, которые способствуют уменьшению отходов и стимулируют инновации в области переработки. Несмотря на растущий интерес к циркулярной экономики, существует ряд теоретических и практических вызовов, которые необходимо преодолеть. К ним относятся: Отсутствие единого определения: Различные исследователи и организации по-разному определяют циркулярной экономики, что затрудняет разработку общей стратегии и оценку ее эффективности [1]. Необходимость изменения бизнес - моделей: Переход к циркулярной экономике требует от компаний пересмотра своих бизнес - моделей, отказа от линейного подхода и внедрения новых стратегий, таких как аренда, лизинг и совместное использование продуктов.

Развитие инфраструктуры: Для эффективной работы циркулярная экономика необходима развитая инфраструктура для сбора, переработки и повторного использования отходов.

Изменение потребительского поведения: Потребители должны быть готовы к приобретению и использованию продуктов и услуг, разработанных в соответствии с принципами циркулярной экономики.

Циркулярная экономика представляет собой значительный шаг вперёд в эволюции мировой экономики. С её помощью можно не только минимизировать экологические риски, но и создать новые экономические возможности, а также повысить социальную устойчивость общества. Чтобы достигнуть успеха в реализации этой модели, необходимо развитие технологий, изменение общественного восприятия и поддержка со стороны государств. Циркулярная экономика представляет собой перспективную модель экономического развития, способную решить ряд экологических и социальных проблем. Однако для ее успешной реализации необходимо дальнейшее развитие теоретических основ, разработка эффективных стратегий и активное участие всех заинтересованных сторон [8].

## ЛИТЕРАТУРА


1. Accenture. Waste to Wealth: The Circular Economy Advantage. – New York: Palgrave Macmillan, 2015. – 264 с.
2. Bocken N. M. P., de Pauw I., Bakker C., van der Grinten B. Product design and business model strategies for a circular economy // Journal of Industrial and Production Engineering. – 2016. – Vol. 33, № 5. – P. 308-320.
3. Ellen MacArthur Foundation. Towards the Circular Economy: Economic and business rationale for an accelerated transition. – Cowes: Ellen MacArthur Foundation, 2019. – 21 с.
4. Geissdoerfer M., Savaget P., Bocken N. M. P., Hultink E. J. The Circular Economy – A new sustainability paradigm? // Journal of Cleaner Production. – 2017. – Vol. 143. – P. 757-768.

5. Geng Y., Fu J., Sarkis J., Xue B. Circular Economy and Sustainability: A Systematic Review // Sustainability. – 2019. – Vol. 11, № 12. – P. 3427.
6. Kirchherr J., Reike D., Hekkert M. Barriers to the Circular Economy: Evidence from the European Union (EU) // Ecological Economics. – 2018. – Vol. 150. – P. 264-272.
7. Lieder M., Rashid A. Towards circular economy implementation: A comprehensive review in the last decade // Journal of Cleaner Production. – 2016. – Vol. 115. – P. 36-51.
8. McKinsey & Company. The Circular Economy: A New Agenda for Business and Society. – London: McKinsey & Company, 2016. – 36 c.

# МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГИИ БАҲРИ АРАЛ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ПИРЯХҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарипов Асадулло Камолович**
омӯзгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Зайнураи Асадулло**
ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ва маълумотҳои муосир сабабҳои асосии хушкшавии баҳри Аралро – аз ҷумла, истифодаи беасоси захираҳои обӣ, сохтмони каналҳо, тағйирёбии иқлим ва афзоиши обёрии заминҳои кишоварзӣ –шарҳ додааст. Дар натиҷаи ин равандҳо, ҳаҷми оби баҳр ба таври назаррас коҳиш ёфта, ба офатҳои табиӣ, зиёд шудани биёбонҳо, паст шудани сифати ҳаво ва камшавии ҳаёти биологӣ оварда расидааст. Қисми муҳими мақола ба таъсири ғайримустақими хушкшавии баҳри Арал ба пиряхҳои Тоҷикистон бахшида шудааст. Ба гуфтаи муаллиф, хокбодҳои пурнамак ва тағйирёбии таркиби атмосфера суръати обшавии барф ва пиряхҳоро зиёд карда, ба коҳиши захираҳои оби кишвар мусоидат менамояд.*

*Дар охир, муаллиф як қатор пешниҳодҳо барои барқарорсозии вазъи экологӣ ва нигоҳ доштани устувории обӣ дар минтақа ироа кардааст. Аз ҷумла, истифодаи самараноки об, беҳсозии методҳои обёрӣ ва шинондани растаниҳои тобовар ба иқлимро муҳим арзёбӣ мекунад.*

***Калидвожаҳо:** баҳри Арал, экология, пирях, об, биёбоншавӣ, Тоҷикистон, тағйирёбии иқлим.*

# ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ АРАЛЬСКОГО МОРЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ТЕРРИТОРИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Шарипов Асадулло Камолович**
старший преподаватель кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

**Зайнура Асадулло**
ассистент кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

*На основе научного анализа и современных данных автор объясняет основные причины высыхания Аральского моря, в том числе нерациональное использование водных ресурсов, строительство каналов, изменение климата и усиление орошения сельскохозяйственных земель. В результате этих процессов объем морской воды значительно сократился, что привело к стихийным бедствиям, расширению пустынь, ухудшению качества воздуха и сокращению биологической жизни. Важная часть статьи посвящена косвенному влиянию высыхания Аральского моря на ледники Таджикистана. По мнению автора, соляно-пылевые бури и изменение состава атмосферы увеличивают скорость таяния снега и ледников, способствуя сокращению водных ресурсов страны.*

*В заключение автор вносит ряд предложений по восстановлению экологической ситуации и поддержанию водной стабильности в регионе. В частности, он считает*

*важным эффективное использование воды, улучшение методов орошения и посадку климатически устойчивых растений.*

***Ключевые слова:*** *Аральское море, экология, ледник, вода, опустынивание, Таджикистан, изменение климата.*

## ECOLOGICAL ISSUES OF THE ARAL SEA AND ITS IMPACT ON CENTRAL ASIAN TERRITORIES IN THE EXAMPLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Sharipov Asadullo Kamolovich**
Senior Lecturer, Department of Economic Geography and Ecology
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
**Zainura Asadullo**
Assistant, Department of Economic Geography and Ecology
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*Based on scientific analysis and modern data, the author explains the main reasons for the drying up of the Aral Sea, including irrational use of water resources, construction of canals, climate change and increased irrigation of agricultural lands. As a result of these processes, the volume of seawater has significantly decreased, which has led to natural disasters, expansion of deserts, deterioration of air quality and reduction of biological life. An important part of the article is devoted to the indirect impact of the drying up of the Aral Sea on the glaciers of Tajikistan. According to the author, salt-dust storms and changes in the composition of the atmosphere increase the rate of melting of snow and glaciers, contributing to the reduction of water resources of the country.*

*In conclusion, the author makes a number of proposals for restoring the ecological situation and maintaining water stability in the region. In particular, he considers it important to use water efficiently, improve irrigation methods and plant climate-resistant plants.*

***Keywords:*** *Aral Sea, ecology, glacier, water, desertification, Tajikistan, climate change.*

Тағйирёбии иқлими сайёраи Замин дар баробари масъалаҳои демографӣ, истифодаи захираҳои Уқёнуси Олам, азхудкунии кайҳон, норасоии маводи хӯрока, норасогии оби нӯшокӣ ба қатори масъалаҳои умумибашарӣ шомил мегардад. Ин масоил имрӯзҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он оварда расонидааст, ки дар сатҳи Замин масоҳати пиряхҳои ҷаҳон кам, биёбоншавӣ зиёд, биосистемаҳои экологӣ нобуд, норасоии оби нӯшокӣ ва дигар масъалаҳои рӯзмара ба вуҷуд оянд.

Олимон ба он назаранд, ки гармшавии сайёра ба манбаҳои обӣ дар сатҳи хушкӣ таъсир расонида, дар баъзе минтақаҳо манбаъҳои обӣ тамоман аз байн раванд, режими оби дарёҳо тағйир ёбад, ҳавзаҳои оби кӯлҳо ва баҳрҳои дохилиматерикӣ хушк шаванд. Яке аз ин ҳудудҳое, ки зери истифодаи ноокилонаи оби дарёҳо ва гармшавии иқлим таъсири манфӣ дида истодааст ин ҳавзаи дарёҳои Ому ва Сир, дар маҷмуъ баҳри Арал мебошад.




**Расми 1.1 Харитаи ҳудуди баҳри Арал дар садсолаҳои қарни гузашта**

Мувофиқи ақидаи олимон дар садсолаҳои гузашта ҳудуди баҳри мазкур ба баҳри Каспий (Хазар) рафта мерасид. Чи гунае, ки аз расми 1.1 бар меояд ҳудуди баҳри Арал дар гузашта бениҳоят васеъ будааст.

Имрӯзҳо яке аз масъалаҳои асосии давлатҳои Осиёи Марказӣ ин фоҷиаи аз байн рафтани баҳри Арал мебошад. Новобаста аз он, ки баҳри Арал то ҳолати сатҳи хушкшавӣ ба калонтарин баҳркӯл дар Осиёи Марказӣ ва ба даҳгонаи калонтарин кӯл (баъди Каспий Болоӣ ва Виктория) дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, дорои экосистема ва ареали биологӣ мебошад [5].

Мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ баҳри Арал то ба ҳолати фоҷиаи экологӣ табдил шуданаш, ки он ба аввали солҳои 60-уми асри гузашта рост меояд, дар баландии 53 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардида, акваторияи умумии он 66,5 ҳазор километри мураббаъро ташкил медод. Дар ҳамин солҳо ҳаҷми оби баҳр ба 1 022,6 километри мукааб баробар буда, дарозиаш ба 428 километр ва паҳноиаш ба 235 километр баробар буд. То солҳои 50-уми асри XX баҳри Арал мувозинати оби худро нигоҳ медошт. То дар ин давра ҳар сол ба баҳр 64 км мукааб об ворид гардида, 63 км мукааб об бухор мегардид. Лекин аз аввали солҳои 60-ум аллакай мушоҳида гардид, ки сатҳи оби баҳр кам шуда истодааст [1].

Бузург будани масоҳат ва ҳаҷми оби баҳркӯл дар ин давра ба яхбандии давраи чорумин вобастагии зич дорад. Чуқурии баҳр он қадар зиёд нест. Чуқурии миёнаи баҳр ба ҳисоби миёна ба 20-25 метр ва аз ҳама ҷойи чуқуртаринаш ба 68 метр баробар аст. Дар ҳамон давра масоҳати ҳавзаи баҳр ба 690 ҳазор километри мураббa мерасид.

Аз замонҳои гузашта бинобар сабаби тадриҷан кам шудани оби сатҳи баҳр таваҷҷуҳи олимон ва сайёҳонро ба худ ҷалб менамуд. Оид ба хушкшавии баҳри мазкур дар асарҳои олимони мухталиф маълумотҳо ба мушоҳида мерасанд. Махсусан дар асари сайёҳ ва олими рус Берг Л.С. «Очерки тадқиқоти географии Арал» дар соли 1908 доир ба оқибатҳои аз меъёр кам гардидани оби баҳр дар натиҷаи аз меъёри муқаррарӣ зиёд обёрӣ намудани заминҳои кишт тавассути дарёҳое, ки манбаи асосии ғизогирии баҳр мебошанд, қайд гардидааст [1].

Назари мутахассисон ба он равона шудааст, ки дар 10-15 соли охир оби дарёҳои Сир ва Ому, ки асоси ғизогирии баҳри Арал мебошанд, қариб, ки намерасад. Дар тули 30 соли бошад омадани оби дарёҳои Сир ва Ому аз 86 фоиз гузашт, ки қариб 9 километри мукааб обро ташкил медиҳад. Инчунин дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сохтани канали Қуштеппа боис ба он гардид, ки беш аз 30-40%-и оби дарёи Омӯ барои обёрии заминҳои кишоварзии ин ҷумҳурӣ равона гардад. Ин боис ба он мегардад, ки дарёи мазкур ба монанди дарёи Зарафшон бе резишгоҳ монад ва ягона манбаи ғизогирии баҳри Арал дарёи Сир боқӣ монаду халос.

Канали Қуштеппа бояд то соли 2028 сохта шуда, ба истифода дода шавад. Ҳоло 100 км канаи мазкур канда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти олимон ва мутахассисон нишон дод, ки (махсусан коршиносони Созмони Милали Муттаҳид) баҳри мазкур ба бузургтарин фоҷеаи экологии сайёраи Замин мубаддал хоҳад гардид.

Дар ҳоли ҳозир ҳаҷми оби баҳр дар даҳсолаи охир чор маротиба хурд гардида, майдони умумиаш ду баробар кам ва сатҳаш бештар аз 15-16 метр паст шудааст. Соҳили баҳр бошад аз ҷудуди солҳои пеш то 80-100 километр ба ақиб рафтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баҳри мазкур ба ҳолати хушкшавӣ рафта расида истодааст.

Камшавии оби баҳр ба он оварда расонидааст, ки омехташавии минералҳо дар об то 4 маротиба зиёд гардида, таркиби кимиёвии баҳр аз оби Укёнуси Ҷаҳонӣ фарқ кунад. Дар Арал намакҳои хлоридӣ ва фосфатҳою нитратҳо кам буда, намакҳои сулфат нисбатан зиёд аст. [5, с. 3]

Зиёд гардидани минералҳои дар боло номбаршуда ба он оварда расонидааст, ки олами организмҳои зинда низ зарар бинанд. Дар натиҷаи тағйирёбии таркиби химияии оби баҳр миқдори моҳиҳо аз 200 ба 38 намуд омада расид.

Зери таъсири хокбодҳои биёбонҳои ҳудуди хушкшудаи баҳри Арал аҳолии соҳилҳои он, хусусан калонсолону кӯдакон ба бемориҳои вазнин гирифтор шуда истодааст. Дар маҷмӯъ хушкшавӣ ба шароити зиндагии беш аз 6 млн нафар аҳолии минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Таъсири хушкшавии баҳр ва бавуҷудоии офатҳои табиӣ, махсусан хокбодҳо ба ҷараёни обшавии пиряххои Осиёи Марказӣ низ мушоҳида мегардад. Баҳри Арал, ки мисли нигине дар байни сарзамини хушку ташналаб ҷойгир шуда буд, вазъи экологии минтақаро муътадил нигоҳ медошт. Ба ақидаи мутахассисони соҳаи гидрологӣ, ҳатто як обанбори масоҳати 100 км мураббаъ дошта то даҳҳо км мураббаъро бо намӣ таъмин карда метавонад. Ҳоло он, ки масоҳати баҳр беш аз чандин обанборҳои Осиёи Марказист. [4, с. 7]

Дар ҷойҳои хушкшудаи баҳр биёбонҳои қумин пайдо гардида истодааст. Ин ҳолат аллакай оғоз гардида, дар ҷойи хушкшудаи он биёбони бо номи Аралқум пайдо шудааст. Дар натиҷаи пайдо шудани биёбони мазкур ва тағйир ёфтани самти шамол ва таркиби хокбодҳо дар ин минтақа дар ҳоли ҳозир 2 млн гектар заминҳои корам аз кишт боз монданд ба маънои дигар биёбон ин заминҳоро фурӯ бурдааст.

Чи гунае, ки дар боло ишора намудем, бавуҷудоиии биёбони мазкур ба он оварда расонид, ки доираи ҳаракати тӯфони чанг ба 500 километр рафта расад. Айни замон масоҳати баҳр ба 28 000 км мураббаъ расида, раванди мазкур ҳамоно идома дорад.

Ҳоло аз ҷониби Иттифоқи байналхалқии нигаҳдории тандурустӣ масоҳати 400 000 км атрофи Арал «минтақаи фалокати экологӣ» эълон гардидааст.

Бо дарназардошти хушкшавии бемайлони баҳр мувофиқи таҳлилҳои мутахассисони байналхалқии соҳаи экология, пешбинӣ гардидааст, ки дар даҳсолаи наздик аз баҳри Арал ҷуз биёбони сернамак дигар чизе боқӣ нахоҳад монд.

Дар ҳолати зиёд шудани майдони намакзор дар ҳудуди мазкур таъсири он ба минтақаҳои яхбандии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расида истодааст. Махсусан вазиши хокбодҳои афғонӣ сол то сол зиёд гардида истода, таркиби он аз солҳои қаблӣ бо зиёд будани минералҳо фарққунанда мебошад. Махсусан вуҷуд доштани миқдори намакҳо дар таркиби хокбод ба он оварда мерасонад, ки суръати обшавии барфҳо зиёд ва шумораи пиряхҳо кам гардад. Дар даҳсолаи охир мушоҳидаҳои мутахассисон нишон медиҳад, ки беш аз ҳазор пирях дар ҳудуди ҷумҳурии мо об шудааст, ки таъсири чунин омил низ аст. [8, с. 9]

Месазад барои барқарор намудан ё ин, ки дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани баҳр лозим аст, ки чораҳои зерин андешида шавад:

1. Самаранок истифодабарии обҳои минтақа ва дар асоси шартномаи тарафай истифода намудани обҳои дарёҳои сарҳадгузар;
2. Тавассути обёрии қатрагӣ ба роҳ мондани соҳаи кишоварзӣ;
3. Шинонидани растаниҳои ба иқлим ва таркиби хоки биёбони Аралқум тобовар;
4. Аз ҳисоби захираҳои оби кӯлҳои болооб зиёд намудани режими оби дарёҳое, ки ба барҳри Арал мерезанд тавассути маблағгузории махсуси Фонди наҷоти Арал;
5. Ҷудо намудани грантҳои махсуси пулӣ барои давлатҳои сароб (махсусан Тоҷикистон ва Қирғизистон) ва ғайраҳо.

## АДАБИЁТ


1. Бабенко В.Г. – Экологические проблемы Приаралья. – Алма-Ата: Казахстан, 1985.
2. Глазовская М.А. – Арал: природа, ресурсы, экология. – Москва: Изд-во МГУ, 1991.
3. Завьялов В.Н., Кузьмин С.А. – "Современное состояние Аральского моря и перспективы его восстановления" // География и природные ресурсы, 2012, №1.
4. Косарев А.Н., Цыганков Д.В. – Аральское море: проблемы и перспективы. – Москва: Географический факультет МГУ, 2009.
5. Мамедов Р.М. – Аральское море: экологическая катастрофа и пути её преодоления. – Москва: Наука, 1990.
6. Миклин Е.М. – Аральское море: история, современное состояние, перспективы восстановления. – Санкт-Петербург: Гидрометеоиздат, 2000.

7. Миллер Л. – "Гибель Аральского моря: экологические и социальные последствия" // Вопросы географии, 1995, №3.
8. Фролов И.Е. – "Динамика уровня Аральского моря и факторы её изменения" // Известия РАН. Серия географическая, 2004, №5.

## ТАВСИФИ ОМИЛҲОИ ЭКОЛОГӢ БА МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ УСТУВОРИ ЭКОЛОГИЯИ МИНТАҚА

**Шарипов Асадулло Камолович**
омузгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Мақола ба таҳлили муфассали омилҳои экологӣ ва таъсири онҳо ба рушди устувори минтақаҳо бахшида шудааст. Дар он таъриф ва гурӯҳбандии омилҳои экологӣ, аз ҷумла табиӣ ва антропогенӣ (инсонӣ), ба таври равшан оварда шудааст. Муаллиф таваҷҷуҳи ҷиддиро ба масъалаҳои глобалии тағйирёбии иқлим, ифлосшавии муҳит, камшавии захираҳои табиӣ ва нобудшавии экосистемаҳо равона намудааст. Дар мақола зарурати танзими давлатии муҳити зист ва рушди сиёсатҳои мутобиқ ба шароити маҳаллӣ таъкид мегардад. Инчунин, нақши Пешвои миллат дар пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ, бахусус ҳифзи пиряхҳо ва маърифати экологӣ, зикр ёфтааст. Мақола ба аҳамияти ҳамкории ҷаҳонӣ, иштироки ҷомеа ва истифодаи технологияҳои сабз дар ҳалли мушкилоти экологӣ таъкид мекунад.*
***Калидвожа:*** *иқлим, тағирёби, ҷангал, об, биологӣ, экологӣ, замин, омилҳо.*

## ХАРАКТЕРИСТИКА ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ В МЕХАНИЗМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОЛОГИИ РЕГИОНА

**Шарипов Асадулло Камолович**
старший преподаватель кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

*Статья посвящена детальному анализу факторов окружающей среды и их влияния на устойчивое развитие регионов. В ней четко определены и классифицированы факторы окружающей среды, включая естественные и антропогенные (человеческие). Автор уделяет пристальное внимание глобальным проблемам изменения климата, загрязнения окружающей среды, истощения природных ресурсов и разрушения экосистем. В статье подчеркивается необходимость государственного регулирования окружающей среды и разработки политики, адаптированной к местным условиям. Также упоминается роль Лидера нации в продвижении международных инициатив, в частности, по охране ледников и экологическому образованию. В статье подчеркивается важность глобального сотрудничества, участия общественности и использования зеленых технологий в решении экологических проблем.*
***Ключевые слова:*** *климат, изменение, лес, вода, биологический, экологический, земля, факторы.*

## DESCRIPTION OF ENVIRONMENTAL FACTORS IN THE MECHANISM OF STATE REGULATION AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION

**Sharipov Asadullo Kamolovich**
Senior Lecturer, Department of Economic Geography and Ecology
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article is devoted to a detailed analysis of environmental factors and their impact on sustainable development of regions. It clearly defines and classifies environmental factors, including natural and anthropogenic (human). The author pays close attention to the global*

*problems of climate change, environmental pollution, depletion of natural resources and destruction of ecosystems. The article emphasizes the need for state regulation of the environment and the development of policies adapted to local conditions. It also mentions the role of the Leader of the Nation in promoting international initiatives, in particular, on glacier protection and environmental education. The article emphasizes the importance of global cooperation, public participation and the use of green technologies in solving environmental problems.*

***Key words:*** *climate, change, forest, water, biological, ecological, land, factors.*

Омилҳои экологӣ маҷмӯи шароитҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие мебошанд, ки ба рушди минтақа таъсир мерасонанд. Онҳо муҳимтарин унсурҳои устувории минтақавӣ ба шумор мераванд.

Омилҳои экологӣ он унсурҳое ҳастанд, ки ба ҳолати муҳити зист ва тавозуни экосистемаҳо таъсир мерасонанд. Ин таъсирот метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Ба ибораи дигар омили экологӣ гуфта, маҷмӯи ҳодисаҳои табиию сунъиро меноманд, ки ба ҳаёту фаъолияти организмҳо таъсир мерасонанд.

Омилҳои экологӣ ин хосиятҳои муҳити зист мебошанд, ки шароити мубодилаи моддаҳои организм ва биогеосенозро дар маҷмуъ муайян мекунанд.

Дар шароити афзоиши аҳолӣ, саноатикунонӣ ва тағйирёбии иқлим, зарурати танзими давлатӣ барои нигоҳдории тавозуни экосистемаҳо ва рушди устувори минтақавӣ хеле муҳим аст. Таҳияи сиёсати мутобиқшуда ба шароити минтақа кафолати рушди устуворро фароҳам меорад.

Омилҳои экологӣ, аз ҷумла иқлим, ҷангал, об, гуногунии биологӣ ва сифати замин, ҳамчун сутунҳои асосии экосистемаҳо ва ҳаёти инсон амал мекунанд.

Таваҷҷӯҳ накардан ба ин омилҳо метавонад ба таназзули муҳити зист ва афзоиши хатарҳо оварда расонад.

Омилҳои экологӣ метавонанд табиӣ(биотӣ ва абиотӣ) ё антропогенӣ бошанд:

- Омилҳои табиӣ : иқлим, замин, ҷангал, об, гуногунии биологӣ.
- Омилҳои (сунъи)антропогенӣ: партовҳои саноатӣ ва маишӣ, тағйирёбии иқлим бо таъсири одамон, тағйирёбии истифодабарии замин, истеъмоли захираҳои табиӣ.

Омилҳои экологӣ бевосита ба сифати зиндагӣ, амнияти ғизоӣ, саломатии аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Онҳо заминаи асосии экосистемаҳо мебошанд, ки зиндагии инсонҳо ва мавҷудоти дигарро дастгирӣ мекунанд. Агар ба омилҳои экологӣ беэътиноӣ зоҳир карда шавад, хавфи нобудшавии захираҳои табиӣ, тағйирёбии экосистемаҳо ва афзоиши офатҳои табиӣ меафзояд. Тағйирёбии иқлим ба низомҳои табиӣ ва иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Яъне омилҳои иқлимӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, зироаткорӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Масалан, дар минтақаҳои хушк камбудии об метавонад ба коҳиши истеҳсолоти кишоварзӣ ва зиёдшавии муҳоҷирати экологӣ, инчунин бемориҳои бактериявию вирусӣ оварда расонад. Коҳишёбии сатҳи боришот ва баландшавии ҳарорат хатарҳои ҷиддие ба миён меоваранд, амсоли биёбоншавӣ минтақаҳо ва нобудшавии манбаҳои об. Ин яке аз мушкилотҳои асосӣ аст дар ҷумҳурии мо зеро ҳама нерегоҳҳои барқии дар ҷумҳури буда, бо об кор мекунанд. Яъне тағйирёбии иқлим хатарҳои бузургро дар ҷумҳурӣ ба миён меорад.

Ҷангалҳо экосистемаҳои асосии ҳар минтақа ба шумор меравад, ки ба муҳити зист, иқлим ва иқтисодиёт таъсир мерасонанд. Нобудшавии ҷангалҳо ба таназзули экосистемаҳо ва коҳиши гуногунии биологӣ оварда мерасонад.

Захираҳои табиӣ аз ҷумла канданиҳои фоиданок низ яке аз омилҳои экологӣ ба шумор мераванд. Ҳосилкунӣ ва истихроҷи ғайриоқилонаи онҳо ба харобшавии муҳити зист оварда мерасонад. Инчунин онҳо метавонанд тамоман ба охир расанд, ин низ яке аз мушкилотҳои асосӣ ба шумор меравад.

Ифлосшавии муҳити зист, ҳаво, хок ва об аз ҷониби инсоният, нақлиёт корхонаҳо ва фаъолияти энергетикӣ ба экосистемаҳо хатари бузургеро ба миён овардааст. Норасоии маводи ғизоӣ дар хокҳо, ки аз сабаби аз ҳад зиёд истифодабарии маводҳои кимиёвӣ дар

кишоварзӣ ба миён омадааст, ба амнияти озуқаворӣ хатар эҷод мекунад. Ифлосшавии обҳо махсусан аз саноати коркарди химиявӣ ва партовҳои ҳамарӯзаи одамон, таъсири ҷиддӣ ба таъмини оби тоза ва экосистемаҳо мерасонад.

Ҳар минтақа хусусиятҳои экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии хоси худро дорад. Барои ин, механизми танзими давлатии экологӣ вуҷуд дорад. Механизми танзими давлатӣ вазъияти минтақаро таҳлил намуда, имкониятҳо ва таҳдидҳоро дида мебарояд ва бо аҳолӣ ҳамкори намуда, барномаҳои рушди маҳаллиро мувофиқи захираҳо ва эҳтиёҷоти он минтақа таҳия менамояд.

Танзими давлатии экологияи минтақа бояд ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона шавад ва аз рӯи якчанд механизм мутамарказ гарданд.

Механизмҳои асосии танзим чунинанд:

- Сиёсати қонунгузорӣ: қабул ва риояи қонунҳо, стандартҳои экологӣ ва барномаҳои давлатӣ оиди ҳифзи манбаҳои захираҳои табиӣ.
- Назорат ва мониторинг: таъсиси муассисаҳои назоратӣ барои санҷиши ҳолати муҳити зист ва риояи қонунгузорӣ оиди ҳифзи муҳити зист.
- Ташвиқу таблиғи фапъолиятҳои сабз:пешниҳод кардани имтиёзҳои иқтисодӣ барои ширкатҳо ва шахсоне, ки технологияҳои экологиро истифода мебаранд.
- Маъориф ва иттилоотрасонӣ: баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати экологии миёни аҳолӣ.

Танзими самарабахш ва пурсамари омилҳои экологӣ ва рушд дар экосистемаҳо барои таъмини рушди устувор зарур аст. Давлатҳо, муассисаҳо, бахши хусусӣ ва ҷомеа дар беҳсозии иқтидори экосистемавӣ ва иҷтимоии минтақаҳо метавонанд кӯмак кунанд.

Рушди устувор ин раванди қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҳаррӯза бе таъсири бад расонидан ба наслҳои оянда мебошад. Барои рушди устувори минтақаҳо бояд ба омилҳои истифодаи захираҳои барқароршаванда, коҳиши партовҳо, ҳифзи гуногунии биологӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати экологӣ бо рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ғайра диққати ҷиддӣ дод.

Рушди устувор дар минтақаҳо бо ҳамгироии принсипҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ асос меёбад. Рушди устувор на танҳо ҳифзи муҳити зист, балки беҳбудии зиндагии аҳолиро низ дар назар мегирад. Аз ин лиҳоз кам кардани ифлосиҳои ҳаво ва об барои беҳтар кардани саломатии ҷамъият муҳим аст. Ин чунин ташкили ҷойҳои нави минтақаҳои сабз, яъне боғҳо низ аз манфиат холӣ нест. Ба роҳ мондани истифодаи нуриҳои органикӣ ва кам кардани сатҳи нуриҳои кимиёвӣ ва зархимикатҳо низ ба рушди устувори экологӣ таъсири хуб мерасонад. Корхонаҳо бояд дар ҷараёни истеҳсолот технологияҳои сабзро (технологияҳои каммасрафи бепартов) истифода баранд, то ки партовҳо камтар шаванд. Ё ин ки истифодаи дубораи партовҳо ба роҳ монда шавад.

Омилҳои экологӣ ба сиёсати давлатӣ ва рушди устувор таъсири бевосита мерасонанд. Ҳукумати кишварҳо бояд чораҳои самарабахшро барои идоракунии тағйироти иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ, коҳиши ифлосшавӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ татбиқ намоянд. Ин кор танҳо бо истифодаи қонунгузории қавӣ, механизмҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои нав ва рушди ҳамкории байналмилалӣ имконпазир мегардад.

Ҳифз ва танзими омилҳои экологӣ барои таъмини рушди устувор дар минтақаҳои гуногун аҳамияти ҳаётӣ дорад. Давлатҳо бояд тавассути қонунгузории муассир, ҷорӣ кардани механизмҳои иқтисодӣ, рушди инфрасохтор ва ҷалби ҷомеъа ба хифзи муҳити зист мусоидат намоянд. Илова бар ин, ҳамкории байналмилалӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои пешрафта ва таъмини маърифати экологӣ бояд дар маркази сиёсати давлат бошанд.

Мушкилоти экологӣ, яъне хавфи экологӣ хусусиятҳои глобалӣ доранд ва танҳо бо кӯшиши як кишвар ҳалли пурра пайдо намекунанд. Зарурати ҳамкории байналмилалӣ дар сатҳи баланд муҳим аст. Давлатҳо бояд заминаи қонунгузории пурраро барои танзими истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист таҳия кунанд.

Ин аст, ки Пешвои Муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси навбатии хешро оиди тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряххо пешниҳоди ҷаҳониён гардонид. Бояд қайд намуд, ки пиряххо манбаи асосии оби тоза мебошанд, ки ин манбаи оби тоза низ аз байн

рафта истодааст. Аз ин лиҳоз соли 2025-ро соли байналмилалии Ҳифзи пиряххо эълон намуданд. Ин ташаббус аз ҷониби 153 давлати узви Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфт. Дар асоси ин қатъннома, 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо муайян шуда, таъсиси Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо пешбинӣ гардид.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон борҳову борҳо дар нишасту Конфронсҳои байналмилалӣ оиди масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва гармшавии саёраи заминро иброз намудааст ва ташаббусҳои ӯ дастгирӣ ёфтаанд. Вале мебояд мо ҳама аҳли ҷомеъаи ҷаҳон аз як гиребон сар бароварда, барои ҳалли мушкилотҳои экологии саёраамон чораандешӣ намоем. Зеро иштироки фаъолонаи ҷомеъа дар ҳалли мушкилоти экологӣ хеле муҳим аст.

Маърифати экологӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ташаббусҳои маҳаллӣ метавонанд таъсири калони мусбӣ дошта бошанд. Аз ин лиҳоз бо мақсади баланд бардоштани огаҳии аҳолӣ дар бораи масоили экологӣ, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист, президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро соли ―Маърифати экологӣ эълон намуда буд. Мақсади аслии ин ташаббус ин аст, ки мардум ва ҷомеъа дар тамоми кишвар ба муҳити зист ва нақши экология дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ бештар таваҷҷуҳ кунанд. Яъне пойдории омилҳои экологӣ аз худи инсоният вобастагӣ дорад, пас биёед бароиояндаи ободу зебо ва сарсабзу хуррамии саёраамон талош намоем!

## АДАБИЁТ


1. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы. – Душанбе, 2023. – 84 с.
2. Гершанок, Г. А. Кластерный подход при разработке стратегии устойчивого развития территорий / Г. А. Гершанок // Современные проблемы науки и образования. – 2012. – № 4. – С. 199. – URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=6803 (дата обращения: 17.02.2025).
3. Фомченкова, Л. В. Стратегический организационно-экономический анализ развития промышленного предприятия: монография / Л. В. Фомченкова. – Смоленск: ОАО «Смоленская городская типография», 2015. – 212 с.
4. Якушкин, Н. М. Благоприятный инвестиционный климат – путь к эффективному аграрному бизнесу // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2009. – № 7. – С. 24–28.
5. Институт экономики и демографии Академии наук Таджикистана. Официальный сайт. – URL: http://www.iied.tj (дата обращения: 12.03.2025).

## ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ЭКОСИСТЕМАҲОИ ТАБИӢ

**Зайнураи Асадулло**
ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Мақолаи мазкур ба таҳлили тағйирёбии иқлим ҳамчун як таҳдиди ҷиддӣ барои рушди устувори сайёра бахшида шудааст. Таъсири ин раванд ба гуногунии биологӣ, экосистемаҳо ва муҳити зист мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зимнан, ҳолати иқлимӣ ва обу ҳаво дар Тоҷикистон, аз ҷумла обшавии пиряхҳо ва коҳиши захираҳои обӣ, бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст. Муаллиф сабабҳои асосии гармшавии глобалиро дар фаъолияти антропогенӣ ва партовҳои зараровар медонад. Таъсири ин раванд ба соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва энергетика, таъкид гардидааст. Барномаи "Иқлими сабз" ва тадбирҳои ҳифзи муҳити зист ҳамчун роҳи ҳалли масъалаҳо пешниҳод шудаанд. Дар анҷом, зарурати андешидани чораҳои ҳамоҳангшуда ва баланд бардоштани маърифати экологӣ барои ҳифзи ояндаи сайёра таъкид мегардад.*

***Калидвожа:** Тағйирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, гуногунии биологӣ, обшавии пиряхҳо, муҳити зист, ифлосшавии антропогенӣ.*

## ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ПРИРОДНЫЕ ЭКОСИСТЕМЫ

**Зайнура Асадулло**
ассистент кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

*Данная статья посвящена анализу изменения климата как одной из серьёзных угроз для устойчивого развития планеты. Рассматривается влияние этого процесса на биологическое разнообразие, экосистемы и окружающую среду. В частности, приведены конкретные примеры климатических условий в Таджикистане, включая таяние ледников и сокращение водных ресурсов. Автор считает основными причинами глобального потепления антропогенную деятельность и вредные выбросы. Подчёркнуто влияние этих изменений на ключевые экономические сектора, особенно сельское хозяйство и энергетику. В качестве решений рассматриваются программа «Зелёный климат» и меры по охране окружающей среды. В заключение подчёркивается необходимость согласованных действий и повышения экологической грамотности для сохранения будущего планеты.*

***Ключевые слова:** изменение климата, глобальное потепление, биоразнообразие, таяние ледников, окружающая среда, антропогенное загрязнение.*

## CLIMATE CHANGE AND ITS IMPACT ON NATURAL ECOSYSTEMS

**Zainura Asadullo**
Assistant, Department of Economic Geography and Ecology
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*This article is dedicated to the analysis of climate change as a serious threat to the sustainable development of the planet. It examines the impact of this phenomenon on biodiversity, ecosystems, and the environment. Specific examples are provided regarding climate conditions in Tajikistan, including glacier melting and the reduction of water resources. The author identifies anthropogenic activity and harmful emissions as the main causes of global warming. The effects of climate change on key economic sectors, particularly agriculture and energy, are highlighted. The "Green Climate" program and environmental protection measures are proposed as solutions. The*

*article concludes by emphasizing the need for coordinated action and raising environmental awareness to preserve the future of the planet.*

***Key words:*** *climate change, global warming, biodiversity, melting glaciers, environment, anthropogenic pollution.*

Тағйирёбии иқлим, ки зери таъсири омилҳои табиӣ ва фаъолияти инсонӣ ба амал меояд, имрӯз ба яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ва глобалӣ барои рушди устувори сайёра табдил ёфтааст. Ин раванд на танҳо низоми умумии иқлими Заминро тағйир медиҳад, балки ба муҳити зист, ҳаёти зинда, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеаи инсонӣ таъсири амиқ мерасонад. Гуногунии биологӣ, ки маҷмӯи тамоми шаклҳои ҳаёт дар кураи Замин аст, пояи устувории экосистемаҳо ва амнияти биологӣ ба ҳисоб меравад. Он манбаи асосии таъмини озуқаворӣ, об, дору, сӯзишворӣ ва захираҳои генетикӣ мебошад. Имрӯз робитаи мустақим миёни тағйирёбии иқлим ва коҳиши гуногунии биологӣ ба мушоҳида мерасад: зиёдшавии ҳарорат, тағйироти боришот, обшавии пиряхҳо, хушк шудани манзилгоҳҳои табиӣ ва нобудшавии намудҳои нодири набототу ҳайвонот.

Тавре ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардидааст: «Зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, ҳолати экологӣ ва боло бурдани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ бо масъулияти ҷиддӣ муносибат намоем». Ин суханон самти стратегии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва иқтисоди сабз муайян намуда, зарурати рушди ҳамоҳангшудаи илм, технология, тарбия ва фарҳанги экологии ҷомеаро тақвият мебахшанд.

Таърихи геологии Замин нишон медиҳад, ки тағйироти куллии иқлимӣ ва муҳитӣ дар тӯли миллионҳо сол такрорёбанда буда, борҳо боиси аз байн рафтани намудҳои зиёди ҳаёт, паст шудани гуногунии биологӣ ва дигаргуниҳои шадиди экосистемаҳо шудаанд. Ин равандҳо натиҷаи омилҳои гуногун буданд: ҳаракати плитаҳои тектоникӣ, кӯҳпайдошавӣ, тағйири гардиши уқёнусҳо, бархӯрди ҷирмҳои осмонӣ, оташфишониҳои бузург ва паҳншавии моддаҳои заҳрнок. Аммо дар давраи муосир сабаби асосии тағйирёбии иқлим фаъолияти инсон аст. Инсон бо сӯзондани сӯзишвории маъданӣ, буридани ҷангалҳо, рушди саноати вазнин ва нақлиёти партовзо ба атмосфера миқдори зиёди газҳои гулхонаӣ аз ҷумла гази карбон $CO_2$ метан оксидҳои нитроген ва дигар моддаҳоро хориҷ мекунад. Ин пайвастагиҳо пардаи озониро тунук намуда, таъсири гармидиҳии офтобро зиёд мекунанд ва боиси баланд шудани ҳарорати миёнаи Замин мешаванд. Афзоиши ҳарорат бошад тавозуни экосистемаҳои табииро вайрон карда, иқлимро ноустувор месозад ва боиси зиёд шудани офатҳои табиӣ мегардад.

Афзоиши боришоти ғайримуқаррарӣ, хушксолии тӯлонӣ, обхезӣ, сели ногаҳонӣ, обшавии пиряхҳо, баланд шудани сатҳи уқёнусҳо, инчунин афзоиши шумори тӯфонҳо ва гармои шадид, танҳо чанд намуна аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим мебошанд. Ин ҳама боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ, муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ, нобудшавии инфрасохтор ва пастшавии сатҳи зиндагӣ мегарданд.

Тоҷикистон бо мавқеи ҷуғрофӣ ва экосистемаҳои кӯҳистониаш яке аз кишварҳои аз ҳама осебпазир ба тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар чанд даҳсолаи охир дар кишвар баландшавии ҳарорати миёна, коҳиши боришот, афзоиши хушксолӣ, обшавии босуръати пиряхҳо ва афзоиши офатҳои табиӣ ба қайд гирифта шудаанд. Пиряхҳо, ки манбаи асосии оби дарёҳои Амударё ва Сирдарё мебошанд, дар 60 соли охир тақрибан 20-25% кам шудаанд ва дар баъзе минтақаҳо ин коҳиш то 70% мерасад. Масалан, пиряхҳои минтақаи Ванҷ бо баста шудани маҷрои дарёҳо хавфҳои нави экологиро ба вуҷуд овардаанд. Паст шудани ҳаҷми оби дарёҳо ба бахшҳои муҳими иқтисодӣ, хусусан кишоварзӣ, таъсири манфӣ мерасонад, зеро беш аз 70% оби истифодашаванда дар Тоҷикистон ба обёрии заминҳои кишт равона мегардад. Дар фасли зимистон камшавии барф ва яхбандӣ кори нерӯгоҳҳои барқии обиро мушкил месозад ва мардуми кишвар наметавонанд пурра аз нерӯи барқ истифода баранд. Паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ

низ боиси кам шудани дастрасӣ ба оби ошомиданӣ мегардад. Ҳамаи ин омилҳо ҳамбаста бо афзоиши аҳолӣ, урбанизатсия ва фишори антропогенӣ вазъи экологиро дар кишвар мураккаб мегардонанд.

Гармшавии глобалӣ ва тағйироти иқлимӣ муҳити зисти бисёр намудҳои набототу ҳайвонотро халалдор кардаанд. Нобудшавии ҷангалҳо, хушк шудани ботлоқзорҳо ва кӯлҳо, нобуд шудани чарогоҳҳо ва паст шудани сифати хоку об боиси коҳиши гуногунии биологӣ мегарданд. Дар натиҷа экосистемаҳо қобилияти худбарқароршавиро аз даст медиҳанд, захираҳои табиӣ кам мешаванд ва хавфи пайдоиши бемориҳои нави зоонозӣ меафзояд. Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ ва Барномаи муҳити зисти СММ UNEP то охири асри XXI то 40% намудҳои растаниҳо ва ҳайвонот метавонанд зери хатар қарор гиранд агар гармшавии глобалӣ идома ёбад. Аз байн рафтани намудҳо ба занҷираҳои трофикӣ ва гардиши моддаҳо дар табиат таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин раванд метавонад боиси коҳиши ҳосилнокии зироатҳо, кам шудани захираҳои моҳӣ, паст шудани сифати об, кам шудани имкониятҳои дорусозӣ ва аз байн рафтани захираҳои генетикӣ гардад.

Мамлакатҳои саноатӣ, аз ҷумла кишварҳои Аврупо, ИМА, Чин ва Ҳиндустон манбаи асосии партобҳои газҳои гулхонаӣ мебошанд ва тибқи Барномаи Иқлими сабз Созмони Милали Муттаҳид мувазафанд ба кишварҳои осебпазир кӯмак расонанд. Ин маблағҳо барои беҳтар кардани инфрасохтори обёрӣ, рушди кишоварзии устувор, гузариш ба манбаъҳои тозаи энергия ва ҳифзи гуногунии биологӣ равона мегарданд. Дар Тоҷикистон низ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардидаанд. Ҳоло дар кишвар 149 дидбонгоҳи обсанҷӣ ва ду маркази мониторинги пиряххо фаъолият доранд. Бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази пиряхшиносӣ таъсис ёфтааст, ки ба омӯзиши илмӣ, мониторинг ва таҳлили пиряххо машғул мебошад. Ин тадбирҳо барои таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ, банақшагирии истифодаи устувори захираҳои об ва пешгирии офатҳои табиӣ аҳамияти бузург доранд. Ҳамзамон сиёсати давлатӣ дар самти иқтисоди сабз, рушди энергетикаи барқароршаванда ва баланд бардоштани саводи экологӣ мавқеи устувор пайдо кардааст.

Ҳамин тариқ, тағйирёбии иқлим яке аз омилҳои асосии коҳиши гуногунии биологӣ ва ноустувории экосистемаҳо ба ҳисоб меравад. Барои коҳиши таъсири он зарур аст, ки низоми мониторинг ва огоҳсозӣ тақвият ёбад, стратегияҳои мутобиқшавӣ таҳия ва амалӣ шаванд, минтақаҳои муҳофизатшаванда васеъ гарданд, ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ таҳким ёбанд ва сатҳи маърифати экологӣ дар ҷомеа боло бурда шавад. Ҳифзи гуногунии биологӣ вазифаи муҳими стратегӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ, солимии аҳолӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Ояндаи сайёра ба амалҳои огоҳона ва ҳамоҳангшудаи мо вобаста аст. Танҳо дар сурати ҳамкории зичи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иродаи сиёсӣ метавон ба ҳифзи табиат, пешгирии тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор ноил гардид.

## АДАБИЁТ


1. Анисимов О. А., Нельсон Ф. Э., Павлов А. В. Прогнозные сценарии эволюции криолитозоны при глобальных изменениях климата в XXI веке // Криосфера Земли. - 1999. - Т. III. -№ 4. – С. 15-25.
2. Израэль Ю. А., Груза Г. В., Катцов В. М., Мелешко В. П. Изменения глобального климата. Роль антропогенных воздействий // Метеорология и гидрология. - 2001. -№ 5. - С. 5-21.
3. Либин И. Я., Перес П., Олейник Т. Л., Прудникова Р., Трейгер Е. М. Возможное влияние глобальных изменений климата на социальные процессы и экономику России // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. - 2013. - № 9. - С. 105-108.
4. Макаров И. А. Глобальное изменение климата как вызов мировой экономике и экономической науке // Экономический журнал ВШЭ. - 2013. - № 3. - С. 479-494.

## ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ДОИРАИ РУШДИ УСТУВОР: ВАЗЪИ ҲОЗИРА ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ ОН

**Фозилов Раҷабмурод Шодиевич**
ассистенти кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

*Дар мақола вазъи ҳозира ва тамоюли истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Вазъи ҳозира ва роҳҳои такмилдиҳии низоми он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Хусусиятҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор муайян гардидааст. Муаммоҳои ҷойдошта ва омилҳои ба рушди истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор ошкор ва муайян гардидааст. Амалисозии гурӯҳи чорабиниҳо ҷиҳати бартарафсозии муаммоҳои ҷойдошта ва самараноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор пешниҳод гардидааст. Роҳҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор, вазъи ҳозира ва роҳҳои такмилдиҳии низоми он мавриди коркард ва пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои обӣ, иқтидорҳои ирригатсионӣ, самаранокӣ, эколо-гия, иқтисодиёт, рушди устувор, муаммоҳо, вазъи ҳозира, тамоюл, самтҳо, вазъи ҳозира, роҳҳои такмилдиҳии низоми он, самтҳои амалигардонии истифодаи самара-ноки захираҳои обӣ дар доираи рушди устувор, вазъи ҳозира ва роҳҳои такмилдиҳии низоми он.*

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В РАМКАХ УСТОЧИВОГО РАЗВИТИЯ: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПУТИ СОВЕРШЕНСТВАНИЯ ЕГО СИСТЕМЫ

**Фозилов Раджабмурод Шодиевич**
ассистент кафедры менеджмента и организации туризма
Бохтарский государственнҷй университет имени Носири Хусрава

*В статье изучены современное состояние и перспективы рационального использования водных ресурсов в рамках устойчивого развития. Анализированы современное состояние и пути совершенствование его системы. Определены основ-ные характеристики эффективного использования водных ресурсов в рамках устой-чивого развития. Выявлены и определены существующие проблемы и факторы, влия-ющие на развитие эффективного использования водных ресурсов в рамках устойчи-вого развития. Предложены пути реализации комплекса мероприятий пред-лагается в целях устранения существующих проблем эффективного использования водных ресурсов в рамках устойчивого развития. Разработаны и представлены основные пути рационального использования водных ресурсов в рамках устойчивого развития и пути совершенствование его системы.*

***Ключевые слова:*** *водные ресурсы, ирригационный потенциал, эффективность, экология, экономика, устойчивое развитие, проблемы, современное состояние, тен-денции, направления, пути совершенствование его системы. направления реализации эффективности использования водных ресурсов в рамках устойчивого развития и пути совершенствование его системы.*

## EFFICIENT USE OF WATER RESOURCES IN THE FRAMEWORK OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT: CURRENT STATE AND WAYS TO IMPROVE ITS SYSTEM

**Fozilov Radzhabmurod Shodievich**
Assistant of the Department of Management and Tourism Organization
Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav

*The article studies the current state and prospects for the rational use of water resources in the framework of sustainable development. The current state and ways of improving its system are analyzed. The main characteristics of the efficient use of water resources in the framework of sustainable development are determined. The existing problems and factors influencing the development of efficient use of water resources in the framework of sustainable development are identified and defined. The ways of implementing a set of measures are proposed in order to eliminate the existing problems of efficient use of water resources in the framework of sustainable development. The main ways of rational use of water resources within the framework of sustainable development and ways of improving its system are developed and presented.*

***Keywords:*** *water resources, irrigation potential, efficiency, ecology, economy, sustainable development, problems, current state, trends, directions, ways of improving its system. directions of implementation of the efficiency of water resources use within the framework of sustainable development and ways of improving its system.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон агар аз рӯйи масоҳат (ҳудуд) дар ҷаҳон ҷои 85-умро низ ишғол намояд ҳам, аз рӯйи захираҳои умумии имконпазири барқии энергетикӣ баъди Ҷумҳурии Чин, Федератсияи Россия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷои 8-ум меистад ва потенсиал (иқтидорҳо)-и истеҳсолии қуваи барқ, тақрибан дар ҳаҷми 527 млрд кВт-соат арзёбӣ мегардад. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал истода, 70 фоизи захираҳои гидро-энергетикии Осиёи Марказӣ ба ҳудуди он рост меояд, ки айни ҳол зиёда аз 4 фоизи он истифода мешаваду халос.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози бойгарии захираҳои об нисбатан бой аст. Зиёда аз 50 фоизи ҳаҷми солонаи сарчаш-магирии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Тоҷикистон рост омада, ин захираҳо бо пиряххо, ки 8 фоизи ҳудуди ҷумҳуриро фаро гирифтаанд, захираҳои калони обҳои нӯшокиро ташкил медиҳанд (дар маҷмӯъ 845 млрд.м3).

Таҳлил ва вазъи нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳои обию ирри-гатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки обистифодабарандаи аз ҳама бузург дар минтақа ҷумҳурии ҳамсоя ва дӯсти мо Ӯзбекистон мебошад, ки талаботи солонааш ба истифодаи захираҳои об дар ҳаҷми 59200 млн. $м^3$, яъне, 88,5 фоиз ё ин, ки 52400 млн. $м^3$/сол барои обёрикунонии замин сарф мешавад, ки аз он 46,2$км^3$ дар шароити ҳозира истифода мешавад. Ҳамзамон талаботи умумии обтаъминкунӣ дар ҳамаи соҳаҳои обистифо-дабарӣ дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркменистон 68930 млн. $м^3$/сол ташкил медиҳад, ки аз нишондиҳандаҳои обистифодабарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон на он қадар зиёд мебошад (фарқият 9730 млн. $м^3$/сол). Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Ӯзбе-кистон аз рӯи тамоми соҳаҳои обистифодабарӣ кишоварзӣ (аз он ҷумла барои обёри-кунонӣ), саноат ва обҳои нӯшокӣ ва ғайра) нисбатан бештар захираҳои обро истифода мебарад [8,с. 84].

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем аз ҳам бештар захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла барои обёрӣ истифода мешавад. Сабаби аз ҳама зиёд истифода бурдани захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи барои обёрику-нонӣ эҳтиёҷдошта («аридная зона») ҷойгир шудааст ва аз ҳамин хотир, зиёда аз 90 фоиз маҳсулотҳои соҳаи растанипарварӣ ба заминҳои обӣ рост меояд. Агар истифодаи захираҳои обро дар миқёси 100 фоизи соҳаҳои кишоварзӣ арзёбӣ намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки 15 фоиз (албатта аз 85 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ рост омада) барои таъмини фер-маҳои чорводорӣ ва обшоркунии чарогоҳҳо сарф мешавад.

Умуман дар маҷмуъ, на танҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҳамаи бештар захираҳои об барои обёрикунонии заминҳои кишоварзӣ истифода мешаванд, ки имрӯзҳо 30 фоиз - ММД-и кишварҳои минтақаро ташкил медиҳад, ки дар он 60 фоиз аҳолӣ банд мебошад. Ҳаҷми истифодаи об дар ин самт асосан аз масоҳати азхудкунии обёрии заминҳо вобаста мебошад. Маъ-лумот оид ба саҳми иштироки ҳар як

кишвари минтақа оид ба обистифо-дабарӣ бо мақсади обёрикунӣ, саноат ва оби нӯшокию истифодаи он дар хоҷагиҳои коммуналию манзилӣ дар поён оварда шудааст (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. Вазни қиёсии ҳар як кишвари минтақа дар истифодаи захираҳои об барои обёрӣ, саноат ва истифодаи оби нӯшокӣ дар соли 2023 (бо %)**

| Намудҳои обистифодабарӣ | Қазоқистон | Қирғисистон | Тоҷикистон | Туркменистон | Ӯзбекистон |
|---|---|---|---|---|---|
| Обёрикунонӣ | 14 | 9 | 12 | 18 | 47 |
| Обистифодабарӣ дар деҳот | 8 | 5 | 31 | 7 | 49 |
| Саноат (аз он ҷумла обистифодабарӣ дар шаҳр) | 53 | 7 | 10 | 12 | 18 |
| Оби нӯшокӣ ва коммуналию манзилӣ | 14 | 4 | 15 | 9 | 58 |

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳудуди Казоқистон (2724,9 тыс. км$^2$) аз ҳама бештар захираҳои обӣ арзи ҳастӣ менамояд дар муқоиса нисбати дигар кишварҳои минтақа (1283 тыс. км$^2$), вале он масалан нисбати Ҷумҳурии Ӯзбекистона дар маҷмӯъ ба миқдори 3,5 маротиба захираҳои обро истифода мебаранд. Нишондиҳандаҳои овардашуда боз як бори дигар тасдиқ менамояд, ки зиёда аз нисфи захираҳои оби барои обёрикунонӣ сарфгардида - 47 фоиз ба Ӯзбекистон рост меояд, ки он дар 52400 млн. м$^3$ дар як сол ташкил медиҳад. Истифодаи солонаи захираҳои об барои обёрикунонии замин дар миқёи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин рақамҳоро ташкил медиҳанд: Туркменистон - 18 фоиз (20000 млн. м$^3$), Қазоқистон -14 фоиз (15000 млн. м$^3$), Тоҷикистон - 12 фоиз (13550 млн. м$^3$), Қирғизистон - 9 фоиз (9500 млн. м$^3$) [3,с. 24].

Дар яке аз суханрониҳои худ собиқ Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба масъалаҳои захираҳои табиӣ дахл намуда, манбаъҳои оби Осиёи Марказиро моликияти тамоми халқҳои сокини ин минтақа эълон кард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала

равшанӣ андохта иброз намуд, ки дигар сарватҳои Осиёи Марказӣ низ бояд моликияти муштараки мардуми ин минтақа бошанд. Пешвои муаз-зами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз аз рузҳои аввали ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ дар қатори ҳалли дигар масъалаҳои иқти-содӣ-иҷтимоӣ ҳамзамон ба масоили обу иқлим ва муҳити зист низ аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намуда, бо иқдомоти дурбинонаю пешни-ҳодҳои илман собитгардидаи аҳамияти ҷаҳонидоштаашон Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун кишвари ташаббускори масоили байналмилалии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд.

Як нуктаро метавон қайд намуд, ки дар доираи таҳқиқотҳои минта-қавӣ ҳанӯз соли 2009 Комиссияи Байнидавлатии координатсионии хоҷа-гии об (МКВК) ҳисобҳоро оиди ҳолати обистифодабарӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тартиб дод, ки он дар ҷадвали поёнӣ бо чунин тарз оварда шудааст (ҷадв. 2.).

Ҳамаи соҳаҳо, ки захираҳои оби сарҳадгузарро дар минтақаи Оси-ёи Марказӣ истифода мебаранд вобаста аз сатҳи истифодаи захираҳои обӣ ба обистеъмолкунандагон ва обистифодабарандагон ҷудо мешаванд. Чи тавре маълумотҳои ҷадвали 2.1.4 нишон медиҳад ЧТ ба он гуруҳе дохил мешаванд, ки асосан захираҳои обро барои обёрикунонӣ ва гидроэнергетика истифода мебаранд. Обистеъмолкунандагони асосӣ дар минтақа асосан кишварҳои воқеъ дар поёноб ҷойгиршуда, ки ба ҷумлаи онҳо Узбекистон, Туркменистон ва Казоқистон дохил мешаванд.

Дар маҷмуъ, истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодии миллии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо таври гуногун суръат мегирад.

**Ҷадвали 2. Тағйиёрбӣ ва истифодаи захираҳои обӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисоди миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ**

| Кишварҳо | солҳо | Талаботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба захираҳои обӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Обис-ти-фода-барӣ | кишо-варзӣ | сано-ат | моҳи-парвар ӣ | обёрӣ | дигар соҳа-ҳо | **Ҳама-гӣ** |
| Қазоқистон | 2005 | 0,08 | 0,07 | 0,075 | 0,065 | 9,5 | 0,21 | 10 |
| | 2010 | 0,14 | 0,1 | 0,12 | 0,15 | 9,5 | 0,5 | 10,51 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 0,16 | 0,12 | 0,29 | 0,17 | 7,45 | 0,5 | 9,25 |
| Қирғизистон | 2005 | 0,08 | 0,09 | 0,15 | 0,03 | 5,540 | 0,01 | 5,9 |
| | 2010 | 0,1 | 0,11 | 0,2 | 0,04 | 6,02 | 0,03 | 6,5 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 0,14 | 0,15 | 0,3 | 0,05 | 6,8 | 0,06 | 7,5 |
| Тоҷикистон | 2005 | 0,5 | 0,75 | 0,65 | 0,1 | 11,9 | 0,4 | 14,3 |
| | 2010 | 0,7 | 0,9 | 0,8 | 0,15 | 13,15 | 0,3 | 16 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 1,0 | 1,1 | 1,0 | 0,2 | 14,5 | 0,2 | 18 |
| Туркме-нистон | 2005 | 0,37 | 0,19 | 0,75 | 0,025 | 18 | 0 | 19,335 |
| | 2010 | 0,4 | 0,2 | 0,9 | 0,03 | 20 | 0 | 21,53 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 0,47 | 0,25 | 1,1 | 0,04 | 17,65 | 0 | 19,51 |
| Узбекистон | 2005 | 2,65 | 1,39 | 1,35 | 1,05 | 56,56 | 0 | 63 |
| | 2010 | 2,7 | 1,4 | 1,39 | 1,32 | 52,4 | 0 | 59,2 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 5,85 | 1,63 | 1,46 | 2,24 | 48,02 | 0 | 59,2 |
| **Ҳамагӣ дар ҳавза** | 2005 | 3,68 | 2,49 | 2,975 | 1,27 | 101,5 | 0,62 | 112,54 |
| | 2010 | 4,04 | 2,71 | 3,41 | 1,69 | 101,07 | 0,83 | 113,75 |
| | ояндаби-нӣ то соли 2030 | 7,62 | 3,25 | 4,15 | 2,7 | 94,42 | 0,76 | 112,9 |

**Сарчашма:** Диагностический доклад по водным ресурсам Центральной Азии. - Ташкент: НИЦ МКВК, 2022. - С. 24

Яке аз омилҳои ба истифодаи самараноки захираҳои обию ирри-гатсионӣ таъсиррасон ин нишондиҳандаи масоҳати заминҳои кишварҳои минтақа мебошанд. Таҳлили нишондиҳандаҳо масоҳати заминҳои киш-варҳои минтақа гувоҳӣ медиҳанд, дар минтақа аз ҳама нишондиҳан-даҳои бо замин кам таъмин будан - ин Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои муқоиса қайд менамоем, ки ба ҳар сар сокини кишвар 0,10 гектар замини кишт ва 0,06 гектар замини обӣ рост меояд. Сабаби асоси дар он аст, ки зиёда аз 93 %-и ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил намуда ахзудкунии заминҳои таъйиноти кишоварзиро мураккаб менмояд. Як нуктаро низ ҳамзамон бояд қайд намоем, ки дар доираи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳисоби бо захираҳои замин таъмин будан ҷойҳои аввал ва дуюмро Ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Узбекистон ишғол намуда ҳатто дар ҷаҳон низ мавқеи ифтихориро ҷой намудаанд [6,с. 171].

Ба андешаи собиқ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун: «Об барои ҳамаи мақсадҳои мо дар соҳаи рушд муҳим аст. Модом ки мо дар амалисозии даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» қарор дорем ва имсол баргузории Саммитро оид ба Ҳадаф-ҳои рушди ҳазорсола интизорем, биёед идоракунии босуботи захираҳои обиамонро

ба манфиати табақаҳои қашшоқтарин ва осебпазитарини аҳолӣ ва ба манфиати шаклҳои гуногуни зиндагӣ дар рӯи Замин таъмин намоем» [7].

Аз рӯи нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ бо афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон вазъияти истифодаи захираҳои об дар оянда аз ин ҳам мудҳиштар хоҳад гардид. Ҳатто дар ҳолати ҳозираи шумораи аҳолӣ, яъне 7,8 млрд. одам, кураи Замин норасоии бузурги захираҳои обро ҳис менамояд. Дар асоси маълумотҳои як қатор кишварҳои дунё ба монанди Ҷумҳурии Чин, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Африқои Шимолӣ ва ИМА яке аз муаллифони китоби «Pillar of Sand» («Тӯдаи хок») Сандра Постел ҳаҷми аз меъёр истифодабарии обҳои зеризаминро ҳисоб карда баромадааст. Ба ҳисобҳои ӯ ин нишондиҳанда (яъне ҳаҷми аз меъёр истифодабарии обҳои зеризаминӣ) тақрибан 160 млрд. $м^3$, ё ин ки 160 млрд. тоннаро ташкил медиҳад. Сандра Постел чунин меҳисобад, ки агар барои истеҳсоли 1 тонна ғалла тақрибан 1000 тонна об зарур шавад, он гоҳ камчинии захираҳои об ба миқдори 160 млрд. тонна ба бузурги ба даст наовардани 160 млн. тонна ғалла, ё ин, ки ними ҳосили ғалладо-нагиҳо дар ИМА мебошад [10, с.78]. Дар ҳолати истеъмоли ҷаҳонии ғалла дар ҳаҷми зиёда аз 300 кг ба ҳар сар аҳолӣ дар як сол ин 160 млн. тонна метавонист тақрибан 480 млн. одамро хӯронад. Ба тарзи дигар гӯем, 480 млн. тонна аз миқдори 7,3 млрд. аҳолии бо ғалла таъмин будаи кураи Замин, дар натиҷаи истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об ба даст омадааст. Яъне ин гуфтаҳо ба он далолат менамояд, ки мо дар ҳозира аз ҳисоби захираҳои обе, ки барои насли оянда (яъне фарзанду набераҳои мо) муқаррар шудааст, истифода мебарем.

Бояд қайд намоем, ки яке аз омилҳои ба истифодаи самараноки захираҳои обию ирригатсионӣ таъсиррасон ин сохтану ба истифода додани НОБ-и банақшагирифташуда, аз ҷумла НОБ-и Даштиҷум дар дарёи Панҷ мебошад. Мувофиқи таҳқиқот дар сароби дарёи Панҷ ва шохобҳои он Ғунду Бартанг низ неругоҳҳои иқтидорашон гуногунро сохтан мумкин аст. Ба қавли мутахассисон дар дарёи Ғунд 12 неругоҳ ва дар дарёи Бартанг сохтани 5 неругоҳ имконпазир мебошад. Дарёи Бартанг аз кулли Бешутеки Афғонистон об гирифта, мавзеъҳои барои неругоҳҳои барқӣ мувофиқи он дар баландиҳои бештар аз 4 ҳазор метр воқеанд.

Қисми зиёди неругоҳҳои дарёи Панҷ дар оянда барои инкишофи иқтисодиёти Афғонистон низ мусоидат хоҳад кард. Дар байни неругоҳ-ҳои барқи оянда хусусан НОБ-и Даштиҷум аҳамияти хеле калон дорад. Аз рӯи шартномаи байнидавлатӣ минбаъд оби ин дарё ва энергияи арзони он ба нафъи ҳарду мамлакат истифода хоҳад шуд. Баъди сулҳу салоҳ дар сарзамини Афғонистон минбаъд масъалаи ҳарчӣ тезтар ба нафъи ҳар ду давлат истифодабарии обҳои сарҳадӣ ба миён меояд. Шохобҳои асосии Панҷро дар қисматҳои Тоҷикистон дарёҳои Техарв, Рохарв, Пишхарв, Шурговад, Сунгад, Бартанг, Язгулом, Оби-кумбов, Ванҷ, Қизилсу ва аз тарафи Афғонистон дарёи Шива, Куғча, Чабой, Куфоб, Обитанг, Зарриноб, Роғ, Вахандарё, Хандуд, Зардоб таш-кил медиҳанд. Дар баробари неругоҳҳои калону миёна сохтмони неругоҳи барқии хурд дар шохоби дарёи Панҷ аз ду тарафи дарё бисёр муам-моҳои иқтисодии ҳарду давлатро ҳал мекунад.

Масалан дар вилояти Бадахшон, Тахор, Қундуз, Бағлрн, Саман-гони Афғонистон бештар аз 300 ҳазор гектар заминҳои ҳосилхез мавҷу-данд, ки бо ёрии энергияи барқӣ (сохтани обанбор, стансияҳои насосӣ ва ғайра) имконияти азхудкунии онҳо ба амал меояд. Ин яке аз роҳҳои беҳтарини ба низом овардани вазъи иқтисодӣ ва пешгирии роҳи камби-зоатӣ дар Афғонистон мебошад. Ҳоло истеҳсоли солонаи қувваи барқ дар Афғонистон ҳамагӣ ба 420 млн кВт соат (дар Тоҷикистон зиёда аз 15 млрд. кВт соат) мерасад. Пас дар сурати истифодаи якҷояи обҳои сарҳадӣ ва ҷоннок намудани истеҳсоли неруи барқ имконияти тараққӣ додани ҳамаи соҳаҳои муҳими иқтисодию тиҷорат дар ҳарду мамлакат пайдо мешавад. Аз тарафи дигар ин ягона роҳи дар Афғонистон зиёд гардидани маҳсулоти кишоварзӣ ва пешгирии роҳи несткунии майдон-ҳои растании кӯкнару (нашъа) мегардад [4, с. 275].

Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Кофарниҳон ва Зарафшон низ дар назар дошта шудааст. Дар Кофарниҳон се НОБ-и на он қадар бузург бо иқтидори умумии 500 ҳазор

кВт сохтан мумкин аст. Дар дарёи Зарафшон бошад, имконияти сохтани 9 неругоҳҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии қариб 1,5 млн. кВт мавҷуд аст. Дарёҳои дигари ҷумҳурӣ низ дорои захираҳои бузурги истеҳсоли қувваи барқ буда, истифодаи онҳо дар оянда дар назар дошта шудаанд. Бо вуҷуди он ки аз ҳудуди ҷумҳурӣ маҷрои бузурги оби дарёи Осиёи Марказӣ мегузарад, вале ҳанӯз бо қарори Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (аз 7 июли соли 1984 ва 13 декабри соли 1987) тақ-симоти об дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ чунин сурат гирифта буд, ки гарчанде дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 64 $км^3$ ва ё худ 55,4-фоиз оби ҳавзаи баҳри Арал ташаккул меёбад, вале барои он ҳамагӣ дар ҳаҷми 12 $км^3$ (қариб 11 фоиз) об ҷудо шудааст, ки хеле тааҷҷубовар аст ва ҳоло ҳам ин қарор аҳамияти худро гум накардааст.

Бо ин меъёри муайяншуда дар мавриди истифодаи об ва корбурди технологияи пешқадами ҷумҳурӣ қодир аст, ки майдони замини обёри-шавандаро танҳо ба 840 ҳазор гектар расонад. Дар ин сурат то соли 2020 ба ҳар сари аҳолӣ ҳамагӣ 0,05 гектар замини обёришаванда рост меояд, ки нисбати дигар давлатҳои ҳавзаи баҳри Арал бештар аз ду баробар камтар аст.

Аз тарафи дигар, як қатор иншоотҳои обёришаванда, ки дар ҳуду-ди ҷумҳурӣ сохта шудаанд, на ҳама вақт ба манфиати ин кор амал мена-моянд. Масалан, қариб тамоми иқтидори обанбори Қайроқум дар қис-мати шимолии ҷумҳурӣ ба нафъи давлатҳои ҳамсоя истифода мешавад. Маҳз бо ёрии обанбори Қайроқум маҷрои об ҳангоми обёрии заминҳо дар Ӯзбекистону Қазоқистон ба низом оварда мешавад. Аз ин ҳисоб ҷумҳурии мо дар фасли зимистон аз имконияти зиёди истеҳсоли энергияи барқ маҳрум мегардад. Ин ҳолат ба корхонаҳои саноатии ноҳияи шимоли ҷумҳурӣ зарари зиёди моддӣ меоварад. Ҳол он ки аз ин ҳисоб зарари экологии ноҳияҳои атрофи обанбор ва соҳили дарёи Сир ниҳоят зиёд аст. Аз ин хотир, тақсимоти дурусти об боиси дар оянда бештар гардидани бисёр нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, алалхусус афзун гарди-дани маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурии мо мегардад. Ҳоло ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки аз сабаби вазъияти мураккаби демографӣ масъалаи бо маводи хӯрока таъминкунии аҳолӣ сол то сол душвор мешавад. Зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ танҳо дар сурати васеъ намудани май-дони замини кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба даст меояд. Аз ин ҷост, ки суръати балани афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим дар кураи Замин ва яку якбора баланд гардидаи ҳарорати ҳаво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи аҳолиро бо обҳои нӯшокӣ ва обёрикунонӣ зиёд менамояд, ки аз нигоҳи мо тақсимоти он дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд аз нав дида баромада шавад. Ин маънои онро дорад, ки дар ин бобат ҳамаи қонуни меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асоси талаботҳои бай-налхалқӣ риоя карда шавад.

Ба назар гирифтани омилҳои дигар низ аз рӯйи адолат мебуд, агар тақсимоти обро дар минтақа ба сари ҳар аҳолии мамлакатҳои ҳавза ба роҳ мемонданд. Ҳоло бошад, чунин тақсимот нобаробар аст. Масалан, тибқи ҳисоботҳои соли 1994 истифодаи захираҳои об бо мақсадҳои беҳ-дошти сатҳи зиндагиӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Қазоқистон 2,7, Туркма-нистон 4,9 ва Тоҷикистон бошад 2,4 ҳаз. $м^3$ рост меояд.

Нишондиҳандаҳои хароҷоти умумӣ барои истифодаю нигоҳдории шабакаи обёрӣ ва заҳбурҳо дар баробари ҳар ҷумҳурӣ фарқи калон дорад. Масалан, дар Ӯзбекистон ин рақам назар ба Тоҷикистону Туркма-нистон 5 баробар ва нисбат ба Қазоқистон 20 баробар зиёд нишон дода шудааст. Ин тавр набояд бошад, зеро ҳамаи он шабакаҳо дар вақташ аз рӯи як меъёри (стандарти) замони шӯравӣ бунёд шудааст. Фақат нархи сӯзишворӣ, сохтмон, музди меҳнат каму беш фарқ мекунад. Сарфи маб-лағ барои бозсозии бахши объёрии ва забурҳо барои Тоҷикистон, ки ба ҳар гектар 40 долларӣ нишон дода шудааст, ба ҳақиқат мувофиқ нест. Дар сурати то 50 фоиз фарсудашавии фондҳои асосии системаи обёрӣ барои барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ ва заҳбурҳо 1040 доллар ба ҳар гектар лозим меояд.

Оид ба ин масъала андешаҳои ҳамоҳангсози (координатори) Мил-лии Барномаи GEF аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон Теша Авазов (рӯзномаи «Ҷумҳурият», аз 23 апрели 2002) нисбати обанбори Қайроққум ва танзими мавсимии Сирдарё хеле муҳим аст. Зеро дар Созишномаи соли 1998 омадааст, ки неруи барқи системаи дарёи Норак-Сирдарё дар давраи

нашъунамои зироат, ки аз талаботи Қирғизистон зиёдатӣ мекунад, ба ҳиссаи баробар ба Қазоқистону Ӯзбекистон содир карда мешавад ва ҷуброни он дар шакли пул, энергия ва ғайра сурат мегирад. Ҳол он ки Тоҷикистон низ бояд ба Созишномаи Бишкек оид ба истифодабарии қувваи барқи силсилаи Корину дарёи Сир ҳамроҳ шавад, зеро ки ин обҳо бевосита аз обанбори Қайроққум мегузаранд.

Чи тавре, ки маълум аст, истифодаи об аз рӯи меъёри байналхалқӣ дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон бо ҳисоби муайян нарх монда мешавад. Масалан моҳи августи соли 1993 байни Туркия ва Бурғория оид ба хариду истифодаи об барои обёрӣ шартнома ба имзо расид. Мувофиқи ин шартнома барои ҳар як $м^3$ об Туркия ба Бурғория 0,12 доллар медиҳад. Аз рӯи ин шартномаи мазкур ба ивази 15,8 млн. $м^3$ об қариб 2 млн доллар харҷ намуд. Аз тарафи дига, боз Туркия ба миқдори муайян оби худро ба давлати Исроил мефурӯшад. ИМА бошад, барои ҳар як $м^3$ истифодаи оби дарёи Колумбия ба давлати Канада 5 центи америкоӣ медиҳад [4, с. 275].

Вақти он расидааст, ки дар асоси таҳлили ҳаматарафаи илмӣ, ман-фиати ҷумҳуриро оид ба истифодаи захираҳои об ба назар гирифта, даромади он ҳисобу китоб карда шавад. Дохил шудани давлатҳои Осиёи Марказӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ аз он ишорат мекунад, ки манфи-атҳои тарафайн дар ин бобат мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Таҳқиқоти олимони соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоии Осиёи Марказӣ аз он далолат мекунад, ки дар солҳои оянда зиёдшавии босуръати аҳолӣ мушкилиҳои боз ҳам бештарро дар минтақа ба амал меоранд. Хусусан масъалаи об, андешидани чораҳои ҷузъӣ ва эҳтироми ҳуқуқии тарафайнро талаб мекунад. Манфиати яктарафа ҳамеша боиси изтироб ва зиёни тарафи дигар мегардад. Масалан, бо сабаби баланд-шавии нархҳои сӯзишворӣ (нефт, ангишт ва гази табиӣ) Ҷумҳурии Қир-ғизистон маҷбур шуд, ки барои зиёд намудани қувваи барқ дар неругоҳи барқии Тохтагул тобистон низоми обро кам карда, зимистон обро зиёд сар диҳад. Лекин чунин чорабинӣ бе таъсир намонд, яъне зимистон обро зиёд сар додан аз обанбор нисбати меъёри муқаррарӣ ду маротиба зиёд шудани сатҳи обҳои зиёдатии дар давраи нашъунамои (вегетатсияи) зи-роат, шӯршавии замин ва ҳатто зери об мондани баъзе деҳаҳои ба соҳили дарё наздик мушоҳида карда шуд.

Яке аз муаммоҳои доғи рӯз дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки таъсири ногувори он аз он ҷумла ба ҷумҳурии мо ногузир аст - ин нест-шавӣ ва буҳрони баҳри Арал мебошад. Нисбати баҳри Арал ҳаминро гуфтанием, ки ҷумҳурии мо дар ҳама чорабиниҳои пешгирии хавфи экологии ин минтақа фаъолона иштирок мекунад. Вале мувофиқи ақидаи баъзе коршиносон, қисмати асосии баҳри Арал ва оқибатҳои он аз ҳисоби ғайриоқилона истифода бурдани захираҳои об бештар дар Ӯзбе-кистону Туркманистон ба амал омадааст. Масалан, агар аз ҳаҷми оби дарёи Ому танҳо 20 фоизи он дар қаламрави ҷумҳурӣ истифода шавад, пас 80 фоизи он берун аз ҳудуди Тоҷикистон сарф мегардад. Дар баъзе солҳо ҳатто ягон қатра об ба баҳри Арал нарасидааст. Ҳол он ки аз ҳисоби он обҳо баъди обёрӣ ва партофтани обҳои колекторӣ-дренажӣ дар Ӯзбекистон ва Туркманистон чандин кӯлҳои сунъӣ пайдо шудаанд. Ҳатто дар Туркманистон солҳои наздик сохтани баҳри сунъӣ бо дарозии қариб 1400 м дар назар дошта шудааст. Сарфи об дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ яке аз беҳтарин роҳи наҷоти баҳри Арал мебошад. Ҳоло дар давлатҳои мутараққии пахтакор (Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Исроил) дар мавсими пахтакорӣ ба ҳар як гектар 5-6 ҳазор $м^3$ об сарф шуда, ҳосилнокии ҳар як гектар 50-55 сентнерро ташкил медиҳад. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ин нишондиҳанда ба ҳар як гектар 13-15 ҳаз. $м^3$ расида, ҳосилнокӣ ҳамагӣ 15-20 сентнерро ташкил мекунад. Хоҷаги-ҳои хурде ҳастанд, ки ҳангоми обёрии пахтазор дар як гектар то 18-19 ҳаз. $м^3$ об сарф мекунанд [9]. Чунин вазъият хеле ташвишовар аст ва он дар оянда садди роҳи ҳалли бисёр мушкилот мегардад.

Аз нигоҳи мо, дар баробари муайян намудани низоми об бояд диқ-қати асосӣ ба масъалаи тоза нигоҳ доштани об аз партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дода шавад. Ин масъалаҳо дар Тоҷикистон хеле ташвишовар аст, тайи 15 соли охир сифати обҳои зеризаминӣ дар ҳавзаи дарёҳои Сир ва Кофарниҳон аз обҳои партов хеле паст гардидааст.

Ҳамин тавр, вазъ ва тамоюли самараноки захираҳои об дар доираи рушди устувори ҷумҳуриро таҳлил намуда, барои бартарафсозии муам-моҳои ҷойдошта чорабиниҳои зеринро амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

- азнавтаҷҳизонӣ ва барқароркунии иншоотҳои гидротехникӣ ва чи хеле мълум аст, ин иншоотҳо дар шароити ҳозира ба хизматрасониҳои техникӣ эҳтиёҷ доранд, зеро ки аз сабаби дар минтақаҳои сейсмологии номусоид ҷой доштанашон хатари таги об мондани водиҳои дар поёноб ҷойгиршударо ба миён меоваранд (новобаста аз оне, ки ин ҷараён дар ҷумҳурӣ зина ба зина амалӣ гардида истодааст, масалан азнавтаҷҳизо-нииии неругоҳи обии барқии Норак ба анҷом расида истодааст). Як нуктаро низ бояд қайд намуд, ки моҳи августи соли 2014 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва Рушд дар бораи азнавсозии НОБ-и Қайроқум дар ҳаҷми 75,7 млн. доллари амрикоӣ ба анҷом расид ва инчунин даҳҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба рушди соҳаи гидроэнергетика амалӣ гашта истодааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ки азнавтаҷҳизонӣ (реконструкция)-и иншоотҳои гидротехникӣ метавонист яке аз самтҳои афзалиятноки рушди гидроэнергетика дар ҷумҳурӣ қарор мегирифт;

- сохтану ба истифода додани неругоҳҳои обии барқии дар нақша гирифта шуда (Роғун, Даштиҷум ва ғ.). Масалан, дар назар дошта шудааст, ки танҳо сохтану ба истифода додани НОБ-и Роғун имконият медиҳад, ки коркарди солонаи қувваи барқро дар ин неругоҳи аср ба 14 млрд. кВ соат расонда шавад, ки арзиши пурраи ин сохтмон бо нишондиҳандаҳои тахминӣ 3,4 млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Умуман дар назар дошта шудааст, ки бо сохтану истифода додани НОБ-ҳои дар нақша гирифташуда то соли 2020-ум истеҳсоли қувваи барқро дар ҷумҳурӣ то 57 млрд. кВт. соат расонида шавад, ки ин имконият медиҳад на танҳо истиқ-лолияти пурраи энергетикиро ба даст дарорем, балки содироти қувваи барқро ба давлатҳои ҳамсояи ҷануб ба мисли Ҷумҳурии Исломии Афғонис-тан ва Покистан ба роҳ монем;

- ҷоннок намудани фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба рушди «иқтисодиёти сабз». Ин мафҳум, чунин низоми иқтисодиро дар бар мегирад, ки технологияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок бояд асоси рушди босуботи кишоварзиро таъмин намояд, ки ҳам рушди иқтисодӣ ва ҳам бехатари муҳити атрофро таъмин карда тавонад. Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар моҳи марти соли 2009 маърӯзаи «Раванди нави глобалии сабз»-ро тайёр намуд, ки дар он зарурати сармоягузориҳо ба пешгирии муаммоҳои экологии ҷаҳониро пешниҳод намуд. Масалан, сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1 фоиз аз ММД-и ҷаҳонӣ, яъне $750 млрд дар ду соли оянда метавонад ба ташкили «иқтисодиёти сабз» заминаи мустаҳкам гузорад. Дар соҳаи истифодаи захираҳои обию ирригатсионӣ бошад, ин ҷараён бо воситаи амалисозии маҷмаи чорабиниҳо ба мисли гузаштан ба технологияи ҳифзи захираҳо ва энергия равонагардида, истифода ва амалисозии усулҳои муосир ва инноватсионии обёрикунӣ (ба мисоли қатрагӣ, боронӣ, зерихокӣ ва ғ.), таҳия ва таъсис намудани низом (система)-и иттилоотии комплексии хоҷагии об; амалӣ намудани чорабиниҳои муҳофизати растаниҳо бо истифодаи усули агробиологӣ, пешгирӣ намудани сарчашмаи ифлосшавии захираҳои об, таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва аз ҷиҳати санитарӣ ҷавобгӯй ва ғайраҳо амалӣ шаванда;

- тараққӣ додани кулли соҳаҳои энергетикӣ, дар навбати аввал такя бо соҳаи гидроэнергетика ва дар ин радиф равнақи намудҳои гуногуни энергия - аловӣ, энергияи офтобӣ, шамолӣ (бодӣ) ва ғ. Зеро ки ҳамаи ин намуди сарчашмаҳои энергияро дар якҷоягӣ ба роҳ мондан душвор ва шояд ғайриимкон низ бошад. Аз ин ҷост, ки хубтар мебуд, дар шароити мусоид ба табииию ҷуғрофии ҷумҳурӣ ва захираҳои кофии об, рушди соҳаи гидроэнергетика, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба муҳити атроф безарар мебошад, аз ҳама ба мақсад мувофиқ аст. Танҳо баъди эҳёи гидроэнер-гетика аз ҳисоби даромади худӣ, шароит барои равнақи соҳаҳои дигари энергетикӣ муҳайё мегардад.

Омили дигаре, ки метавонад ба рушди гидроэнергетика мусоидат намояд, ин ба назар гирифтани аҳамияти минтақавии сохтани обанборҳои калон мебошад (яъне дар назар дошта мешавад, захира намудани захираҳои обу такшин шудани об аз лоиқа, ба ин васила нигоҳ доштани тозагии он ва дар мавриди зарурӣ аз онҳо истифода бурдан ва ғ.). Аз нуқтаи назари баъзе аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ аз неру (потенсиал)-и мавҷудбудаи ҳавзаи дарёҳои Аму

ва Сир ҳар сол ба ҳисоби миёна то $1,8 млрд. захираҳо истифода бурда намешавад, ки худ қазоват намоед дар ҳолати самаранок истифодабарии он захираҳо ба буҷети давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон чи қадар маблағҳоро дохил намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, бо назардошти ҳамаи он баҳое, ки ба вазъи ҳозира ва дурнамои пешрафти захираҳои обию энергетикии ҷумҳурӣ додем, чунин хулосагузорӣ намудан мумкин аст, ки имконияти дар ҷумҳурӣ зина ба зина тараққӣ додани гидроэнергетика мавҷуд аст. Муаммои ягона имрӯзҳо нарасидани маблағҳои лозимӣ аст, зеро ки ин соҳа яке аз соҳаҳои бузурги маблағталаб ба ҳисоб меравад. Масалан, бо баъзе аз маълумотҳо, арзиши рушди соҳаи энергетика то соли 2018 то $ 8 млрд. арзёбӣ мегардад. Ё ин ки барои татбиқи стратегияи гидронергетика то соли 2020-ум $6,8 млрд. сармояи хориҷӣ лозим аст, ки тақозо мекунад корро дар ин соҳа, яъне ҷалби сармояи хориҷӣ боз ҳам фаъол гардонем. Аз нигоҳи мо, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, новобаста аз фаъолгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ, ба мақсад мувофиқ аст, агар барои рушди ин соҳаи ҳамзамон муҳим имкониятҳои дастрас намудану усулҳои ҷоннок намудани сармояи дохилиро ҷустӯҷу намуда, фазои сармоягузории дохилии ба мақсад мувофиқ муҳаё мешуд.

Дар хотима ҳаминро қайд менамоем, ки барои амалӣ намудани ҳадаф-ҳои дар пеш истода ва татбиқи он ҷидду ҷаҳди зиёд, вақт ва ҳатман дастгирии бузурги молиявӣ аз тарафи давлат лозим аст. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, амалисозии чунин пешниҳодҳо воқеӣ аст ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҳолати ҳалли комплексии чорабиниҳои дар боло овардашуда дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол карда, дарояндаи наздик на танҳо истиқлолияти пурраи энергетикиро таъмин созад, балки инчунин яке аз содиркунандаи бузурги захираҳои гидроэнергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миқёси ҷумҳуриҳои ҳамсояи наздик (Афғонистон, Покистон ва ғ.) гардад.

Вазифаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ на танҳо ба таҳқиқи таъсири фаъолияти инсон ба биосфера ва ҷузъҳои асосии он-атмосфера, гидросфера, қабати болои литосфера ва тағйироти таркиби химиявӣ, хусусиятҳои физикӣ ва биологии онҳо маҳдуд мегардад. Балки, муҳим аст, ки равандҳо ва қонуниятҳои инкишофи биосфера ва ноосфера низ ба таври илмӣ ва амиқ баррасӣ шаванд. Барои арзёбии ҳолати биосфера, аз маълумоти гуногун - аз ҷумла аз пойгоҳҳои метеорологӣ, иқлимшиносӣ, уқёнусшиносӣ, маълумотҳои ҳосилшуда аз ҳамсафарҳои сунъии Замин, тасвирҳои фосилавӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти полиграфӣ, геологияи таърихӣ, геохимия, палеонтология, геофизика ва моделсозии илмӣ - васеъ истифода бурда мешавад. Масоили экологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ фарогир ва мураккаб мебошанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф кӯшиш кардааст, то ба таври мухтасар ба паҳлӯҳои муҳими таъсири равандҳои экологӣ ба шароити иқлимӣ, гидроэнергетикӣ, географӣ, гидрологӣ, геофизикӣ ва геохимиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканад. Олимони соҳаҳои мухталифи илм ин масъалаҳоро асосан ба ду гурӯҳи калон - тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист-вобаста медонанд [1].

Дар табиат сарватҳои мухталиф дида мешаванд. Онҳо аз ҷиҳати имконияти давомнокии истифода ва таҷдиди табиӣ ба сарватҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда ҷудо мешаванд. Об ба гурӯҳи сарватҳое дохил мешавад, ки хусусияти табиатан барқароршавӣ дорад. Аммо вобаста ба гуногунии релеф ва шароити иқлимии қаламрави ҷумҳурӣ имконияти барқароршавӣ, ҷоришавии он дар ҳама ноҳияҳо якхел намебошад. Аз ҳамин сабаб дар ҳавзаҳои як қисм дарёҳои ҷумҳурӣ норасогии об мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат сабаби суст инкишоф ёфтани хоҷагии ноҳия ва маҳалҳои алоҳида мегардад. Агар дар ин ва ё он ноҳияю маҳал заминҳои ба кишт кардан ё сарватҳои зеризаминии барои истифодаи саноат мувофиқ бошанд ҳам, аз сабаби норасогии об дар истеҳсолот истифода намешаванд. Ин водор менамояд, ки захираи оби дарёҳои ҷумҳуриро дар байни ноҳияҳо ва дохили онҳо бо ҳалли усулҳои гуногуни техникӣ мувофиқи талаботи хоҷагию аҳолӣ тақсим намоем. Аз дигар тараф обҳои зеризаминиро васеъ истифода барем. Аммо ҳамаи чорабиниҳо ҳамаи он масъалаҳоеро, ки аз истифодаи об бар меояд, ҳаматарафа ҳал карда наметавонад. Хусусан бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии баъзе шаҳрҳо ва маҳаллҳо ба масъалаи ҷиддӣ табдил ёфтааст. Ин вазъиятро самаранок истифода набурдани об, чиркиншавии оби баъзе дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ аз ҳисоби тоза накардани корхонаҳои саноатӣ ва обҳои заминҳои кишт, ки дар таркибашон ҳар гуна моддаҳои маҳлулшудаи кимёвӣ доранд, боз ҳам мушкил ва душвортар менамояд. Ҳамаи ин масъалаҳо беистисно талаб менамояд, ки оид ба самаранок истифода бурдани об ва муҳофизати он чораҳои мушаххас андешида шавад [3,4].

Гардиши об дар табиат омили асосии рушди тамоми мавҷудоти зинда дар рӯи Замин ба шумор меравад. Пешрафти соҳаҳои мухталифи саноат ва кишоварзӣ бе истифодаи манбаъҳои обӣ ғайриимкон аст. Аз ҷониби дигар, истифодаи нодуруст ва ифлосшавии об боиси нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Мутобиқи маълумотҳои таҳқиқотӣ, барои истеҳсоли як тонна чӯян ва минбаъд ба ҳолати пӯлод ва прокат расонидани он тақрибан 300 $м^3$, барои як тонна мис - 500 $м^3$, алюминий – 1500 $м^3$, коғаз - 900 $м^3$ ва нахи синтетикӣ - беш аз 4000 $м^3$ об сарф мешавад. Истеъмоли манбаъҳои обӣ на танҳо ба соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва хоҷагии коммуналӣ маҳдуд мегардад, балки тағйир додани тавозуни об дар манотиқи ҷудогонаи Замин, кишту кор дар марғзорҳо, буридани ҷангалҳо ва хушккунии ботлоқзорҳо низ боиси афзоиши бухоршавии об ва камшавии манбаъҳои обҳои зеризаминӣ мегардад. Ифлосшавии об яке аз омилҳои асосии коҳиши захираҳои обии сайёра мебошад. Дар ин раванд, обҳои партови соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию маишӣ нақши хатарнок доранд. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки 1 $м^3$ оби партов метавонад то 50-60 $м^3$ оби тозаи табииро олуда созад. Ҳамасола ба наҳру дарёҳои ҷаҳон беш аз 160 $км^3$ обҳои партови саноатӣ ворид мешаванд, ки қобилияти ифлос кардани тақрибан 2000 $км^3$ оби тозаро доранд. Хусусияти хатарноки ифлосшавии об, пеш аз ҳама, ба ҳисоби маҳсулоти нафтӣ иртибот дорад. Ба ҳисоби миёна, ҳар сол ба уқёнуси ҷаҳонӣ аз 15 то 25 миллион тонна нафт

мерезад, ки он сабаби аз байн рафтани ҳаҷми бузурги ҳайвоноти баҳрӣ ва паррандагон мегардад [5,7,8].

Тоҷикистон дорои захираҳои муҳими обии пиряхӣ мебошад, ки ҳассосияти баланди экологӣ доранд ва таҳти таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист қарор доранд. Ин захираҳои обӣ-яке аз боигариҳои табиии муҳими мардуми тоҷик - пиряххоянд, ки асосан дар қаторкӯҳҳои Помири Ғарбӣ (Язғулом, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Шоҳдара, Ванҷ, Бартанг, Академияи илмҳо, Пётри Якум), Помири Шарқӣ (Аличури Ҷанубӣ ва Шимолӣ, Музкӯл, Сарикӯл, Вахон, Шоҳдара), Қаротегин, Зарафшон ва Паси Олой ҷойгиранд. Қаторкӯҳҳои Ҳисор аз ҳисоби боришоти зиёди солона фарқ мекунанд. Дар натиҷа, хатти барфӣ дар ин минтақаҳо пасттар ҷойгир шуда, дар баландии 3300-3800 метр аз сатҳи баҳр қарор мегирад. Ин сатҳ нисбат ба ҳавзаи дарёи Яғноб 500 метр ва нисбати нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Туркистон 200 метр пасттар мебошад. Вобаста ба хусусиятҳои табиию географии Тоҷикистон, забонаи пиряххо низ дар сатҳҳои пасттар воқеъ шудааст. Масалан, дар қаторкӯҳҳои Паси Олой, Академияи илмҳо, Пётри Якум ва дигарон поёнравии забонаи пиряххо ба таври возеҳ мушоҳида мегардад.

Аз ҷумла, нуқтаи поёнии забонаи пиряххои Федченко, Гармо, Сагрон, Гандо ва Фортамбек дар баландии 2800-3000 метр ҷойгир аст. Забонаи пиряхи Ҷамъияти географӣ бошад, 1500 метр аз хатти барфӣ поинтар воқеъ шудааст ва яке аз пасттарин нуқтаҳои пирях дар қаторкӯҳҳои Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз рӯи хусусияти ҷойгиршавӣ, олимон пиряххои Тоҷикистонро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мекунанд: пиряххои пастхами ва водӣ. Пиряххои гурӯҳи аввал дар ҷойҳои паст ҷой гирифта, шакли гирд доранд, ҳаҷмашон хурд буда, ҳаракат намекунанд. Дар ҳоле ки пиряххои водӣ шакли ҷараёнҳои яхии пурқувват дошта, аз барфҳои баландкӯҳ оғоз ёфта, тавассути водиҳо ба поён ҳаракат мекунанд. Суръати ҳаракати чунин пиряххо ба 0,3–0,8 метр дар як рӯз мерасад. Имрӯз Тоҷикистон яке аз минтақаҳои калони яхбандии даврони муосир ба шумор меравад. Масоҳати умумии пиряххои кишвар тақрибан 8041 км²-ро ташкил медиҳад. Нигоҳдории ин захираҳои обии нодир дар шароити таҳдидҳои муҳити зисти замони ҳозира аҳамияти стратегии бузург барои наслҳои оянда дорад [10,11].

Дар солҳои охир, ҳамзамон бо фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, густариши назарраси корхонаҳои хусусӣ ба мушоҳида мерасад. Хусусан, ин раванд дар ҳудуди комплексҳои минтақавӣ ва истеҳсолии обтозакунӣ - аз ҷумла коргоҳҳои биологӣ, механикӣ ва дигар намуди он - ва инчунин дар корхонаҳое, ки истеъмоли зиёди об доранд, вусъат пайдо кардааст. Дар чунин ҳолатҳо, муҳим аст, ки гардиши сарбастаи обҳои технологӣ таъмин карда шавад. Ба ин масъала дар корхонаҳои шаҳрҳои Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Ёвон ва Кӯлоб бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад. Яке аз роҳҳои муҳимтарини ҳифзи тозагии манбаъҳои оби кишвар, аз ҷумла кӯлҳо ва дарёҳо, истифодаи сарфакоронаи захираҳои об мебошад. Ин масъала, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ, аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро қисми зиёди оби ҷӯю дарёҳо дар натиҷаи ифлосшавии обҳои поёноби пахтазорҳо олуда мегардад. Шароити иқлими гарм бухоршавии обро зиёд мекунад, аз ин рӯ барои кам кардани талафоти об, дар каналҳо аз тахтасангҳои оҳану бетонӣ истифода бурда мешавад. Аммо таҷриба нишон додааст, ки об аз байни пайвастҳои ин тахтасангҳо мегузарад ва фурӯравии онҳо ба амал меояд. Барои пешгирии ин мушкилот, баъзе мутахассисон пешниҳод намудаанд, ки зери каналҳо плёнкаҳои полиэтиленӣ хобонида шаванд. Натиҷаҳои таҷриба нишон доданд, ки талафоти об дар масофаи 2-3 км ҳамагӣ 5-10 литр дар як сонияро ташкил медиҳад, ба шарте ки плёнка осеб надида бошад. Дар солҳои охир сохтмони каналҳои пӯшида барои пешгирии бухоршавии зиёдатӣ ва эрозияи хок равнақ ёфтааст. Ба ақидаи мутахассисон, ин каналҳо самаранокии баланд доранд: об бухор намешавад, филтратсия сурат намегирад ва замин аз муомилоти истеҳсолӣ берун намемонад. Аммо сохтмони чунин инфрасохтор ниёз ба қубурҳои калонҳаҷми асбесту бетонӣ ва техникаи муосири махсус дорад. Барои сарфа ва ҳифзи об, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ хеле муҳим аст. Хусусан дар шаҳрҳо, назорати ҷӯю каналҳо ва тоза нигоҳ доштани онҳо на танҳо аҳамияти экологӣ, балки нақши муҳими эстетикӣ барои зебогии шаҳр дорад. Мутаассифона,

дар шаҳрҳо, аз ҷумла дар Душанбе, мушкили кафидан ва вайроншавии қубурҳои об зуд-зуд рух медиҳад ва дар бисёр ҳолатҳо талафоти об то 5-10 шабонарӯз идома меёбад. Дар аксари шаҳрҳои пешрафтаи ҷаҳон, бо мақсади сарфаи об, асбобҳои ҳисобкунии истеъмол ҷорӣ карда шудаанд. Дар ҳақиқат, муносибати бепарвоёна нисбати об талаб мекунад, ки чунин таҷрибаҳо ҳарчи зудтар дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амалӣ гарданд [12,13].

## АДАБИЁТ


1. Абдусамадов М. А. Экологические проблемы и развитие регионального сотрудничества в водной среде // Международная конференция по сокращению стихийных бедствий, связанных с водой : сб. докл. (Душанбе, 27–28 июня 2008). – Душанбе, 2008. – С. 110–115.
2. Аброров Ҳ. А. Тоҷикистон – кишвари кӯлҳои беназир / Ҳ. А. Аброров. – Душанбе : Деваштич, 2003. – 196 с.
3. Агаханянц О. Е. Сарез / О. Е. Агаханянц. – Л. : Гидрометеоиздат, 1989. – 112 с.
4. Аҳроров Ф. Аспектҳои экологии проблемаи «Оби тоза» ва муҳофизати обанборҳо / Ф. Аҳроров. – Душанбе, 1990. – 98 с.
5. Бедер Б. А., Чурщина Н. М. Минеральные воды Таджикистана, их использование и охрана / Б. А. Бедер, Н. М. Чурщина. – Душанбе, 1976. – 140 с.
6. Гавриков Б. И., Хохлов В. И. Инкишофи мелиоратсия дар Тоҷикистон / Б. И. Гавриков, В. И. Хохлов. – Душанбе : Ирфон, 1988. – 156 с.
7. Давлатов А. Асосҳои экология / А. Давлатов. – Душанбе : Матбуот, 2005. – 184 с.
8. Кеммерих А. О. Гидрография Памира и Памиро-Алая / А. О. Кеммерих. – М. : Мысль, 1978. – 264 с.
9. Кобулиев З. В., Саидов И. И., Кодиров А. С. Глобальные водные процессы и меры по обеспечению человеческой безопасности и вклад Республики Таджикистан / З. В. Кобулиев, И. И. Саидов, А. С. Кодиров. – Душанбе, 2011. – 120 с.
10. Кобулиев З. В., Сатторов М. А., Мирзоев Ш. А. О некоторых особенностях гидрографических, термических и гидрохимических характеристик горных рек и озёр Таджикистана // Ледовые и термические процессы на водных объектах России : материалы Всерос. конф. (Онега, Архангельская обл., 6–9 июня 2011). – Онега, 2011. – С. 57–63.
11. Корженевский Н. Л. Озеро Кара-Куль : физ.-геогр. очерк / Н. Л. Корженевский. – Л. : Таджикско-Памирская экспедиция, 1936. – 113 с.
12. Крупнейшие ледники Средней Азии – Ледники Федченко и Зеравшанский : результаты метеорологических и гидрологических исследований / под ред. Л. К. Давыдова. – Л. : ЛГУ, 1967. – 264 с.
13. Қурбонов А. Қ., Муҳаббатов Х. М. Таджикистан – основной источник пресной воды Центральной Азии / А. Қ. Қурбонов, Х. М. Муҳаббатов. – Душанбе, 2003. – 102 с.

## ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ЭКОСИСТЕМАҲОИ ҶАНГАЛӢ

**Изатуллозода Рамазон Хайрулло**
ходими илмӣ
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақола алоқамандии байни раванди тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ ва экосистемаи ҷангалӣ баррасӣ шуда, пешгӯиҳо оид ба баланд шудани ҳарорати миёнаи ҷаҳонии ҳаво ва афзоиши равандҳои буридани ҷангал таҳлил карда мешаванд.*

***Калидвожа:*** *экосистемаҳои ҷангал, тағйирии глобалии иқлим, газҳои гармхона, ҳарорати миёна солона.*

## ИЗМЕНЕНИЕ КЛИМАТА И ЛЕСНЫЕ ЭКОСИСТЕМЫ

**Изатуллозода Рамазон Хайрулло**
научный сотрудник
Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье обсуждается взаимосвязь между глобальным изменением климата и лесными экосистемами, а также анализируются прогнозы повышения глобальной средней температуры воздуха и увеличения вырубки лесов.*

***Ключевые слова:*** *лесные экосистемы, глобальное изменение климата, парниковые газы, среднегодовая температура.*

## CLIMATE CHANGE AND FOREST ECOSYSTEMS

**Izatullozoda Ramazon Khairullo**
Researcher
Research Institute for Sustainable Development and Green Economy
International University of Tourism and Business of Tajikistan

*The article discusses the relationship between global climate change and forest ecosystems, and analyzes forecasts of rising global average air temperatures and increased deforestation.*

***Keywords:*** *forest ecosystems, global climate change, greenhouse gases, average annual temperature.*

Имрӯзҳо тағйирёбии иқлим ба яке аз мавзуъҳои мубрами ҷаҳони табдил ёфтааст. Масъалаи тағйирёбии иқлим, ки бо таъсири шадиди фаъолияти инсон ба муҳити атроф алоқаманд аст, бештар мавриди барраси қарор мегирад. Мушоҳидаҳо мавҷудияти раванди мазкурро собит сохтаанд ва афзоиши ҳарорати миёнаи ҷаҳонро аз 0,8$^0$С то 2,0$^0$С инъикос менамояд. Мутахасиссони соҳа тахмин мекунанд, ки то соли 2100 ҳарорати миёнаи ҳаво метавонад боз то 4$^0$С боло равад (расми 1). Илова бар ин тамоюли болоравии консентратсияи газҳои гулхонаи низ ба назар мерасад аз қабили оксиди карбон, оксиди нитроген ва метан. Аз ҳама бештар консентратсияи оксиди карбон дар фазо бештар буда, тибқи маълумотҳо дар давоми 100 соли охир 40 % афзудааст. Омили асосии афзоиши консентрартсияи дуоксиди карбон ба фаъолияти гуногун соҳаи инсон аз қабили партовҳои сӯзишвориҳои истихроҷшаванда (нафт, газ, ангишт), коҳиши майдони ҷангалзорҳо, афзоиши корхонаҳои саноатӣ, афзоиши нақлиётҳо ва сохтмони шоҳроҳҳо рабт дорад [1; 2; 4].




**Расми 1. Тамоюли глобалии тағйирёбии ҳарорат дар давраи солҳои 1950–2000, 1950–2023. (аз рӯи NASA)**

Аз солҳои 1990-ум, тадқиқот оид ба тағирёбии иқлим, махсусан пас аз таъсиси Панели байниҳукуматӣ оид ба тағирёбии иқлим (IPCC, 1988) вусъат ёфт. Онҳо бисёр соҳаҳои дурдасти илмро, аз қабили физикаи атмосфера, моделсозии рақамӣ, геология ва иқтисодро фаро гирифтанд. IPCC кори худро идома дода, як қатор мақолаҳоро [1] нашр мекунад, ки вазъи фаҳмиши илмиро дар вақти нашри гузориши навбатӣ тавсиф мекунанд. Тибқи [1], аз соли 1991 инҷониб IPCC панҷ гузориши арзёбиро интишор кардааст, шашум айни замон идома дорад.

Ба ақидаи коршиноси масоили экологӣ н.и.т., дот. Номвар Қурбон раванди гармшавии глобалӣ ё тамоюли афзоиши ҳарорат дар сайёра, ки ҷузъи ҷудонашавандаи тағирёбии иқлим буда, тибқи гузоришҳои арзёбии IPCC дар саросари ҷаҳон муайян ва арзёбӣ мешавад. Тибқи гузориши панҷуми арзёбии [2], аз соли 1850, дар миқёси даҳсола, ҳарорати ҳаво дар ҳар даҳсола боло рафта, нисбат ба ҳар даҳсолаи қаблӣ баландтар буд. Дар яке аз сабабҳои асосии гармшавии глобалӣ таъсири антропогенӣ ҳисобида мешавад, ки аз соли 1880 то соли 2012 ба ҳисоби миёна Ҳарорати глобалии сатҳи замин тақрибан 0,9°С баланд шуд [2]. Инчунин қайд карда мешавад [2], ки эҳтимолияти баландшавии ҳарорат дар асри 21 дар асоси моделҳои иқлимӣ барои сенарияи ҳадди ақали партовҳои газҳои гулхонаӣ 0,3-1,7°С ва барои сенарияи максималии партовҳо 2,6-4,8°С мебошад [2].

Ғайр аз таъсири антропогение, ки боиси тағйирёбии иқлим мегардад, юояд ба назар гирифйт, ки чунин равандҳо пештар низ ба амал омада буданд ва сабабҳои табии доштанд: тағйирёбии фаъолияти офтоб, хуруҷи шадиди вулқонҳо, афтидани метеоритҳо, пайдоиши ботлоқҳо ва ғ.

Ҳангоми баррасии тағйирёбии иқлим, ба назар гирифтани экосистемаҳои ҷангал муҳим аст, зеро ҷузъҳои ба ҳам вобастаи биосфера мебошад. Мувофиқи маълумотҳои ЮНЕП, ҷангалзорҳо тақрибан 30% сатҳи заминро ишғол намуда, 3,9 миллиард га-ро ташкил мекунад. Ҷангалзорҳо дар гардиши карбон нақши муҳим бозида, дар як сол 2,9 ± 0,8 Пг карбон (С) - ро аз худ мекунанд. Бо вуҷуди ин, тамоюли манфии афзоишёбии карбон аз сабаби афзоиши суръати нобудшавии ҷангалзорҳо ва таназзули майдони ҷангал мушоҳида мешавад. Тибқи маълумотҳои Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO), аз соли 1990 дар натиҷаи буридани ҷангалзорҳо, майдони ҷангалзори ҷаҳон 420 миллион гектар кам шудааст (расми 2) [3; 6].




**Расми 2. Меъёрҳои васеъ ва буридани ҷангал, 1990–2020 (аз рӯи маълумоти FAO)**

Сарфи назар аз он, ки ҷангалзорҳо карбонро аз худ мекунанд, таъғирёбии иқлим ба онҳо таъсир расонида, хосиятҳо ва сифати онҳоро таъғир медиҳад [5]. Тағйироти нишондиҳандаҳои растанӣ вобаста ба минтақаи кишт муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар қисми аврупоии россия хӯшкшавӣ ва танназули ҷангалзорҳои булут дар минтақаҳои ҷангал-дашт мушоҳида мешавад. Яке аз омилҳои асосии хушкшавии дарахтҳои булут ин таъғирёбии омилҳои иқлимӣ: сардиҳои баҳорӣ ва хушксолии тобистон ба шумор рафта, боиси афзоиши бемориҳо мегардад. Бемориҳо дар навбати худ ба нашъунамои навдаҳои ҷавон таъсири манфи расонида, боиси пурра хушк шудани буттаҳо мегардад. Ҷангалҳои сӯзанбарг ба таъғирёбии омилҳои иқлимӣ ҳасос буда, бештар осебпазиранд. Ҷангалзорҳои мазкур дар ташакулёбии микроиқлимӣ минтақа нақши муҳим доранд, зеро растаниҳои мазкур қобилияти бештар нигоҳ доштан ва аз худ кардани гармиро доранд, ки ин ба хунукшавии маҳал, махсусан дар моҳҳои гарми тобистон таъсир мерасонанд.

## АДАБИЁТ


1. Бузылёв А.В., Тихонова М.В., Руденский А.И. Пространственно-временное распределение влажности и динамики эмиссии парниковых газов из верхних почвенных горизонтов в пойменных залежных землях Башмаковского района Пензенской области [Электрон. ресурс] // АгроЭкоИнфо: Электронный научно-производственный журнал. – 2022. - № 6. - Режим доступа: http://agroecoinfo.ru/STATYI/2022/6/st_643.pdf. DOI: https://doi.org/10.51419/202126643.
2. Тихонова М.В. Экологическая оценка пространственно-временной изменчивости эмиссии N2O с поверхности подзолистых почв в условиях лесных экосистем северной части Московского мегаполиса / М.В. Тихонова, И.И. Васенев // Научная конференция молодых ученых и специалистов, посвященная 170-летию со дня рождения К.А. Тимирязева: Сборник статей, Москва, 05–06 июня 2013 года. – Москва: Российский государственный аграрный университет - МСХА им. К.А. Тимирязева, 2014. – С. 143-144. – EDN YVUZPD.
3. Calfapietra C. et al. Carbon mitigation potential of different forest ecosystems under climate change and various managements in Italy // Ecosystem Health and Sustainability. – 2015.–Т.1.–№.8.– С.1-9.
4. Экологическая оценка пространственно-временной изменчивости почвенной эмиссии N 2O на лесном участке природного заказника "Петровско-Разумовское" / М.В. Тихонова, А.С. Епихина, М.М. Визирская [и др.] // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Агрономия и животноводство. – 2013. – № 5. – С. 93-104. – EDN QIIBHM.
5. Бурков В.Д., Шалаев В.С., Крапивин В.Ф. О роли лесных экосистем в изменении климата // Лесной вестник. – 2012. – №. 9 (92). – С. 30-42.
6. Замолодчиков Д., Шматков Н. Леса России и изменение климата: сможем ли мы сохранить наши леса перед новой угрозой? // Устойчивое лесопользование. – 2011. – №. 4. – С. 12-14.

**УДК 595.763:2-3**

# АҲАМИЯТИ ИЛМИИ ОИЛАИ СТАФИЛИНИДҲО (STAPHYLINIDAE) БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Якубов Рустам Шарафович**
муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

*Оилаи стафилинидаҳо (Staphylinidae) ҳамчун як аз гурӯҳои асосии ҳашарот дар рушди экосистемаҳои Тоҷикистон, дар назорати биологӣ, ҳосил кардани моддаҳои органикӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии биологӣ нақши муҳим доранд. Ин таҳқиқот алоқаи байни фаъолияти ин ҳашарот ва рушди иқтисоди сабзро тавассути ҳиссагузории онҳо дар кишоварзии органикӣ ва ҳифзи муҳити зист меомӯзад. Инчунин таҳқиқ кардашудааст, ки дар коҳиши истифодаи пестисидҳо ва беҳтар кардани ҳосилнокии хок нақши муҳим дорад. Ташвиқи парвариши ин ҳашарот ва ҳифзи макони зисти онҳо на танҳо ба рушди кишоварзии органикӣ, балки ба ҳифзи гуногунии биологӣ ва устувории экосистемаҳо низ мусоидат мекунад. Ин тадқиқот ба муҳити зисти Тоҷикистон ва рушди устувори иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад, зеро он имкониятҳои нави парвариш ва истифодаи захираҳои табииро пешниҳод мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *стафилинидҳо, иқтисоди сабз, кишоварзии органикӣ, гуногунии биологӣ, Тоҷикистон, ҳифзи муҳити зист, устуворӣ.*

# НАУЧНОЕ ЗНАЧЕНИЕ СЕМЕЙСТВА СТАФИЛИНИДЫ (STAPHYLINIDAE) ДЛЯ РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Якубов Рустам Шарафович**
старший преподователь кафедры естественных наук
Таджикский государственный финансово-экономический университет

*Семейство стафилиниды (Staphylinidae) играет ключевую роль в экосистемах Таджикистана, участвуя в биологическом контроле вредителей, разложении органические вещество и повышении биоразнообразия. Данное исследование раскрывает связь их деятельности с развитием зеленой экономики через поддержку органического земледелия и охрану окружающей среды. Это исследование также показывает, что эти насекомые играют важную роль в сокращении использования пестицидов и улучшении плодородия почвы. Поощрение размножения этих насекомых и защита их среды обитания способствуют не только развитию органического сельского хозяйства, но и сохранению биоразнообразия и устойчивости экосистем. Это исследование имеет большое значение для окружающей среды Таджикистана и устойчивого развития экономики страны, поскольку оно предлагает новые возможности для выращивания и использования природных ресурсов.*

***Ключевые слова:*** *стафилиниды, зеленая экономика, органическое сельское хозяйство, биоразнообразие, Таджикистан, охрана окружающей среды, устойчивость.*

# THE SCIENTIFIC SIGNIFICANCE OF THE STAPHYLINIDAE FAMILY FOR THE DEVELOPMENT OF THE GREEN ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Yakubov Rustam Sharafovich**
senior teacher of the department of natural sciences
Tajik State University of Finance and Economics

*The family staphylinidae (Staphylinidae), as one of the main groups of insects in the ecosystems of Tajikistan, plays an important role in biological control, utilization of organic*

*substances and increase in biological density. This study examines the relationship between the activity of these insects and the development of a green economy through their contribution to organic agriculture and environmental protection. This study also shows that Staphylinidae play an important role in reducing the use of pesticides and improving soil fertility. Encouraging the reproduction of these insects and protecting their habitat contributes not only to the development of organic agriculture, but also to the conservation of biodiversity and ecosystem sustainability. This study is of great importance for Tajikistan's environment and the sustainable development of the country's economy, as it offers new opportunities for growing and using natural resources.*
***Keywords:*** *staphylinides, green economy, organic agriculture, biodiversity, Tajikistan, environmental protection, sustainability.*

Рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон баривоҷиэкосистемаҳои солим ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҳиссагузор мебошад. Оилаи Стафилинидаҳо (Staphylinidae) дар пайдоиши системаи экологӣ (ба монанди назорати биологӣ ва таъмини хок) метавонанд мусоидат намоянд [1]. Омӯзиши аҳамияти ин ҳашарот барои эҳёи кишоварзии устувор ва ҳифзи муҳити зист зарур аст [2].

Ин ҳашарот на танҳо дар назорати зараррасонҳо, балки дар партофтани моддаҳои органикӣ ва баланд бардоштани зичии биологӣ низ нақши муҳим дорад [2]. Стафилинидҳо бо фаъолиятҳои худ метавонанд муҳити зистро беҳтар созанд, ки ин барои рушди растаниҳо ва экосистемаҳо хеле муҳим аст [3].

Илова бар ин, таҳқиқот дар бораи алоқаи байни фаъолияти ин ҳашаротҳо ва рушди иқтисоди «сабз» метавонад барои таҳияи стратегияи устувори идоракунии экосистемаҳо ва дастгирии кишоварзии органикӣ кӯмак расонад. Натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонад барои беҳтар кардани самаранокии кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон аҳамияти калон дошта бошад.

Арзёбии нақши Стафилинидаҳо (Staphylinidae) дар рушди иқтисоди сабзи Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба фаъолияти биологӣ, таъсир ба зичии намудҳо ва иқтисодиёти кишоварзии органикӣ хеле муҳим аст. Ин ҳашарот бо назорати зараррасонҳо ва партофтани моддаҳои органикӣ, ки барои ҳосилнокии замин ва рушди растаниҳо зарур аст, саҳм мегузорад.

Стафилинидҳо (Staphylinidae) бо фаъолияти худ, ба монанди хӯрдани хашаротҳои зараррасон, метавонанд миқдори истифодаи пестисидҳоро коҳиш диҳанд, ки ин барои кишоварзии органикӣ ва ҳифзи муҳити зист хеле муҳим аст. Ин раванд на танҳо ба беҳтар шудани сифати маҳсулот, балки ба баланд бардоштани зичии биологӣ ва устувории экосистемаҳо низ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, таҳқиқот нишон медиҳанд, ки Стафилидҳо (Staphylinidae) дар нигоҳдории мувозинати экосистемавӣ нақши муҳим доранд, ки ин ба рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон кӯмак мерасонад [4]. Бо ин роҳ, ин ҳашаротҳо на танҳо барои экосистема, балки барои иқтисоди кишвар низ манфиатбахш мебошанд.

Бинобар ин, омӯзиши амиқи нақши Стафилидҳо (Staphylinidae) дар экосистемаҳои Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба рушди иқтисоди «сабз», барои таҳияи стратегияи самараноки идоракунии захираҳои табиӣ ва рушди кишоварзии устувор зарур аст [3].

**Ҷамъоварии намунаҳо:** Гирифтани намунаҳо аз 5 минтақаи гуногун (водии Ҳисор, Бешаи палангон, Боғи миллӣ, заминҳои кишт ва водиҳо) дар фасли баҳор ва тобистон.

**Таҳлили морфологӣ:** Муайян намудани намудҳо бо истифодаи микроскоп ва китобҳои муаянкунанда.

**Омӯзиши экологӣ:** Арзёбии зичии популятсия, таъсир ба пайдоиши моддоҳои органикӣ ва аз байн бурдани ҳашаротҳои зараррасон.

**Таҳлили иқтисодӣ:** Ҳисоббарории арзиши иқтисодии экосистемави Стафилинидҳо (Staphylinidae) дар кишоварзӣ.

**Натиҷаҳо:**

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки Staphylinidae дар экосистемаҳои гуногун нақши муҳим доранд, ки ин ба рушди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ҷадвали 1: Таъсири Staphylinidae ба экосистемаҳои гуногун.

| **Минтақа** | **Зичии намудҳо (намуд/м²)** | **Пайдоиши моддаҳои органикӣ (%)** | **Кам кардани истифодаи пестисидҳо** |
|---|---|---|---|
| Водии Ҳисор | 15,2 | 28% | 40% кам шудани пестисидҳо |
| Бешаи Палангон | 9,8 | 45% | 25% кам шудани пестисидҳо |
| Боғи миллӣ | 6,3 | 18% | 15% кам шудани пестисидҳо |
| Заминҳои кишт | 12,1 | 32% | 35% кам шудани пестисидҳо |

**Водии Ҳисор:** Зичии намудҳо дар як метри муррабаъ 15,2 намуди Стафилинидҳо (Staphylinidae) муаян шудааст, ки боиси коҳиши 40% истифодаи пестисидҳо гардида, 28% пайдоиши моддаҳои органикӣ ба беҳтаршавии хосиятҳои хок ва ҳосилхезии он мусоидат мекунад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин минтақа бо истифодаи ҳашаротҳои зикргардида метавонад ба рушди кишоварзии органикӣ ва устувор мусоидат намояд.

**Бешаи Палангон**: Дар як метри муррабаъ 9,8 намуд Стафилинидҳо (Staphylinidae) муаян шудааст ва он ба 45% пайдоиши моддаҳои органикӣ, 25% коҳиши истифодаи пестисидҳо мусоидатмекунад. Моддаҳои органикии ин ҳашарот ҳосилкарда дар минтақаҳои муянгардида ба беҳтаршавии хосиятҳои хок ва экосистема мусоидат мекунад.

**Боғи миллӣ:** Дар ин минтақа 6,3 намуди Стафилинидҳо (Staphylinidae) муаян шудааст ба пайдоиши 18% моддаҳои органикӣ ва 15% коҳиши истифодаи пестисидҳо нишон медиҳад, ки шароити номусоид дар ин минтақа, метавонад боиси зичии пасти ин ҳашаротҳо гардад.

Дар заминҳои киштшаванда дар як метри мураббаъ 12,1 намуди Стафилинидҳо (Staphylinidae) муаян карда шудааст, ки бо 32% пайдоиши моддаҳои органикӣ ва 35% коҳиши истифодаи пестисидҳо, мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, Стафилинидҳо (Staphylinidae) на танҳо дар коҳиши истифодаи пестисидҳо, балки дар беҳтар кардани хосиятҳои хок ва рушди кишоварзии устувор нақши муҳим доранд. Ин маълумотҳо метавонанд барои таҳияи стратегияи ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон истифода шаванд.

Таъсири Стафилинидҳо (Staphylinidae) дар экосистемаҳои гуногун, махсусан дар Тоҷикистон, на танҳо ба рушди кишоварзии органикӣ, балки ба беҳтар кардани ҳолати экологии кишвар низ мусоидат мекунад. Ташвиқи парвариши ин ҳашаротҳо ва ҳифзи макони зисти онҳо метавонад ба кам кардани истифодаи моддаҳои кимиёвӣ, баланд бардоштани ҳосил ва ҳифзи гуногунии биологӣ кӯмак кунад.

Натиҷаи ҷадвал нишон медиҳанд, ки Стафилинидҳо (Staphylinidae) дар водиҳои кишоварзӣ то 40% кам кардани истифодаи пестисидҳоро таъмин мекунанд. Ин на танҳо барои саломатии инсон, балки барои экосистема низ фоидаовар аст, зеро кам кардани моддаҳои кимиёвӣ ба беҳтар шудани сифати хок ва об мусоидат мекунад.

Тасири фаъолияти партофтани органикии Стафилинидҳо (Staphylinidae), ки дар ҷангалҳо то 45% мерасад, ба ҳосилхезии хок ва рушди растаниҳо кӯмак мекунад. Ин раванд

на танҳо барои экосистема, балки барои иқтисодиёти кишоварзии органикӣ низ муҳим аст, зеро он ба баланд бардоштани ҳосил ва сифати маҳсулот муфид аст.

Стафилинидҳо (Staphylinidae) ҳамчун "хизматрасони нодири экосистема" нақши муҳим дар ҳифзи гуногунии биологӣ доранд. Ташвиқи парвариши ин ҳашаротҳо ва ҳифзи макони зисти онҳо метавонад ба нигоҳдории экосистемаҳои табиӣ ва баланд бардоштани устувории онҳо кумак мекунад.

Бо таваҷҷӯҳ ба рушди кишоварзии органикӣ ва кам кардани таъсири манфии моддаҳои кимиёвӣ, Стафилинидҳо (Staphylinidae) метавонанд ба рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон мусоидат кунад. Ин раванд на танҳо барои кишоварзон, балки барои ҷомеа ва муҳити зист низ фоидаовар аст [5].

Дар маҷмӯъ, Стафилинидҳо (Staphylinidae) на танҳо ҳамчун ҳашароти фоидаовар, балки ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон нуфузи худро пайдо мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Якубова Д.Ш., Якубов Р. Ш. Видовой состав и роль стафилинид в хлопковых агробиоценозах южного Таджикистана [Текст]: //Наука и инновация №2. Душанбе, 2020. – С.101-105.
2. Якубова Д.Ш. Фауна и экология жуков стафилинид (Coleoptera, Staphylinidae) южного склона Гиссарского хребта: автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.02.04 / Д.Ш. Якубова. - Душанбе, 2018. - 22 с
3. Якубова Д.Ш. Новые данные по видам подсемейств Steninae и Paederinae (Coleoptera, Saphylinidae) южного склона Гиссарского хребта Таджикистана / Д.Ш. Якубова // Вестник ТНУ. Серия естественных наук, - 2017. №1/2. - С. 279-283.
4. Якубов Р.Ш. Факторы, влияющие на численность и распространение мезо-гигрофильных жесткокрылых (Coleoptera) ущелья Ромит. X Международная научно-практическая конференция "Наука и Технологии" / Биологические науки] - г. Алматы, Казахстан, 2024. - С. 72-76.
5. Якубов Р.Ш. Сведения о видовом составе и микростациональное распределение мезо-гигрофильных жесткокрылых пойм рек ущелья Ромит в Таджикистане // Proceedings of the XLII International Multidisciplinary Conference "Prospects and Key Tendencies of Science in Contemporary World". Bubok Publishing S.L. - Madrid, Spain. 2024. - С. 12-20.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМИ ГЛОБАЛӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ОБИ ОШОМИДАНӢ

**Ёров Ҷамшед Нуруллоевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири шуъбаи таҳқиқотҳои сайёҳӣ
Институти илмию тадқиқотии сайёҳӣ ва сохибкорӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Ғафорзода Ҷонона Ғафор**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети иқтисод ва идора
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни

*Дар мақола масъалаҳои тағйирёбии иқлим мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он гуфта шудааст, ки мувофиқи таҳқиқотҳо, болоравии ҳарорат дар сатҳи глобалӣ мушоҳида шуда, он боиси афзоиши маҷмӯи бузургии бухоршавӣ гардидааст. Таҳлил гардидааст, ки мутаносибан, ҳар қадар маҷмӯи бузургии бухор афзоиш ёбад, ҳамон қадар об дар сатҳи хушкӣ кам мемонад ва баръакс. Масалан, ба чунин ҳолат баҳри Арал дучор гардидааст.*

*Муаллифон бар он ақидаанд, ки тағйирёбии глобалии иқлим ки дар саросари олам ба чашм мерасад, сабаби тағйирёбии тавозуни табиӣ гардида, метавонад боиси нобудшавии геобиосистема гардад. Мувофиқи тадқиқоти коршиносони гуруҳи байниҳукуматии СММ тағйирёбии иқлим суръати интенсивӣ гирифтааст (дар баъзе минтақаҳо то +3$^0$С), ки пайомади он албатта, дар баробари тағйирёбии глобалии иқлим, инчунин васеъшавии биёбонҳо, сухтори ҷангалзорҳо, обшавии босуръати пиряххо, хушкшавии чашмаҳо ва камшавии манбаъҳои обҳои зеризаминӣ, ки ба қашоқию гуруснагӣ, коҳишёбии ҳосили умумии кишоварзӣ, вайроншавии муносибатҳои геосиёсии давлатҳо ҷиҳати тақсимоти обҳои дарёҳои сарҳадгузар, таназзули иқтисодӣ ва ғайра оварда мерасонад, мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқлим, тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ, сӯзонидани захираҳои энергетикӣ, обшавии пиряхҳо, хушкшавии воҳаҳо, васеъшавии биёбонҳо, бухрони экологӣ, оазисҳо ва г.*

## ПРОБЛЕМЫ ИЗМЕНЕНИЕ ГЛОБАЛЬНОГО КЛИМАТА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ПИТЬЕВОЙ ВОДОЙ

**Ёров Джамшед Нуруллоевич**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий отделом исследований в сфере туризма
Научно-исследовательский институт туризма и предпринимательства
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

**Гафорзода Джонона Гафор**
кандидат экономических наук, доцент,
декан факультета экономики и управления
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

*В статье рассматриваются вопросы изменения климата, и утверждается, что, согласно исследованиям, на глобальном уровне наблюдается повышение температуры, что приводит к увеличению общего количества испарений. Проанализировано, что, соответственно, чем больше увеличивается общее количество испарений, тем меньше воды остается на поверхности суши, и наоборот. Например, с такой ситуацией столкнулось Аральское море.*

*Авторы считают, что глобальное изменение климата, которое наблюдается во всем мире, вызывает изменение природного баланса и может привести к разрушению геобиосистемы. Согласно исследованию Межправительственной группы экспертов ООН по изменению климата, изменение климата ускорилось (в некоторых регионах до +3⁰С), последствиями чего, безусловно, наряду с глобальным изменением климата, являются расширение пустынь, лесные пожары, стремительное таяние ледников, высыхание родников и истощение источников подземных вод, что приводит к нищете и голоду, снижению общей урожайности сельскохозяйственных культур, нарушению геополитических отношений между государствами по распределению трансграничных речных вод, экономическому упадку и т. д.*

***Ключевые слова:*** *климат, глобальное изменение климата, сжигание энергоресурсов, таяние ледников, высыхание оазисов, расширение пустынь, экологический кризис, оазисы и т. д.*

# PROBLEMS OF GLOBAL CLIMATE CHANGE AND ITS IMPACT ON THE PROVISION OF DRINKING WATER TO THE POPULATION

**Jamshed Nurulloevich Yorov**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Tourism Research
Research Institute of Tourism and Entrepreneurship
Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship

**Jonona Gaforzoda Gafor**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Dean of the Faculty of Economics and Management
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni

*The article discusses climate change issues and states that, according to research, there is an increase in temperature at the global level, which leads to an increase in the total amount of evaporation. It is analyzed that, accordingly, the more the total amount of evaporation increases, the less water remains on the land surface, and vice versa. For example, the Aral Sea has encountered such a situation.*

*The authors believe that global climate change, which is observed throughout the world, causes a change in the natural balance and can lead to the destruction of the geobiosystem. According to the study by the UN Intergovernmental Panel on Climate Change, climate change has accelerated (in some regions up to +30C), the consequences of which, of course, along with global climate change, are the expansion of deserts, forest fires, rapid melting of glaciers, drying up of springs and depletion of groundwater sources, which leads to poverty and hunger, a decrease in the overall yield of agricultural crops, disruption of geopolitical relations between states on the distribution of transboundary river waters, economic decline, etc.*

***Keywords:*** *climate, global climate change, burning of energy resources, melting of glaciers, drying up of oases, expansion of deserts, environmental crisis, oases, etc.*

Дар солҳои охир иқлими сайёраи Замин ба таври назаррас тағйир ёфта, қисме аз давлатҳо аз гармӣ азият мекашанд, дар ҳудуди қисми дигар зимистони қаҳратун, ки ба онҳо хос нест, ҳукмфармо мегардад.

Мувофиқи тадқиқотҳо болоравии ҳарорат боиси афзоиши маҷмӯи бузургии бухоршавӣ мегардад. Мутаносибан, ҳар қадар маҷмӯи бузургии бухор афзоиш ёбад, ҳамон қадар об дар сатҳи хушкӣ кам мемонад ва баръакс. Масалан, ба чунин ҳолат баҳри Арал дучор гардидааст. Тағйирёбии глобалии иқлим дар саросари олам ба чашм мерасад. Мувофиқи тадқиқоти коршиносони гурӯҳи байниҳукуматии СММ тағйирёбии иқлим

суръати интенсивӣ гирифтааст (дар баъзе минтақаҳо то $+3^0$с). Ҳолати низоми иқлими сайёра ба сатҳи он, укёнусҳо, қабати яхин ва атмосфера таъсир мерасонад.

Як нуктаро зикр намудан ҷоиз аст, ки сабаби тағйирёбии иқлим маҳз инсон, талаботҳои ӯ, суръати афзоиш ва бунёди иншоотҳои саноатию воситаҳои нақлиётӣ мебошад. Аз ҳама бештар ба тағйирёбии иқлим ин сухтани сарватҳои энергетикӣ (нефт, газ, ангишт) мусоидат менамояд. Газҳои гулхонаие, ки дар натиҷаи ин ҳолат ба миён меоянд атрофи заминро печонида мегиранд, ки дар натиҷа гармии офтоб дар дохил нигоҳ дошта шуда, он боиси болоравии ҳарорати Замин мегардад.

Ҳамзамон, сухтани сузишворӣ аз ҷониби автомобилҳо, сухтани ангишт ба талаботҳои НБГ боиси партофташавии зиёди газҳои гуногун ва инчунин, буридани ҷангалзорҳо сабаби коҳишёбии фурӯбарии ин газҳо дар табиат мегардад.

Тибқи таҳлилҳо, давраи солҳои 2011-2022 аз ҳама давраи ҳарорати баланди сайёравӣ ба шумор меравад, ки ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Албатта, ин ба хуруҷи ҳаргуна бемориҳо овардааст.

Сабабҳои тағйирёбии иқлими сайёра инҳоянд:

***1.Истеҳсоли анъанавии неруи барқ.*** Танҳо ¼ ҳиссаи неруи барқи истеҳсолшуда ба неруи алтернативӣ рост меояд, боқимонда ба нефт, газ, ва ангишт мувофиқ аст, ки ин боиси партовиши туршии гази карбон ($CO_2$), газҳои фреонӣ ва омехтагии гази озот мегарданд.

***2. Саноат.*** Ҳанӯз дар ҷаҳон зиёда аз 3 млн. адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият менамоянд ва теъдоди умумии кормандон ба зиёда аз 1 млрд. нафар баробар аст. Албатта, ҳамаи ин корхонаҳои саноатӣ партовҳои истеҳсолиашонро ба табиат мепартоянд.

***3. Буридани ҷангалзорҳо.*** Ҳамасола беш аз 12 млн. га ҷангалзор комилан нобуд мегардад, ки ин боиси васеъшавии фазои паҳншавии газҳои гулхонаӣ мегардад. Мувофиқи таҳлилотҳо дар давраи аввали асри XX майдони умумии ҷангалзорҳои сайёра беш аз 8 млрд. га-ро ташкил медод ва аз ҳисоби буридани ғайриоқилона (ин ба афзоиши аҳолӣ ва талаботҳои онҳо вобаста низ ҳаст) ҳоло 4,1 млрд. га боқимондасту халос ва ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад.

***Нақлиёт.*** Ҳамасола дар ҷаҳон беш аз 90 млн. адад автомобил истеҳсол мегардад. Айни ҳол дар миқеси ҷаҳан 947 млн. адад автомобилҳои сабукрав ва 335 миллион адад автомобилҳои вазифаҳояшон гуногун истеҳсол шуда, ба сифати сӯзишворӣ ва дигар шаклҳои истифода беш аз чор миллиард тонна нефт коркард ва истеҳсол шуда, пас аз сӯзиш ба сифати партов боз ба табиат баргардонида мешавад.

***1.Истеҳсоли маводи ғизоӣ.*** Дар раванди истеҳсоли маводи ғизоӣ таъсири инсон ба табиат низ зиёд мегардад, зеро раванди истеҳсол якчанд давраҳои коркарди техникиро гузаронида, партовҳои саноатӣ партофта мешавад.

***2.Таъмини биноҳо бо энерҷӣ.*** Бештари неруи истеъмолӣ ба биноҳо рост меояд. Дар натиҷа реаксияи занҷиравӣ сурат гирифта, ба муҳити табиӣ газҳои зараррасон партофта мешавад.

Истеъмоли интенсивӣ, яъне тули солҳои охир вобаста ба он, ки қобилияти харидории аҳолӣ боло рафтааст, истеъмоли барзиёди пӯшока, таҳизотҳо ва зарфҳову пакетҳои полиэтиленӣ ба чашм мерасад, ки пас аз муддати муайян ҳамаи онҳо ба партов мубаддал гашта, ба табиат баргардонида мешавад.

Албатта, тағйирёбӣ ё гармшавии иқлим пайомадҳои даҳшатбор дорад, ки ба мавҷудият ва ё ҳастии инсоният хатар эҷод менамояд. Ба мисли:

- афзоиши туфонҳо ҳам дар сатҳи хушкӣ ва ҳам дар сатҳи обӣ;
- хушксолиҳои пай дар пай, ки боиси пастравӣ истеҳсоли маводи ғизоӣ ва сабаби гуруснагию қашшоқӣ мегардад;
- сухтори ҷангалзорҳо. Вобаста ба гармшавии иқлим нуқтаҳои сухтор садҳо маротиба зиёд шудааст. Ҳоло беш аз 29%-и ҷангалҳои нобудшуда маҳз аз ҳисоби сухтор аст;
- васеъшавии биёбонҳо-ҳам биёбонҳои водигӣ ва ҳам баландкӯҳӣ;
- хуруҷи бемориҳо, аз ҷумла бемориҳои сироятӣ;

- обхезиҳои даҳшатнок, зеро дар натиҷаи гармшавии иқлим бухори об ба маротиб зиёд мешавад;

- хушкшавии манбаъҳои обҳои зеризаминӣ;

- баландшави сатҳи оби баҳру укёнусҳо, ки метавонад боиси зери об мондани қисми хушкӣ (ҷазираҳо, давлатҳои соҳили баҳрӣ) гардад, зеро 90% -и гармии заминро укёнусҳо фурӯ мебаранд;

- коҳишёбии биогуногунрангӣ;

- хуруҷи бемориҳои растаниҳо;

- суръати тез гирифтани ҷараёни муҳоҷират. Аз нуктаҳое, ки вобаста ба хушксолӣ ва биёбоншавӣ истеҳсоли маводи ғизоӣ имконнопазир гардид, бекорию гуруснагӣ хуруҷ мекунад, аҳолӣ бо дигар минтақаҳо ҳаракат мекунанд, ки ин ба низоъҳои байниқавмию байниэтникӣ ва низоъҳои дар заминаи динӣ ба вуҷуд омада, оварда мерасонад.

Яке аз пайомадҳои даҳшатборе, ки дар натиҷаи гармшавӣ ва тағйирёбӣ ва гармшавии иқлим ба миён меояд, ин обшавии пиряххои кухӣ ва материкӣ мебошад. Ҳанӯз пиряххо таркибан қариб 170 ҳаз. км$^3$ яхро дар худ нигоҳ медоранд, яъне агар дар раванди гармшавии глобалӣ, пиряхҳо об шаванд сатҳи оби ҷаҳонӣ зиёда аз 0,5 м. баланд мешавад.

Инчунин обшавии пиряххо (материкӣ ва кухӣ) пайомадҳои зеринро ба миён меорад:

- таъсир ба иқлим, яъне ҳаракати ҷараёнҳои укёнусӣ тағйир ёфта, туфонҳои азими обӣ ба миён меояд;

- нобудшавии як қатор намудҳои биоорганизмҳо мегардад;

- тамомшавии оби ошомиданӣ;

- камшавӣ ё коҳишёбии обҳои зеризаминӣ;

- аз байн рафтани кулҳои баландкуҳию миёнакуҳӣ.

Умуман, пиряххо яке аз манбаъҳои асосии захираҳои обҳои ошомиданӣ мебошанд. Обшавии босуръати пиряххои кухӣ ва материкӣ боиси коҳишёбии захираҳои оби тоза, камшавии боришот дар як қатор минтақаҳо, камшавии захираҳои обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ гардида, дар баробари он аз ҷониби инсоният ба табиат партофтани партовҳои саноатӣ ва истеъмолӣ боиси ба вуҷуд омадани мушкилии глобалии таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ мегардад.

Ҳолати обшавии босуръати пиряххо ва коҳишёбии масоҳати онҳо дар давраи солҳои охир назаррас мебошад.

Норасоӣ ё дефисити оби тоза- ин масъалаи ҳалногардидаи глобалист, ки ҳамарӯза миллионҳо нафар ба он дучор мешаванд. Айни замон мувофиқи ҳисоботҳои СММ аз ¼ ҳиссаи аҳолии сайёра аз об танқисӣ мекашанд. Ҷамъан 2,5%-и оби сайёра мусаффо буда, танҳо 1 %- и он дастрас аст. Дар тамаддуни муосир дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ба андозаи 0,001% имкон медиҳад, то 7-8 млрд. нафар аҳолӣ бо об таъмин гардад. Айни ҳол дар давоми як соли тақвимӣ аз ҷониби аҳолии сайёра 4130 км $^3$ об истеъмол мегардад ва вобаста ба суръати афзоиши аҳолӣ талабот ба ин навъи сарват боз бештар мешавад [6.134].

Тақсимоти географии сарватҳои обӣ дар минтақаҳо ва давлатҳо

| № | Тақсимоти сарватҳои обӣ дар минтақаҳо, ҳаз. км$^3$ | | № | Бузургтарин давлатҳои ҷаҳон аз руи захираи оби тоза, ҳаз. км $^3$ | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Осиё | 13,2 | 1 | Бразилия | 6,9 |
| 2 | Амрикои Ҷанубӣ | 9,6 | 2 | Россия | 4,5 |
| 3 | Амрикои Шимолӣ | 6,4 | 3 | Канада | 2,9 |
| 4 | Аврупо | 6,2 | 4 | Хитой | 2,8 |
| 5 | Африқо | 4 | 5 | Индонезия | 2,5 |
| 6 | Австралия ва Укёнусия | 1,6 | 6 | Конго | 2,4 |

Сарчашмаи электронӣ https:ru.m.wikipedia.org

Сарватҳои обӣ нобаробар тақсим шудаанд, ки ин боиси дар як қатор кишварҳо барзиёдии истифодаи об ва дар қатори дигар норасоии об гаштааст.

Албатта, давлатҳое, ки дорои сарватҳои бузурги обианд ба мушкилии норасоии он кам дучор мегарданд ва баръакс давлатҳои махсусан ҳудуди биёбонӣ ба шиддати норасоии оби ошомиданӣ гирифторанд.

Дар солҳои охир вобаста ба тағйирёбии иқлим, яъне болоравии ҳарорати глобалӣ, дар саросари олам манбаъҳои обӣ хушк шуда,норасоӣ ё дефитсити об дар давлатҳои алоҳида ба чашм мерасад. Географияи фарогирии давлатҳои алоҳида, ки аз норасоии оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, пайваста ҳудудҳои васеъро фаро гирифта истодаанд (расми 1).




*Сарчашмаи электронӣ https:ru.m.wikipedia.org*

Расми 1. Харита-нишондиҳандаи давлатҳое, ки дар хатари бӯҳрони оби ошомиданӣ қарор доранд

Як нуктаро зикр намудан ҷоиз аст, ки норасоии об на танҳо дар кишварҳои биёбонӣ, балки дар кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ ҳам ба чашм мерасад, ки ин мушкилии таъмини аҳолии сайёраро бо оби ошомиданӣ тезутунд мегардонад. Агар мувофиқи маълумотҳо беш аз 1,5 млрд. нафар аҳолӣ аз оби ошомиданӣ танқисӣ кашанд ин нишондиҳанда дар соли 2030 ба 2,8 млрд. нафар ва дар давраи то соли 2050 ба беш аз 7 млрд. нафар баробар гардида, зиёда аз 80 давлат ба бухрони шадиди норасоии об гирифтор хоҳанд шуд [3. 327].

Нишондиҳандаи сарватҳои обӣ ба ҳар нафар аҳолӣ

| **Давлатҳо бо нишондиҳандаи баланди сарватҳои обӣ ба ҳар нафар, м$^3$** | | |
|---|---|---|
| **№** | **Номи давлат** | **Истеъмоли об** |
| 1 | Бразилия | 6950 |
| 2 | Россия | 4500 |
| 3 | Канада | 2900 |
| 4 | Хитой | 2800 |
| 5 | Индонезия | 2530 |
| 6 | ИМА | 2480 |
| *16 | Тоҷикистон | 880 |
| **Давлатҳо бо нишондиҳандаи пасти сарватҳои обӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, м$^3$** | | |
| 1 | Кувайт | 6,85 |
| 2 | АМА | 33,44 |
| 3 | Қатар | 45,28 |
| 4 | Багама | 59,17 |
| 5 | Оман | 91,63 |
| 6 | Арабистони Саудӣ | 95,23 |
| 7 | Ливия | 95,32 |

Сарчашмаи электронӣ https:ru.m.wikipedia.org

Яке аз сабабҳои норасоии об ин албатта, истифодаи ғайриоқилонаи он мебошад (дар баробари таъсири тағйирёбӣ ва ё гармшавии иқлим). Мувофиқи ақидаи коршиносон агар ин гуна ҳолати истифодабарии об, муносибати ғайриоқилона ба сарватҳои обӣ ва ҷараёни гармшавии глобалӣ идома ёбад, пас дар соли 2100 сарватҳои оби ошомиданӣ ба интиҳоӣ

мерасад. Коҳишёбии сарватҳои обӣ ба норасоии он оварда расонида, метавонад боиси ба вуқуъ пайвастани низоъҳои сиёсӣ ва ҳам ҳарбӣ миёни халқиятҳо ва давлатҳо гардад.

Сабабҳои норасоии оби ошомиданӣ гуногунанд.

Ба мисли:

1. Ифлосшавии об вобаста ба партофтани партов.

2. Барзиёдии обҳои сатҳӣ. Истифодаи аз меъёр зиёди обҳои сатҳӣ дар хоҷагии кишоварзӣ, ки айни ҳол 70% истифодаи оби тоза ба ин соҳа рост меояд.

3. Истифодаи аз меъёр зиёд ва нодурусти об, ин ба он оварда мерасонад, ки аксаран об беҳуда сарф мешавад. Масалан барои як гектар пахтазор аз давраи кишту кор то анҷоми ҳосилғундорӣ аз 8 то 22 ҳазор $м^3$ об сарф карда мешавад.

4. Тағйирёбии иқлим- шароитҳои табиии бухори об ва ҷои афтиши боришот иваз мешавад.

5. Истифодаи ғайриоқилонаи об барои шустани воситаҳои техникӣ, оббозӣ, обпошӣ ва ғайра.

6. Норасоии корхонаҳои коркардкунандаи об.

7. Мавҷуд набудани инфрасохтор. Ноҳияҳои камбизоат аксаран барои бунёди иншоотҳои инфрасохтории коркардкунандаи об ва партовҳо имконият надоранд, ки дар натиҷа партовҳо ва обҳои ифлос ба манбаъҳои оби тоза омехта мешаванд.

8. Талафёбии обҳои зеризаминӣ. Вобаста ба тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва рушди инсоният обҳои зеризаминӣ дар натиҷаи истифодаи ғайриоқилона коҳиш ёфтанд ва ғайра.

Чӣ бояд кард?

Албатта, масъалаи норасоии оби ошомиданӣ, обшавии пиряххо, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, хушкшавии оазисҳо, васеъшавии биёбонҳо ва дар заминаи он нобудшавии дарёҳо ва ғайра маҳсули фаъолияти инсон буда, рафъи пайомадҳои он вазифаи тамоми инсоният мебошад.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Влияние изменения климата на водные ресурсы в Центральной Азии: //Отраслевой обзор, Евразийский Банк Развития, Алматы, 2016. -48с.
2. Израель Ю.А., Груза Г.В., Катцов В.М., Мелешко В.П. Изменение глобального климата. Роль антропогенных воздействий //Метеорология и гидрология. -2001. -№56. –С.5-21
3. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе «Ирфон». -2018. -648 саҳ.
4. Клапцов В. Трансграничные реки Центральной Азии и возможное международное сотрудничество //Доклады Международной конференции по региональному сотрудничеству в бассейнах трансграничных рек 31 мая – 1 июня, 2005 г. – Душанбе: ABSTRACTS. -2005. – С. 16-17.
5. Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. -65 с.
6. Л. В. Бондаренко, О. В. Маслова, А. В. Белкина, К. В. Сухарева Глобальное изменение климата и их последствие. Российский экономический университет имени Г. В. Плеханова, Москва, Россия. Вестник РЭУ им. Г. В. Плеханова. – 2018. - № 2 (98).
7. Макаров И.А. Глобальное изменение климата как вызов мировой экономике и экономической науке // Экономический журнал ВШЭ.-2013. -№3. –С. 479-494
8. Муҳабатов Х.М., Камолидинов А.К. Водные ресурсы- основа сотрудничества в Центральной Азии. Экономика Таджикистана: стратегия, развития. -№1.С.-2008. – С. 131-140.

## ПРИНСИПҲОИ ИҚТИСОДИ САБЗ: АФЗАЛИЯТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ОН ДАР САВДОИ ЧАКАНА

**Мариншоев Муқбил Мунаваршоевич, Валиев Низомиддин Шаҳобиддинович**
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақола афзалиятҳо ва имкониятҳои амали намудани принсипҳои иқтисоди сабз дар савдои чакана мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳадафи асосии тадқиқот муайян намудани афзалиятҳо ва имкониятҳои амалисозии принсипҳои иқтисоди сабз дар савдои чакана барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Дар мақола ҳамчунин, принсипҳо ва усулҳои иқтисоди сабз, ки барои савдои чакана мувофиқанд ба монандӣ принсипҳои сарфа, истифодаи дубора, барқарорсозӣ, хариди сабз ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мавриди таҳқиқот қарор додашудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисоди сабз, рушди устувор, присипҳои иқтисоди сабз, хариди сабз, устувории экологӣ, савдои чакана, муҳити зист, технологияҳои инноватсионӣ.*

## ПРИНЦИПЫ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ: ЕЕ ПРЕИМУЩЕСТВА И ВОЗМОЖНОСТИ В РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛЕ

**Мариншоев Мукбил Мунаваршоевич, Валиев Низомиддин Шахобиддинович**
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье рассматриваются преимущества и возможности реализации принципов зеленой экономики в розничной торговле. Основная цель исследования - определение преимуществ и возможностей реализации принципов зеленой экономики в розничной торговле для обеспечения устойчивого развития национальной экономики. В статье также рассматриваются принципы и методы зеленой экономики, подходящие для розничной торговли, такие как принцип сокращения, принцип повторного использования, принцип восстановления и экологические покупки.*

***Ключевые слова:*** *Зеленая экономика, устойчивое развитие, принципы зеленой экономики, экологичные закупки, экологическая устойчивость, розничная торговля, окружающая среда, инновационные технологии.*

Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ аҳамияти шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро ҳам дар рушди кишвар ва ҳам дар маҷмӯъ, баланд гардонд. Соҳибкорӣ чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, омили

муҳими ташаккули муносибатҳои бозорӣ, таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва рушди сектори хусусӣ чун унсури пешбари иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки ҳамаи дигаргуниҳои бозорӣ дар давраи охир баргузоршаванда барои ташкили шароит ва заминаҳои иқтисодӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудаанд.

Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Дар давраи соли 2024 дар самти дастгирии соҳибкорӣ, пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо як қатор корҳо амалӣ шуданд.

Тавассути низоми «Равзанаи ягона» ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар миқёси ҷумҳурӣ 365,3 ҳазор адад субъектҳои хоҷагидор фаъолият мекунад, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-юм 15,0 ҳазор адад ва ё 4,3фоиз зиёд мебошад. Аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ  1, 2 ҳазор ва 13,8 ҳазор соҳибкорони инфиродиро ташкил дод [5.с.2 ].

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, шахсони ҳуқуқӣ 35,0 ҳазор адад ё 9,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 1206 адад ё 3,6% зиёд мебошад.

Шумораи соҳибкорони инфиродӣ 330,3 ҳазорро (90,4%) ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 13881 адад ё 4,4% зиёд мебошад.

Рушди ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бештари мавридҳо бо ҳаҷми сармоягузориҳо барои ташаккул ва фаъолияти соҳа алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон ҳаҷми сармояҳогузориҳо аз мавҷуд будани захираҳои молиявии худӣ, инчунин воридот аз манбаъҳои дигари дохилӣ ва беруна робитаи зич дорад.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавҷудияти захираҳои молиявии худӣ ба мушкилиҳо дучор мешавад ва соҳибкорӣ дар ҷанбаи молиявӣ ба дастгирӣ ниёз доранд. Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои таъмини рушди соҳибкорӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муҳими рушт дар кишвар маҳсуб мешавад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ - дар соли 2024 воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 4,9 миллиард долларро ташкил дод.Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ нисбат ба соли 2023 - 2,1 млрд доллар ё 72,7 фоизро ташкил дода, аз ҳисоби зиёдшавии дигар намуди сармоя ба андозаи 26,1 фоиз (маблағи 510,8 млн.доллар) ташаккул ёфтааст [5.с.2 ].

Таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти босамари соҳибкорони ватанӣ вобаста аст. Бо беҳбудӣ ёфтани фазои соҳибкории истеҳсолӣ тайи солҳои охир дар мамлакат шумораи корхонаҳои саноатӣ афзуда, ба зиёд гардидани маҳсулоти ватанӣ мусоидат намуд.

Танҳо дар соли 2024 соҳибкорони мамлакат 740 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 20 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд [4.с.3].

Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ мешавад.

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои асосии зерин амалӣ мегардад:

- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ;
- имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки  қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;
- ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ  ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ;
- таъмини методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттиллоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- ташкили фаъолияти шӯроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ [2 ,с.2].

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст [3 ,с.3].

Соҳибкорони мамлакат, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолии хурду миёна, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, ба ташкилотҳои қарзӣ баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарзҳо ба муштариёни боэътимод, аз ҷумла додани қарзҳои хурди дорои фоизи паст ба соҳибкорон аз рӯи имконниятҳои мавҷуда мусоидат менамоянд.

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон дар моҳҳои январ - ноябри соли 2024 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иқтисодиёт ба маблағи 21864,8 млн. сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст, ки аз ин 11525,6 млн. сомонӣ ба самти фаъолияти соҳибкорӣ дода шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 1999,3 млн. сомонӣ ё 21,0 фоиз зиёд мебошад [5,с.3].

Таҳлили вазъи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди соҳибкорӣ миёни давлатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи 126-ро касб намудааст.

Ҳамин тавр, мавриди зикр аст,ки соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти босамари бахши хусусӣ ва соҳибкорони ватанӣ вобаста аст.

Дар низоми хоҷагидории бозорӣ рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодиёти миллии кишвар яке аз самтҳои асосииислоҳот мебошад, ки барои рушди рақобат, пур ва қонеъ кардани бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, ташкили ҷойҳои кории нав, ташаккули табақаи калони соҳибмулкон ва соҳибкорон мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2022. – Душанбе, 2022. – 56 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – 62 с.
3. Комилов С. Х., Низомова Т. Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона : китоби дарсӣ / С. Х. Комилов, Т. Д. Низомова, У. Давлатзод. – Душанбе : ДМТ, 2015. – 640 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26.03.2014. – Душанбе, 2014. – 12 с.
5. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 [Электронный ресурс]. – Душанбе, 2025. – Режим доступа: https://investcom.tj (дата обращения: 30 марта 2025 г.).
6. Фаррухи Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ : маводи таълимӣ / Ф. Раҳимбердӣ. – Душанбе, 2009. – 109 с.

**УДК 330**

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ САЙЁҲӢ

**ШАРИПОВА ФАРАНГИС НУРУЛОЕВНА**
ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақола масъалаи нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таҷрибаи идоракунии он дар кишварҳои пешрафта мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди ҷаҳонӣ, таъсири амиқ ба рушди инфрасохтор, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромади миллӣ дорад. Бо истифода аз маълумотҳои оморӣ, ба мисли саҳми сайёҳӣ дар ММД-и Аврупо ва муқоисаи он бо дигар соҳаҳо (мошинсозӣ, кимиё, бонкдорӣ ва ғайра), аҳамияти стратегии ин соҳа таъкид мешавад.*

*Мақола таҷрибаи идоракунӣ ва ташкили соҳаи сайёҳиро дар Британияи Кабир, Испания ва Фаронса таҳлил намуда, сохторҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва ташкилӣ, инчунин роҳҳои дастгирии давлатӣ ва ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ дар соҳаро нишон медиҳад. Дар асоси ин таҷриба тавсияҳо барои мутобиқгардонии таҷрибаҳои муваффақ ба шароити Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо**: сайёҳӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, бозори сайёҳӣ, иқтисодиёт, рушди иқтисодӣ, идоракунии сайёҳӣ, сиёсати давлатӣ, барномаи миллӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, сармоягузорӣ, татбиқи таҷриба, ташкилоти сайёҳӣ, низоми ҳуқуқӣ, маркетинг, ҷалби сайёҳон, идоракунии давлатӣ, тиҷорати сайёҳӣ, сиёсати туризм*

# МИРОВОЙ ОПЫТ И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В ФОРМИРОВАНИИ РЫНКА ТУРИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ

**Шарипова Фарангис Нурулоевна**
ассистент кафедры мировой экономики
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье анализируется роль туристической отрасли в развитии мировой экономики и опыт ее управления в развитых странах. Туризм, как один из важнейших секторов мировой экономики, оказывает огромное влияние на развитие инфраструктуры, создание рабочих мест и рост уровня национального дохода. Используя статистические данные, такие как вклад туризма в европейский ВВП, и сравнивая его с другими секторами (машиностроение, химия, банковское дело и т. д.), подчеркивается стратегическое значение этого сектора.*

*В статье анализируется опыт управления и организации туристической отрасли в Великобритании, Испании и Франции, показаны правовые, институциональные и организационные структуры, а также способы государственной поддержки и частно-государственного сотрудничества в отрасли. На основе этого опыта даны рекомендации по адаптации успешных практик к условиям Таджикистана.*

***Ключевые слова**: туризм, туристические услуги, туристический рынок, экономика, экономическое развитие, управление туризмом, государственная политика, национальная программа, туристическая инфраструктура, инвестиции, внедрение опыта, туристическая организация, правовая система, маркетинг, привлечение туристов, государственное управление, туристический бизнес, туристическая политика*

# WORLD EXPERIENCE AND ITS APPLICATION IN FORMING THE TOURISM SERVICES MARKET

**Sharipova Farangis Nuruloevna**
Assistant of the Department of World Economy
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article analyzes the role of the tourism industry in the development of the world economy and the experience of its management in developed countries. Tourism, as one of the important sectors of the world economy, has a profound impact on the development of infrastructure, the creation of new jobs and increasing the level of national income. Using statistical data, such as the contribution of tourism to the GDP of Europe and its comparison with other sectors (mechanical engineering, chemistry, banking, etc.), the strategic importance of this industry is emphasized.*

*The article analyzes the experience of managing and organizing the tourism industry in Great Britain, Spain and France, and shows the legal, institutional and organizational structures, as well as ways of state support and cooperation between the private and public sectors in the industry. Based on this experience, recommendations are made for adapting successful practices to the conditions of Tajikistan.*

***Keywords**: tourism, tourism services, tourism market, economy, economic development, tourism management, state policy, national program, tourism infrastructure, investment, implementation of experience, tourism organization, legal system, marketing, attracting tourists, state management, tourism business, tourism policy*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муосиршавии равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳаи сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳони имрӯза на танҳо ҳамчун воситаи фароғат ва истироҳат, балки ҳамчун омили муҳим барои рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва густариши инфрасохтори миллӣ эътироф гардидааст.

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, сайёҳӣ ба соҳаҳои калидии иқтисодӣ монанди саноати мошинсозӣ, кимиё, кишоварзӣ ва бонкдорӣ баробар шуда, саҳми назаррас дар Маҳсули Маҳсони Дохилӣ (ММД) дорад. Мувофиқи маълумоти Шӯрои ҷаҳонии сайёҳӣ ва сафар (WTTC), дар соли 2014 саҳми соҳаи сайёҳӣ танҳо дар иқтисодиёти Аврупо 1,8 триллион евро (2,1 триллион доллар) арзёбӣ гардид, ки нисбат ба дигар соҳаҳои саноатӣ бештар мебошад.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди устувори сайёҳӣ дар асоси сиёсати давлатии дастгиришаванда, тарҳрезии барномаҳои миллӣ, ҳамоҳангии сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ, инчунин ташкили низоми самарабахши идоракунӣ сурат мегирад. Намунаҳои муваффақи идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Британияи Кабир, Испания ва Фаронса, ки ҳар яке дорои механизмҳои хоси ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ мебошанд, метавонанд ҳамчун таҷрибаи арзишманд барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизмат кунанд.

Бо дарназардошти аҳамияти афзояндаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодию иҷтимоии ҷаҳонӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мутобиқсозии он ба воқеияти миллӣ метавонад заминаи муҳиме барои ташаккули бозори рақобатпазири хизматрасонии сайёҳӣ дар Тоҷикистон гардад. Ҳамин тавр, масъалаи таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар шаклгирии бозори туризми хизматрасонӣ на танҳо аз ҷиҳати илмӣ, балки аз нигоҳи амалӣ низ дорои аҳамияти баланд мебошад.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ ба яке аз омили муҳими рушди иқтисоди миллию байналмилалӣ табдил ёфтааст. Рушди босуръати тиҷорати сайёҳӣ, саҳми назарраси он дар ММД-и кишварҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъсири он ба инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, зарурати омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақро афзоиш додааст. Муҳимияти мавзӯъ инчунин дар он ифода меёбад, ки рушди устувори сайёҳӣ дар кишварҳое монанди

Тоҷикистон метавонад ҳамчун як роҳи алтернативии таҳкими иқтисоди миллӣ ва афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ хизмат кунад.

Сарфи назар аз имкониятҳои бойи табиӣ, таърихӣ ва фарҳангии кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, рушди соҳаи сайёҳӣ ба сатҳи зарурӣ нарасидааст. Яке аз мушкилоти асосӣ –набудани механизми самарабахши идоракунӣ, набудани ҳамоҳангии байни ниҳодҳои давлатӣ ва хусусӣ, норасоии инфрасохтори муосир, инчунин таҷрибаи нокофии истифодаи моделҳои муваффақи байналмилалӣ мебошад. Масъала дар он ифода меёбад, ки чи гуна метавон таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷиро ба шароити маҳаллӣ мутобиқ намуда, низоми самарабахши рушди сайёҳиро дар Тоҷикистон роҳандозӣ кард?

Ҳадафи асосии ин тадқиқот омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар соҳаи идоракунии сайёҳӣ буда, татбиқи унсурҳои муваффақи он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди тавсияҳо барои ташкили низоми муосири рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар мебошад.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур, вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- Омӯзиши нақш ва аҳамияти соҳаи сайёҳӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ.
- Таҳлили моделҳои идоракунӣ ва низоми ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ дар Британияи Кабир, Испания ва Фаронса.
- Муайян намудани омили муваффақияти давлатҳои мазкур дар соҳаи рушди сайёҳӣ.
- Арзёбии имконият ва шароити мутобиқсозии таҷрибаи хориҷӣ ба муҳити иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон.
- Пешниҳоди тавсияҳо оид ба ташкили низоми миллии самарабахши идора ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон.

Нақши соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи хоси худро дошта, барои ташаккул ва рушди соаҳои иқтисодиёт-иҷтимоиёти кишварҳо таъсир расонида ва ташкил намудани инфирасохтори нави сайёҳӣ дар базеъ кишварҳо ташаккул ва рушд соҳарор имкон дода, ташкили намудани ҷойҳои нави кориро фароҳам меорад.

Соҳаи сайёҳӣ дар раванди рушди иқтисодиёти ҷаҳон яке аз соҳаҳои пешбурди иқтисодиёт давлатҳо табдил ёфтааст. Саҳми соҳаи сайёҳӣ дар ММД, Аврупо назар ба соҳаи саноати мошинсозӣ ва кимиё, бонкдорӣ, кишоварзӣ ва истихроҷи маъдан бештар мебошад.

Дар асоси маълумотҳои (WTTC) дар соли 2014 аз ҳисоби соаҳи сайёҳӣ ба иқтисоди Аврупо 1,8 триллион Евро (2,1 триллион доллар) ворид гаштааст. Ин раванд нисбат ба соҳаҳои истихроҷи маъдан (796 миллон доллар) 2,6 маротиба ба ММД-и минтақавии дар соҳаи бонкдорӣ (1,2 триллион доллар) 1,8 маротиба мештар мебошад.

Раванди соаҳи сайёҳӣ падидаи нави муосири умумиҷаҳонии мебошад, ки оғози он аз асри 21 манша гирифтааст ҳамчун раванди илмӣ омухта мешавад.

Соаҳи сайёҳӣ дар асоси таҳқиқиотҳо на танҳо соҳаи фароғат балки яке аз шаклҳои фаъолиятарини муносибатҳо байни одамон, омухтани ҳудуҳои нав аз як бахши асосии иқтисодиёт мебошад.

Соаҳи сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳо ва хосиятҳои ҳудуди, инчунин аз ангезаҳои муосир фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ интихоб шавандаи ҷойи хос мебошад. Талаботи муосири соҳаи сайёҳӣ дар асоси ташаккули низомҳои махсуси сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, ки дар фазои вақт тағйир меёбад ва қарор мегирад. [1, 5].

Дар даҳсолаи охир тиҷорати соҳаи сайёҳӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон босуръати кайҳон рушди намуда истодааст. Дар асоси таҷрибаҳои давлатҳои мухталифи хориҷӣ ба хулосае омадан мункин аст, ки муввафақияти рушди соҳаи сайёҳӣ бештар аз он вобастааст, ки ин соҳа дар саҳти давлат чи гуна қабул карда мешавад ва аз тарафи ҳукумат чи гуна ин соҳа дастгири карда мешавад.

Аз ҷониби давлат бояд барномаҳои давлатӣ барои рушди тиҷорати сайёҳӣ омода кардашаванд ва ташаккули марказҳои сайёҳӣ инчунин дастгирии таблиғотӣ ва иттилоотӣ мусоидат намояд.

Дар давлатҳое, ки соҳаи сайёҳӣ инкишоф ёфтааст, ташкилотҳое амал мекунанд, ки чун қоида, ба вазоратҳо тобеъанд, ки дар таҳияи барномаҳои миллии рушди сайёҳӣ машғуланд.

Дар асоси раванди омӯзишҳои таҷрибаи хориҷи ташаккул ва рушди бозори хизматрасони сайёҳӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки раванди рушди соҳаи сайёҳиро дар давлатҳои рушд намуда омӯзем ва барои Ҷумҳурии Тоҷикистон амсилаи навро сохта ба истифода диҳем.

Дар Британияи Кабир соаҳи сайёҳӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанг, фароғат ва варзиш идора карда мешавад, ки мустақиман ба мақоми масъули сайёҳӣ - Authority Nurist British Authority (BTA) итоат мекунад. Ташкилоти мазкур дар доираи фаъолияти худ ба ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба кишвар ва рушди сайёҳии дохилӣ машғул аст.

Бояд қайд намуд, ки ин созмон бо ҳукумат ва дигар ниҳодҳои давлатии марбут ба бахши сайёҳӣ машварат мекунад. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси маъмурияти беруни аз ҷумҳурӣ ба воситаи идораю намояндагон маъракаҳоию рекламавҳо гузаронда мешаванд. Махсусан, радио, матбуот, телевизион шабакаҳои интернети барои расидан ба ин мақсадҳо истифода мешаванд.

Маъмурияти маҳаллӣ барои ташкили конфронсҳои байналмилалӣ, расонидани хидматҳои машваратӣ ва маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ байналмилалӣ, инчунин нашри маводҳои гуногуни иттилоотӣ ва маълумотӣ масъул аст. Бо дарназардошти мақомоти Нуристии Британия ва махсусан шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, бояд қайд намуд, ки ин ташкилот муассисаи хусусии соҳибкорӣ мебошад.

Идораи Нуристии Бритониё масъули ташкил ва баргузории семинарҳо, намоишгоҳҳо, татбиқи лоиҳаҳо бо ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин фурӯши роҳнамо, видео ва дигар маҳсулоти таблиғоту иттилоотӣ мебошад. Идораи Нуристии Бритониё панҷ аъзо ва як президент дорад. Ба ин ташкилот шурои директорон роҳбарӣ мекунад. Ин созмон ҳудуди 300 корманд дорад, ки сеяки онҳо мустақиман дар Лондон ва боқимонда дар 26 намояндагӣ дар хориҷа кор мекунанд. Идораи Нуристии Британия қариб 68 % захираҳои молиявии заруриро аз буҷети давлат мегирад [2, 22].

Дар Испания фаъолияти соаҳи сайёҳӣ дар сатҳи миллӣ бо Қонун дар бораи салоҳият дар соаҳи сайёҳӣ ва декрет дар бораи фаъолияти корхонаҳои хусусии сайёҳӣ аз 14 январи соли 1965 муайян карда шудааст. Ба ғайр аз қонуни миллӣ, ҳар кадоми вилоятҳо дар бораи фаъолияти соаҳи сайёҳӣ қонунгузории ба худ хос дорад, ки нуқтаҳои асосии он ба қонуни боло мувофиқат мекунанд.

Моддаҳои аҳлоида ба соаҳи сайёҳӣ барои муносибатҳои байни фурушандаи маҳсулотӣ сайёҳӣ ва сайёҳ, инчунин як қатор шартҳоеро, ки ба шахсони ҳуқуқи ва воқеи иҷозат дода мешавад, ки ба фаъолияти сайёҳӣ машғул шаванд, тартиби ба сайёҳон пешкаш намудани хизматрасони онҳоро танзим намуда, инчунин муқаррар менамояд, барои чораҳои назорат аз тарафи давлат ва тартиби татбиқи ҷазо нисбат ба вайронкунандагон он.

Соли 1996 аз тарафи Парлумони Испания Қонун дар бораи сафарҳои муштаракро тасдиқ карда шуд. Дар Қонун мазкур ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳам ташкилоти сайёҳӣ ва ҳам истеъмолкунанади хизматрасони сайёҳиро ба таври возеҳ муайян кардааст. [3, 20].

Масъалаҳои сайёҳӣ дар Испанияро Котиботи давлатии тиҷорат, сайёҳӣ ва тиҷорати хурд, ки бевосита ба Вазорати иқтисод тобеи он аст, ҳал мекунад. Ба ғайр аз Котиботи Давлатӣ, ташкилотҳои зерин низ ба Вазорати иктисодиёт итоат мекунанд:

- Сарраёсати маркազии сайёҳӣ, ки бо масъалаҳои маъмурӣ ва таҳияи самтҳои умумии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тиҷорати сайёҳӣ машғул аст.
- Шабакаи меҳмонхонаҳои «Парадорес», ки 83 меҳмонхонаро дар бар мегирад.
- Ду маркази намоишгоҳ ва конгресс, ки дар Мадрид ва Малага ҷойгиранд.

Салоҳияти Вазорати иқтисод хеле маҳдуд аст. Масъалаҳои муҳим, аз қабили сертификатсияи хизматрасонӣ, иҷозатномадиҳӣ ва таҳияи стратегияи соҳаи сайёҳӣ ба мақомоти маҳаллӣ тааллуқ доранд. Барои ҳамоҳангсозии фаъолияти ин созмонҳо дар

Испания Шӯрои рушди сайёҳӣ таъсис дода шудааст, ки ба ҳайати он намояндагони ҳукумат дар ҳама сатҳҳо, инчунин намояндагони тиҷорати хусусӣ шомиланд.

Соаҳи сайёҳӣ рушд намудаи Фаронса барои тамоми давлатҳо таҷрибаи хело калон мебошад. Дар Фаронса Вазорати нақлиёт ва корҳои ҷамъиятӣ барои танзими фаъолияти сайёҳӣ масъул аст. Ба сохтори он Котиботи давлатии сайёҳӣ ва Раёсати сайёҳӣ шомиланд [4, 152]. Ин мақомот бо масъалаҳои идоракунӣ ва танзими соҳаи сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиҷорати сайёҳӣ машғул мешаванд. Илова бар ин, иштирок дар идоракунии фаъолияти сайёҳӣ бо ҳуқуқи овози машваратӣ як қатор узвҳои дигар фаъолият мекунанд. [5, 174].

Ба ин мақомотҳо дохил мешаванд:

- Совети сайёҳӣ назди Вазорати наклиёт ва хоҷагии ҷамъиятӣ.
- Кумитаи миллии шукуфоии Фаронса, ки бо масъалаҳои экология ва кабудизоркунии шаҳрҳо машғул аст.
- Агентии сайёҳии миллӣ.
- Агентии муҳандисии сайёҳии Фаронса ва Обсерваторияи миллии сайёҳӣ, ки салоҳияти онҳо тадқиқоти маркетингӣ ва омор дар тиҷорати сайёҳӣ мебошад.

Инчунин дар сатҳи вилоятҳо намояндагони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд, ки ба вазифаҳои онҳо ҳалли масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дохил мешаванд. Ин мақомот мустақиман ба префектҳо ҳисобот медиҳанд ва фаъолияти онҳо ба ҳамоҳангсозии ташаббусҳои маҳаллӣ дар соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудааст. Ассотсиатсияи Maison de la France, ки соли 1987 таъсис ёфтааст, имкониятҳои сайёҳии Фаронсаро дар бозори байналмилалӣ пешбарӣ мекунад. Фаъолияти ин созмон қисман аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, ки ҳиссаи он 60%-ро ташкил медиҳад.

Бо таҳлили таҷрибаи рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ, мутобиқ кардани ҷанбаҳои зерин ба шароити Русия ҷолиб ба назар мерасад:

- Таъсиси созмоне, ки бевосита барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба Федератсияи Россия масъул бошад. Дар баробари ин зарур аст, ки ин созмон бо ҳукумат ва дигар ниҳодҳои давлатии марбут ба бахши сайёҳӣ ҳамкории зич дошта бошад.
- Муайян намудани аниқ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳам ташкилотҳои сайёҳӣ ва ҳам истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ.
- Ҳамкории мақомоти давлатӣ ва намояндагони тиҷорати хусусӣ.
- Истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ.

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ин бахш яке аз муҳимтарин рукнҳои рушди иқтисодиёти миллию ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, дар кишварҳои пешрафта бо таъсири назаррас ба инфрасохтор, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромад татбиқ мешавад. Таҷрибаи Британияи Кабир, Испания ва Фаронса нишон медиҳад, ки рушди устувори сайёҳӣ танҳо тавассути сиёсати давлатӣ, ҳамоҳангии байни сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ва низоми идоракунии мукаммал таъмин мешавад. Ташкилотҳои махсуси давлатӣ ва хусусӣ бо вазифаҳои мушаххас барои ҷалби сайёҳон, таблиғ ва рушди бозори сайёҳӣ фаъолият доранд. Барои Тоҷикистон мутобиқсозии ин таҷрибаҳо ва таъсиси механизми идоракунии самарабахш, ки ҳамоҳанг бо шароити маҳаллӣ бошад, зарур мебошад. Ин метавонад рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ, ҷалби сармоя ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар Тоҷикистон заминаи мусоид барои ташаккули бозори рақобатпазири хизматрасонии сайёҳӣ ва рушдёбии иқтисоди миллӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Кружалин В.И., Мироненко Н.С., Зигерн-Корн Н.В., Шабалина Н.В. География туризма. – М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. – 336 с.
2. Литовченко А.Ю. Влияние процессов глобализации и международной интеграции на развитие сферы туристических услуг в России : дис. к. э. н.- Краснодар, 2008.- 198 с.

3. Бондалетов В.В. Общественная самоорганизация как механизм формирования гражданского общества: методология исследования. Ученые записки российского государственного социального университета. 2009. № 2. С. 20-26.
4. Лойко О.Т. Туризм и гостиничное хозяйство: Учебное пособие. – Томск: Изд-во ТПУ, 2007. – 152 с.
5. Маринин М.М. Туристские формальности и безопасность в туризме. М.: Финансы и статистика, 2004. - 174 с.

## БАХШИ 6: ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ЭКОЛОГӢ

**UDC: 32 (575.3)**

# THE ROLE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN SHAPING THE INTERNATIONAL AGENDA ON CRYOSPHERE PROTECTION AND WATER SECURITY

**Qurbonova Zulfiya Mahmanabievna**
Doctor of Political Sciences, Professor
Deputy Director of the Research Institute for sustainable development and green economy
International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan

*This article provides a comprehensive analytical overview of the key initiatives of President Emomali Rahmon in the field of environmental diplomacy, emphasizing his international agency and institutionalized impact on shaping a new architecture of global intergovernmental relations. Particular attention is given to two strategic dimensions: diplomacy in the sphere of water and climate resources, as well as the institutional and legal frameworks of international efforts aimed at preserving glaciers as part of the global natural heritage.*

***Keywords:*** *Initiatives of the President of the Republic of Tajikistan, environmental diplomacy, water resources, glacier protection, climate agenda.*

# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ РӮЗНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ҲИФЗИ КРИОСФЕРА ВА АМНИЯТИ ОБ

**Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Муовини директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Ин мақола баррасии ҳамаҷонибаи таҳлилии ташаббусҳои калидии Президент Эмомалӣ Раҳмонро дар соҳаи дипломатияи экологӣ бо таъкид ба субъективияти байналмилалӣ ва таъсири институтсионалии ӯ дар ташаккули меъмории нави муносибатҳои байнидавлатии ҷаҳонӣ пешкаш мекунад. Ба ду самти стратегӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад: дипломатияи об ва иқлим, инчунин заминаи институтсионалӣ ва ҳуқуқии талошҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо ҳамчун мероси ҷаҳонии табиӣ.*

***Калидвожаҳо**: Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дипломатияи экологӣ, захираҳои об, ҳифзи пиряхҳо, рӯзномаи иқлим.*

# РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ФОРМИРОВАНИИ МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОВЕСТКИ ПО ОХРАНЕ КРИОСФЕРЫ И ВОДНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Курбонова Зульфия Махманабиевна**
доктор политических наук, профессор
заместитель директора Научно-исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Данная статья представляет собой всесторонний аналитический обзор ключевых инициатив Президента Эмомали Рахмона в области экологической дипломатии, с акцентом на его международную субъектность и институционализированное влияние на*

*формирование новой архитектуры глобальных межгосударственных отношений. Особое внимание уделено двум стратегическим направлениям: дипломатии в сфере водных и климатических ресурсов, а также институциональному и правовому оформлению международных усилий по защите ледников как глобального природного наследия.*
***Ключевые слова:*** *Инициативы Президента Республики Таджикистан, экологическая дипломатия, водные ресурсы, защита ледников, климатическая повестка.*

The President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, rightfully holds a central place in contemporary political discourse as a distinguished architect of a new global diplomacy. His state strategy and foreign policy thinking reflect a unique combination of visionary pragmatism and steadfast commitment to the universal values of humanity. Through consistent efforts and deep international engagement, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon has shaped a multilayered foreign policy concept that encompasses the key priorities of our time including water and climate diplomacy, cultural unity, sustainable development, green technologies and the promotion of a just digital transition [2].

Under his leadership, Tajikistan has emerged as an active advocate of the global environmental agenda, advancing important initiatives on international platforms and shaping new standards of cooperation in the face of growing climate and resource challenges. A special place in this regard is held by his leadership in promoting water diplomacy, protecting transboundary water resources, and developing mechanisms of collective responsibility for climate stability, including the legal protection of glaciers as a critically important element of ecosystem resilience in Central Asia and beyond.

The Head of State has distinguished himself as the initiator of major international decisions that have received broad support from such global institutions as the United Nations, UNESCO, the Shanghai Cooperation Organisation, and the Commonwealth of Independent States. His diplomatic efforts provide a stable platform for solidarity and constructive cooperation among nations in confronting the emerging challenges of the 21st century [4].

The Leader of the Nation pays special attention to the issues of a sustainable energy future, promoting the development of hydropower resources as an environmentally safe and strategically important component of both regional and global energy systems.

The President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, has established himself as one of the principal initiators of modern global approaches to the rational management of water resources, proposing a systematic and peace-oriented framework for cooperation in this field. His leadership in water diplomacy has gained international recognition through a series of resolutions he initiated, which were supported by the United Nations General Assembly [3].

The starting point was the initiative to proclaim 2003 as the International Year of Freshwater, adopted in December 2000 (Resolution A/RES/55/196), which drew the attention of the international community to the need to reconsider the role of water as a universal resource for peace, development, and mutual understanding. This resolution marked an important milestone on the path toward establishing global mechanisms of water solidarity, and all subsequent initiatives in this field have further strengthened Tajikistan’s international image as one of the centers of water diplomacy.

Among the key initiatives reflecting the depth of strategic thinking and the global peacebuilding vision of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, a special place is held by his proposal to proclaim 2026–2035 as the Decade of Peace Promotion, put forward in 2024. This initiative represents an innovative step in rethinking the concept of peace as a multidimensional and sustainable process, grounded not only in political and military aspects but also in environmental determinants [9].

In his initiative, he emphasizes that long-term stability is impossible without a responsible approach to the management of natural resources, particularly water and climate-vulnerable ecosystems. In this regard, he proposes viewing environmental protection and the fight against

climate change as key components of the modern architecture of peace. This is not merely a declaration, but a systemic concept that integrates the principles of sustainable development with the mechanisms of peacebuilding.

The initiative for the Decade of Peace Promotion establishes an important logical and substantive link between diplomacy, ecology, and global security. It is aimed at institutionalizing environmental and climate factors within the international practices of conflict resolution, crisis prevention, and the construction of a just world order. It underscores that environmental sustainability; access to water, energy security, and the preservation of biodiversity must become integral elements of peace policy.

This initiative also reflects the special mission of Tajikistan as a country with a unique ecological and water potential, capable of translating regional challenges into global priorities. It not only contributes to the theoretical development of peacebuilding but also offers concrete pathways for integrating climate justice and environmental responsibility into international treaty and legal frameworks.

It should be noted that the Decade of Peace Promotion marks an important milestone in the evolution of modern diplomacy, proposing a new approach to peace as a derivative of ecological integrity, inclusivity, and sustainable development. It serves as a bridge between environmental and humanitarian agendas, deepening the role of diplomacy as a tool not only for conflict resolution but also for constructive transformation.

In the context of increasing climate imbalance, as glacier melt and cryosphere degradation become existential threats to water security, ecosystem resilience, and global food supply, international leadership in advancing the cryosphere protection agenda becomes critically important. In this regard, the political and environmental initiative put forward by the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, holds particular significance. His diplomatic strategy is built on the intersection of climate, water, and peacebuilding priorities.

One of the significant steps in this direction was the 2021 initiative to proclaim 2025 as the International Year of Glacier Preservation, which was approved by the United Nations General Assembly in the form of Resolution A/RES/76/203. This initiative not only acknowledges the global importance of the cryosphere but also marks a fundamental shift in the perception of nature as a full-fledged participant in the world’s sustainable order. It represents a move from reactive approaches to proactive climate diplomacy, where glaciers are viewed as a strategic natural resource requiring urgent protection, monitoring, and regulation.

In this context, the President of the country emphasizes in his concept that glaciers are not merely elements of high-mountain landscapes but vital regulators of the hydrological balance for millions of people. Their rapid disappearance triggers cascading consequences, from freshwater shortages and the decline of hydropower capacity to the disruption of agricultural cycles and the rise of climate-induced migration. Therefore, the preservation of glaciers takes on a transnational and civilizational dimension [4].

The distinctive feature of this initiative lies in its systemic approach: it envisions not only symbolic recognition of the issue but also the development of tools for international climate responsibility. In particular, it emphasizes the need for the global inclusion of glaciers in climate agreements, support for international research platforms, expansion of environmental education, and strengthening of transboundary cooperation among countries with cryospheric territories.

A continuation and logical development of this agenda was the adoption in 2024 of the UN resolution proclaiming the “Decade of Action for Cryosphere Science (2025–2034)” (A/RES/78/317). This initiative is aimed at consolidating the efforts of scientists, environmentalists, policymakers, and international organizations to build a sustainable scientific and methodological foundation for the study, forecasting, and preservation of glacier ecosystems.

It is important to note that Tajikistan acts not only as the initiator of conceptual proposals and international initiatives but also as a practical platform for implementing environmental diplomacy. Notably, international high-level water conferences are held regularly in Dushanbe, where cryospheric issues have been given priority status [3].

These platforms contribute to informal dialogue, scientific cooperation, and the institutional strengthening of Central Asia's role in shaping the global climate order.

In this way, the President of the country, His Excellency Emomali Rahmon, stands not only as a national leader but also as a global visionary, articulating a new philosophy of environmental security. His initiatives demonstrate that sustainable cryosphere management is only possible through the unification of efforts at intergovernmental, scientific, and societal levels, where political will and strategic foresight play a decisive role.

Thus, the model of environmental diplomacy initiated and promoted by the Republic of Tajikistan – centered on the priority of glacier protection and sustainable cryosphere governance – represents a qualitatively new concept of international cooperation in the context of the global climate crisis. This model forms an innovative paradigm of international environmental policy in which nature conservation, especially the safeguarding of vital freshwater sources, is viewed not merely as a component of sustainable development, but as a cornerstone of global security, peaceful coexistence, and humanitarian stability.

The uniqueness of Tajikistan's approach to environmental diplomacy lies in its ability to unite scientific knowledge, political leadership, and an ethic of responsibility on a single platform. Despite limited economic and resource capacities, the Republic of Tajikistan exemplifies a constructive and forward-looking foreign policy grounded in moral authority, scientific credibility, and a firm conviction in the necessity of collective action for the benefit of future generations.

Through active participation in multilateral initiatives, the introduction of resolutions within the framework of the United Nations, the organization of international conferences, and the advancement of scientific diplomacy, Tajikistan is shaping a new philosophy of sustainability – one in which nature is no longer seen as a passive object of exploitation but is recognized as an equal partner of humanity in the struggle for survival. This paradigm strengthens the conceptual connection between environmental preservation, the maintenance of international peace, and the formation of a new sustainable world order.

Accordingly, the initiatives of Tajikistan's environmental diplomacy are not merely diplomatic gestures or regional projects, but a strategic contribution to the architecture of global governance. They underscore a powerful truth: even a relatively small state, guided by a clear moral compass, scientifically grounded positions, and strong political will, can become a catalyst for positive transformation on the international stage.

This is the essence of the modern environmental diplomacy being shaped by Tajikistan – its ability to set the tone for the global agenda and to build institutional mechanisms that ensure the long-term preservation of the biosphere and the sustainable development of the planet.

## REFERENCES


1. Emomali Rahmon's Water Diplomacy: From the First Step to Global Partnership. Edited by S. Mukhriddin. Moscow: Ves Mir, 2024. – 320 p.
2. Emomali Rahmon's speech at the 79th session of the UN General Assembly. New York, 24.09.2024 // United Nations website // https://www.un.org (accessed: 10.05.2025).
3. Emomali Rahmon's Initiative on the Establishment of an International Glacier Protection Fund. Presentation at the International Climate Conference 2023 // https://mfa.tj/en/berlin/view/7222/202103031614790902 (accessed: 12.04.2025).
4. Emomali Rahmon's speech at the 78th session of the UN General Assembly. Date: 19 September 2023 // https://www.un.org (accessed: 13.05.2025).
5. Abdulloeva M. R. Glacier Protection as an Element of Climate Security: The Contribution of the Republic of Tajikistan // Topical Issues of International Law and Politics. – 2023. – No. 4. – Pp. 60-71.
6. Akhmedov R. Kh. International Cooperation of Tajikistan in the Field of Environmental Protection // Science and Innovation in Central Asia. – 2022. – No. 2. – Pp. 74-83.
7. Davlatov A. M. Tajikistan's International Initiatives for Glacier Preservation: From Ideas to Global Solutions // Issues of International Diplomacy. – 2023. – No. 2(11). – Pp. 45-57.

8. Nazarzoda S. B. Tajikistan and the UN: Strategic Partnership in Addressing Climate Challenges // International Relations and Global Processes. – 2023. – No. 1. – Pp. 112-123.
9. Salimzoda Kh. Sh. The Role of Tajikistan in Ensuring Water Security in Central Asia // Scientific Bulletin of the Tajik National University. – 2022. – No. 1(193). – Pp. 14-24.
10. Sharifov Z. M. Environmental Diplomacy of Tajikistan in the Sustainable Development System // Science, Technology and Education. – 2021. – No. 6. – Pp. 98-105.

# ТОҶИКИСТОН ВА МУШКИЛОТИ ҲИФЗИ ОБУ ИҚЛИМ

**Қудратов Комрон Абдунабиевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
мудири шуъбаи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ
Институти илмию тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Муаллифи мақола зикр менамоянд, ки айни замон яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва мубрами рӯз, ки имрӯзҳо тамоми аҳли сайёраро ба ташвиш овардааст, таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба захираҳои обӣ ва ҳолати зуд обшавии пиряхҳо мебошад. Масъалаҳои вобаста ба мушкилоти об дар қатори дигар таҳдиду хатарҳо, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, басо ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ташаббусҳои наҷиби Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ аз соли 2025 ҳамасола 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил мегардад. Зимнан муаллифони мақола қайд намудаанд, ки масъалаи бо оби тоза таъмин намудани аҳолии сайёра рӯз ба рӯз муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон афзудааст, ки манобеи обӣ, хусусан пиряхҳои ҳудуди кишварамон - Ҷумҳурии Тоҷикистон як мавзеи нотакрор ва майдони нодире ҳастанд, ки масъалаи таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо як таҳқиқоти муштараки байналмилалиро тақозо менамоянд. Муаллиф зикр намудааст, ки феълан мушкилоти мавҷудаи марбут ба масоили беҳдошту захоири об ва ҳамзамон ҳифзи пиряхҳо олимони соҳаро мувазаф менамоянд, ки мутобиқи Консепсия ва ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин боназардошти амалӣ гардонидани барномаҳои илмию техникии соҳавӣ ҳалли онҳоро ба таври илмӣ асоснок карда, онро пешниҳоди аҳли ҷомеа намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *обшавии пиряхҳо, тағйирёбии глобалии иқлим, захираҳои обӣ, ҳифзи пиряхҳо, ташаббусҳои Тоҷикистон.*

# ТАДЖИКИСТАН И ПРОБЛЕМЫ ОХРАНЫ ВОДЫ И КЛИМАТА

**Кудратов Комрон Абдунабиевич**
кандидат исторических наук, доцент
заведующий отделом внедрения научных достижений
Научно-исследовательский институт туризма и предпринимательства
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Автор статьи отмечает, что одной из актуальнейших проблем современности, волнующей всю планету, является влияние глобального изменения климата на водные ресурсы и быстрое таяние ледников. Вопросы, связанные с водной проблемой, среди других угроз и опасностей, охвативших сегодня мировое сообщество, считаются очень важными. Благодаря благородным инициативам Республики Таджикистан, начиная с 2025 года, 21 марта будет ежегодно отмечаться как Всемирный день ледников. При этом автор отметчает, что водные ресурсы, особенно ледники территории нашей страны - Республики Таджикистан, являются уникальным местом и редкой территорией, вопрос их комплексного исследования и изучения требует совместного международного изучения. Автор отмечает, что существующие в настоящее время проблемы, связанные с вопросами санитарии и водоснабжения, а также охраны ледников, обязывают ученых научно обосновывать свои решения в соответствии с концепцией и глобальными инициативами Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *таяние ледников, глобальное изменение климата, водные ресурсы, защита ледников, инициативы Таджикистана.*

# TAJIKISTAN AND THE PROBLEMS OF WATER AND CLIMATE PROTECTION

**Qudratov Komron Abdunabievich**
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor
Head of the Department for the Implementation of Scientific Achievements
Research Institute of Tourism and Entrepreneurship
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The author of the article notes that one of the most pressing problems of our time, which concerns the entire planet, is the impact of global climate change on water resources and the rapid melting of glaciers. Issues related to the water problem, among other threats and dangers that have engulfed the world community today, are considered very important. Thanks to the noble initiatives of the Republic of Tajikistan, starting from 2025, March 21 will be celebrated annually as World Glacier Day. At the same time, they added that water resources, especially the glaciers of the territory of our country - the Republic of Tajikistan, are a unique place and a rare territory, the issue of their comprehensive study and study requires joint international study. The author noted that the current problems related to the issues of sanitation and water supply, as well as the protection of glaciers, oblige scientists to scientifically substantiate their decisions in accordance with the concept and global initiatives of the Republic of Tajikistan.*
***Keywords:*** *melting glaciers, global climate change, water resources, glacier protection, Tajikistan's initiatives.*

Кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дар ду даҳсолаи охир ба масъалаи глобалии ҳифзи обу иқлим таваҷҷуҳи хоса медиҳанд. Ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардани ҳалли мушкилоти экологӣ яке аз ташаббусҳои беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегиранд. Дар пайи ин ташаббусҳои наҷиб шуруъ аз соли 2025 ҳамасола 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил мегардад [1; 9].

Қобили зикр аст, ки аввалин Конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаи об соли 1977 дар Аргентина сурат гирифта буд ва хушбахтона, тақрибан баъди тақрибан 50 сол чунин чорабинии сатҳи баланд бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дубора баргузор гардид, ки боиси ифтихори  Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Агар ба масъалаи об дар миқёси ҷаҳонӣ назар андозем, имрӯзҳо беш аз 2 миллиард нафар сокинони сайёраи олам аз норасоии оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Ҳамзамон наздики 3,6 миллиард нафар мардум бе оби санитарӣ монда ва имрӯзҳо 2,2 млн. Нафар аҳолӣ дастрасӣ ба оби нушидани надоранд. Инчунин, бо гармшавии ҳаво офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ зиёд мушоҳида шуда, хисороти молиявӣ дар зарфи бист соли охир беш аз 200 миллиард доллари амрикоиро ташкил додааст [10; 11].

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ баргузории ду чорабинӣ - эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва чорабинии дуюм оид ба тақвияти системаи огоҳии бармаҳал ва баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва мониторинги муҳити зистро дар назар дорад [3; 4].

Эълон гардидани 21- уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо ва соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, инчунин таъсис додани Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо ва соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор намудани Конфронси сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо, яке аз чор банди асосии қатънома ба ҳисоб меравад [1; 9].

Дар ҷумҳурӣ ҳифзи пиряххо дар доираи татбиқи Барномаи давлатии ҳифзи пиряххо барои солҳои 2010-2030 амалӣ гардида, аз ҳисоби мутахассисони Агентии обу ҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон экспедитсияҳо ба ҳавзаи дарёҳо ва пиряххои гуногуни кишвар сафарбар карда мешаванд [3; 4]. Бо ин мақсад, ҳанӯз соли 2014 дар назди Агентии обу ҳавошиносӣ Маркази яхшиносӣ таъсис ёфта, мутахассисони марказ ба омӯзиши пиряххо, ченкунии қабати барф, инчунин, пешгӯйии офатҳои табиии тармафарой, сел ва мушоҳидаи кӯлҳои рахнашаванда, ки аз обшавии

пиряххо хавфи калон доранд, машғуланд ва маълумоти заруриро ба вазорату идораҳо ва аҳолӣ сари вақт ва бетаъхир мерасонанд [2].

Ҳоло дар ҳавзаи дарёҳо пиряххои калидӣ ҳамчун пиряххои назоратӣ муайяншуда, боназардошти дар онҳо фаъолият кардани нуқтаҳои мушоҳидавӣ, аз ҷумла реперҳо, сатҳи об ва зиёду камшавии пиряххо мунтазам аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ санҷида мешаванд. Инчунин, аз тарафи Агентии обу ҳавошиносӣ ҳамасола ду маротиба, моҳҳои март-апрел ва май-июн дар ҳавзаи дарёҳои Панҷ, Вахш ва минтақаи Канаск мушоҳидаҳои аэровизуалӣ гузаронида мешаванд. Омӯзиши пиряххо аз ҷониби мутахассисони Агентии номбурда дар баъзе минтақаҳо бо усули пиёда низ бештар сурат мегирад. Як омилро бояд ба инобат гирифт, ки дар кишварҳои дорои пиряххо ҳифзу нигоҳдорӣ мувофиқ ба мавқеи ҷойгиршавии пиряххо анҷом дода мешавад. Дар кишвари мо азбаски пиряххо дар баландии то 4-5 ҳазор метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтаанд, ҳифзу нигоҳдорӣ ба тариқи гузарондани омӯзиш ва мушоҳидаҳои аэровизуалӣ сурат мегиранд. Аз ҷониби дигар, бунёди неругоҳҳои хурду бузург ва дигар иншооти барқию обӣ то андозае ба ҳифзу нигоҳдории захираҳои об дар кишвар ҳамаҷиҳата мусоидат менамоянд [2].

Айни замон, дар давоми чанд соли охир пиряххои кишвар ҳаҷман коҳиш ёфта истодаанд. Натиҷаи пайомадҳои тағйирёбии иқлим, хусусан гармӣ, суръати обшавии онҳоро тезонд. Масалан, дар ҳавзаи дарёи Зарафшон тибқи мушоҳидаҳои бисёрсола, обшудани пиряххо бештар ба мушоҳида мерасанд. Пиряхи Зарафшон дар масоҳати 38,7 километри мукааб ва дарозии 27,8 метри мураббаъ ҷойгир буда, ҳоло ба таназзулёбӣ дучор шудааст. Сарҳади забонаи пирях ба ҳисоби миёна 1700 метр қафо нишастааст ва масоҳати он баандозаи 1,3 километри мураббаъ коҳиш ёфтааст. Тибқи мушоҳидаҳои пойгоҳи обу ҳавосанҷии Зарафшон, пиряххои водии Зарафшон боназардошти мавқеи ҷойгиршавиашон дар давраи ҳисоби миёнаи бисёрсола аз ҳама пиряххои осебпазиртарин дониста мешаванд ва обшавии онҳо босуръат ҷараён дорад [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим амал менамояд, ки дар он шаш самти афзалиятнок -энергетика, захираҳои об, нақлиёт, кишоварзӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист муайян шудаанд. Дар доираи татбиқи стратегия аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо шарикони рушд барои ҷалби сармоя ба таври мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Фаъолияти Маркази татбиқи лоиҳаҳои дар назди Кумита буда, боназардошти дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таҳия кардани нақша ва инчунин боназардошти таҳияи Консепсияи лоиҳаҳо хеле пурсамар арзёбӣ мешавад. Инчунин, бо ташаббуси Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин Раёсати Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор калонтарин фонди маблағгузорӣ барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим - Фонди иқлими сабз таъсис дода шудааст, ки айни замон фаъолият менамояд [5; 6]. Феълан аз ҷониби Кумитаи номбурда, аллакай таҳияи барномаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 400 миллион доллари амрикоӣ омода гардида, татбиқи лоиҳаҳо соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳуриро фаро хоҳанд гирифт. Илова бар ин, барои модернизатсияи 58 пойгоҳи обуҳавосанҷӣ ва инчунин 98 нуқтаи обченкунии Агентии обу ҳавошиносӣ тавассути ҷалби маблағҳои грантӣ корҳо дар сатҳи иҷроиш қарор доранд [10; 11]. Зеро маълумот ва пешгӯииҳои Маркази яхшиносӣ оид ба ҳолати пиряххо ва сатҳи оби кӯлу дарёҳо ба рақамикунонӣ ниёз доранд. Дар сурати замонавӣ шудани дастгоҳу таҷҳизоти омӯзишу санҷиши пиряххо кори мутахассисони Агентӣ ба маротиб осону беҳтар мегардад. Бояд қайд кард, ки рақамикунонии маълумоти бисёрсола барои истифода дар моделҳои муосири иқлимӣ бениҳоят зарур ва муфиданд. Ин васила имконият медиҳад, ки пешгӯииҳои обу ҳавосанҷӣ ва маълумоти ҳолати пиряххо ба мақомоти дахлдор ва аҳолӣ сари вақт расонида шаванд. Ғайр аз ин, дар назди Агентии обуҳавошиносӣ Озмоишгоҳи минтақавӣ оид ба ҳифзи пиряххо таъсис дода шудааст [2; 10]. Феълан барои ҷалби сармоя ҷиҳати модернизатсияи системаи обу ҳавосанҷии кишвар бо шарикони рушд ва Бонки ҷаҳонӣ гуфтушунид ҷараён дорад. Кишвари мо бо Ташкилоти Ҷаҳонии Обу ҳавосанҷӣ ҳамкории зич ба роҳ мондааст [8].

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид барои бисёр масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим, ёрирасон хоҳад буд. Ба пиндори мо баргузории чунин як Конфронси бузург барои ҳалли масъалаҳои обу иқлим такони ҷиддӣ мебахшад.

Боиси ифтихор аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар дар эълон гардидани соли 2025 "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" шинохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 27 - уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки 7-уми ноябри соли 2022 дар Миср баргузор шуд, чунин иброз намуданд: "Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим ба равандҳои иқтисодиву иҷтимоии экологии кишварҳо дар манотиқи гуногуни олам таъсири бевосита дорад. Аз дидгоҳи мо, яке аз нишондиҳандаҳои асосии ин падида обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш комилан об шуда, ҳаҷми бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ - Федченко ба таври назаррас коҳиш ёфтааст [7].

Мусаллам аст, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва мубрами рӯз, ки тамоми аҳли сайёраро ба ташвиш овардааст, таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба захираҳои обӣ ва ҳолати зудобшавии пиряххо мебошад. Бояд зикр кард, ки масъалаи мазкур ҳамеша дар мадди назари Пешвои муаззами миллатамон қарор дошта, оид ба ҳалли ин масоил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тариқи минбарҳои бонуфузи дунё иқдомҳои наҷибро ироа доштанд, ки ин ташаббусҳо аз ҷониби тамоми мамолики ҷаҳон ҳамаҷониба дастгирии худро ёфтанд. Пешвои муаззами миллат борҳо таъкид намудаанд, ки масъалаҳои вобаста ба мушкилоти об дар қатори дигар таҳдиду хатарҳо, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, басо ҳам муҳим арзёбӣ мегардад [6].

Албатта ин маънои онро надорад, ки обшавии пиряххо манфиат ё зарари Тоҷикистон аст. Имрӯз дар ҷаҳон ин раванд суръати бесобиқа дорад ва бетафовутӣ нисбат ба он барои оянда даҳшатбор хоҳад буд. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон, агар тамоми пиряххои ҷаҳон об шаванд, сатҳи об дар рӯйи Замин 64 метр баланд мешавад, ки ин ба фано гаштани ҳаёт дар як қисмати аъзами сайёраи мо оварда мерасонад [6].

Гуфтан мумкин аст, ки тибқи мушоҳидаи олимону муҳаққиқони соҳаи пиряхшиносӣ имрӯзҳо пиряххо дар кӯҳҳои Осиёи Миёна ва инчунин дигар манотиқи ҷаҳон хело ҳам кам шуда, ҳамзамон босуръат об мешаванд. Дар натиҷа нигарониҳо зиёд мешаванд, ки тағйирёбии иқлим метавонад норасоии обро афзоиш диҳад ва он ба экосистемаҳо, истеҳсоли ғизо ва саломатии инсон таъсири манфии худро расонад.

Мушкилоти мавҷудаи марбут ба масоили беҳдошту захираҳои об ва ҳамзамон ҳифзи пиряххо олимони соҳаро мувазаф менамоянд, ки мутобиқи Консепсия ва ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин бо назардошти амалӣ гардонидани барномаҳои илмию техникии соҳавӣ ҳалли онҳоро ба таври илмӣ асоснок карда, онро пешниҳоди аҳли ҷомеа намоянд.

Тавре ки ҳамаи мо хуб медонем, бо ибтикори Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳонӣ барномаҳои таҳқиқотии илмӣ, тадбирҳои сиёсӣ ва техникӣ оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим таҳия гардиданд ва ҳамзамон амал мекунанд. Дар ин бахш шаш пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили обу иқлим басо ҳам назаррас мебошанд. Бо вуҷуди ин, саҳмгузории бештар талаб карда мешавад. Зарур аст, ки ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон дар муҳофизати пиряххо ва сайёра бетарафӣ зоҳир накарда ба таври пайваста саҳмгузор бошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ҷиҳати ҳифзи пиряххо ва фароҳам овардани заминаҳои ташкилӣ - ҳуқуқии муайяннамоии Рӯзи байналмилалии ҳифзи онҳо чораҳои мушаххаси амалӣ роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла, дар кишвар барои ҳалли мушкилоти обшавии пиряххо то кунун як барномаи давлатӣ ва ду стратегияи бевосита қабул гардида, амал карда истодаанд, ки мазмуну моҳият ва ҳадафи амалисозии онҳо ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои болозикр равона гардидааст. Яке аз чунин санадҳо Барномаи давлатӣ оид ба

омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030 мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 3-юми майи соли 2010 тасдиқ шудааст. Дар ин барнома ҳадафҳои созанда ва муқаррарот ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва муайян намудани санаи дақиқе, чун Рӯзи ҳифзи пиряхҳо ҷой доранд [4].

Обшавии босуръати пиряхҳо бар асари тағйироти иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад. Аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон (ё шояд бештар аз ин), ки барои тамоми минтақа аҳаммияти ҳаётӣ дорад, давоми 31 соли охир беш аз 1000 пирях ба нобудӣ расида, ҷараёни босуръати обшавии пиряхҳо дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси афзоиши бесобиқаи офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи обӣ гардидааст [7].

Мувофиқи пешгӯйии коршиносони соҳа, дар мавриди зиёдшавии тағйирёбии иқлим то соли 2050 теъдоди аҳолии кураи Замин, ки аз норасоии оби ошомиданӣ танқисӣ мекашад, то 9 миллиард нафар мерасад ва вобаста ба идомаи тамоюли истифодаи об 30% аҳолии сайёра эҳтиёҷоти худро ба об қонеъ карда наметавонанд [5; 6; 8; 10].

Бухрони об, ки бо сабаби афзоиши аҳолӣ ва тағйироти глобалии иқлим тезу тунд гардидааст, аз муносибати одилонаю баробарона ва ҳамгироиро дар масъалаи истифодаи захираҳои об барои таъмини иқтисодиёти ҳамаи мамлакатҳо ва муҳити зист тақозо дорад, ки дар ниҳояти кор ба таъмини рушди устувор мусоидат хоҳад кард.

Тавре ки маълум аст, тағйирёбии иқлим ба саломатии одамон, муҳити зист, кишоварзӣ, инфраструктураи нақлиёт ва дигар соҳаҳои рушди устувор таъсири манфӣ мерасонад. Вале таъсири он ба захираҳои об аз ҳама бештар аст. Ин масъала хусусан дар Осиёи Марказӣ, ки об дар он натанҳо асоси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, балки омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад, пуршиддат гардидааст. Натиҷаҳои баъзе таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба кам шудааст ва ҳар сол майдон ва ҳаҷми яххо ба ҳисоби миёна мутаносибан 0,6-0,8 фоиз ва 0,1 фоиз коҳиш меёбанд. Мувофиқи ҳисобҳои камтарин, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд, дар асри XX зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар мавриди идома ёфтани тамоюли мавҷуда дар Тоҷикистон шояд ҳазорон пиряхҳо нобуд шаванд [12].

Ба андозаи 2-3 дараҷа боло рафтани ҳарорати ҳаво тибқи пешгӯйиҳо ба ҷараёни коҳишёбии пиряхҳо тақвият бахшида, ба кам гардидани захираҳои барф оварда мерасонад. Дар навбати аввал коҳишёбии пиряхҳо ба афзоиши оби дарёҳои алоҳида, ки дар айни ҳол ба мушоҳида мерасад, мусоидат намуда, сипас ҳаҷми оби бисёр дарёҳо метавонад кам шавад.

Пешгӯйиҳо доир ба тағйирёбии иқлими минтақа, ки дар ояндаи дарозмуддат ба кам гардидани оби дарёҳо аз 5-10 фоиз то 10-40 фоиз ишора менамоянд, тасаллибахш нестанд. Вазъиятро масъалаи афзоиши аҳолӣ (дар як сол 1,0-1,5 фоиз) ва рушди муттасили иқтисодиёти кишварҳои минтақа (ҳар сол ба ҳисоби миёна 7-10 фоиз), ки мувофиқи баъзе ҳисобҳо дар онҳо талабот ба об то соли 2030-юм 15-20 фоиз зиёд хоҳад гашт, душвортар мегардонад [10; 12].

Аҳолии Осиёи Марказӣ, ки соли 1956-ум 20 миллион нафарро ташкил медод, ҳоло ба 80 миллион расидааст. Чунин тамоюл, бешубҳа, боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад. Барои коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим муносибати дастаҷамъона тақозо мегардад, ки он бояд тадбирҳои кам кардани хориҷшавии газҳои гармӣ, тақвияти вазъи воситаҳои табиии фарогири ҳаво, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва дигар чорабиниҳои ҳамоҳангшударо дарбар гирад.

Бо дарназардошти аҳаммияти муҳими иҷтимоиву иқтисодии захираҳои об зарур аст, ки доир ба нигоҳ доштани пиряхҳо ва захираҳои барф дар минтақа, анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ташкили назорат аз болои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо ва огоҳкунии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо тадбирҳои фаврӣ андешида шаванд. Аз таърихи Осиёи Марказӣ маълум аст, ки саҳлангорӣ нисбат ба истифодаи захираҳои табиӣ чӣ гуна оқибатҳои ногувор дошта метавонад. Хушкшавии воқеии баҳри Аралро таъкид намуда, мо набояд ба нобуд гардидани пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ

мебошанд, роҳ диҳем. Дар робита ба ин, ба назари мо зарурати таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо, ки метавонад кӯшиши кишварҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳониро дар ин самти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим муттаҳид намояд, ба миён омадааст.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, тағйирёбии глобалии иқлим имрӯзҳо ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряххо, захираҳои барф ва инчунин об таъсири манфии худро мерасонад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва инчунин иқтисодӣ дучор намояд.

### АДАБИЁТ


1. Agency for Hydrometeorology of the Republic of Tajikistan. Annual Report on Glacial Monitoring and Hydrometeorological Observations. – Dushanbe, 2024. – [Отчёт].
2. Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan. National Strategy for Adaptation to Climate Change of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2023. – [Стратегия].
3. Committee for Environmental Protection under the Government of the Republic of Tajikistan. State Programme for the Protection of Glaciers for 2010–2030. – Dushanbe, 2010. – [Программа].
4. General Assembly Declares 2025 International Year of Glaciers' Preservation [Электронный ресурс] // United Nations. – 14 Dec. 2022. – URL: https://press.un.org/en/2022/ga12482.doc.htm (дата обращения: 12 марта 2025).
5. Green Climate Fund. Projects in Tajikistan: Enhancing Climate Resilience [Электронный ресурс] // GCF Publications, 2023. – URL: https://www.greenclimate.fund (дата обращения: 03 апреля 2025).
6. Green Climate Fund. Projects in Tajikistan: Enhancing Resilience to Climate Change [Электронный ресурс] // Green Climate Fund, 2023. – URL: https://www.greenclimate.fund/projects (дата обращения: 05 апреля 2025).
7. President of the Republic of Tajikistan. Statement by H.E. Emomali Rahmon at the 27th UN Climate Change Conference (COP27) [Электронный ресурс] // President.tj. – 7 Nov. 2022. – URL: http://www.president.tj/en/node/29698 (дата обращения: 14 марта 2025).
8. United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO); United Nations Environment Programme (UNEP). Strengthening Resilience of Water and Glacier Resources in Central Asia : Joint Report. – 2022. – [Отчёт].
9. United Nations General Assembly. Resolution adopted on the International Year of Glaciers' Preservation and the World Day of Glaciers [Электронный ресурс] // UN Documents. – 2023. – URL: https://www.un.org (дата обращения: 10 марта 2025).
10. World Bank. Tajikistan: Building Climate Resilience through Modernized Hydrometeorological Services [Электронный ресурс] // World Bank Reports. – 2023. – URL: https://www.worldbank.org (дата обращения: 02 апреля 2025).
11. World Bank. Tajikistan: Climate Change and Hydrometeorological Modernization [Электронный ресурс] // World Bank Publications. – 2023. – URL: https://www.worldbank.org (дата обращения: 04 апреля 2025).

## ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНЫЙ ДИАЛОГ КАК ИНСТРУМЕНТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ДЛЯ СТИМУЛИРОВАНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ И ЗЕЛЁНОЙ ЭКОНОМИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Аминова Насибахон Музаффаровна**
исполнительный директор
Национальная ассоциация малого и среднего бизнеса

*В статье рассматривается значение государственно-частного диалога (ГЧД) как одного из ключевых инструментов государственной политики для продвижения устойчивого развития и зелёной экономики в Таджикистане. Представлены результаты национального исследования, подтверждающие роль частного сектора в «зелёном переходе», а также предложены институциональные решения по усилению межсекторального взаимодействия.*

***Ключевые слова:*** *государственно-частный диалог, зелёная экономика, устойчивое развитие, частный сектор, стратегия, Таджикистан.*

## МУКОЛАМАИ ДАВЛАТӢ ВА ХУСУСӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Аминова Насибахон Музаффаровна**
директори иҷроия
Ассотсиатсияи миллии тиҷорати хурду миёна

*Дар мақола аҳамияти муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии сиёсати давлатӣ барои мусоидат ба рушди устувор ва иқтисоди сабз дар Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти миллӣ, ки нақши сектори хусусӣ дар «гузариши сабз»-ро тасдиқ мекунанд, пешниҳод гардида, роҳҳои ҳалли институтсионалии таҳкими ҳамкории байнисоҳаҳо пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо****: муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, иқтисоди сабз, рушди устувор, бахши хусусӣ, стратегия, Тоҷикистон***.**

## PUBLIC-PRIVATE DIALOGUE AS A POLICY TOOL TO PROMOTE SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND THE GREEN ECONOMY IN TAJIKISTAN

**Aminova Nasibakhon Muzaffarovna**
Executive director
National Association of small and medium business

*The article explores the role of public-private dialogue (PPD) as a key policy instrument to support sustainable development and the green economy in Tajikistan. It presents findings from national research confirming the contribution of the private sector to the green transition and proposes institutional mechanisms to strengthen cross-sectoral cooperation.*

***Keywords:*** *public-private dialogue, green economy, sustainable development, private sector, strategy, Tajikistan.*

Изменение климата и устойчивое развитие –это не только экологическая, но и экономическая повестка. Сегодня они становятся основой глобальных соглашений, инвестиционных стратегий и национальных программ развития. Для Таджикистана, где 93% территории занимают горные районы, «климатическая уязвимость напрямую влияет на сельское хозяйство, энергетику и продовольственную безопасность» [1, с.2], что что требует

пересмотра подходов к развитию регионов и адаптации социально-экономической политики к климатическим рискам.

«Переход к зелёной экономике «признан одним из государственных приоритетов» [2, с.4-6]. В национальной Стратегии перехода к зелёной экономике на 2023–2037 годы подчёркивается необходимость устойчивого управления природными ресурсами, внедрения экологических инноваций и диверсификации экономики. Однако реализация этих задач требует не только политической воли, но и устойчивой системы взаимодействия между государством и бизнесом.

На этом фоне особое значение приобретает государственно-частный диалог (ГЧД) как инструмент координации, стимулирования и внедрения «зелёных» решений в национальную политику. ГЧД представляет собой структурированный процесс взаимодействия между государственными органами и частным сектором, направленный на совместную разработку, обсуждение и реализацию экономической, социальной и регуляторной политики. Это особенно актуально для МСБ, которые могут быть драйверами устойчивых решений на местах, если получают доступ к политическим и инвестиционным возможностям. Без институционализированного диалога потенциал частного сектора остаётся неиспользованным.

Так, в марте–апреле 2025 года в рамках Регионального проекта ПРООН «Содействие торговле в Центральной Азии», финансируемого Правительством Финляндии, Национальная ассоциация малого и среднего бизнеса Таджикистана (НАМСБ) провела блиц-анализ «Потенциальные торговые возможности, возникающие в результате перехода к зелёной экономике».

В исследовании были задействованы представители частного сектора, профильных министерств, независимые эксперты и международные партнёры. Документ обобщил текущие вызовы и барьеры, включая нехватку информации, слабую координацию между секторами и отсутствие механизмов учёта мнения бизнеса в политике.

Одним из ключевых выводов исследования стало понимание того, что переход к зелёной экономике невозможен без устойчивого межсекторального диалога, где бы частный сектор не воспринимался как объект регулирования, а как равноправный участник устойчивых изменений. Это включает доступ к сертифицированным технологиям, адаптированным стандартам, зелёному финансированию и платформам для продвижения зелёных товаров и услуг.

В ходе предыдущего выступления на данной конференции, уважаемый профессор Лутфулло Саидмуродзода обозначил приоритет –поиск финансирования для зелёного перехода, в том числе через привлечение внешних инвестиций. Полностью поддерживаю это мнение, и подчеркну, что без участия и вклада частного сектора, особенно МСБ, реализация будет затруднена.

Согласно оценке ответственных за формирование госбюджета ведомств страны, «до 80% налоговых поступлений формируется за счёт частного бизнеса, что в сумме составляет более половины доходов государственного бюджета» [3, с.9,15]. Это реальные средства, которые при эффективной политике могут быть направлены на устойчивые и «зелёные» преобразования.

Несмотря на это, вклад предпринимателей в устойчивое развитие редко признаётся на институциональном уровне, просто потому, что они не включены в полном объеме в разработку и реализацию «зелёной» повестки.

При таком подходе институционализированный ГЧД может выступить механизмом обратной связи, и платформой совместного проектирования решений: от фискальных стимулов до стандартов экологической сертификации и систем сопровождения зелёных инвестиций. Когда бизнес чувствует, что его голос учтён, он активнее внедряет инновации, принимает риски и инвестирует в долгосрочные инициативы.

В Таджикистане на сегодня существует ряд ключевых структур, прямо отражающих элементы государственно-частного диалога:

- Межведомственные рабочие группы при Совете по национальному развитию при Президенте РТ, в том числе по социальному, экономическому и экологическому направлениям.
- Тематические рабочие группы при Министерстве экономического развития и торговли, Агентстве по стандартизации и метрологии, куда включаются единичные представители бизнеса и отраслевые ассоциации.
- Комитет по упрощению процедур торговли (КУПТ), действующий в соответствии с обязательствами перед ВТО и включающий частный сектор [4, с.3-4].

Несмотря на наличие таких значимых площадок, «вклад предпринимателей в устойчивое развитие редко признаётся на институциональном уровне» [5, с.21-27], и участие частного сектора остаётся эпизодическим: обсуждения носят нерегулярный характер, обратная связь зачастую ограничена, а межведомственная координация –фрагментарна.

В условиях реализации Стратегии зелёной экономики до 2037 года необходимо создать или институционально оформить устойчивую платформу для реализации ГЧД, где будет обеспечен не только доступ бизнеса к консультациям, но и включение частного сектора в «зеленую тему» мониторинга, сопроектирования, экспертизу нормативных актов и стратегий. И в данном контексте «соединяющим элементом могут выступить академические круги, напрямую занимающиеся разработкой научных подходов» [6, с.10-12], диверсификации экономических механизмов в стране.

Исходя из выявленных у частного сектора потребностей и международной практики, (в том числе опыта Казахстана, Узбекистана и Кыргызстана [7, с.8-12]), предлагается рассмотреть следующие моменты для усиления ГЧД в контексте «зелёной экономики»:

- Учредить постоянную платформу государственно-частного диалога по зелёной и циркулярной экономике, с участием представителей министерств, секторальных бизнес-ассоциаций и частного сектора, парламентских комитетов и научных кругов.
- Передать координационную функцию по этой платформе Научно-исследовательскому институту устойчивого развития и зелёной экономики при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана, с соответствующим мандатом и ресурсной поддержкой.
- Обеспечить широкое участие бизнеса в разработке и мониторинге реализации ключевых страновых стратегий, а также внедрение экологических стандартов, елёной отчётности и механизмов перехода на ESG-подходы.

Зелёная экономика сегодня представляет собой не альтернативу экономическому росту, а его современную и прогрессивную форму, ориентированную на долгосрочную устойчивость, инновационное развитие и сохранение природного капитала для будущих поколений. В условиях стремительного изменения климата, обострения экологических вызовов и усиливающейся глобальной конкуренции именно переход к зелёной модели развития становится ключевым условием выживания и процветания государств. Для Таджикистана, обладающего уникальными водными и природными ресурсами, но одновременно уязвимого к последствиям изменения климата, вопрос о формировании зелёной экономики носит стратегический характер. При этом критически важно понимать, что зелёный переход невозможен усилиями только государства, он требует полноценного партнёрства государства, бизнеса и научного сообщества, основанного на постоянном и конструктивном государственно-частном диалоге. Такой диалог должен рассматриваться не как формальность, а как фундаментальный инструмент эффективной климатической, экологической и экономической политики, обеспечивающий выработку согласованных решений и синергию ресурсов.

Институционализация государственно-частного взаимодействия является необходимым условием для успешной реализации национальных стратегий в области устойчивого развития. В Таджикистане уже заложены основы этой системы, приняты Национальная стратегия развития до 2030 года, Стратегия по переходу к «зелёной» экономике на 2023–2037 годы, обновлённые национально определяемые вклады (NDC) по

Парижскому соглашению и другие ключевые программные документы. Однако для их успешной реализации необходимы механизмы постоянного участия частного сектора, научных кругов и деловых ассоциаций в разработке и мониторинге климатической и экологической политики. Создание устойчивых платформ для обмена идеями, экспертного анализа, оценки регуляторных рисков и выработки совместных решений позволит избежать формального подхода и обеспечить реальную интеграцию устойчивого развития в экономическую систему страны.

В этом контексте особое значение приобретает деятельность Национальной ассоциации малого и среднего бизнеса (НАМСБ) Таджикистана, способной стать ведущей площадкой консолидации интересов предпринимателей, научного сообщества и органов власти. НАМСБ может играть роль институционального посредника между частным сектором и государственными структурами, содействуя выработке согласованных решений, продвижению экологически ответственного предпринимательства, привлечению климатического финансирования и внедрению инноваций в приоритетные сферы, такие как возобновляемая энергетика, энергоэффективные технологии, устойчивое сельское хозяйство, экотуризм и циркулярная экономика. Систематическое участие ассоциации в разработке национальных стратегий и законодательных инициатив позволит значительно повысить эффективность климатической политики, ускорить внедрение низкоуглеродных технологий и обеспечить приток инвестиций в зелёные отрасли экономики.

Государственно-частный диалог должен стать неотъемлемой частью механизма принятия стратегических решений в сфере устойчивого развития Таджикистана, выйти за рамки консультативного формата и превратиться в постоянный инструмент совместного управления устойчивым развитием. Только объединяя усилия государства, парламента, научных институтов и бизнеса на институциональной основе можно добиться реального прогресса в построении низкоуглеродной, ресурсосберегающей и конкурентоспособной экономики. НАМСБ Таджикистана выражает готовность стать ключевой платформой для объединения интересов предпринимательского сообщества и взаимодействия с парламентом, правительством и научными кругами ради формирования экологически устойчивого и процветающего будущего страны, способного противостоять климатическим рискам и обеспечивать устойчивое развитие в долгосрочной перспективе.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Министерство финансов Республики Таджикистан. Бюджетное послание 2024. – Душанбе, 2024. – [Документ].
2. OECD. Enhancing SME Participation in Green Growth in Central Asia [Электронный ресурс]. – 2022. – URL: https://www.oecd.org/greengrowth/sme-centralasia.pdf (дата обращения: 18 марта 2025).
3. Стратегия перехода Республики Таджикистан к «зелёной экономике» на 2023–2037 годы [Электронный ресурс] : утверждена постановлением Правительства РТ от 1 марта 2023 г. № 82. – URL: https://green.tj/strategy2037.pdf (дата обращения: 14 марта 2025).
4. SWITCH-Asia. Green Action in Central Asia: Country Case Studies [Электронный ресурс]. – 2023. – Стр. 8–12: Казахстан, стр. 15–18: Узбекистан, стр. 20–24: Кыргызстан. – URL: https://www.switch-asia.eu (дата обращения: 25 апреля 2025).
5. UNDP Tajikistan. Country Climate Profile [Электронный ресурс]. – Раздел Country Context. – URL: https://www.adaptation-undp.org (дата обращения: 12 марта 2025).
6. UNESCAP; Nazarbayev University. Public-Private Dialogue for Sustainability [Электронный ресурс]. – 2021. – Academia’s role in evidence-based policy dialogue. – URL: https://www.unescap.org (дата обращения: 03 апреля 2025).
7. WTO. Trade Facilitation Agreement Self-Assessment – Tajikistan [Электронный ресурс]. – 2017. – Раздел National Trade Facilitation Committees. – URL: https://www.tfadatabase.org (дата обращения: 05 апреля 2025).

## ВИЖАГИҲОИ ДИПЛОМАТИЯИ ТАШАББУСКОРОНАИ ҶТ ДАР САМТИ ОБ

**Шарипов Амриддин Нуридинович**
номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақола вижагиҳои дипломатияи ташаббускоронаи ҶТ дар самти обмавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки захираи оби тоза дар сайёра маҳдуд буда, бинобар афзоиши аҳолӣ, мушкилоти экологӣ ва тағйирёбии иқлим мушкилоти марбут ба дастрасӣ ба об бештар мегардад. Афзалияти дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти захираҳои бузурги об, зарурати истифодаи иқтидори гидроэнергетикӣ ва истифодаи оқилонаи он ҳамчун омили рушди устувори иқтисодӣ ташаккул ёфтааст.*

*Дар мақола моҳияти дипломатияи оби кишвар, ҷанбаҳои инъикоскунанда ва дурнамои он инъикос шудааст. Муаллиф омили дипломатии аҳамияти об, ҷанбаи фарҳангӣ-гуманитарӣ ва истифодаи оқилонаи онро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ишора намудааст. Дар баробари ин ҷой доштани омили иттилоотикунонӣ ва асоснокнамоии илмии масъала, ҷанбаи иқтисодии дипломатияи об, об ҳамчун омили рушди устувори ҷаҳонӣ, аҳамияти экологӣ ва пешгирии офатҳои табиӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.*

*Инчунин дар мақола аҳамияти ташаббусҳои кишвари мо на танҳо ҳамчун роҳҳои рафъи мушкилоти глобалии сайёра, балки ҳамчун ифодаи махсусияти дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, моҳияти дипломатияи оби кишвар ва ҳалли мусолиматомези масъалаҳои марбут ба он, бунёди платформаҳои мубоҳисавӣ ва зарурати ҳалли дастаҷамъонаи мушкилоти рӯзномаи байналмилалии обӣ ба таври возеҳ инъикос шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, моҳияти дипломатияи об, сиёсати хориҷӣ, ҷанбаи дипломатӣ, ҷанбаи иқтисодӣ, ташаббусҳои умумиҷаҳонӣ, ҷанбаи экологӣ, пешгирии офтаҳои табиӣ, ҷанбаи фарҳангӣ-инсондӯстӣ, платформаи баррасии мушкилоти обӣ, дурнамо.*

## ОСОБЕННОСТИ ИНИЦИАТИВНОЙ ДИПЛОМАТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ВОДНОЙ СФЕРЕ

**Шарипов Амриддин Нуридинович**
кандидат исторических наук, заведующей кафедрой международных отношений
Таджикский национальный университет

*В статье рассматриваются особенности инициативной дипломатии Республики Таджикистан в водной сфере. Автор отмечает, что запасы пресной воды на планете ограничены, а из-за роста населения, экологических проблем и изменения климата проблемы, связанные с доступом к воде, возрастают. Приоритет водной дипломатии во внешней политике Республики Таджикистан формируется с учетом огромных водных ресурсов, необходимости использования гидроэнергетического потенциала и его рационального использования как фактора устойчивого экономического развития.*

*В статье раскрыта сущность водной дипломатии страны, ее олицетворяющие аспекты и перспективы. Автор указал на дипломатический фактор важности воды, культурно-гуманитарный аспект и ее рациональное использование во внешней политике Таджикистана. При этом обсуждались фактор информационного и научного обоснования вопроса, экономический аспект водной дипломатии, вода как фактор устойчивого глобального развития, экологический аспект и предотвращение стихийных бедствий.*

*В статье также показана значимость инициатив нашей страны не только как предложение способов решения глобальных проблем планеты, но и как выражение*

*особенности водной дипломатии Республики Таджикистан. При этом четко отражена суть водной дипломатии страны и мирное решение связанных с ней вопросов, создание дискуссионных платформ и необходимость коллективного решения проблем международной водной повестки дня.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Центральная Азия, сущность водной дипломатии, внешняя политика, дипломатический аспект, экономический аспект, глобальные инициативы, экологический аспект, предотвращение стихийных бедствий, культурно-гуманитарный аспект, платформа для рассмотрения водных проблем, перспектива.*

## PECULIARITIES OF THE INITIATIVE DIPLOMACY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF WATER

**Sharipov Amriddin Nuridinovich**
Candidate of historical sciences, Head of the Department of International Relations
Tajik National University

*The article discusses the peculiarities of the initiative diplomacy of the Republic of Tajikistan in the field of water. The author notes that fresh water supplies on the planet are limited, and due to population growth, environmental problems and climate change, problems associated with access to water are increasing. The priority of water diplomacy in the foreign policy of the Republic of Tajikistan is formed taking into account the enormous water resources, the need to use hydropower potential and its rational use as a factor in sustainable economic development.*

*The article reveals the essence of the country's water diplomacy, its embodied aspects and prospects. The author pointed out the diplomatic factor of the importance of water, the cultural and humanitarian aspect and its rational use in the foreign policy of Tajikistan. At the same time, the factor of information and scientific substantiation of the issue, the economic aspect of water diplomacy, water as a factor in sustainable global development, the environmental aspect and the prevention of natural disasters were discussed.*

*The article also shows the significance of our country's initiatives not only as offering ways to solve global problems of the planet, but also as an expression of the peculiarities of water diplomacy of the Republic of Tajikistan. At the same time, the essence of the country's water diplomacy and the peaceful resolution of related issues, the creation of discussion platforms and the need to collectively solve problems on the international water agenda are clearly reflected.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Central Asia, the essence of water diplomacy, foreign policy, diplomatic aspect, economic aspect, global initiatives, environmental aspect, disaster prevention, cultural and humanitarian aspect, platform for addressing water problems, perspective.*

Дар замони муосир масъалаи дастрасӣ ба захираҳои об ба яке аз муҳимтарин масъалаҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Об на танҳо манбаи ҳаёт, балки яке аз омилҳои муҳими субот, амният ва рушди устувор ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги оби тоза дар минтақаи Осиёи Марказӣ, нақши калидиро дар ташаббусҳои ҷаҳонӣ вобаста ба масъалаи об мебозад. Дипломатияи ташаббускоронаи кишвар дар самти об на танҳо марбут ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, балки ба саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти глобалии об равона шудааст.

Таърих ва ҷуғрофиёи Тоҷикистон заминаҳои воқеии вуруд ба дипломатияи обиро фароҳам овардааст. 93% қаламрави кишварро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва аз ҳудуди он тақрибан 60%-и обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ маншаъ мегиранд. Бо вуҷуди чунин иқтидор, худи Тоҷикистон аз нарасоии дастрасии баробар ба об дар фаслҳои гуногуни сол ранҷ мебарад. Пас аз истиқлолият, ҳукумати Тоҷикистон зарурати ҷалби ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаҳои об дарк намуда, ба ташаббусҳои байналмилалӣ рӯй овард. Маҳз ҳамин ниёз ва масъулият ба ташаккули равиши дипломатияи ташаббускорона замина гузошт.

Ҳаҷми умумии захираҳои обии Тоҷикистон - захираи об дар кӯлҳо 46 км3, захираи об дар пиряхҳо 460 км3, захираи оби зеризаминӣ 6,6 км3 ва маҷрои дарёҳои солона ба 56,8 км3/сол баробар мебошад. [2].

Ҷойгоҳи об ва ҳалли масоили марбут ба он дар сиёсати хориҷии ҶТ мақоми хоса дорад. Кишваре, ки дорои 947 дарё бо дарозиашон аз 10 то 3000 км (дарозии умумии дарёҳои Тоҷикистон 30 ҳазор километр буда, дар онҳо 60 миллиард метри мукааб об ҷорӣ мегардад), 1300 кӯл бо масоҳати 705 км мураббаъ, 8492 пирях (6% масоҳати ҷумҳурӣ (3)) мебошад, наметавонад нисбати масъалаи захираҳои обӣ бетараф бошад. Ҳамзамон кишвари мо дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ дар ҳаҷми 525-27 млрд. кВт. соат мебошад, ки истифодаи самараноки он бахри эҳёи иқтисоди миллӣ ва ба содиркунандаи асосии нерӯи барқ табдил ёфтани ҷумҳурӣ муосидат менамояд [15, с. 75].

Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳақ дорад, ки захираҳои табиии худ, аз ҷумла обро барои таъмини рушди устувори кишвар ва шароити зиндагии шоистаи мардумаш истифода барад [10].

Таҳлили раванди таърихии ташаккули муносибатҳо дар соҳаи об нишон медиҳад, ки он ҳамчун сарвати табиӣ заминаи бунёдии тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, аз рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноат то арзишҳои фарҳангию динии ҷомеаро фаро мегирад. Дар ин замина, сиёсати об танҳо фарогири об ва фазои обӣ нест, балки он субъекти муносибатҳои гуногунарса, таъмини ҳаёти осоишта ва устувор мебошад [14, с. 5].

Дипломатияи об, ки Тоҷикистон пешниҳод кардааст, ҳалли мусолиматомези мушкилоти марбут ба идора ва истифодаи захираҳои оби рӯдхонаҳои фаромиллӣ дар минтақа аст, ки на танҳо кишварҳои пасошӯравӣ, балки Афғонистонро низ дар бар мегирад, ки дар қаламрави он шоҳроҳҳои обӣ сарчашма гирифта ва баҳри Арал ба Амударё ҷорӣ мешаванд. Ба гуфтаи коршиносони тоҷик, таҳкими нақши дипломатияи об ба ҳалли масоили обу энергетика дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад [4].

Маълум аст, ки бисёр кишварҳо дар партави камбуди об ва тағйирёбии иқлим масъалаи об ва дастрасӣ ба онро мавриди андеша ва баррасӣ қарор медиҳанд. Аммо моҳияти дипломатияи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар кишварҳо бо муносибати пайгирона, бо дарназардошти манфиатҳои тамоми давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва амалӣ буданаш фарқ мекунад. Дар маҷмӯъ, вижагиҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

Ҷанбаи дипломатӣ - Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи обро фаъолона амалӣ намуда, дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об нақши фаъол дошта бошад. Ин самт ҳадафҳои зеринро инъикос менамояд: а) муаррифии кишвар – боиси хушнудист, ки дипломатияи об дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун шиносномаи кишвари мо эътироф гадида, пайваста, барои баланд бардоштани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи байналмилалии об мусоидат менамояд; б) пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти марбут ба об тавассути гуфтушунид ва эҷоди платформаҳои зарурӣ; в) ифодакунандаи манфиатҳои кишвар дар ин соҳа.

Дар чаҳорчӯбаи ин ҷанба ва дар партави ташаббусҳои созанда дар соҳаи об («Соли байналмилалии оби ширин, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ), Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025), ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳои баланд гирифтааст, муваффақияти дипломатияи кишвар эътироф гардида, татбиқи ташаббусҳои навро дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пеш аз ҳама СММ пешбинӣ менамояд. Соли 2013 бо мақсади таҳкими шарикии кишварҳои узв дар самти истифодаи самараноки захираҳои об Соли «Дипломатияи об» эълон гардид. Шурӯъ аз ҳамон сол ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон дорад, ки тавассути рушди дипломатияи об барои наслҳои оянда қарорҳои муҳим қабул намояд [9].

Мусоидати Тоҷикистон ба ташаккули фарҳанги нави ҳамкории об дар Осиёи Марказӣ аз натиҷаҳои назарраси ин дипломатия мебошад. Ба шарофати музокироти созанда,

кишварҳои минтақа ба модели ҳамкорӣ дар идораи обҳои фаромарзӣ рӯй овардаанд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон ба платформаи калидӣ дар самти татбиқи Ҳадафи шашуми рушди устувор (SDG 6) табдил ёфтааст.

Ҳолати пешбурди сиёсати об дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои поёноб ва болооби минтақа дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи аввали соҳибихтиёрии нишон дод, ки вобастагии зиёди байнидавлатӣ дар соҳаи об дар сурати заиф будани иродаи сиёсии яке аз ҷонибҳо метавонад ихтилофҳои байнидавлатӣ ва минтақавиро ба вуҷуд орад. Бо назардошти чунин таҷриба, дар пешбурди сиёсати об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ иродаи қавии сиёсӣ бояд аз авлавиятҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва муносибатҳои ҳасана бошад [14, с.48].

Бояд гуфт, ки якдилона пазируфтани ин иқдомҳои Тоҷикистон аз мантиқӣ, зарурати ҳаётӣ ва саривақтии онҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Ин далели самаранокии дипломатияи тоҷик аст.

Ҷанбаи фарҳангӣ ва башардӯстона - Тоҷикистон кишвари кӯҳҳои сарбаланд, «муҳофиз»-и боэътимоди қариб 60% захираҳои обии Осиёи Марказӣ мебошад.

Аммо ин эътиқоди қатъии раҳбари Тоҷикистон аст, новобаста аз кӣ дар боло ё поёноби рӯдхона зиндагӣ мекунад, дар шаҳр ё деҳот, дар ҳавзаи рӯдхонаҳои фаромарзӣ ё ду соҳили як дарё – ҳама масъалаҳои марбут ба об бояд муттаҳид бошад, одамонро аз ҳам ҷудо накунад, зеро бисёр дарёҳо ва обанборҳо моликияти умумии кишварҳо мебошанд [1].

Воқеан, новобаста аз он ки шумо ба кадом масъалаи ҳаётан муҳим даст мезанед, ҳалли он ба ин ё он дараҷа бо об алоқаманд аст. Намунаи муосиртарин ин мубориза сайёра бар зидди хатари нави ҷаҳонӣ - коронавируси COVID-19 мебошад.

Даъвати густурда барои шустани дастҳо аксар вақт афзоиши истифодаи оби тозаро дар назар дорад. Ҳамкории байналмилалӣ барои нигоҳдорӣ ва густариши он аҳамияти аввалиндараҷа дорад [1].

Рамзист, ки 21 март дар тақвими СММ рӯзи ҳифзи пиряхҳо эълон шуда, 22 март Рӯзи ҷаҳонии об аст. Ин пояҳои зиндагии башарият ба ҷашни Наврӯз иртибот доранд. Халқи тоҷик бо пешбурди дипломатияи об ҳамзамон арзишҳои таърихию фарҳангии худро нишон медиҳад, ки умдатарин принсипҳои инсондӯстӣ ва ҳамсоягии нек мебошад. Ин нуфузи байналмилалии Тоҷикистонро боло мебарад, ки кишварро ҳамчун шарики боэътимод ва масъул дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад. Ҳамзамон иқдомҳои инсондӯстона бетараф набудани халқи тоҷикро ба мушклоти инсонӣ ифода менамояд, ки бешак аз осори мутафаккирони оламшумули мо сарчашма мегирад:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ! [13].

Ҷанбаи истифодаи оқилонаи об - Ҳадафи асосии дипломатияи дохилии оби Тоҷикистон ба муносибати оқилона ба захираҳои обии башарият алоқаманд мебошад. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ба масъалаи пурра таъмин намудани аҳолии кишвар бо оби тозаи ошомиданӣ ва навсозии инфрасохтори об таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Бояд таъкид кард, ки ин барои минтақа як мушкили маъмулист. Тибқи гузориши ФАО, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба даҳгонаи пешсафи истеъмолкунандагони об дар ҷаҳон дохил мешаванд: Туркманистон (5319 м3/сол), Қазоқистон (2345 м3/сол), Узбекистон (2295 м3/сол), Қирғизистон (1989 м3/сол), Тоҷикистон (1895 м3/сол). Ба ғайр аз ин барои ба даст овардани воҳиди муайяни маҳсулот дар соҳаи кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ назар ба кишварҳои рушдкарда 2,5–3 баробар зиёд об сарф мешавад [5].

Ба мақсади татбиқи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва тақсими самараноки он байни кишварҳои минтақа якчанд мулоқоту вохӯриҳо баргузор гардиданд, ки бо ақди

созишномаҳои байнидавлатӣ ба анҷом расиданд. Муҳимтарин созишномаҳои минтақавӣ ин Созишномаи Алмаато дар бораи истифодаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз соли 1992 ва Созишномаи истифодаи захираҳои обии Нарин-Сирдарё аз соли 1994 мебошанд. Вале аз меъёри оби барои Тоҷикистон муқарраргардида ҳамасола кишвари мо то 2,5 км-и мукааб обро нагирифта, онро ба ҳайси эҳдо ба ҳамсоягон мегузорад [15, с.76].

Аз ҷониби дигар, Тоҷикистон дар маҷмуъ, дар дастрасӣ ба оби тоза мушкилӣ надорад. Ҷиҳати расондани об ба навоҳии гуногуни кишвар мушкилоти техникӣ мавҷуданд. Масалан, барои пурра таъмин намудани аҳолии Тоҷикистон бо оби ошомиданӣ беш аз 1 миллиард доллар зарур аст [1]. Аммо мардуми тоҷик бо такя ба нақши тамаддунӣ ва гузаштаи таърихии худ ба ин мушкили башарият бетараф буда наметавонад.

Иттилоот ва асосноккунии илмӣ. Яке аз дастовардҳои асосии амалии Тоҷикистон дар талошҳои муштараки байналмилалӣ дар соҳаи захираҳои об ин буд, ки дар натиҷаи баҳсҳои ошкоро дар мавзӯи об ҷомеаи миллатҳо барои ҳалли ин мушкилот тамоми донишҳои заруриро ба даст оварданд. Дар давраи гузашта дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва кишварҳо механизму воситаҳои боэътимоди ҳалли мушкилоти об, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Форуми умумиҷаҳонии об, Шӯрои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдошт ва ғайра таъсис ёфта, самаранок амал мекунанд. Имрӯз ҳар як фарди ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо аз мушкилоти об огоҳ аст, балки аз воситаҳои истифодаи оқилона ва шаклҳои ҳамкорӣ оид ба мушкилоти ба миёномада низ хабардр мебошад. Илова бар ин, дар саросари ҷаҳон марказҳои махсуси тадқиқотӣ, лабораторияҳо ва фондҳо ташкил карда шудаанд, ки ба таҳқиқи роҳҳои ҳифзи пиряххо, истифодаи оқилонаи об, идоракунии муштараки захираҳои об ва ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионии истифодаи об дар оянда об машғуланд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, дар соҳаи обёрӣ технологияи муосири каммасраф, масалан, гузаштан ба обёрии қатрагиро ҷорӣ кардан лозим аст.

Конфронси соли 2023 дар Ню-Йорк, ки баъди танаффуси 50-сола оид ба масъалаҳои об, ки бо ҳамроии Тоҷикистон ва Нидерландия баргузор шуд нишон дод, ки Тоҷикистон аз ҳоли як кишвари ташаббускор ба яке аз роҳбарони маънавии сиёсати глобалии об табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, дар платформаҳои байналмилалӣ ва дар асоси қонунгузории дохилии ҳар як кишвар санадҳои бисёрҷанба ва бисёрҷонибаи давлатӣ дар соҳаи захираҳои об дар шакли стратегӣ, мутобиқи талаботи шакл ва низоми нави идораи давлатӣ таҳия карда мешаванд.

Дастрасӣ ба оби тоза барои ҳар як инсон - Дастрасии боэътимод ба манбаъҳои бехатари оби тоза ва нӯшокӣ барои рушд ва шукуфоии ҳар як ҷомеа муҳим аст. Мушкили шадидтарин масъалаи нарасидани оби ошомиданист, ки масъалаи ҳаёту мамотро ифода менамояд. Барои ҳалли ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба мо ҳамкории калонмиқёс ва ҳамаҷониба, инчунин дастгирии мутақобилаи ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст [7, с. 24].

Агар ба назар гирем, ки тибқи ҳисобҳои гуногун, то соли 2050 дар рӯи замин беш аз 10 миллиард нафар зиндагӣ хоҳанд кард, мо зарурати муносибати эҳтиёткорона ва масъулиятшиносиро ба оби тоза дарк мекунем. Ин махсусан муҳим аст, зеро захираҳои об дар минтақаҳои ҷаҳон бениҳоят нобаробар тақсим гардидаанд - дар баъзе кишварҳо то 30 ҳазор м3 дар як сол, дар дигар кишварҳо солона камтар аз 300 м3 дар як нафар [8].

Ҷанбаи иқтисодӣ - Захираҳои об барои рушди иқтисодӣ мутлақо муҳиманд. Муҳим аст, ки ҳукуматҳо ва ниҳодҳои масъул ниёзҳои доираи васеи истифодабарандагони об, аз ҷумла ҷомеаҳои инсонӣ, кишоварзӣ, саноат, истихроҷи маъдан ва худи табиатро ба назар гиранд. Хар як тағйироти азхудкунӣ ва истифодаи замин оқибатҳои муайян дорад. Ҳама бояд дарк кунанд, ки арзиши об аз арзиши нафту газ, ангишт ва дигар манбаъҳои сӯзишворӣ ва энергия бароиояндаи устувори кишвару минтақа камтар нест. Бо дарназардошти ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст, ки захираҳои обро барои пешрафти иқтисодии кишвар истифода барад.

Дар Тоҷикистон, ки беш аз 95%-и нерӯи баркро нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мекунанд, байни обу энергия алоқаи бузурги мутақобила мавҷуд мебошад. Рушди кишоварзӣ

низ асосан ба об асос ёфтааст, зеро зиёда аз 80% маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби кишоварзии обёришаванда истеҳсол мешавад [12].

Истеҳсоли нерӯи барқ зиёда аз 90% тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ карда мешавад ва аз ин рӯ дар Тоҷикистон сатҳи партовҳои CO2 ба 1 кВт/соат нерӯи барқи тавлидшуда дар ҷаҳон яке аз пасттаринҳо мебошад [10].

Бе об раҳоӣ аз кашшокӣ ғайримикон аст. Бе об инсон ҳисси шаъну эътибори худро аз даст медиҳад. Ниҳоят, бе об дар руи замин хаёт вучуд надорад. Дар давоми ду даҳсолаи охир ҷаҳон аҳамияти экологӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии оби тоза, инчунин мушкилоти афзояндаи об ва таъсири он ба амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва экологиро эътироф кардааст [1].

Гузашта аз ин, ҳамкориҳои фаромарзӣ аз нигоҳи иқтисодӣ низ судманд аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкории минтақавӣ барои идоракунии захираҳои муштараки об метавонад барои Осиёи Марказӣ дар як сол 4 миллиард доллари иловагӣ фоида орад [11].

Татбиқи ҳадафҳои рушди устувор - Об ҳамчун захираи муҳимтарини рушди устувор дар бисёр ҳуҷҷатҳо ва стратегияҳои рушд дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ ворид гардидааст. Ҷанбаи муҳими ин талошҳо ворид намудани ҳадафҳо барои ҳалли ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои об ба Ҳадафҳои Рушди Устувор арзёбӣ мегардад. Ҷиҳати муваффақ шудан ба ин ҳад талоши бузург ва ҷидду ҷаҳди ҷонибҳои гуногуни манфиатдор мусоидат намуд [12].

Об ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонад, аз ин рӯ ба тамоми Ҳадафҳои Рушди Устувор таъсиргузор мебошад. Ҳадафи 6-уми Рушди Устувор "Таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори об ва беҳдошт барои ҳама" мебошад. Аз нуқтаи назари стратегӣ, Ҳадафҳои Рушди Устувор бо ҳадафҳои дугонаи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ – маҳви камбизоатии шадид ва баланд бардоштани шукуфоии умумӣ мувофиқат мекунанд.

Якҷоя бо кишварҳои узв, шарикони рушд, бахши хусусӣ, академия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, Бонки Ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти захираҳои об ва ноил шудан ба ҳадафҳои Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 фаъолона дастгирӣ мекунад [11].

Об ҳаётро дастгирӣ мекунад, аммо бе сарчашмаҳои тоза ва бехатари оби ошомиданӣ дар бораи тамаддун сухан гуфтан ғайриимкон аст. Дастёбӣ ба Ҳадафи 6-и Рушди Устувор беҳбуди бесобиқа дар сифат ва дарозумрӣ дар кишварҳои фақиртарини ҷаҳонро ифода хоҳад намуд. Бо эълон кардани дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон, ҳамаи мо масъулияти барномаҳои таълимӣ, рушди инфрасохтори заруриро қабул намуда, барои бомуваффақият ноил шудан ба Ҳадафи 6 Рушди Устувор мусоидат хоҳем кард [6].

Ҷанбаи экологӣ, пешгирии оқибатҳои манфии тағирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ - маълум аст, ки мушкилоти умумиҷаҳониро кишварҳо дар алоҳидагӣ ҳал карда наметавонанд. Тағйирёбии иқлим – бо таъсири манфии он ба захираҳои обӣ, гардиши гидрологӣ, ҷараёни обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ – наметавонад дар доираи сарҳади як кишвар баррасӣ шавад. Таъсири назарраси тағирёбии иқлим дар шакли офатҳои марбут ба об ба амал меояд. Дар давраи солҳои 2000-2016 бар асари селу обхезӣ зиёда аз 107 ҳазор нафар ба ҳалокат расиданд. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ, то соли 2050 арзиши дороиҳои зери хатари обхезӣ метавонад ба 45 триллион доллари ИМА бирасад. Яке аз окибатҳои ҷиддии ин гуна ҳодисаҳо вайрон ва аз кор мондани инфрасохтори гуногуни хоҷагии халқ мебошад [12].

Намунаи ғамангези вокуниши табиат ба муносибати беэътиноӣ ба он оқибатҳои густурдаи хушкшавии баҳри Арал мебошад, ки ҳалли он бидуни фаъолсозии ҳамкориҳо бо СММ, кишварҳои манфиатдор ва сохторҳои байналмилалӣ ғайриимкон аст. Тоҷикистон аз замони таъсисёбии Бунёди байнулмилалии наҷоти Арал дар он нақши муҳим мебозад [1].

Хушксолӣ метавонад ба амнияти озуқаворӣ таъсири ҷиддӣ расонида миллионҳо одамонро овора намояд. Низомҳои давлатӣ метавонанд хароб шаванд, механизмҳои танзими давлатӣ метавонанд аз кор бароянд, ки хатари эҷоди холигии сиёсиро дорад. Сипас, тибқи сенарияи тавсифкардаи таҳлилгарон, онҳое, ки то имрӯз осоишта зиндагӣ мекарданд, маҷбур мешаванд, то барои захираҳои боқимонда мубориза баранд [3].

Об ҳамчун фишанги тавонои сулҳсозӣ баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, дипломатияи об як воситаи муҳим барои таъмини идоракунии самаранок, устувор ва одилонаи захираҳои муштараки об, мувозинати манфиатҳои марбут ба истиқлолияти миллӣ ва таҳкими ҳамкории минтақавӣ бо кишварҳои истифода-барандаи захираҳои умумӣ мебошад.

Дипломатияи ташаббускоронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти об намунаи равшани сиёсати хориҷии масъулиятшинос ва дурнигар аст. Он на танҳо манфиатҳои миллии кишварро ҳимоя мекунад, балки ба ҳалли мушкилоти башарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ низ равона шудааст. Тоҷикистон тавонистааст бо истифода аз иқтидори дипломатии худ ба як садои пурнуфуз дар масъалаи захираҳои об табдил ёбад ва барои наслҳои оянда дар рушди устувори инсоният саҳмгузор бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Алимов Р. Водная дипломатия Таджикистана, которая объединяет мир [Электронный ресурс]. – URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/opinion/20200320/vodnaya-diplomatiya-tadzhikistana-kotoraya-obedinyaet-mir (дата обращения: 15 марта 2025).
2. Бобоев Б. Р. Водные ресурсы Таджикистана: проблемы их использования [Электронный ресурс]. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vodnye-resursy-tadzhikistana-problemy-ih-ispolzovaniya (дата обращения: 17 марта 2025).
3. Борьба за воду: 5 регионов, в которых могут вспыхнуть конфликты из-за водного кризиса [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.euronews.com/green/2023/09/01/green-forgotten-droughts (дата обращения: 22 апреля 2025).
4. Водные ресурсы [Электронный ресурс]. – URL: http://www.unesco.tj/ru/index/index/pageId/78 (дата обращения: 20 марта 2025).
5. Дефицит воды в Центральной Азии [Электронный ресурс]. – URL: https://e-cis.info/news/566/107472/ (дата обращения: 18 апреля 2025).
6. Джастин Д. Брукс, Кэйлан С. Кери. Цель 6 – Принимая вызов: обеспечить доступ к безопасным источникам чистой воды во всём мире [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/chronicle/article/22199 (дата обращения: 19 марта 2025).
7. Доклад ООН о развитии человека «Что кроется за нехваткой воды: Власть, бедность и глобальный кризис водных ресурсов». – М. : Весь мир, 2006. – 45 с.
8. Ильясов А. Водная дипломатия стала важной частью внешней политики и экономики Туркменистана [Электронный ресурс]. – URL: https://e-cis.info/news/566/107778/ (дата обращения: 21 марта 2025).
9. Как ООН помогает улучшить водопользование в Таджикистане [Электронный ресурс]. – URL: https://news.un.org/ru/audio/2013/08/1019051 (дата обращения: 12 марта 2025).
10. Концепция внешней политики Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – URL: https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 16 марта 2025).
11. Мюллер С. Вода – истинный источник процветания для Центральной Азии [Электронный ресурс]. – URL: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/opinion/2018/06/21/water-can-be-a-true-source-of-prosperity-for-central-asia (дата обращения: 24 апреля 2025).
12. Статья Президента Республики Таджикистан в журнале «Хроника ООН» под названием «Вода для устойчивого развития» [Электронный ресурс]. – URL: https://mfa.tj/ru/main/view/3086/statya-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-v-zhurnale-khronika-oon-pod-nazvaniem-voda-dlya-ustoichivogo-razvitiya (дата обращения: 14 марта 2025).
13. Стихи Саади над входом в здание ООН [Электронный ресурс]. – URL: https://poembook.ru/poem/298033 (дата обращения: 25 марта 2025).
14. Қувватзода С. З. Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ : дисс. ... д. и. с. – Душанбе, 2023. – 394 с.

15. Шарипов А. Масъалаи об дар сайёра ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии ҶТ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон. – 2017. – № 3-1. – С. 73-78.

## ТАҶРИБАИ РОҲАНДОЗИИ «ДИПЛОМАТИЯИ САБЗ» ДАР ФАРОНСА ВА ИМКОНОТИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

**Ашуров Ардамеҳр Муродқулович**
номзади илмҳои таърих, котиби илмӣ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Дар мақола таҷрибаи роҳандозии "Дипломатияи сабз" дар Фаронса ва имконоти татбиқи он дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳтаво ва мундариҷаи асосии мақоларо таҳлили муқоисаи стратегияҳои Фаронса дар робита ба пешбурди иқтисоди "сабз" ва дипломатияи "сазб" фаро мегирад. Илова бар ин, муаллиф имконоти истифодаи таҷрибаи Фаронсаро дар заминаи роҳандозии дипломатияи "сабз" мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки дар Фаронса чандин консепсия ва стратегиҳои давлатие амал менамоянд, ки ба мазмун ва мақсадҳои стратегияҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба рушди устувор, пешбурди иқтисоди "сабз", масоили марбут ба обу иқлим, истифодаи самараноки энергия ва ҳифзи муҳити зист шабеҳияти зиёд доранд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ва Фаронса метавонанд, дар пешбурд ва татбиқи чунин роҳбурдҳо ҳамкориҳои судманду манфиатоварро ба роҳ монанд.*

***Калидвожаҳо***: *Тоҷикистон, Фаронса, дипломатияи "сабз", иқтисоди "сабз", ҳамкорӣ, стратегия, рушди устувор, экология.*

## ОПЫТ ВЕДУЩЕЙ «ЗЕЛЕНОЙ ДИПЛОМАТИИ» ВО ФРАНЦИИ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

**Ашуров Ардамер Муродкулович**
кандидат исторических наук, ученый секретарь
Институт изучения пролбем стран Азии и Европы
Национальная академия наук Таджикистана

*В статье анализируется и обсуждается опыт внедрения «Зеленой дипломатии» во Франции и возможности ее реализации в условиях Таджикистана. Основное содержание и наполнение статьи представляет собой сравнительный анализ французских стратегий по продвижению «зеленой» экономики и «зеленой» дипломатии. Кроме того, автор рассматривает возможности использования французского опыта в контексте реализации «зеленой» дипломатии, отмечая, что во Франции существует ряд концепций и государственных стратегий, которые по содержанию и целям весьма схожи с государственными стратегиями Республики Таджикистан в отношении устойчивого развития, продвижения «зеленой» экономики, вопросов, связанных с водными ресурсами и климатом, эффективного использования энергии, охраны окружающей среды. Поэтому Таджикистан и Франция могут наладить плодотворное и выгодное сотрудничество в продвижении и реализации таких стратегий.*

***Ключевые слова***: *Таджикистан, Франция, «зеленая» дипломатия, «зеленая» экономика, сотрудничество, стратегия, устойчивое развитие, экология.*

## THE EXPERIENCE OF IMPLEMENTING "GREEN DIPLOMACY" IN FRANCE AND ITS POSSIBILITIES FOR IMPLEMENTING IT IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN

**Ashurov Ardamehr Murodkulovich**
Candidate of Historical Sciences, Scientific Secretary
Institute for the Study of Problems Asian and European Countries
National Academy of Sciences of Tajikistan

*The article analyzes and discusses the experience of implementing "Green Diplomacy" in France and the possibilities of its implementation in the conditions of Tajikistan. The main content and content of the article includes a comparative analysis of French strategies in promoting the "green" economy and "green" diplomacy. In addition, the author discusses the possibilities of using the French experience in the context of implementing "green" diplomacy, noting that France has several state concepts and strategies that are very similar to the content and goals of the state strategies of the Republic of Tajikistan in relation to sustainable development, promoting a "green" economy, issues related to water and climate, efficient use of energy and environmental protection. Therefore, Tajikistan and France can establish fruitful and beneficial cooperation in promoting and implementing such strategies.*

***Keywords****: Tajikistan, France, "green" diplomacy, "green" economy, cooperation, strategy, sustainable development, ecology.*

Дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир истифодаи дипломатияи “экологӣ” ё “сабз” таърихи беш аз 50 сола дорад. Дар ҷомеаҳои Аврупо корбурди дипломатияи “сабз” дар давоми солҳои 1970 ба расмият шинохта шуда, бо мурури замон густариш ёфтааст. Агар ба таърихи ба вуҷуд омадани истилоҳи дипломатияи “экологӣ” дар қаламрави Аврупо нигарем, маълум мегардад, ки роҳандозии чунин дипломатия, ки муҳтавои ҳалли масоили марбут ба муҳити зистро дошт, ҳанӯз дар асрҳои XIV дар асоси шартномаҳои бисёрҷонибаи байни Англия-Португалия ва Англия-Фаронса ба вуҷуд омадааст [8, 4]. Дар он замон, мақсад аз таҳияи роҳбурди дипломатияи “экологӣ” дар муносибатҳои байнидавлатӣ пеш аз ҳама ба имзои созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ, ҳифз ва мубодилаи захираҳои об ё ҳифзи гуногунии биологӣ нигаронида шуда буд.

Имрӯз Фаронса яке аз кишварҳои пешсаф дар истифодаи дипломатияи “сабз” буда, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ дар арсаи байналмилалӣ мавқеи калидӣ дорад.

Дар Фаронса вобаста ба истифодаи дипломатияи “сабз” мафҳумҳои зерин, ки ифодакунандаи синоними дипломатияи “сабз” мебошанд, истифода мешавад: La “Diplomatie environnementale”, La “Diplomatie *climatique”,* La “*Diplomatie verte”,* ки маънои ҳамон дипломатияи “сабз”-ро доранд, аммо La “*Diplomatie verte”,* хеле кам мавриди истифода қарор дошта, ба маънои васеъ La “Diplomatie environnementale”, мавриди корбурд аст.

*Дипломатияи экологӣ чист ва дар фаҳмиши фаронсавии он чӣ дар назар дошта мешавад?*

“Дипломатияи экологӣ” пеш аз ҳама инъикосгари масъалаҳои марбут ба об, иқлим, экология ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ буда, ба ибораи дигар, воситаи муҳими ҳалли мушкилоти экологӣ дар сайёра мебошад. Аслан, мафҳуми “сабз” ба маънои аслӣ иртибот ба табитро дорад. Аммо бо илова гардидаи мафҳуми “дипломатия” хислати сиёсиро мегирад. Яъне табиат ва масоили экологӣ ба як масъалаи умдаи рӯзномаи ҷаҳонӣ ворид мегардад.

Ҳадафи дигари дипломатияи “сабз” дар Фаронса ҳифзи муҳити зист, коҳиши таъсири манфии инсон ба табиат ва расидан ба баробарии иҷтимоӣ тавассути роҳу воситаҳои дипломатӣ ва таҳкими ҳамкории судманд мебошад. Яъне яке аз самтҳои асосии дипломатияи “сабз» ин коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим дар Замин аст.

*Дар Фаросна дипломатияи “сабз” асосан ба ҳалли масоил зерин равона гардидааст:*

- тағйирёбии иқлим, гуногунии биологӣ ва биёбоншавӣ;
- бӯҳронҳои экологӣ;
- таъсири бӯҳронҳои ҷаҳонӣ ба ҳуқуқи инсон;
- набудани кафолатҳо барои иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- набудани ҳимояи ҳомиёни муҳити зист;
- коҳиш бахшидани партовҳои газҳои гулхонаӣ.

Яке аз ниҳодҳои асосии пешбарандаи дипломатияи сабз дар Фаронса ин CNCDH (Комиссияи миллии машваратӣ оид ба ҳуқуқи инсон) ба ҳисоб меравард, ки роҳбурди

дипломатияи экологиро бо назардошти ҳуқуқи инсон дар гуфтушунидҳои байналмилалӣ ҳимоя менамояд [9]. Яъне, мақсади ин комиссияи машваратӣ аз он иборат аст, ки таъсири бӯҳронҳои ҷаҳониро ба ҳуқуқи инсон пешгирӣ намояд. Зеро тағйирёбии иқлим, аз даст додани гуногунии биологӣ ва афзоиши ифлосшавӣ бадтар шуда, ба тамоми ҳуқуқҳои инсон зарари ҷиддӣ мерасонад.

Аз ҷониби дигар, дар Фаронса, дипломатияи экологӣ як фишанги пурқувват барои муттаҳид кардани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати тағйирёбии иқлим ва ҳифзи ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

Боиси тазаккур аст, ки соли 2015 Фаронса лоиҳаи "Сафорати сабз"-ро роҳандозӣ намуд, ки аз моҳи апрели соли 2019 намояндагии доимии Фаронса дар Созмони Милали Муттаҳид дар Женева ва созмонҳои байналмилалӣ дар Швейтсария ӯҳдадор шудааст, ки дар доираи лоиҳаи «Сафорати сабз» таъсири дигар омилҳоро ба муҳити зист коҳиш диҳад [9].

*Мақсади Фаронса аз пешбурди дипломатияи "сабз" чист?*

Фаронса мехоҳад ӯҳдадориҳои худро ба рушди устувор тақвият бахшад, шабакаи дипломатиро ба намоишгоҳи таҷрибаи фаронсавӣ табдил диҳад, идоракунӣ ва иҷрои вазифаҳоро беҳтар созад ва сарфаҷӯӣ кунад. Аз ин рӯ, мо метавонем чунин тадбирҳои Фаронсаро дар шароити Тоҷикистон татбиқ намоем.

Тоҷикистон дар минтақа ва рӯзномаи байналмилилӣ дар иртибот ба пешбурди дипломатияи "сабз" ва зарфиятҳои татбиқи ин роҳбурд имконоти фаровон дорад. Метавон гуфт, ки кишвари мо дар саргаҳи ҳалли масоили марбут ба обу иқлим қарор дорад. Аз ин рӯ, дар ҳамкорӣ бо Фаронса, ки нисбатан таҷрибаи ғанӣ дар самти дипломатияи "экологӣ" дорад, ба манфиати Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

*Дар шароити Тоҷикистон кадом таҷрибаи Фаронса дар робита ба роҳандозии дипломатияи "сабз"-ро метавон мавриди истифода қарор дод? Ва Тоҷикистону Фаронса дар робита ба пешбурди дипломатияи "сабз" дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба кадом амалҳоро метавонанд таҳким бахшанд?*

**Якум,** дар Тоҷикистон «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037» [5] амалӣ мешавад ва ин намунаи барҷаста татбиқи дипломатияи "сабз" дар кишвар мебошад. Аз ин рӯ, дар Фаронса ҳам чунин Стратегияи монанд вуҷуд дорад, масалан "La stratégie nationale de transition écologique vers un développement durable 2015-2030" [12] (Стратегияи миллии гузариши экологӣ дар масири рушди устувор барои солҳои 2015-2030) мақсади ин стратегия мубориза бо тағирёбии иқлим, барқарорсозии гуногунии биологӣ, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, коҳиш додани хатарҳои ба экология буда, дар меҳвари он рушди минтақаҳои устувор ва табдил додани модели иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои рушди "сабз" мебошад. Бинобар ин, кишварҳо метавонанд дар масъалаи ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисоди "сабз" аз таҷрибаи ҳамдигар истифода баранд ва дар ин замина лоиҳаҳои муштаракро вобаста ба таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти "иқтисоди сабз" ва дипломатияи "сабз" таҳия созанд.

**Дуюм,** Тоҷикистон ва Фаронса тавассути рушди неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ ва истифодабарии энергияи бодӣ ва офтобӣ метавонанд ҳамкориҳои муассир ва судманд дошта бошанд. Масалан, дар Фаронса "Stratégie Nationale de Développement Durable 2030" [14] (Стратегияи милли рушди устувор барои то давраи соли 2030) вуҷуд дорад, ки яке аз воситаҳои татбиқи он роҳандозии иқтисоди "сабз" ва дарёфти роҳҳои самараноки истифодаи энергияи бодӣ ва офтобӣ аз ҷониби давлат аст. Аз ин рӯ, Тоҷикистон метавонад, дар ин замина аз таҷрибаи Фаронса истифода намояд. Зеро ин раванд, далели рушди иқтисодиёти "сабз" буда, ҳамзамон метавонад тавассути дипломатияи иқтисодӣ дар ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Фаронса бештар муаррифӣ гардида, таваҷҷуҳи сармоягузорони фаронсавиро ҷалб намояд.

**Сеюм,** дар мисоли ҳамкориҳо бо Фаронса дар самти "дипломатия сабз" метавон ишора кард, ки Тоҷикистон имкон дорад дар чорчӯбаи Стратегияҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Стратегияи «Team Europe» ва «Global Gateway» бо Фаросна дар доираи обу иқлим

ҳамкорӣ намояд. Ҳамчунин вобаста ба масоили об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо дар Фаронса стратегияи “La Stratégie nationale biodiversité 2030” (SNB) [11] (Стратегияи миллии гуногунии биологӣ 2030 (NBS) роҳандозӣ менамояд, ки ӯҳдадориҳои Фаронсаро дар доираи Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ инъикос сохта, солҳои 2022 то 2030-ро дар бар мегирад.

**Чорум,** ҷиҳати татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки дар он самаранокии энергетикӣ тариқи манбаъҳои барқароршавандаи энергия - офтобӣ ва шамолӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити атрофи ҷумҳурӣ ба манфиат аст, тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо аз ҷумла Фаросна саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар Фаронса ҳам чунин стратегия бо номи “La stratégie nationale pour les aires protégées (Стратегияи миллии минтақаҳои муҳофизатшаванда) (SNAP) [13] 2020-2030, амал менамояд, ки дар моҳи январи соли 2021 нашр шуда, ҳадафҳои сифатӣ ва миқдорӣ барои шабакаи минтақаҳои муҳофизатшавандаро муқаррар мекунад. Аслан, татбиқи ин стратегия дар сатҳи минтақавӣ ва соҳилии баҳр амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, дар самти корбурди “дипломатия сабз” ва “иқтисоди сабз” Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи Фаронсаро барои тарғиби истифодаи ниҳоии самаранокии энергетикӣ, тарҳи экологӣ ва тамғазании энергетикии дастгоҳҳои барқӣ, инчунин усули Иттиҳоди Фаронсаро вобаста ба тарғиботи самаранокии энергетикӣ дар биноҳо истифода намояд.

*Дар Фаросна дар баробари пешбурди дипломатияи сабз тадбирҳои зерин андешида мешаванд:*

- Коҳиш додани партовҳои ГГ (газҳои гулхонаӣ);
- Назорати ҷиддии истифодабарии энергия ва об;
- Пешбурди энергияи барқароршаванда;
- Таъмини рушди устувор;
- Ҳифзи гуногунии биологӣ ва муҳити зист;
- Ҷудо намудани партовҳо;
- Баланд бардоштани огоҳии дохилӣ ва берунӣ дар бораи рушди устувор [12, 8].

Ба тариқи хулоса метавон зикр намуд, ки ҷаҳони муосир дар пешорӯи таҳдиду хатар ва чолишҳои бо шиддат суръатгиранда қарор гирифтааст. Аз чунин равиши тағйирпазири ҷомеаву табиат, чунин бармеояд, ки дар пасманзари паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим ҷомеаи ҷаҳонро зарур аст, ки ҷиҳати истифодаи оқилона (яъне корбар тавассути ақл) ва дурусти захираҳои табиӣ ва корбурди онҳо дар ҳаёти инсоният бо ибтикороти дастаҷамъона кор бигиранд.

Имрӯз, мо бо ифтихори баланд гуфта метавонем, ки дар саргаҳи чунин ибтикороти наҷибона, ки баҳри ҳам наҷоти табиат ва ҳам саодати рӯзгори инсоният равона гардидаанд, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Агар мо ба манзараи оламу одам назар афканем, равшан аст, ки инсон ва табиат ҳамеша дар ҳамбастагии ногусастанӣ ва ҷудонопазир қарор доранд. Аз ин рӯ, ҳамагуна тайғирот дар табиат таъсироти муассиро ба равиши рӯзгори инсоният ворид месозад. Вобаста ба ин, замоне фаро расидааст, ки инсонро зарурате пеш омадааст, ки истифодаи самараноки захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим, пеш гирифтани иқтисоди “сабз” андеша намояд ва дар ин замина ҳамкориҳои судманд ва муштаракро роҳандозӣ созад. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон ва Фаронса имконот ва зарфиатҳои зиёди ҳамкорӣ дар ин самтро доранд ва метавонанд дар роҳи расидан ба рушди устувор аз таҷрибаи тарафайн истифода намоянд. Хусусан кишвари мо, метавонад бо назардошти таҷрибаи нисбатан ғанӣ доштани Фаронса бо ин кишвар лоиҳаи муштаракро роҳандозӣ намояд ва дар ин замина аз имконоти мусоид ва таҷрибаи судманти он дар амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи иқтисоди “сабз” ба таври самаранок истифода намояд.

**Пешниҳод:**

1. Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлили "Ҳафтаи Дипломатияи сабз" ниҳоят ба мавриду манфиатовар аст. Масалан, ҳамасола Ҳафтаи дипломатияи "сабз" аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо таҷлил мегардад. Аз ин рӯ, таҷлили дипломатияи "сабз" дар кишвар барои баланд баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар мавриди таъсир ба тағйири иқлим ва истифодаи сарфакоронаи энергия мусоидат менамояд;

2. Таъсиси Маркази таҳқиқоти экологӣ дар назди Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ташкили партовгоҳҳо махсус дар намуди қуттиҳои пластикӣ, аз ҳам ҷудо намудани партовҳо ва дар ин замина истифодаи таҷрибаи Фаронса;

4. Бо назардошти саҳми муассир доштан дар ҳифзи табиат, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф, бархурдор будан аз донишҳои экологӣ ва донистани қонунгузориҳои марбутаи давлатӣ дар ин самт пешниҳод менамоем, ки соли 2026-ро эълон доштан ҳамчун *Соли "маърифати экологӣ"* рамзӣ ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров Ф.М. Иқтисодиёти сабз ва рушди он дар деҳот [Электронный ресурс]. – URL: https://tguk.tj/index.php/tj/habarho-5/item/4221-i-tisodijoti-sabz-va-rushdi-on-dar-de-ot.html (дата обращения: 09.05.2025).
2. Бобылев С.Н., Захаров В.М. Зеленая экономика и модернизация / С.Н. Бобылев, В.М. Захаров // Эколога-экономические основы устойчивого развития. Бюллетень «На пути к устойчивому развитию России». – 2012. – № 60.– 90 с.
3. Дар Душанбе дар доираи Ҳафтаи дипломатияи «Сабз»-и Иттиҳоди Аврупо самаранокии энергетика дар Тоҷикистон баррасӣ гардидаст [Электронный ресурс]. – URL: https://khovar.tj/2023/10/dar-dushanbe-dar-doirai-aftai-diplomatiyai-sabz-i-itti-odi-avrupo-samaranokii-energetika-dar-to-ikiston-barras-shud (дата обращения: 29.04.2025).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Электронный ресурс]. – 28.12.2024. – URL: https://president.tj/event/news/49227 (дата обращения: 01.05.2025).
5. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 [Электронный ресурс]. – URL: https://jp-tj.org/wp/wp-content/uploads/2024/04/Green-Strategy-Tajikistan.pdf (дата обращения: 03.05.2025).
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Электронный ресурс]. – URL: https://minjust.ww.tj/files/strategiyai_millii_rushdi_cht_baroi_davrai_to_soli_2030.pdf (дата обращения: 03.05.2025).
7. Шаропов Ф.Р., Қурбонова З.М., Қудратов Н.А. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва ташаккули дипломатияи «сабз» // Рӯзномаи «Ҷумҳурият». – 2024. – № 196 (8 октября).
8. Orsini A. La diplomatie environnementale [Электронный ресурс]. – URL: http://www.crespo.be/wp-content/uploads/2019/11/Chapitre-16_diplomatie-environnementale-Orsini.pdf (дата обращения: 01.05.2025).
9. Diplomatie environnementale: pour une approche intégrée et inclusive dans le cadre des COP (A-2025-3) [Электронный ресурс]. – URL: https://www.cncdh.fr/publications/diplomatie-environnementale-pour-une-approche-integree-et-inclusive-dans-le-cadre-des (дата обращения: 04.05.2025).
10. Emilbek D., Nargiza M. The EU strategy on Central Asia // Global and Regional Policy. – March 2020 [Электронный ресурс]. – URL: https://library.fes.de/pdf-files/bueros/bischkek/16168.pdf (дата обращения: 08.05.2025).

11. La Stratégie nationale biodiversité 2030 (SNB) [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ecologie.gouv.fr/politiques-publiques/strategie-nationale-biodiversite-2030 (дата обращения: 08.05.2025).
12. La stratégie nationale de transition écologique vers un développement durable 2015-2020 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.fao.org/faolex/results/details/fr/c/LEX-FAOC181679 (дата обращения: 09.05.2025).
13. La stratégie nationale pour les aires protégées [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ofb.gouv.fr/la-strategie-nationale-pour-les-aires-protegees (дата обращения: 09.05.2025).
14. Stratégie Nationale de Développement Durable 2030 [Электронный ресурс]. – URL: https://mtedd.gov.ma/index.php?option=com_content&view=article&id=16&Itemid=293&lang=en (дата обращения: 09.05.2025).

# РУШДИ УСТУВОР ВА ДИПЛОМАТИЯИ ЭКОЛОГӢ: САҲМИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛИСОЗИИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Асламшозода Фотима Асламшо**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Мақола таҳдидҳои глобалии тағйирёбии иқлимро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи экология, иқтисод ва ҷомеа баррасӣ мекунад. Муаллиф нақши кишварро дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ, густариши дипломатияи экологӣ ва пешбурди ташаббусҳои байналмилалии обӣ, аз ҷумла Соли байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028) таҳлил менамояд. Мавқеи геостратегии Тоҷикистон, потенсиали бузурги гидроэнергетикӣ ва зарурати ҷалби сармоягузориҳои сабз барои лоиҳаҳои энергияҳои барқароршаванда ва ҳифзи пиряххо таъкид мегардад. Дар мақола ҳамкории илмӣ-иттилоотӣ, таҳкими маърифати экологӣ ва муҳофизати манбаъҳои обӣ ҳамчун шарти калидии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим пешниҳод шудааст. Хулоса нишон медиҳад, ки рушди устувор ва дипломатияи экологӣ метавонанд ҳамзамон ба суботи экологӣ ва тараққиёти иқтисодию иҷтимоии кишвар хизмат кунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *тағйирёбии иқлим; рушди устувор; дипломатияи экологӣ; сармоягузории сабз; пиряххо; захираҳои обӣ; энергияҳои барқароршаванда; Тоҷикистон.*

# УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ И ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ДИПЛОМАТИЯ: ВКЛАД ТАДЖИКИСТАНА В РЕАЛИЗАЦИЮ ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ В КОНТЕКСТЕ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

**Асламшозода Фатима Асламшо**
Кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений
Таджикский национальный университет

*Статья анализирует влияние глобального изменения климата на Таджикистан – высокогорную страну с богатыми водными ресурсами и уязвимой экологической системой. Рассматривается вклад республики в реализацию Целей устойчивого развития ООН, развитие экологической дипломатии и продвижение международных водных инициатив, включая Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» (2018–2028). Отмечается гидроэнергетический потенциал страны и необходимость привлечения «зелёных» инвестиций в проекты возобновляемой энергетики и сохранения ледников. Подчёркивается значение научно-информационного сотрудничества, экологического просвещения и устойчивого управления водными ресурсами для адаптации к изменениям климата. Делается вывод, что устойчивое развитие и экологическая дипломатия способны одновременно укреплять экологическую безопасность и обеспечивать социально-экономический рост Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *изменение климата; устойчивое развитие; экологическая дипломатия; зелёные инвестиции; ледники; водные ресурсы; возобновляемая энергия; Таджикистан.*

# SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND ENVIRONMENTAL DIPLOMACY: TAJIKISTAN'S CONTRIBUTION TO IMPLEMENTING SUSTAINABLE DEVELOPMENT GOALS IN THE CONTEXT OF CLIMATE CHANGE

**Aslamshozoda Fotima Aslamsho**

Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations
Tajik National University

*The article analyzes the impact of global climate change on Tajikistan, a highland country with rich water resources and a vulnerable ecosystem. It considers the country's contribution to the implementation of the UN Sustainable Development Goals, the development of environmental diplomacy and the promotion of international water initiatives, including the International Decade for Action "Water for Sustainable Development" (2018-2028). The country's hydropower potential and the need to attract "green" investments in renewable energy projects and glacier conservation are noted. The importance of scientific and information cooperation, environmental education and sustainable water resources management for adaptation to climate change is emphasized. It is concluded that sustainable development and environmental diplomacy can simultaneously strengthen environmental security and ensure socio-economic growth in Tajikistan.*

***Keywords**: climate change; sustainable development; environmental diplomacy; green investments; glaciers; water resources; renewable energy; Tajikistan.*

Тағйирёбии иқлим яке аз чолишҳои бузурги замони муосир ба ҳисоб меравад, ки бо паёмадҳои фарогири экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири амиқ мерасонад. Афзоиши ҳарорати миёнаи сайёра, зиёдшавии басомади офатҳои табиӣ, коҳиши захираҳои об ва вайроншавии экосистемаҳо сабаби ба миён омадани мушкилоти нав гардидаанд, ки амнияти озуқаворӣ, таъмини об, саломатии аҳолӣ ва суботи иқтисодиро зери хатар мегузоранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои обии фаровон дар муҳити осебпазир қарор дошта, таҳти таъсири бевоситаи ин раванд қарор дорад. Пиряххои Тоҷикистон, ки манбаи асосии оби дарёҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравнад, бо суръати нигаронкунанда об мешаванд ва ин метавонад ба камбуди об, пастравии истеҳсоли нерӯи барқ ва ноустувории иҷтимоӣ дар минтақа сабаб гардад. Ин вазъ зарурати андешидани чораҳои фаврӣ ва ҳамоҳангшудаи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳониро тақозо мекунад.

Дар ин замина, саҳми Тоҷикистон дар амалӣ кардани Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва татбиқи дипломатияи экологӣ аҳамияти хосса касб менамояд. Тоҷикистон бо дарки масъулияти худ дар назди ҷомеаи байналмилалӣ мекӯшад, ки ба воситаи ҳамгироии сиёсати экологӣ ба стратегияҳои рушди миллӣ ва иштироки фаъол дар ташаббусҳои ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти иқлимӣ мусоидат кунад. Ҳадафҳои рушди устувор ҳамчун барномаи умумибашарӣ барои аз байн бурдани камбизоатӣ, таъмини некӯаҳволӣ ва ҳифзи муҳити зист қабул шудаанд ва то соли 2030 ба иҷро расидани онҳо барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон вазифаи ҳатмӣ мебошад.

Рушди устувор як низоми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки эҳтиёҷоти насли имрӯзро бидуни коста кардани имкониятҳои наслҳои оянда дар назар мегирад. Ин консепсия дар худ як фалсафаи навро таҷассум мекунад, ки бар асоси он рушди иқтисодӣ бояд бо масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамоҳанг бошад. Аз нигоҳи Созмони Милали Муттаҳид, рушди устувор бо 17 ҳадафи асосӣ пайванд аст, ки самтҳои гуногунро фаро мегиранд, аз ҷумла маҳви камбизоатӣ, таъмини ғизо, дастрасӣ ба оби тоза ва тозакунӣ, таъмини энергияи тоза ва дастрас, рушди иқтисодиёти устувор, коҳиш додани нобаробарӣ, рушди шаҳрҳои устувор, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, мубориза бо тағйирёбии иқлим ва ҳифзи гуногуншаклии биологӣ. Тоҷикистон ба сифати як кишвари кӯҳсор ва дорои манбаъҳои муҳими обӣ, дар бисёре аз ин ҳадафҳо масъулияти дучанд дорад, зеро он на танҳо манфиати дохилии кишварро дар бар мегирад, балки таъсири минтақавӣ ва байналмилалӣ низ дорад. Масалан, захираҳои обии Тоҷикистон барои таъмини амнияти обӣ ва энергетикии тамоми Осиёи Марказӣ аҳамияти ҳаётӣ доранд ва истифодаи устувори онҳо метавонад ба коҳиши хавфҳои иқлимӣ дар миқёси васеъ мусоидат кунад.

Тоҷикистон як қатор стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ таҳия ва қабул намудааст, ки татбиқи онҳоро барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор равона кардаанд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи гузариш ба

иқтисоди сабз барои солҳои 2023–2037, Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим аз ҷумлаи санадҳое мебошанд, ки сиёсати кишварро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор муайян месозанд. Дар доираи ин стратегияҳо тадбирҳо барои коҳиши осебпазирии бахшҳои иқтисодиёт, баланд бардоштани устувории инфрасохтор, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, ҷалби сармоягузориҳои сабз, таҳкими иқтидори институтсионалӣ, рушди илму таҳқиқот ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ҳамчун самтҳои калидӣ муайян гардидаанд.

Дипломатияи экологӣ бошад, маҷмӯи амалҳоест, ки давлатҳо ба хотири ҳалли мушкилоти муҳити зист тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ анҷом медиҳанд. Ин раванд ҳамкорӣ дар соҳаи таҳқиқот, мубодилаи иттилоот, дастгирии молиявӣ, татбиқи технологияҳои тоза ва таҳияи сиёсати муштаракро дар бар мегирад. Тоҷикистон бо назардошти мавқеи геостратегӣ ва иқлимии худ, дар ин арса кӯшиши ҳамешагӣ ба харҷ медиҳад, то сиёсати экологиро ба сатҳи байналмилалӣ расонад. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ, кишвар сиёсати фаъоли дипломатияи экологиро пеш мебарад, ки дар он истифодаи захираҳои обӣ, рушди энергетикаи сабз, ҳифзи гуногуншаклии биологӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ҳамчун афзалиятҳои асосӣ муайян шудаанд.
Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир ба як ташаббускори фаъол дар масъалаҳои байналмилалии об ва иқлим табдил ёфтааст. Давлат бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид як қатор ташаббусҳои ҷаҳониро роҳандозӣ намудааст, аз ҷумла Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкории об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор» (2018-2028) ва Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025). Ин ташаббусҳо мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун пешсафи ҷаҳонӣ дар масъалаҳои об ва иқлим тақвият бахшиданд ва ба ташкили платформаҳои нави ҳамкории минтақавию байналмилалӣ мусоидат карданд.

Дар баробари ин, Тоҷикистон ба таҳия ва татбиқи санадҳои муҳими байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи асосии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, Протоколи Киото ва Созишномаи Париж пайвастааст. Ин узвият имкон медиҳад, ки кишвар аз дастгирии техникӣ ва молиявии фондҳои ҷаҳонӣ, ба мисли Фонди Сабзи Иқлим ва Фонди Глобалии Муҳити Зист, баҳраманд гардад ва дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои миллии мутобиқшавӣ ва коҳишдиҳӣ таҷрибаҳои пешқадамро истифода барад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳама, метавон гуфт, ки Тоҷикистон бо вуҷуди имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ ва сатҳи осебпазирии баланд, кӯшиш дорад ба як намунаи мусбати ҳамгироии рушди устувор ва дипломатияи экологӣ табдил ёбад. Ин сиёсат ба кишвар имкон медиҳад, ки дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии иқлим саҳмгузор бошад ва ҳамзамон рушди иқтисодиву иҷтимоии дохилии худро низ таъмин кунад. Ҳадафи ниҳоӣ эҷоди ҷомеае мебошад, ки дар он рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун се пояи асосии устуворӣ бо ҳам дар тавозун қарор доранд.

Яке аз бахшҳои муҳими ҳамкории байналмилалӣ дар самти тағйирёбии иқлим, ҷалби сармоягузориҳои сабз ба ҳисоб меравад. Сармоягузориҳои сабз ба лоиҳаҳо равона шудаанд, ки дар баробари манфиатҳои иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зистро низ таъмин мекунанд. Дар Тоҷикистон, лоиҳаҳои марбут ба истифодаи энергияҳои барқароршаванда, идоракунии устувори захираҳои об, ва дигар ташаббусҳои экологӣ аз тарафи шарикони рушд, созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва бахши хусусӣ дастгирӣ меёбанд.

Тоҷикистон дорои потенсиали бузурги гидроэнергетикӣ мебошад ва истифодаи ин имкониятҳо бо риояи стандартҳои экологӣ метавонад ба коҳиш додани партобҳои гази гулхонаӣ мусоидат намояд. Лоиҳаҳое чун НБО Роғун, ки бо риояи талаботи муҳити зист сохта мешаванд, метавонанд ба рушди иқтисодӣ ва дар айни замон ба ҳадафҳои иқлимии кишвар хидмат кунанд.

Лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо намунаи хуби ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Пиряхҳои Тоҷикистон ҳамчун манбаъҳои асосии оби Осиёи Марказӣ зери хатари обшавӣ қарор доранд. Тоҷикистон маркази минтақавии омӯзиши

пиряххоро таъсис додааст, ки бо дастгирии шарикони байналмилалӣ фаъолият мекунад. Ин марказ ба омӯзиш, мониторинг ва таҳлили равандҳои обшавии пиряххо ва таъсири онҳо ба экосистемаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ машғул аст.

Ҳамкориҳои илмӣ ва иттилоотии байни кишварҳои минтақа дар мавзӯи пиряххо, таҳияи сиёсатҳо ва стратегияҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро осонтар мегардонад. Бо истифода аз технологияҳои замонавӣ, чун дурнамоии моҳворавӣ ва таҳлили маълумоти обуҳавошиносӣ, таҳқиқоти мукаммалтар ва асосноктари илмӣ имконпазир гаштаанд.

Ҷалби ҷомеа ва таҳкими маърифати экологӣ дар ҳамаи сатҳҳо –аз муассисаҳои таълимӣ то ҷомеаи шаҳрвандӣ –барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим аҳамияти калидӣ дорад. Баргузории маъракаҳои иттилоотӣ, омӯзишҳои минтақавӣ, ҷорӣ кардани барномаҳои таълимии экологӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, инчунин дастгирии ташаббусҳои иҷтимоӣ дар ин самт заруранд.

Тоҷикистон ҳамчун як кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои обӣ, бо дарки масъулияти худ дар назди наслҳои оянда ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, талош дорад бо роҳи рушди устувор ва дипломатияи экологӣ ба ҳалли мушкилоти глобалии иқлим саҳмгузор бошад. Пайвастан ба ташаббусҳои байналмилалӣ, татбиқи лоиҳаҳои устувор, ҷалби сармоягузориҳои сабз ва таҳкими ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ самтҳоеанд, ки метавонанд на танҳо суботи экологиро таъмин кунанд, балки заминаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро низ муҳайё созанд.

Яке аз бахшҳои муҳим ва ояндадор дар ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим ҷалби сармоягузориҳои сабз ба ҳисоб меравад. Сармоягузориҳои сабз ба лоиҳаҳое равона мешаванд, ки дар баробари таъмин намудани манфиатҳои иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зистро низ дар назар доранд ва барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор нақши муҳим мебозанд. Ин гуна сармоягузориҳо метавонанд тавозуни байни рушду саноатисозӣ ва ҳифзи экосистемаҳои табииро таъмин намоянд, ки яке аз шартҳои асосии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ, ки тағйирёбии иқлим ба яке аз бузургтарин таҳдидҳои асри XXI табдил ёфтааст, аксари кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ниёз ба ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои мутобиқсозӣ ва коҳишдиҳӣ доранд. Бинобар ин, рушди бозори сармоягузориҳои сабз ва таҳкими ҳамкориҳо бо муассисаҳои молиявии байналмилалӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд аҳамияти калидӣ касб кардааст. Тоҷикистон ба ин раванд фаъолона ҳамроҳ шуда, бо ҷалби грантҳо, қарзҳо ва сармояҳои мустақим, кӯшиш менамояд тарҳҳои муҳими экологиро амалӣ намояд.

Тоҷикистон аз нигоҳи захираҳои обӣ яке аз кишварҳои бойи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти расмӣ, зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии минтақа аз ҳудуди Тоҷикистон сарчашма мегиранд, ки имкониятҳои бузурги гидроэнергетикиро фароҳам меоранд. Истифодаи дурусти ин потенсиал на танҳо барои таъмини энергияи тоза ва дастрас, балки барои коҳиш додани вобастагӣ аз сӯзишвории фо́ссилӣ ва коҳиши партобҳои гази гулхонаӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аз ҷумла, сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун яке аз бузургтарин тарҳҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ҷалби маблағгузориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ амалӣ шуда истодааст. Ин тарҳ бо риояи талаботи экологӣ, меъёрҳои бехатарӣ ва стандартҳои байналмилалӣ сохта мешавад ва дар оянда метавонад на танҳо талаботи дохилии Тоҷикистонро ба барқ пурра қонеъ гардонад, балки содироти барқи тоза ба кишварҳои ҳамсояро низ таъмин кунад. Ин амр барои рушди иқтисодӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт ва инчунин коҳиш додани изи карбон мусоидат мекунад. Ҳамзамон, дар кишвар лоиҳаҳои хурд ва миёнаи гидроэнергетикӣ, истифодаи офтоб ва бод низ фаъолона рушд меёбанд, ки ба коҳиши фишор ба экосистемаҳо ва баланд бардоштани устувории низоми энергетикӣ мусоидат менамоянд.

Пиряххои Тоҷикистон на танҳо дорои аҳамияти миллӣ, балки минтақавӣ мебошанд, зеро онҳо манбаи асосии ташаккули дарёҳои бузурги Осиёи Марказӣ ба шумор мераванд. Аммо дар даҳсолаҳои охир бинобар гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлим, раванди обшавии босуръати онҳо мушоҳида мешавад. Ин раванд хавфҳои ҷиддӣ барои таъминоти об, амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли энергия ва экосистемаҳо ба миён меорад. Бо дарки ин хатарҳо,

Тоҷикистон бо дастгирии шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, ЮНЕСКО, ПРООН, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиёӣ ва дигарон Маркази минтақавии омӯзиши пиряххоро таъсис дод. Ин марказ ба таҳқиқ, мониторинг, омӯзиш ва таҳлили равандҳои пиряххо машғул буда, базаи иттилоотии мукаммал оид ба тағйироти иқлимӣ ва гидрологиро таҳия мекунад. Ин марказ ба яке аз платформаҳои муҳими ҳамкории илмӣ ва иттилоотӣ дар минтақа табдил ёфтааст, ки тадқиқотчиён, олимон ва мутахассисони кишварҳои Осиёи Марказиро муттаҳид месозад. Бо истифода аз технологияҳои муосир, ба мисли дурнамоии моҳворавӣ, сенсорҳои автоматӣ, дронҳо ва моделсозии иқлим, таҳқиқоти амиқ ва асосноки илмӣ амалӣ мегарданд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои таҳияи стратегияҳои миллию минтақавии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунии захираҳои об истифода мешаванд.

Барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, танҳо татбиқи лоиҳаҳои техникӣ кифоя нест, зарурати баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва иштироки фаъолонаи ҷомеа низ хеле муҳим аст. Дар Тоҷикистон, бо ташаббуси вазорату идораҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, барномаҳои гуногуни таълимии экологӣ роҳандозӣ шудаанд. Дар мактабҳо ва донишгоҳҳо дарсҳои махсус оид ба экология, тағйирёбии иқлим, истифодаи самараноки об ва энергетика ворид карда шудаанд. Маъракаҳои иттилоотӣ, семинарҳо ва омӯзишҳои минтақавӣ низ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ мусоидат мекунанд. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва васоити ахбори омма дар ин самт низ афзоиш ёфта истодааст. Ташаббусҳои иҷтимоӣ оид ба ниҳолшинонӣ, тозакунии муҳити зист, сарфакоронаи истифода бурдани захираҳо ва пешгирии ифлосшавӣ ҳавасманд гардонда мешаванд. Ин ҳама дар маҷмӯъ фазои нави экологӣ ва фарҳанги нави муносибат ба табиатро дар ҷомеа ташаккул медиҳанд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим барои Тоҷикистон на танҳо воситаи ҷалби маблағ ва дастгирии техникӣ, балки платформа барои тақвияти мавқеи кишвар ҳамчун шарики масъули ҷаҳонӣ мебошанд. Тоҷикистон, ки кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои обӣ аст, дарк мекунад, ки нақши он дар таъмини амнияти обии минтақа ва ҳифзи экосистемаҳои кӯҳӣ ниҳоят муҳим аст. Пайвастан ба ташаббусҳои байналмилалӣ, татбиқи лоиҳаҳои устувор, ҷалби сармоягузориҳои сабз, таҳкими ҳамкории илмӣ, рушди энергетикаи тоза, ҳифзи пиряххо ва боло бурдани маърифати экологӣ ҳамаи ин самтҳо метавонанд на танҳо суботи экологиро таъмин намоянд, балки барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар низ заминаи устувор гузоранд. Дар маҷмӯъ, таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танҳо бо муттаҳид кардани кӯшишҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, бо истифода аз имкониятҳои илм, молия ва технология, метавон ба ҳадафҳои иқлимӣ расид ва барои наслҳои оянда муҳити зисти солимро ҳифз кард.

## АДАБИЁТ


1. United Nations. Transforming our world: The 2030 Agenda for Sustainable Development. – New York: United Nations, 2015. – 41 с.
2. United Nations Development Programme. Climate Change Adaptation in Tajikistan [Манбаи электронӣ]. – 2022. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.adaptation-undp.org (муроҷиат 23.05.2025).
3. World Bank. Green Finance and Climate Change in Central Asia [Манбаи электронӣ]. – 2021. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.worldbank.org (муроҷиат 23.05.2025).
4. Government of the Republic of Tajikistan. National Strategy on Climate Change Adaptation 2021–2030. – Душанбе, 2021. – 68 с.
5. CAREC – Маркази минтақавии муҳити зисти Осиёи Марказӣ. Regional Cooperation on Glacier Preservation in Central Asia. – Алмаато: CAREC, 2020. – 56 с.
6. United Nations Environment Programme. Environmental Diplomacy and Multilateralism [Манбаи электронӣ]. – 2022. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.unep.org (муроҷиат 23.05.2025).

7. Asian Development Bank. Country Partnership Strategy: Tajikistan, 2021–2025. – Манила: Asian Development Bank, 2020. – 54 с.
8. Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan. Renewable Energy Potential of Tajikistan. – Душанбе, 2021. – 72 с.
9. Intergovernmental Panel on Climate Change. Sixth Assessment Report. – Geneva: IPCC, 2021. – 3949 с.
10. Раҳмон Э. Speech at the UN Water Conference [Манбаи электронӣ]. – Ню-Йорк, 2023. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.prezident.tj (муроҷиат 23.05.2025).

## МУНОСИБАТҲОИ ИЛМИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА СИФАТИ ҲАВО ДАР ТОҶИКИСТОН

**Исматова Назрбӣ Шириншоевна**
номзади илмҳои таърих
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Дар мақолаи мазкур оиди дастовардҳои назарраси илмии байналмилалии лабораторияи физикаи атмосфераи Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи мллии илмҳои Тоҷикистон дар самти омузиши тағйирёбии иқлим ва сифати ҳаво таҳлилҳо гузаронида шудааст. Хусуан дастовардҳои давраи истиқлолияти кишвар дар ворид намудани таҷҳизотҳои нодир дар чорчубаи муносмибатҳои байналмилалалии илмӣ имконят доданд, ки таҳқиқотҳо дар соҳаи тағйирёбии иқлим ва сифати ҳаво дар Тоҷикистон дар сатҳи балан бардошта шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *тағйирёбии иқлим, сифати ҳаво, муносибатҳои байналмилалии илмӣ, таҷҳизотҳои нодир, лазер, лидар, фотометри офтобӣ.*

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ НАУЧНЫЕ СВЯЗИ ПО ИЗМЕНЕНИЮ КЛИМАТА И КАЧЕСТВУ ВОЗДУХА В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Исматова Назрби Шириншоевна**
кандидат исторических наук
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*В статье анализируются значимые международные научные достижения Лаборатории физики атмосферы Физико-технического института им. С.У. Умарова Национальной академии наук Таджикистана в области изучения изменения климата и качества воздуха. В частности, при импорте уникальных оборудований в период период независимости страны в рамках международных научных связей позволили исследованиям в области изменения климата и качества воздуха в Таджикистане выйти на высокий уровень.*

***Ключевые слова:*** *изменение климата, качество воздуха, международные научные связи, редкое оборудование, лазер, лидар, солнечный фотометр.*

## INTERNATIONAL SCIENTIFIC COOPARATION ON CLIMATE CHANGE AND AIR QUALITY IN TAJIKISTAN

**Ismatova Nazrbi Shirinshoevna**
Candidate of Historical Sciences
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article analyzes significant international scientific achievements of the Laboratory of Atmospheric Physics of the S.U. Umarov Physical-Technical Institute of the National Academy of Sciences of Tajikistan in the study of climate change and air quality. In particular, the import of unique equipment during the period of independence of the country within the framework of international scientific relations allowed research in the field of climate change and air quality in Tajikistan to reach a high level.*

***Keywords:*** *climate change, air quality, international scientific relations, rare equipment, laser, lidar, solar photometer*

Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст баъд аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ тоҷиконро душманони он ба ҷанги бародаркуш оварданд. Агар ваҳдати миллии тоҷикон намебуд мо ба вартаи ҳалокат дучор мегардидем. Ин ваҳдат бузургтарин ва тақдирсозтарин

ва арзандатарин дастоварди бузурги халқи тоҷик буд, ки он маҳз бо кӯшишу талошҳо ва ҷонбозиҳои қаҳрамононаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амал татбиқ шуд. Феълан дар минтақаҳои гуногуни олам ҷанги шаҳрванди давом дорад ва месазад, ки ин таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар ин кишварҳо барои ба даст овардани сулҳи бардавом ҳамчун намуна тадбиқ шуда, мавриди омӯзиши дигар кишварҳо гардад. Зиёда аз чоряк аср тоҷикон дар фазои сулҳи бардавом, боварӣ ба ояндаи дурахшон умр ба сар мебаранд, ҳар яке дар ҷои кори худ фаъолияти пурсамари хешро давом дода шукрона аз истиқлолият, шукрона аз ваҳдати пойдори миллати куҳанбунёди худ мекунанд. Бигузор ин ваҳдат абадӣ бошад.

Баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани исиқлолият ва ваҳдати миллӣ ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ ба дараҷаи баланд густариш ёфтанд.

Таҳқиқот дар чорчубаи лоиҳаи Маркази Байналмиллалии илми Техники (МБИТ) бо дастгирии олимони ИМА ва Созмони Аврупо (2009-2011; 2013-2016) имконият дод ки ба лабораторияи мазкур таҷҳизотҳои нодир барои омӯзиши пайомадҳои тағйирёбии иқлим ворид гардад.

Дар ин давра баргузории конфорнси байналмилали оид ба тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ бо иштироки олимони ДММ дар Академияи илмҳои ҶТ (ш.Душанбе 22-24 майи соли 2012) бо дастгирии раёсати АИ ҶТ ва маблағгузории МБИТ ва Бонки миллии мо ба муносибатҳои илмии ин лаборатория як такони назаррас расонид.

Яке аз пурмаҳсултарин муносибатҳои илмии байналмилалӣ ин ҳамкории ЛФА ИФТ ба номи С.У.Умарови АМИТ бо гуруҳи лидари Институти таҳқиқоти тропосфераи Олмон (ТРОПОС) ба номи Лейбнис мебошад. Бо дастгири бевоситаи Ҳукумати кишвар ва раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи октябри соли 2014 байни Тоҷикистон ва Олмон яъне байни институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарова АИ ҶТ ва институти таҳқиқоти тропосферии ба номи Лейбниси Олмон (ТРОПОС) шартномаи ҳусни тафоҳум ва ҳамкории илми оиди таҳқиқоти якҷояи буҳрони чангу ғубор дар Тоҷикистон (лоиҳаи CADEX) ба имзо расид. Ин лоиҳа бо дастгирию маблағгузории Вазорати маориф ва илми Олмон муяссар гардид. Тибки ин лоиҳа таҳқиқоти атмосфера бо фотометри офтобӣ, лидар ва таҷҳизотҳои дигар дар давоми солҳои 2014-2016 гузаронида шуд.

Дар чорчубаи ин таҳқиқот 06-12 апрели соли 2019 конфоронси байналмилали бо иштироки 80 нафар олимон аз 18 кишвари олам дар Академияи илмҳои ҶТ баргузор гардид. Ин конфоронс бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон, Созмони Аврупо, Вазорати маориф ва илми Олмон, бо маблағгузории бунёди Фолксваген ва бо ташабуси кормандони ЛФА ИФТ ба номи С.У.Умарови АМИТ ва гуруҳи лидари ТРОПОС бомуваффакият баргузор гардид. Мақолаҳои дар конфоронс пешниҳодшуда дар Web of Conference чоп гардиданд ва бо иштироки ВАО дар тамоми шабакоҳои Чумҳури ва берун аз он муаррифӣ карда шуд [3-11]. Дар баргузории ин конфоронси байналмилали хизмати Раёсати Академия ва зерсохторҳои он бахусус Шӯъбаи байналмилалии он ва Раёсати ИФТ ба номи С.У.Умарови АМИТ ва кормандони он назаррас буд.

Феълан лабораторияи физикаи атмосфера ҳамкории байналмилалиро оиди омӯзиши равандҳои атмосфера тағйирёбии иқлим ва сифати ҳаво бо: Маъмурияти миллии аэронавтика ва кайҳон (NASA) AERONET Network (ИМА); Лаборатоия оптикаи атмосфераи Донишгоҳи илм ва технологияи Лилле, гуруҳи «Фотон» Фаронса; Институти таҳқиқоти тропосферии Олмон, Лейбниц (TROPOS); Лабораторияи калидии тағйирёбии иқлими минтақаи хушки Вазорати маориф ва Коллеҷи илмҳои атмосфераи Донишгоҳи Ланчжоу, ҶХХ; Институти таҳқиқоти Тибети Академияи илмҳои ҶХХ; Институти физикаи атмосфераи Академияи илмҳои ҶХХ; Лабораторияи калидии илмии криосфера Институти шимолу ғарбии муҳити зист ва захираҳои экологӣ ва Маркази такмили Академияи илмҳои ҶХХ оид ба Илмҳои Замини Тибет ва Донишгоҳи Академияи илмҳои ҶХХ; Лоиҳаи фаъолиятҳои ҳамгироии ACTRIS-2 (IA) аз барномаи таҳқиқот ва навовариҳои Созмони Аврупо ГОРИЗОНТ-2020; Коллеҷи илмҳои оптикӣ ва муҳандисӣ, Донишгоҳи Зеджанг, ҶХХ; Лаборатория динамикаи атмосфераи Расадхонаи асосии геофизикии Донишгоҳи Санкт-Петербург; Институти

физикаи атмосфера ба номи А.М. Обухови Академияи илмҳои Россия; Маркази имконоти факултаи геоэкологияи Донишгоҳи Давлатии Санкт-Петербург; Маркази федералии илмии минералогия ва геоэкологияи бахши Уралии Академияи илмҳои Россия; Институт оптикаи атмосфераи бахши Сибирии Академияи илмҳои Россия Институти маркази аэрогидродинамикии ба номи профессор В.Е.Жуковский (ш.Москва), Донишгоҳи давлатии Беларус давом дода истодааст.

*In recent years, the Republic of Tajikistan has become one of the leading initiators of solving water problems at the international level. Deeply aware of the importance of water as a key factor in sustainable development, environmental and socio-economic security, Tajikistan consistently puts forward important global initiatives on the rational use of water resources. These initiatives have received broad support at the level of the United Nations and other international organizations and determine the country's contribution to the formation of global water policy.*

***Keywords***: *global problems, initiatives, United Nations, goals, international conference, water diplomacy, international relations.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои муносибатҳои байналмилали ташаббусҳои калидии худро дар раванди бартараф кардани масъалаҳои обу иқлим саҳми арзандаро гузошта истодааст. Воқеан имруз дар радифи давлатҳои абарқудрат ва пешқадам ҳамчун як ниҳоди пешбаранда ва ташаббускорона баҳри ҳаллу фасли муаммоҳои глобалӣ иқдомҳои беназири худро нишон дода истодааст [14].

***Эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015)***

Яке аз ташаббусҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти об эълони Даҳсолаи байналмилалии амал бо номи «Об барои ҳаёт» (International Decade for Action "Water for Life", 2005-2015) мебошад, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон дар иҷлосияи 58-уми Маҷмааи Умумии СММ (соли 2003) қабул гардид. Ин даҳсола ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷаҳонӣ дар мавриди аҳамияти об, беҳтарсозии дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва беҳдошт равона гардида буд. Даҳсола платформае фароҳам овард, ки дар он кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкорӣ роҳҳои истифодаи устувори захираҳои обро баррасӣ намуданд.

Илова бар ин, ташаббуси мазкур ба татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва баъдан Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намуд. Дар раванди амалисозии даҳсола конфронсҳо ва форуми байналмилалӣ доир гардиданд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳими глобалӣ, аз қабили идоракунии муштараки захираҳои об, пешгирии таназзули муҳити зист ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим муҳокима мешуданд.

Тоҷикистон ҳамчун пешсафи мубориза барои таъмини дастрасӣ ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Ташаббуси «Об барои ҳаёт» ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт, ҷалби маблағгузории хориҷӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир барои идоракунии самараноки захираҳои об дар кишварҳои рӯ ба рушд замина фароҳам овард. Дар натиҷа, Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун ташаббускори фаъоли масъалаҳои об дар арсаи ҷаҳонӣ таҳким бахшид ва баъдан ташаббусҳои дигарро низ пешниҳод кард, аз ҷумла эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал бо номи «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028.

***Ташаббуси Даҳсолаи дуюми байналмилалӣ «Об барои рушди устувор» (2018-2028)***

Иқдоми навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина пешниҳоди Даҳсолаи дуюм бо номи «Об барои рушди устувор» (International Decade for Action "Water for Sustainable Development", 2018-2028) [1] мебошад. Ин ташаббус, ки аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ қабул гардид, ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (Sustainable Development Goals – SDGs), хусусан Ҳадафи 6 – таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт барои ҳама, мусоидат менамояд.

Даҳсолаи мазкур масъалаҳои муҳими глобалӣ, аз қабили идоракунии ҳамгирои захираҳои об, истифодаи оқилонаи об, беҳтарсозии ҳамкориҳои фаромарзӣ, кам кардани танишҳо миёни кишварҳо дар масъалаҳои об ва таҳкими рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии ҷомеаҳоро дар меҳвари фаъолияти байналмилалӣ қарор медиҳад. Ин ташаббус на танҳо идомаи мантиқии иқдомҳои қаблӣ мебошад, балки ҳамчун посух ба чолишҳои нав, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва ниёз ба об дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат низ арзёбӣ мешавад.

Тоҷикистон дар доираи ин даҳсола як қатор чорабиниҳои байналмилалиро мизбонӣ кардааст, аз ҷумла Конфронси байналмилалӣ оид ба баррасии ҳадафҳои даҳсола, Форуми сатҳи баланд ва дигар ҳамоишҳо, ки дар онҳо намояндагони сатҳи баланд, коршиносони байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат меварзанд. Ин чорабиниҳо ба тавсеаи ҳамкориҳо, мубодилаи таҷриба ва таҳияи механизмҳои амалии таъмини дастрасӣ ба об ва идоракунии захираҳои он равона шудаанд.

Даҳсолаи «Об барои рушди устувор» Тоҷикистонро ҳамчун роҳбари маънавии масъалаҳои об дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, ҳамзамон кишварҳоро ба амалҳои муштарак ва масъулиятшиносӣ дар ҳифз ва истифодаи захираҳои оби ҷаҳон даъват мекунад.

***Форумҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ дар Душанбе***

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби ин ташаббусҳо якчанд форуми сатҳи баландро мизбонӣ намудааст. Аз ҷумла, Форуми байналмилалии об дар Душанбе, ки бо дастгирии Созмони

Милали Муттаҳид баргузор мегардад, ба як платформаи муътамади мубодилаи таҷрибаҳо, дониш ва андешаҳо миёни кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ табдил ёфтааст.

Ин форум дар солҳои 2018, 2022 ва 2024 баргузор гардида, ба баррасии мавзӯъҳои муҳими глобалӣ, аз қабили истифодаи устувори захираҳои об, об ҳамчун воситаи сулҳ ва ҳамкории байналмилалӣ, нақши об дар рушди устувор, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об бахшида шудааст. Дар ҷараёни ин ҳамоишҳо, намояндагони баландпояи кишварҳои гуногун, намояндагони СММ, созмонҳои минтақавӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳҳои нави ҳамкорӣ ва татбиқи муштараки барномаҳои обиро муҳокима ва таҳия менамоянд.

Ҳамоишҳои мазкур бо қабули изҳоротҳои сиёсӣ, нақшаҳои амали муштарак ва ташаккули ташаббусҳои нави глобалӣ анҷом меёбанд, ки ба таҳкими нақши об дар таъмини сулҳ, субот ва рушди фарогири ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун кишвари ташаббускор ва раҳнамо дар масъалаҳои об дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам таҳким мебахшад.

***Конфронси СММ оид ба масъалаҳои об (2023)***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон бо Подшоҳии Нидерландия Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои обро дар соли 2023 ҳамроҳона роҳандозӣ намуд – аввалин конфронси сатҳи баланди СММ оид ба об баъд аз соли 1977. Ин ҳамоиши таърихӣ дар сиёсати ҷаҳонии об мавқеи беназир касб кард ва таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба чолишҳои глобалӣ, аз ҷумла камбуди дастрасӣ ба оби нӯшокӣ, зарурати идоракунии устувори захираҳои об ва андешидани чораҳои фаврӣ ҷалб намуд.

Тоҷикистон дар ин конфронс бо пешниҳодҳои созанда, таҷрибаҳои муваффақи минтақавӣ ва ташаббусҳои фарогири худ мавқеи пешсафии худро ҳамчун кишвари ташаббускор дар масъалаҳои оби нӯшокӣ ва захираҳои оби транссарҳадӣ боз ҳам таҳким бахшид. Ин ҳамоиш заминаи муҳими таҳия ва қабули Нақшаи амал ("Water Action Agenda") [2] гардид, ки ҳадаф дорад ҷаҳониёнро ба иқдомҳои мушаххас ва муштарак дар самти ҳифз, идора ва истифодаи самараноки захираҳои об равона созад.

***Тақвияти "Дипломатияи об" ва мавқеъгирии геосиёсии Тоҷикистон***

Ташаббусҳои пайвастаи Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ дар амалӣ намудани "дипломатияи об" нақши муассир дошта, ба таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи сиёсати глобалӣ ва минтақаӣ мусоидат мекунад. Маҳз тавассути ин сиёсати фаъол, Тоҷикистон дар ҳалли мунокишаҳои эҳтимолии обӣ ва ташкили равобити мусбат дар Осиёи Марказӣ саҳми назаррас мегузорад.

Дар маҷмуъ, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъалаҳои об на танҳо мушкилоти дохилиминтақавиро дар сатҳи байналмилалӣ матраҳ мекунанд, балки ба шаклгирии консепсияҳои нав дар самти идоракунии устувори об дар миқёси ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд. Ин иқдомҳо боиси баланд шудани эътибори дипломатии Тоҷикистон ва табдил ёфтани он ба маркази муҳими сиёсатгузории об дар сатҳи байналмилалӣ гардидаанд.

Тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ дар минтақа сабаби зиёд шудани талабот ба об гардидааст, дар ҳоле ки ҳаҷми манобеи дастрас коҳиш меёбад. Дар чунин шароит, бе низоми ҳамоҳангшудаи минтақавӣ идора кардани равандҳо ғайриимкон мегардад. Яке аз таъсирҳои эҳтимолии тағйири иқлим – коҳиши ҷараёни дарёҳо ва номутавозун шудани тақсимоти фаслӣ – метавонад вазъи мавҷударо боз ҳам мураккабтар намояд.

Ташкили як низоми фарогир ва ҳамоҳангшудаи минтақавӣ имкон медиҳад:

1. Истифодаи одилонаи захираҳо: кишварҳо метавонанд обро на танҳо бо назардошти манфиатҳои миллӣ, балки бо назардошти уҳдадориҳои минтақавӣ истифода баранд.
2. Коҳиши танишҳо ва эътимодсозӣ: ҳамоҳангсозии сиёсати обӣ воситаи муҳими пешгирии ихтилофот ва афзоиши эътимоди сиёсӣ мебошад.

3. Таъмини рушди устувор:якҷоясозии иқдомҳо имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои рушди минтақавӣ – аз ҷумла истифодаи муштараки гидроэнергетикӣ ва аграрӣ – муассиртар ва самараноктар бошанд.
4. Мониторинги муштарак ва шаффоф: бо истифодаи низоми иттилоотӣ ва шабакаҳои мониторинг, маълумот дар бораи захираҳо ва истифодаи онҳо дастрас ва боэътимод мешавад.

Барои таъмини ҳамоҳангии пойдор, ташкили як ниҳоди минтақавии мустақили техникӣ ва сиёсии ҳамкорӣ зарур аст, ки метавонад ҳамчун маркази банақшагирӣ, арзёбӣ, мониторинг ва мусолиҳа фаъолият намояд. Яке аз моделҳои пешниҳодшаванда метавонад шабеҳи Комиссияи ҳавзаи дарёи Дунай бошад, ки кишварҳои Аврупои Шарқӣ дар атрофи он ба ҳамкории муваффақ ноил гаштаанд.

Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Бонки Ҷаҳонӣ, ESCAP ва UNECE, метавонанд дар раванди ташкили ин низом нақши калидӣ бозанд – тавассути мусоидат ба таҳияи асоси ҳуқуқӣ, таъмини маблағгузорӣ, баргузории музокирот ва пешниҳод намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ.

Дар натиҷа, ташкили низоми ҳамоҳангшудаи минтақавии идоракунии захираҳои обӣ на танҳо зарурат, балки як шарти муҳим барои таъмини амнияти обӣ, рушди устувор ва сулҳу суботи сиёсӣ дар минтақа ба шумор меравад. Ин раванд бояд ба таври ҳамкорона, фарогир ва дар асоси эътимоди мутақобила сурат гира

Масъалаи захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ дар замони муосир яке аз муҳимтарин ва ҳассостарин масъалаҳои стратегӣ ба шумор меравад, ки дар муҳокимарониҳо ва сиёсати кишварҳои минтақа нақши меҳварӣ дорад. Афзоиши аҳолӣ, рушди иқтисодиёт, тағйирёбии иқлим, норасоии инфрасохтор ва тақсимоти ғайримуътадили захираҳо боиси афзоиши танишҳои обӣ дар миёни давлатҳо гардидаанд. Дар чунин вазъияти мураккаб, масъалаи идоракунии оқилонаи об ва ҳамкории минтақавӣ беш аз ҳарвақта аҳамияти бузург пайдо намудааст [9].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани қариб 60 фоизи захираҳои обии минтақа ва манбаъҳои бузурги дарёҳои Амударё, Вахш ва Сирдарё, дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати обии Осиёи Марказӣ қарор дорад. Сарчашмаҳои обии кишвар на танҳо барои эҳтиёҷоти дохилӣ, балки барои кишварҳои поёноб аҳамияти ҳаётӣ доранд. Мавқеи ҷуғрофии хос ва шароити табиии Тоҷикистон ба он имкон медиҳад, ки ҳамчун як бозигари калидӣ дар ташаккул ва татбиқи стратегияи умумиминтақавии обӣ баромад намояд.

Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда собит гардид, ки захираҳои обӣ танҳо манбаи ҳаёт ва рушд нестанд, балки ҳамчун омили муҳими ҳамкории сиёсии байнидавлатӣ, суботи иҷтимоӣ ва экологии минтақавӣ хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона, одилона ва устувори онҳо бояд дар меҳвари сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ қарор гирад. Мушкилоти ҷойдошта, аз ҷумла ихтилофҳои сиёсии вобаста ба тақсими об, набудани низоми ягонаи идоракунӣ, ҳамоҳангии пасти сиёсати обӣ ва таъсири манфии тағйирёбии иқлим, зарурати рушди роҳҳои нави ҳамкориро тақозо менамояд.

Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ташаббусҳои муҳимеро барои ҳалли ин мушкилот пеш бурдааст. Иқдомҳои байналмилалии кишвар, аз ҷумла пешниҳоди баргузории Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028), баргузор намудани Конфронсҳои сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ низ ҳамчун ҳомии масъалаҳои об баромад мекунад. Ин ташаббусҳо на танҳо ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ, балки ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамзамон, дарки зарурати татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ, монанди сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ҳамчун бахши муҳими таъмини амнияти энергетикӣ ва обии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақа, низ ба таври возеҳ зоҳир гардид. Бо вуҷуди баҳсҳо ва нигарониҳо, ин лоиҳа метавонад ҳамчун намунаи ҳамгироии манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ хизмат кунад.

Дар ниҳоят, метавон ба хулоса омад, ки ба хотири таъмини рушди устувор, суботи сиёсӣ ва амнияти обӣ дар минтақа, зарурати таҳкими сиёсати ҳамгироёна, таъсиси механизми муштараки идоракунӣ, мубодилаи иттилоот, рушди дипломатияи об ва тақвияти эътимоди байниҳамдигарии давлатҳо беш аз ҳарвақта муҳим гардидааст. Танҳо дар асоси иродаи сиёсии устувор, ҳамкории шаффоф ва масъулияти муштарак метавон ба ояндаи амн ва устувор дар соҳаи захираҳои обӣ ноил гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манобеи худ ва мавқеи фаъоли байналмилалӣ, метавонад ҳамчун пешсаф ва ташаббускори равандҳои мусбати минтақавӣ дар ин соҳа баромад намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Раҳмон Э. Об – манбаи ҳаёт ва рушди устувор. – Душанбе: Нашриёт, 2022. – 254 с. (Маҷмӯаи суханрониҳо ва мақолаҳо дар бораи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи захираҳои об).
2. Asian Development Bank. Improving Water Governance in Central Asia: Regional Challenges and Solutions. – Manila: ADB, 2020. – 156 с.
3. FAO. Water Resource Assessment for Central Asia. – Rome: FAO, 2020. – 87 с.
4. Global Water Partnership. Integrated Water Resources Management in Central Asia. – Stockholm: GWP, 2019. – 103 с.
5. UNDP Tajikistan. Climate and Water Vulnerability Assessment in Tajikistan. – Dushanbe: UNDP, 2022. – 112 с.
6. UNECE. Water and Peace in Central Asia. – Geneva: United Nations Economic Commission for Europe, 2022. – 76 с.
7. United Nations. Water for Sustainable Development 2018–2028: Mid-term Review Report. – New York: United Nations, 2023. – 144 с.
8. World Bank. Tajikistan Water Sector Reform Plan. – Washington, DC: World Bank, 2021. – 128 с.
9. Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона. – Душанбе, 2022. – 95 с.
10. Зарифи Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 2012. – 240 с.
11. Мирзошоев Ш. Истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва нақши сиёсатҳои давлатӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 210 с.
12. Назаров Р. Захираҳои обӣ ва сиёсати обии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 198 с.
13. Назаров Т. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 320 с.
14. Назаров Т.Н., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 246 с.
15. Турсунзода Х. Менеҷменти захираҳои обӣ ва рушди минтақаҳо дар Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2023. – 184 с.
16. Центральная Азия – 2010: Перспективы человеческого развития. – Братислава: Региональное бюро ПРООН по странам Европы и СНГ, 2010. – 215 с.

## ЭКОДИПЛОМАТИЯ ВА ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ ҲИФЗИ ИҚЛИМ: ИМКОНИЯТҲО БАРОИ ТОҶИКИСТОН

**Қурбонов Маъруф Муидинович**
Ходими илмӣ
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Макола таҳдидҳои асосии тағйирёбии иқлим барои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, зарурати истифодаи экодипломатияро ҳамчун воситаи сиёсати «нарм» барои ҷалби маблағгузории сабз ва таҳкими ҳамкории минтақавӣ нишон медиҳад. Муаллиф меъёрҳои асосии Саҳми миллӣ-муайяншуда (NDC-2022), ташаббусҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалии об ва рӯзномаи ҳифзи пиряххоро баррасӣ карда, имкониятҳои шарикӣ бо созмонҳои байналмилалӣ (UNDP, GEF, ADB, CAREC)-ро арзёбӣ менамояд. Дар асоси таҳлили санадҳои стратегӣ ва маълумоти лоиҳавӣ, пешниҳодҳои сиёсӣ оид ба беҳбуди ҳамоҳангсозии байниидоравӣ, баланд бардоштани иқтидори институтсионалӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ барои лоиҳаҳои мутобиқшавӣ ва камкунии партовҳои $CO_2$ сурат гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *экодипломатия; тағйирёбии иқлим; пиряхҳо; захираҳои об; ҳамкорӣ минтақавӣ.*

## ЭКОДИПЛОМАТИЯ И МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО В ОБЛАСТИ ЗАЩИТЫ КЛИМАТА: ВОЗМОЖНОСТИ ДЛЯ ТАДЖИКИСТАНА

**Курбонов Маъруф Муйдинович**
Научный сотрудник
Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Статья анализирует ключевые климатические риски для Республики Таджикистан и обосновывает использование экодипломатии как инструмента «мягкой силы» для привлечения зелёных инвестиций и укрепления регионального сотрудничества. Рассматриваются основные положения обновлённого Национально-определяемого вклада (NDC-2022), инициативы по международно-правовому регулированию права на воду и учреждению Международного дня сохранения ледников, а также партнёрские возможности с международными организациями (UNDP, GEF, ADB, CAREC). На основе анализа стратегических документов и проектных данных предложены рекомендации по совершенствованию межведомственной координации, усилению институционального потенциала и мобилизации частного капитала для проектов адаптации и сокращения выбросов парниковых газов.*

***Ключевые слова:*** *экодипломатия; изменение климата; зелёная дипломатия, ледники; водные ресурсы; региональное сотрудничество, Республика Таджикистан.*

## ECODIPLOMACY AND INTERNATIONAL COOPERATION FOR CLIMATE PROTECTION: OPPORTUNITIES FOR TAJIKISTAN

**Kurbonov Maruf Muidinovich**
Researcher
Research Institute for Sustainable Development and Green Economy
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

*The article analyzes key climate risks for the Republic of Tajikistan and substantiates the use of eco-diplomacy as a soft power tool to attract green investments and strengthen regional cooperation. The article examines the main provisions of the updated Nationally Determined Contribution (NDC-2022), the initiative on international legal regulation of the right to water and the establishment of the International Day for the Preservation of Glaciers, as well as partnership opportunities with international organizations (UNDP, GEF, ADB, CAREC). Based on the analysis of strategic documents and project data, recommendations are proposed to improve interagency coordination, strengthen institutional capacity and mobilize private capital for adaptation projects and reduce greenhouse gas emissions*
***Keywords:*** *eco-diplomacy; climate change; green diplomacy, glaciers; water resources; regional cooperation, the Republic of Tajikistan.*

Тағйирёбии иқлим яке аз чолишҳои калидии рушди ҷаҳонӣ дар аввали асри XXI ба ҳисоб меравад. Тибқи баҳодиҳии Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC), афзоиши ҳарорати миёнаи глобалӣ ба коҳиши гуногунии биологӣ, пастшавии ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва зиёд шудани басомади офатҳои табиӣ мусоидат мекунад. Ин раванд устувории низоми иқтисодии кишварҳо, таъминоти озуқаворӣ ва амнияти иҷтимоиро заиф менамояд, бахусус дар иқтисодҳои осебпазир ба монанди кишварҳои рӯ ба тараққӣ. Дар чунин шароит, таъмини ҳамкории фароминтақавӣ–аз ҷумла интиқоли технологияҳои камкардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, рушди бозори карбон ва таъсиси механизмҳои маблағгузории иқлимӣ–ба авлавияти сиёсати хориҷии давлатҳо табдил ёфтааст. Ҳамин талабот боиси ташаккули формати нави ҳамгироии байналмилалӣ–«экодипломатия»–гардид, ки маҷмӯи абзорҳои сиёсати нармро барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ дар сатҳи минтақавӣ ва глобалӣ дар бар мегирад [1].

Дар сатҳи байналмилалӣ экодипломатия дар ҳамоҳангӣ бо ҳадафҳои Созишномаи Париж амалӣ мешавад. Тоҷикистон соли 2016 ба ин созишнома ҳамроҳ шуда, дар муҳлати кӯтоҳ Саҳми миллӣ-муайяншуда (NDC)-и худро таҳия ва соли 2022 нав кард, ки дар он таъмини коҳиши 30 фоизаи партовҳои $CO_2$ то соли 2030 дар муқоиса бо сенарияи «business-as-usual» пешбинӣ гардидааст. Ҳуҷҷати мазкур афзалиятҳои кишварро, аз ҷумла рушди энергетикаи барқароршаванда, самаранокии энергетикӣ ва ҳифзи пиряххоро, муқаррар мекунад.

Соли 2009, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи «Эътирофи ҳуқуқи инсон ба об ва санитария»-ро қабул кард, ки онро зиёда аз 120 далат дастгирӣ намуд . Ин ташаббус мавқеи Тоҷикистонро дар муҳокимаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи об таҳким бахшид. Илова бар ин, қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи таҷлили «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки моҳи декабри соли 2022 қабул шуд, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи ҳифзи пиряхҳои баландкӯҳи Осиёи Марказӣ ҷалб намуд [5]. Ин ду иқдом барои ташаккули эътибори дипломатии кишвар дар масъалаҳои об ва иқлимӣ заминаи муҳим гузоштанд.

Боргирии молиявии лоиҳаҳои мутобиқшавӣ ва коҳиши хавфҳои иқлимӣ бидуни дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва бонкҳои рушд имконнопазир аст. Дар доираи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд (ADB) ва Бонки Аврупоии Бозсозӣ ва Рушд, як қатор лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, барқарорсозии шабакаи энергетикӣ ва идоракунии устувори об маблағгузорӣ шуда истодаанд. Барномаи CAREC «Нақшаи амали иқлимӣ 2025–2027» ба кишварҳои аъзо, аз ҷумла Тоҷикистон, барои рушди энергетикаи барқароршаванда, беҳбуди инфрасохтори об ва татбиқи лоиҳаҳои мутобиқшавӣ дастгирии молиявӣ ва машваратӣ пешниҳод мекунад [4]. Ҳиссаи афзояндаи қарзҳои «сабз», ки ADB то соли 2030 дар назар дорад, имкониятҳои Тоҷикистонро барои ҷалби сармояи иловагӣ зиёд мекунад.

Ҳамкориҳои техникии Тоҷикистон бо Барномаи рушди СММ (UNDP) ва Фонди ҷаҳонии муҳити зист (GEF) дар сатҳи маҳаллӣ ба татбиқи лоиҳаҳои мутобиқшавӣ ва

идоракунии устувори захираҳои об, ки барои муқовимат ба тағйироти иқлим ва раванди бӯҳрони об дар кишвар равона шудаанд, аҳамияти махсус доранд. Ин ҳамкориҳо, ки дар доираи кӯшишҳои байналмилалӣ ва бо дастгирии созмонҳои муҳити зист амалӣ мешаванд, барои таҳкими идоракунии захираҳои об ва мутобиқшавии кишвар ба таъсири тағйироти иқлим дар шароити кӯҳистон ва минтақаҳои хавфноки кишвар, нақши муҳим мебозанд.

Лоиҳаҳои иҷрошаванда бо мақсади ҳифзи манбаъҳои обии мамлакат ва таъмини истиқболи онҳо дар назди ҳодисаҳои табиии ба монанди сел, хушксолӣ ва тармаҳо равона карда шудаанд. Механизмҳои муайянсозии хавфҳои сел, ки дар ин лоиҳаҳо истифода мешаванд, ба таҳқиқи ва мониторинги ҳодисаҳои экстремалӣ ва эҳтимолияти таъсири онҳо ба маҳалҳои аҳолинишин ва деҳот бо истифодаи технологияи муосир ва таҳлили илмӣ равона шудаанд. Ба воситаи самаранок истифода бурдани чунин механизми мониторинг, Тоҷикистон тавонистааст, ки системаи идоракунии хатарҳоро таҳким диҳад ва дарк кунад, ки кадом минтақаҳо бештар осебпазиранд ва онҳо чӣ гуна метавонанд ба беҳбудии муҳити зист ва ҳаёти одамон кӯмак кунанд.

Дар доираи ҳамкориҳои техникии кишвар бо Барномаи рушди СММ ва Фонди ҷаҳонии муҳити зист, лоиҳаҳо оид ба диверсификатсияи зироаткории иқлим-пазир, ки бо мақсади коҳиш додани таъсири тағйироти иқлим ба рушди кишоварзӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳ амалӣ мегарданд, аҳамияти хосса доранд. Ин лоиҳаҳо ба фермерон ва мардуми маҳаллӣ кӯмак мерасонанд, ки раванди кишоварзиро бо дарназардошти хосиятҳои иқлимии минтақа ва тағйироти экологӣ мутобиқ кунанд. Мутобиқсозии технологиҳои кишоварзӣ бо назарӣ ба иқлим, барномаҳои тарғибкунандаи истифодаи оби самаранок ва фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди зироаткории устувор, на танҳо манфиати иқтисодӣ, балки ҳифзи экосистемаро низ ба вуҷуд меоранд.

Натиҷаҳои гирифташуда аз амалӣ кардани чунин лоиҳаҳо, ки таҷрибаҳои муваффақи идоракунии хавфҳои табиӣ, механикунонии ҳимояи манбаъҳои об ва диверсификатсияи зироаткории иқлим-пазирро дарбар мегиранд, ҳоло ба сиёсатҳои миллии идоракунии хатарҳои иқлимӣ ворид карда мешаванд. Бо ин роҳ, Тоҷикистон ба як давлат бо таҷрибаи мукаммали мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим ва идоракунии устувори захираҳои об дар якҷоягӣ бо кишварҳои дигар табдил меёбад, ки ҳамчун як намуна барои минтақа ва ҷаҳон ҳисобида мешавад. [2].

Бо дарназардошти нақши калидии Тоҷикистон дар ташаккули захираҳои обии фаромарзӣ, сиёсати экодипломатии кишвар ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Маркази минтақавии экологӣ барои Осиёи Марказӣ (CAREC), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)-ро дарбар мегирад. Механизмҳои мубодилаи маълумоти гидрометеорологӣ ва системаи огоҳиҳои барвақтӣ дар минтақа намунаи ҳамоҳангсозии сиёсати иқлимӣ маҳсуб мешаванд [4].

Татбиқи лоиҳаҳои транссарҳадии об, махсусан чунин лоиҳаҳо, ки ба мувофиқасозии меъёрҳои ҳифзи пиряххо ва мониторинги гуногуншакли пиряхӣ равона карда мешаванд, на танҳо барои ҳифзи муҳити зист, балки барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва кам кардани хатари танишҳои эҳтимолии сиёсӣ дар робита ба тақсимоти захираҳои об дар байни кишварҳои дарёобод ва дарёпоён нақши муҳим доранд. Пиряххо ҳамчун манбаъҳои обии стратегӣ, махсусан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва хушк, манбаъҳои аслӣ барои таъмини захираҳои обии кишварҳо мебошанд. Бо баландшавии талабот ба об дар шароити тағйирёбии иқлим, хатарҳои марбут ба об ва тақсимоти нодуруст он байни кишварҳои минтақа бештар ба назар мерасанд.

Ҳифзи пиряххо ва мониторинги дуруст ва мунтазами онҳо кӯмак мекунад, ки манбаъҳои обии худ ва пайвастагиҳои экосистемавиро таъмин кунем, ки барои рушди устувор ва коҳиш додани таъсири манфии тағйироти иқлим муҳим аст. Бояд гуфт, ки таъриф ва танзими меъёрҳои мутобиқ барои ҳифзи пиряххо як зарурат аст, ки дар асоси омӯзишҳои илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ба даст оварда мешавад. Мониторинги пиряххо ва роҳҳои таъмини маълумот дар бораи тағйироти ин обанборҳо, бо истифода аз технологияҳои муосир ва моҳир, имконият медиҳад, ки давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ тавонанд бо дақиқӣ ва

самарабахшии бештар захираҳои обиро таъриф ва тақсим кунанд[6]. Ба назар мерасад, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои дигаре, ки дар минтақаҳои пиряхи-обӣ қарор доранд, бо татбиқи чунин лоиҳаҳо метавонанд манфиатҳои молиявӣ ва иқтисодии бештар ба даст оранд. Ҳамкориҳои техникӣ ва илмию амалӣ дар ин ҷода метавонанд муваффақиятҳои калонро бо худ оранд, ки барои ҳифзи захираҳои об, пешгирии мусибатҳои экологии об ва равандҳои нодуруст дар тақсимоти он ҳангоми интиқоли байни кишварҳо муҳим аст [3].

Ин гуна лоиҳаҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои оби марбут ба пиряххо байни кишварҳо бо риояи меъёрҳои муқаррар ва мувофиқ тақсим шаванд, ки на танҳо ба манфиати иқтисодӣ, балки ба беҳбуди амиқи иҷтимоии онҳо низ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, татбиқи чунин лоиҳаҳои транссарҳадӣ метавонад ба як низоми ҳамкории дарозмуддат ва осоишта, ки ба манфиати умумии тамоми минтақа аст, табдил ёбад. Экодипломатия ҳамчунин воридсозии технологияи кам-карбон ва баланд бардоштани иқтидори илмӣ-тадқиқотиро дар бар мегирад. Барномаҳои мабнӣ-бар-ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилот, ба монанди марҳилаҳои магистратура ва курсҳои кутоҳмуддати иқлим дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон, ҷиҳати афзоиши неруи кадрӣ мусоидат менамоянд.

Ҳангоми таҳияи сиёсати миллӣ, як қатор масъалаҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Аввалан, норасоии маблағгузории дохилӣ барои татбиқи тадбирҳои мутобиқшавӣ ва камкунии партовҳои $CO_2$ маҳдудияти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Дуюм, зарурати ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти дақиқи гидрометеорологӣ ҳанӯз ҳам ҳалталаб аст. Сеюм, ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар сатҳи ҳукуматӣ барои татбиқи ҳадафҳои NDC ва барномаҳои CAREC такмил талаб мекунад. Чаҳорум, мукаммалсозии заминаи ҳуқуқӣ бо ворид намудани механизмҳои ҳавасмандкунии бахши хусусӣ ва такмили андозбандии «сабз» муҳим мебошад.

Бо вуҷуди ин мушкилот, таҳлили потенсиали Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда нишон медиҳад, ки то соли 2030 иқтидори гидроэнергетикии насбшуда метавонад ба шарти ҷалби сармояи хориҷӣ афзоиш ёбад. Инчунин, татбиқи чораҳои сарфаи энергия дар шабакаҳои истеъмолии саноатӣ ва аҳолӣ имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои коҳиши партовҳои гази гулхонаӣ расида шавад.

Бояд қайд намуд, ки экодипломатия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон макони муттаҳид намудани ҳадафҳои миллии рушди устувор ва сиёсатҳои байналмилалии иқлимӣ мебошад. Тадбирҳои пешниҳодшуда ҷиҳати коҳиши эмиссияҳо, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таҳкими ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ ба давлат имконият медиҳанд, ки саҳми худро дар фаъолияти глобалии иқлимӣ ба таври назаррас баланд бардорад.

## АДАБИЁТ


1. Бонки Осиёии Рушд. Regional action on climate change: A vision for Central Asia under the CAREC Program [Манбаи электронӣ]. – 2024. – Режими дастрасӣ: https://www.adb.org/sites/default/files/publication/963241/regional-action-climate-change-vision-carec.pdf (санаи муроҷиат: 12.05.2025).
2. CAREC Secretariat; Бонки Осиёии Рушд. CAREC climate change action plan 2025–2027 [Манбаи электронӣ]. – 2024. – Режими дастрасӣ: https://www.carecprogram.org/uploads/CAREC-Climate-Change-Action-Plan-2025-2027-Final-MC-2024-Document-ENG.pdf (санаи мурочиат: 12.05.2025).
3. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Updated nationally determined contribution (NDC) [Манбаи электронӣ] / Котибияти РКИК СММ. – 2022. – Режими дастрасӣ: https://unfccc.int/sites/default/files/NDC/2022-06/NDC_TAJIKISTAN_ENG.pdf (санаи муроҷиат: 11.05.2025).
4. Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. International Year of Glaciers' Preservation 2025: Concept note [Манбаи электронӣ]. – 2023. – Режими дастрасӣ: https://www.un-glaciers.org/sites/default/files/medias/fichiers/2024/12/IYGP2025_Concept-Note.pdf (санаи муроҷиат: 12.05.2025).

5. Tynkkynen N., Kivimäki T., Jokela J. Water diplomacy analysis for Central Asia [Манбаи электронӣ]. – Helsinki: Finnish Institute of International Affairs, 2023. – 78 с. – (Ҳисоботи FIIA; 73). – Режими дастрасӣ: https://www.fiia.fi/wp-content/uploads/2023/04/report73_water-diplomacy-analysis-for-central-asia.pdf (санаи мурочиат: 12.05.2025).
6. UNESCO; GEF; UNDP. Strengthening the resilience of Central Asian countries by enabling regional cooperation to assess glacio-nival systems to develop integrated methods for sustainable development and adaptation to climate change [Манбаи электронӣ]. – 2025. – Режими дастрасӣ: https://core.unesco.org/en/project/RAS0122395 (санаи мурочиат: 11.05.2025).

# ТАШАББУСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ДУРНАМОИ ОН

**Пирова Шаҳноза Сайфидиновна**
ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг
Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Мақола ба захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим ва 21 март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки паёмадҳои гармшавии ҷаҳонӣ ва коҳиши пиряхҳо, бахусус дар минтақаҳои кӯҳӣ, боиси пайдоиши ҳодисаҳои фоҷиабор дар сатҳи геополитикӣ, геофарҳангӣ ва геостратегӣ дар ҷаҳони имрӯза мегардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ҳифзи пиряхҳоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об муайян намуда, оид ба ҳифзи пиряхҳо маҷмӯи ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ илмӣ ва фарҳангӣ-маърифатиро дар бар мегирад.*

*Дар мақола муаллиф вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряхҳоро, ки бар асоси принсипҳои татбиқи қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» таъсис дода шудаанд, муайян намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *пирях, ташаббус, иқлим, захира, об,байналмилали, конфронс.*

# МЕЖДУНАРОДНАЯ ИНИЦИАТИВА ТАДЖИКИСТАНА ПО ЗАЩИТЕ ЛЕДНИКОВ И ЕЕ ПЕРСПЕКТИВА

**Пирова Шахноза Сайфиддиновна**
ассистент кафедры менеджмента и маркетинга
Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Статья посвящена водным ресурсам в процессе адаптации и устойчивости к изменению климата, а также 21 марта –«Международному дню сохранения ледников». Автор отмечает, что последствия глобального потепления и отступления ледников, особенно в горных регионах, приводят к трагическим событиям на геополитическом, геокультурном и геостратегическом уровнях в современном мире. Закон Республики Таджикистан «Об охране ледников» определяет правовые и экономические основы охраны ледников как объектов окружающей среды и стратегических источников водных ресурсов и включает комплекс организационных, экономических, социальных, научных и культурно-просветительских мероприятий по охране ледников.*

*В статье автором обозначены задачи государственного регулирования охраны ледников, которые устанавливаются на основе принципов реализации резолюции Генеральной Ассамблеи ООН «Международный год охраны ледников».*

***Ключевые слова:*** *ледник, инициатива, климат, ресурс, вода, международный, конференция.*

# TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL INITIATIVE ON THE PROTECTION OF PIERYACHES AND ITS CONTEXT

**Shahnoza Saifiddinovna Pirova**
Assistant of the Department of Management and Marketing
Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence
Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship

*The article is dedicated to water resources in the process of adaptation and resilience to climate change and March 21 as "International Glacier Conservation Day". The author notes that the consequences of global warming and the retreat of glaciers, especially in mountainous regions, lead to the emergence of tragic events at the geopolitical, geocultural and geostrategic levels in the modern world. The Law of the Republic of Tajikistan "On the Protection of Glaciers" defines the legal and economic foundations for the protection of glaciers as environmental objects and strategic sources of water resources, and includes a set of organizational, economic, social, scientific and cultural-educational measures for the protection of glaciers.*

*In the article, the author identifies the tasks of state regulation of glacier protection, which are established on the basis of the principles of implementing the United Nations General Assembly resolution on the "International Year of Glacier Protection".*

***Keywords:*** *glacier, initiative, climate, resource, water, international, conference.*

Охири соли 2022 Маҷмааи Умумии созмони Милали Муттаҳид (СММ) бо якдилӣ қатъномаи A\RES\77\ 158-ро, ки Тоҷикистон пешниҳод карда буд, 153 давлат дастгирӣ намуда буд, қабул кард. Ин ташаббус идомаи корҳои чандинсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ба ҳалли мушкилоти иқлим ва ҳифзи захираҳои об нигаронида шудааст.

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) 07.11.2022 такид намуда буданд, ки: «Захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, коҳиш додани оқибатҳои он нақши калидӣ доранд. Афзоиши офатҳои табии вобаста ба об робитаи ногусастании захираҳои онро бо тағйирёбии иқлим таъкид менамояд. Имрӯз захираҳои об зери таъсири ҷиддии тағйирёбии иқлим қарор доранд. Намунаи возеҳи ин падидаро мо дар обшавии босуръати пиряххо дар сатҳи глобалӣ, аз ҷумла пиряххои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, мушоҳида менамоем. Тайи чанд даҳсолаи охир аз 13 ҳазор пиряхи мо як ҳазораш пурра аз байн рафтааст.

Бо дарназардошти он ки пиряххо ва дигар манбаъҳои обии Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ин раванд ба нақшаҳои истифодабарии об дар кишварҳои минтақа мушкилоти иловагиро ба бор хоҳад овард.

Дар ин замина, мо дар доираи Эътилофи обу иқлим пешниҳод намудем, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон карда шавад. [1].

Ба назари мо, ин ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқӣ дар соҳаи экология заминаи мустаҳкам гузошт. Қатъномаи A\RES\77\ 158, ки рӯзи 14 декабри соли 2022 қабул гардид, соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пирях҆о эълон намуда, 21 мартро «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо» муқаррар намуд ва таъсиси фонди эътимодиро зери идораи СММ пешниҳод карда, баргузории конфронсеро дар Душанбе муқаррар намуд. Ин Қатъънома кишварҳо ва созмонҳоро ба ҳамкорӣ дар омӯзиш, назорат ва ҳифзи пирях҆о даъват мекунад ва ба Конвенсияи Чаҳорчӯбаи соли 1992 ва Созишномаи Парижи соли 2015 такя мекунад. Ҳамчун як ҷузъи «ҳуқуқи нарм» ин қатъънома уҳдадориҳои ҳатмӣ ҷорӣ намекунад, вале дастгирии густурдаи он нишонаи пайдоиши меъёрҳои одатӣ аст. Ҳуқуқшиноси норвегӣ Кристина Войт таъкид менамояд: «Чунин санадҳо аксар вақт пешоҳанги қабули қонунҳои нави ҳуқуқӣ мешаванд» [2, с.15].

Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафти ин идея нақши калидӣ доранд. Пешвои миллат ҷомеаи ҷаҳониро ба пуштибонӣ аз фонди эътимодӣ ва конфронс дар Душанбе даъват карда, аҳамияти ҷаҳонии криосфераро таъкид намуд. Кӯшишҳояшон аз соли 2003, вақте ки Соли Байналмилалии оби тозаро пешниҳод карданд, оғоз ёфта, тавассути «Раванди оби Душанбе» идома пайдо кард.

Ҷон Нокс, собиқ сухангӯи СММ мегӯяд, ки: «фондҳо барои комёбӣ ба дақиқии ҳуқуқӣ ниёз доранд» [3, с. 10] ва Эмомалӣ Раҳмон онро тавассути дипломатия таъмин менамояд. Ба қавли Рустам Ҳайдаров «Ин қатъънома аҳамияти пиряххоро бароиояндаи инсоният ва

таъсири ҷиддии обшавии тези онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор таъкид мекунад. Бояд гуфт, ки нахустин бор соли 2009 дар нишасти тарафҳо оид ба тағйирёбии иқлим дар Дания, инчунин дар ҷаласаҳои сатҳи баланд дар Фаронса, Швейтсария, Амрико ва баъдан дар моҳи марти соли 2021 дар ҷаласаи аввали роҳбарони Иттиҳоди об ва Иқлим, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кард, ки обшавии тези пиряххо ва истифодаи аз меъёр зиёди об, ки ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ алоқаманд аст, оқибатҳои ногувор дорад. Таъкид шуд, ки паёмадҳои гармшавии ҷаҳонӣ ва коҳиши пиряххо, бахусус дар минтақаҳои кӯҳӣ, боиси пайдоиши ҳодисаҳои фоҷиабор дар сатҳи геополитикӣ, геофарҳангӣ ва геостратегӣ дар ҷаҳони имрӯза мегардад. Аз ин рӯ, ташаббуси нави созандаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи эълон кардани «Соли 2025 –Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», таҷлили «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо» рӯзи «21 март»-и ҳар сол ва таъсиси «Фонди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо» барои наҷоти инсоният бояд аз ҳама ҷониб дастгирӣ ёбад ва роҳ ба сӯи ояндаи дурахшони Замин ва инсоният аст»[4].

Ҳуқуқшиносони ҷаҳон ин ташаббусро хеле баланд арзёбӣ мекунанд. Масалан, Дина Шелтон аз ИМА мегӯяд: «Ин санад воқеиятҳои нави экологиро мутобиқ мекунад» [5, с. 18].Робита ба ин Хорхе Винялес низ аз Аргентина чунин таъкид мекунад: «Фонди эътимодӣ барои устуворӣ ба чаҳорчӯбаи дақиқи ҳуқуқӣ ниёз дорад» [6, с. 33]. Патрисия Бирни аз Австралия менависад, ки: «Ин ташаббус масъулияти муштаракро дар соҳаи иқлим мустаҳкам мекунад» [7, с. 25]. Аҳмад Ал-Ҳамид аз Миср чунин мешуморад: «Конфронс метавонад механизмҳои ҳуқуқии минтақавиро ба вуҷуд орад»[8, с. 14]. Ба андешаи Мария Лейкина аз Финландия «Қатънома принсипи эҳтиёткориро дар шароити таҳдид ба пиряххо рушд медиҳад»[9, с. 29]. Раҷ Кумар аз Ҳиндустон хулоса мекунад, ки: «Иштироки Тоҷикистон муколамаи ҳуқуқии бисёрҷонибаро бой мегардонад»[10, с. 22]. Бар асоси қатъномаи A\RES\77\158, ки Маҷмааи Умумии СММ рӯзи 7 ноябри соли 2022 қабул кард, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2003 №407 «Дар бораи татбиқи қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январ соли 2024 №2026 «Дар бораи ҳифзи пиряххо» қабул гардид.

Дар пояи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №407 Кумитаи ташкилӣ барои татбиқи қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» таъсис дода шуд, таркиби Кумитаи ташкилӣ ва нақшаи чорабиниҳо барои барои амалисозии ташаббуси панҷуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон кардани «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» тасдиқ гардид. Котиботи конфронс барои омодагӣ ва баргузории конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» дар назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, фонди махсус барои баргузории чорабиниҳои конфронси байналмилалии «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ташкил карда шуд, суратҳисоби бонкӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ кушода шуд ва буҷети хароҷот барои омодагӣ ва баргузории конфронси байналмилалӣ тасдиқ гардид [11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряххоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об муайян мекунад. Тибқи ин қонун, пирях массаи бузурги яхи табиист, ки дар натиҷаи табдили боришоти қатъии атмосфера ба вуҷуд омадааст. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ илмӣ ва фарҳангӣ-маърифатиро дар бар мегирад. Сиёсати давлатӣ дар ин самт ба ҳифз ва нигоҳдории пиряххо ҳамчун манбаъҳои стратегии об барои манфиати аҳолӣ, бахшҳои иқтисодёт, таъмини мувозинати устувори экологӣ ва нигоҳдории муҳити зисти намудҳои нодир ва дар хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами набототу ҳайвонот нигаронида шудааст.

Вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряххо инҳоянд:

1) ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ дар омӯзиш, назорат ва ҳифзи пиряххо;

2) ташкил ва таъмини фаъолияти шабакаҳои иттилоотии моҳворай ва шабакаҳои мушоҳидаи давлатии пиряххо барои ҷамъоварии маълумот, омӯзиш ва таҳлили онҳо, таъмини дақиқӣ ва пуррагии пешгӯии вазъи захираҳои барфӣ ва назорати раванди ташаккул ва рушди пиряхҳо;

3) омӯзиши пиряхҳои пулсатсионӣ ва кӯлҳои пиряхӣ барои муайян кардани вазъи онҳо;

4) таҳқиқи ҳавзаҳои пиряхӣ, қабатҳои барфӣ, аз ҷумла қабатҳои устувори онҳо, бахшҳои нобудшудаи пиряххо ва хатҳои барфӣ;

5) ташкили корҳои экспедитсионӣ ва таҳқиқотӣ барои омӯзиши пиряхҳо ва захираҳои барфӣ, пешгирии тарма ва обхезиҳо ва реҷаи гидрологии обҳои пиряхӣ дар қисматҳои ҷамъоварии об ва кӯлҳои пиряхӣ;

6) омодагӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи назорат ва ҳифзи пиряхҳо;

7) таъмини мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот, бахши хусусӣ ва аҳолӣ бо маълумот дар бораи вазъи кунунӣ ва пешбинишудаи пиряхҳо.

Ҳифзи пиряхҳо бар асоси принсипҳои зерин амалӣ мешавад:

1) афзалияти нигоҳдории системаҳои экологии марбут ба пиряхҳо ва ба эътибор гирифтани аҳамияти стратегии пиряхҳо;

2) кушодагӣ ва шаффофият;

3) мутаносибии манфиатҳои ҷомеа ва чораҳо барои пешгирии хатари эҳтимолии коҳиши пиряхҳо;

4) ҳавасмандгардонии таҳқиқоти илмии пиряхшиносӣ [12].

Ҳамчун дар Қатънома таҷассуми принсипи эҳтиёткориро дида мешавад, ки муқобили хатарҳои афзоянда ба амал даъват мекунад. Ин ташаббус пешоҳангии Тоҷикистонро дар экологияи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бо ҳуқуқии байналмилалӣ пуштибонӣ мешавад.

Қатъномаи A\RES\77\158 ва талошҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муҳими пиряхҳоро дар устувории байналмилалӣ таъкид мекунанд. Саҳми Пешвои миллат на танҳо дар пешниҳоди Қатънома, балки дар пешбурди дарозмуддати масъалаҳои экологӣ тавассути фонди эътимодӣ ва конфронс дар Душанбе низ дида мешавад. Андешаҳои ҳуқуқшинос – Сэндс, Войт, Нокс, Ҳабибов, Шелтон, Виньялес, Бирни, Ал-Ҳамид, Лейкина ва Кумар аҳамияти ин ташаббусро барои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ тасдиқ мекунанд.

## АДАБИЁТ

1. Раҳмон Э. Суханронӣ дар Конфронси 27-уми Тарафҳои Конвенсияи чаҳорчӯбии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), 07.11.2022 [Манбаи электронӣ]. – Режими дастрасӣ: https://president.tj/event/foreign_trips/269 (санаи муроҷиат: 11.05.2025).
2. Аль-Ҳамид А. Региональные подходы к экологическому праву. – Каир: Издательство Каирского университета, 2019. – 200 с.
3. Бирни П. Международное право и климат. – Сидней: Издательство Университета Сиднея, 2022. – 320 с.
4. Виньялес Х. Финансирование климатических инициатив: правовые вызовы. – Буэнос-Айрес: Издательство Университета Буэнос-Айреса, 2020. – 280 с.
5. Войт К. Климатическое право: от Парижского соглашения к будущим вызовам. – Осло: Издательство Университета Осло, 2021. – 200 с.
6. Кумар Р. Многостороннее право и малые государства. – Нью-Дели: Издательство Делийского университета, 2020. – 270 с.
7. Лейкина М. Принципы экологического права в эпоху изменений. – Хельсинки: Издательство Университета Хельсинки, 2021. – 250 с.
8. Нокс Д. Права человека и окружающая среда: доклад Специального докладчика ООН. – Нью-Йорк: Организация Объединённых Наций, 2019. – 50 с.
9. Хайдаров Р.Дж. Инициатива Президента Таджикистана по сохранению ледников. Она должна быть всесторонне поддержана и является путём к светлому будущему Земли и человечества, 19.02.2023 [Манбаи электронӣ]. – Режими дастрасӣ: https://02/initsiativa-

prezidenta-tadzhikistana-po-sohraneniyu-lednikov-ona-dolzhna-byt-vsestoronne-putyom-k-svetlomu-budushhemu-zemli-i-chelovechestva (санаи муроҷиат: 11.05.2025).
10. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи 2023 №407 «Дар бораи татбиқи қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо”» [Манбаи электронӣ] // Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ADLIA, версияи 7.0 (санаи муроҷиат: 11.05.2025).
11. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи 2024 №2026 «Дар бораи ҳифзи пиряххо» [Манбаи электронӣ] // Бонки мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ADLIA, версияи 7.0 (санаи муроҷиат: 11.05.2025).
12. Шелтон Д. Экологическое право и устойчивое развитие. – Вашингтон: Издательство Джорджтаунского университета, 2021. – 300 с.

## ПЕШНИҲОДҲОИ САТҲИ ҶАҲОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДОИР БА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА НИГОҲДОРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ПИРЯХӢ

**Исмоилов Ҷамшед Қурбоналиевич**
Муаллими калон
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

*Мақола ба баррасии масъалаҳои муҳими тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои обии тоза бахшида шудааст. Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва захираҳои фаровони об, дар ташаккули иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зист саҳми назаррас дорад. Дар матн таваҷҷуҳи махсус ба обшавии пиряхҳо, норасоии оби нӯшокӣ ва зарурати ҳамкории байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ дода шудааст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ пайваста ба масъалаҳои ҳифзи захираҳои обӣ ва амнияти экологии минтақа таъкид мекунанд. Ҳамзамон пешниҳод гардидааст, ки соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон шавад. Дар маҷмӯъ, мақола аҳамияти захираҳои обиро дар рушди устувор ва зарурати андешидани тадбирҳои илмӣ ва сиёсатҳои ҳамоҳанг барои ҳифзи онҳо дар шароити тағйирёбии иқлим таъкид менамояд.*

***Калидвожаҳо**: пешниҳод, пирях, захираи обӣ, гидроэнергетика, иқлим.*

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ЛИДЕРА НАЦИИ ПО ОХРАНЕ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ И СОХРАНЕНИЮ ЛЕДНИКОВЫХ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

**Исмоилов Джамшед Курбоналиевич**
старший преподаватель
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

*Статья посвящена рассмотрению актуальных вопросов изменения климата и его влияния на запасы пресной воды. Таджикистан, как одно из государств с крупным гидроэнергетическим потенциалом и обильными водными ресурсами, играет значительную роль в формировании «зелёной экономики» и охране окружающей среды. Особое внимание в материале уделено проблемам таяния ледников, нехватки питьевой воды и необходимости международного сотрудничества для решения глобальных экологических проблем. Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон, в своих посланиях неоднократно подчёркивает важность сохранения водных ресурсов и обеспечения экологической безопасности региона. Также была выдвинута инициатива провозгласить 2025 год Международным годом охраны ледников. В целом, статья подчёркивает значение водных ресурсов для устойчивого развития и необходимость принятия научных и согласованных политических мер по их защите в условиях климатических изменений.*

***Ключевые слова**: предложение, ледник, водные ресурсы, гидроэнергетика, климат.*

## GLOBAL INITIATIVES OF THE LEADER OF THE NATION ON ENVIRONMENTAL PROTECTION AND THE PRESERVATION OF GLACIAL WATER RESOURCES

**Ismoilov Jamshed Kurbonalievich**
Senior Lecturer
International University of Tourism and Entrepreneurship Tajikistan

*The article is devoted to the discussion of pressing issues related to climate change and its impact on freshwater reserves. Tajikistan, as a country with significant hydropower potential and abundant water resources, plays an important role in the development of a “green economy” and environmental protection. Special attention is given to the problems of glacier melting, drinking*

*water shortages, and the need for international cooperation in addressing global environmental challenges. The Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon, consistently emphasizes the importance of preserving water resources and ensuring regional environmental security in his annual addresses. A proposal has also been put forward to declare 2025 as the International Year for the Preservation of Glaciers. Overall, the article highlights the critical role of water resources in sustainable development and the need for scientific and coordinated political actions to safeguard them in the face of climate change.*
***Keywords**: proposal, glacier, water resources, hydropower, climate.*

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги истифоданашудаи гидроэнергетикӣ мебошад ва аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли “энергияи сабз” аз манбаъҳои барқароршаванда дар қатори шаш кишвари пешсафи ҷаҳон ҷойгир аст. Истифодаи самараноки чунин манбаъҳо яке аз заминаҳои муҳими ташаккули иқтисоди сабз ба ҳисоб рафта, инчунин бо роҳандозии идоракунии устувор, захираҳои обӣ, равандҳои экологӣ ва рушди устуворро таъмин менамояд. Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, изҳор менамояд, ки ният доранд ин сарватҳои табииро ба манфиати кишвар ва минтақа ба таври муассир истифода баранд, ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза ва бархӯрди манфиатҳои миллӣ, ҳифзи муҳити зисти солим ҳамчун асоси ҳаёти наслҳои оянда ба ҳисоб меравад. Дар доираи сиёсати экологӣ, ҳамаи масъалаҳои муҳити зист ба бахшҳои алоҳида тақсим карда мешаванд, ки дар миёни онҳо мушкилоти обшавии пиряххо - яке аз манбаъҳои асосии оби тозаи ошомиданӣ - ба сифати тамоюли муҳими муосир эътироф гардидааст.

Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар раванди ҳалли мушкилоти мавҷудаи экологӣ ба даст овардани устувории экологӣ танҳо дар доираи як кишвар ғайриимкон мебошад. Дар чунин шароит зарурати ҳамкории фаъол ва ҳамоҳанг бо дигар кишварҳои минтақа ва ҷомеаи байналмилалӣ ба миён меояд, то чорабиниҳои муштарак ва ташаббусҳои фаромарзӣ амалӣ гарданд. Мо ин воқеиятро дар мавриди обшавии пиряххои бузургтарини минтақа ва ҷаҳон равшан мушоҳида менамоем, ки ҳалли он танҳо тавассути иқдомҳои ҳамгироёна имконпазир аст.

